**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ**
**А К А Д Е М И Я**
**РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН**
**МИНИСТЕРСТВО ВНУТРЕННИХ ДЕЛ**
**А К А Д Е М И Я**

# ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАЪРИХ, МУОСИР ВА РУШД

## МАВОДИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВӢ

**ш. Душанбе, 21 майи соли 2025**

# УГОЛОВНОЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ИСТОРИЯ, СОВРЕМЕННОСТЬ И РАЗВИТИЕ

## СБОРНИК РЕСПУБЛИКАНСКОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ

**г. Душанбе, 21 мая 2025 года**

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ**
**А К А Д Е М И Я**

**Республика Таджикистан**
**Министерство внутренних дел**
**А к а д е м и я**

# ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАЪРИХ, МУОСИР ВА РУШД

**Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ**

**ш. Душанбе, 21 майи соли 2025**

# УГОЛОВНОЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ИСТОРИЯ, СОВРЕМЕННОСТЬ И РАЗВИТИЕ

**Сборник республиканской научно-практической конференции**

**г. Душанбе, 21 мая 2025 года**

**Душанбе - 2025**

**ТДУ (УДК) 343.21 (091) (575.3)(063.3)**
**ТБК (ББК) 67.99(2)93:63.3 (2 тоҷик)**
**М-13**

**УЗВИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

| | |
|---|---|
| **РАҲМАДҶОНЗОДА Р.Р.** | - муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия (заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан по науке, доктор юридических наук, доцент, полковник милиции); |
| **НАРЗУЛЛОЗОДА С.С.** | - сардори шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия (начальник организационно-научного и редакционно-издательского отдела Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник милиции); |
| **ҲУСЕЙНЗОДА С.Ҳ.** | - дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-и Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори фалсафа (PhD) дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия (доцент кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, доктор философии (PhD) в области права, полковник милиции); |
| **КАРИМОВА Л.М.** | - сармуҳаррири шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия (главный редактор организационно-научного и редакционно-издательского отдела Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции) |

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, дурнамо ва рушд: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 27-ум солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент П.А. Насуриён. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – 225 с.

Уголовное законодательство Республики Таджикистан: история, современность и развитие: материалы республиканской научно-практической конференции // Под общ. ред. к.ю.н., доцента П.А. Насуриён. – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2025. – 225 с.

*Дар маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои олимони ҷумҳурӣ ва дигар давлатҳои аъзои ИДМ оид ба масоили мубрами таърих, назария, амалия ва рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ гардидаанд*.* Ба маҷмуа, инчунин, мақолаҳое, ки дар доираи татбиқи мавзуҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблаггузорӣ карда мешаванд, ворид гардидаанд (Рақамҳои бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1289, 0121TJ1290, 0121TJ1291, 0121TJ1292).*

*В материалах республиканской научно-практической конференции представлены научные статьи и доклады ведущих отечественных и ученых государств-участников СНГ по актуальным проблемам истории, теории, практики и развития уголовного права, криминологии и уголовно-исполнительного права**.* В сборник вошли также статьи, подготовленные в рамках научно-исследовательских тем Академии МВД Республики Таджикистан, финансируемые за счет средств государственного бюджета Республики Таджикистан (Государственные регистрационные № 0121TJ1289, 0121TJ1290, 0121TJ1291, 0121TJ1292).*

**© Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025**
**© Академия МВД Республики Таджикистан, 2025**

---

* *Ақидаи ҳайати таҳририя метавонад ба нуқтаи назари муаллифони мақолаҳо мувофиқ наояд. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти саҳеҳ муаллиф (муаллифон) масъул мебошанд. Мақолаҳо дар таҳрири муаллифон нашр карда мешавад. Ҳангоми пурра ё қисман чоп ё бо ҳар тарз истифода бурдани мавод, истинод ба сарчашма, муаллиф ва шумора ҳатмист.*

** *Мнение редакционной коллегии может не совпадать с точкой зрения авторов публикаций. Ответственность за содержание публикаций и достоверность фактов несут авторы материалов. Статьи публикуются в авторской редакции. При полной или частичной перепечатке или воспроизведении любым способом ссылка на источник обязательна*

## МУНДАРИҶА СОДЕРЖАНИЕ

НАСУРИЁН, П.А. Сухани ифтитоҳӣ ба иштирокчиёни конференсия ................................ 6-7

### ТАҲҚИҚОТИ ИЛМИИ ДОКТОРОН ВА НОМЗАДОНИ ИЛМҲО
### НАУЧНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ДОКТОРОВ И КАНДИДАТОВ НАУК

АЗИЗЗОДА, У.А., ШОДИЗОДА, Н.М. Баъзе масоили такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ............................................. 8-17

АЗИЗЗОДА, У.А., ФАРХОДЗОДА, В. О практических проблемах воспитательной функции уголовно-правовой ответственности ................................................................17-20

ЗОИР, Д.М., АБДУЛЛАЕВ, Н.С. Изнасилование потерпевшей, заведомо не достигшей четырнадцатилетнего возраста: спорные вопросы квалификации ..............21-25

ШАРИПОВ, Т.Ш., КАМОЛОВ, З.А. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ ............................................................ 26-32

АБДУЛЛОЗОДА, Н.Р. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар муқовимат бар зидди экстремизм ва терроризм ........................................................................ 32-36

АБДУРАШИДЗОДА, А.А., ЗАРОБИДИНЗОДА, С.З. Институт пробации и его влияние на сохранение семьи ..................................................................................................36-43

АЗИМЗОДА, Ш.Ҷ. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат ба терроризм ............................................................................................ 43-45

АЗИМЗОДА, Ш.Ҷ., ЗАРИФЗОДА, Б.М. Техникаи криминалистӣ ва методи истифодабарӣ барои ошкор намудани ҷионоятҳо .................................................. 46-49

АЛИЗОДА, А.Ш. Некоторые аспекты противодействия преступлениям против общественной нравственности по уголовному законодательству Республики Таджикистан .......................................................................................................49-53

АҲЁЗОДА, Ш.Т. Масъалаҳои муайян намудани критерияҳои тафриқакунонии ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои содир намудани кирдорҳои дорои хусусияти экстремистӣ ........................................................................................ 53-57

АҲЁЗОДА, Ш.Т., ҶОНОНАИ З. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ .................. 58-62

ҚОБИЛОВ, Б.Қ. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи асосии рушд ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ............................................................... 62-67

ҚОСИМОВ, Ф.М. Баъзе масъалаҳои назариявии истифодаи ФОҶ дар замони муосир ........................................................................................................................ 67-72

ЛАТИФЗОДА, С.З. Коркарди воситаи ташхиси психологӣ бо дар назардошти масъалаҳои психологияи ҳуқуқӣ ........................................................................ 72-75

МИРЗОАХМЕДОВ, Ф.А., ИСМАТОВ, Р.А. Баъзе масоили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қимматноки қалбакӣ (сохта) .... 76-81

НАСУРИЁН, П.А., ҲУСЕЙНЗОДА, С.Ҳ. Масоили муқаррар намудани зеҳни сунъӣ ҳамчун субъекти ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ......................................................................................... 82-87

НАРЗУЛЛОЗОДА, С.С., СУНАТУЛЛОЗОДА, У.С. Баҳогузории ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ....................................................................... 88-92

САИДЗОДА, З.А., КОМИЛОВ, Д.Р., САФАРЗОДА, Ҳ.С. Назари Мотуридӣ дар муқовимат ба тафаккури ифротии динӣ ........ 97-97
САЙНОЗИМЗОДА, Ф.С. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар рушди қонунгузории ҷиноятӣ ........ 97-100
ШАРИФЗОДА, П.Р., ҲАМРОЗОДА М.З. Ҳамкории муфаттиш бо мақомоти таҳқиқ дар рафти тафтиши ҷиноят ........ 100-103

**ТАҲҚИҚОТИ ИЛМИИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ ОМӮЗГОРОН, АДЪЮНКТОН, АСПИРАНТОН ВА УНВОНҶӮЁН**

**НАУЧНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРОФЕССОРСКО-ПРЕПОДАВАТЕЛЬСКОГО СОСТАВА, АДЪЮНКТОВ, АСПИРАНТОВ И СОИСКАТЕЛЕЙ**

АЛИМЗОДА, Д.А. Чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯии гирифтани иттилооти компютерӣ: проблемаҳои назария ва амалияи ҳуқуқтатбиққунии он ........ 104-109
АСЛАМОВ, Б.С. Терроризм ва экстремизм: зуҳурот ва хатари он ба ҷомеаи инсонӣ ........ 109-112
БОБИЕВА, Б.Қ. Асосҳои конститутсионии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 112-115
ГОИБЗОДА, М.А. Понятие «насилие в отношении женщин» в международно-правовых документах ........ 115-122
ҒАЙБУЛЛОЕВА, М.Л. Нишонаҳои муфлисшавӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 122-126
ЗАПОТЫЛЬКО, П.С. Темпоральные факторы оценки объяснений лица, полученных в ходе проверки сообщения о преступлении ........ 126-129
ЗУҲУРЗОДА, Б.Б. Предмети ҷинояти саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ ........ 129-133
КАРАМШОЗОДА, Ф.Ш. Тавсифи синну соли шахсияти ҷинояткор: хусусият ва аҳаммияти он ........ 133-136
ҚУРБОНОВ, С.Н. Аломатҳои вазнинкунандаи сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ........ 136-143
МАҲИНАИ Н. Хусусияти ҷавобгарӣ барои сироят кардан бо бемориҳои зӯҳравӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ........ 143-147
МИРЗОХОҶАЕВ, И.Ҳ. Нақши преюдитсияи маъмурӣ дар декриминализатсияи кирдори ҷиноятӣ ........ 147-151
НАЗАРЗОДА, А.А. Таснифи асосҳои умумии таъини ҷазо ........ 152-156
ПУЛОДӢ, Ф.Ю. Оид ба баъзе ҷанбаҳои муқовимат ба ҷинояткории ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 156-159
РАҲИМОВ, Х.З. Таҳқиқи криминологии қаллобии бо истифода аз шабакаи Интернет содиршаванда ........ 160-165
САИДЗОДА, М.А. Ҷудо намудани таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан аз дигар таркибҳои монанд ........ 165-171
САИДОВ, Б.А. Мубрам будани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии адвокат ........ 171-178
САМУСИК, А.М. Уполномоченный по защите прав предпринимателей в Российской Федерации как участник судебных процессов о несостоятельности (банкротстве) ........ 178-182
ТАҶАЛӢ, Д.А. Преюдитсияи маъмурӣ дар масири амалишавии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 182-188

ФАТОЗОДА, А. Баъзе масъалаҳо оид ба муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ....................................................188-190
ХАЙДАРЗОДА, К.П., ХАЙДАРЗОДА, З.П. Основные причины и условия совершения преступлений в сфере торговли людьми в Республике Таджикистан .............................191-198
ХАКИМОВ, Х.К. Некоторые вопросы определения понятия терроризма .................198-206
ШОМУРОДЗОДА, Ф. О степени научной разработанности проблематики насильственных преступлений в сфере семейных отношений в Таджикистане .............206-212
ШУМИЛИН, А.В. О некоторых особенностях организации и детальности районных и городских судов Республики Таджикистан и Российской Федерации.. ...........................................................................................212-216
ЮСУФЗОДА, А.С. Баъзе аз масъалаҳои муайян намудани субъекти ҷинояти моддаи 373 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ............................................217-222

# СУХАНИ ИФТИТОҲӢ БА ИШТИРОКЧИЁНИ КОНФЕРЕНСИЯ



**Насуриён Пулод Асадулло**
сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
генерал-майори милитсия

**Муҳтарам иштирокчиёни конференсия!**
**Муҳтарам ҳамкасбон!**

Иҷозат фармоед ташрифи меҳмонони гиромиқадрро ҷиҳати иштирок ва бо маърузa баромад намудан дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, муосир ва рушд» бахшида ба 27-умин солгарди қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, изҳори миннатдорӣ баён намоям.

Ба ҳамагон маълум аст, ки 21-уми майи соли 1998 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, аз 1-уми сентябри ҳамон сол мавриди амал қарор гирифтааст ва то 15-уми апрели соли 2025, ба он 71 маротиба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидааст. Дар ин тағйироту иловаҳо, 10 моддаҳои КҶ ҶТ хориҷ гардида, 56 моддаи нав илова гардидаанд.

Ин тағйироту иловаҳо, асосан бо тағйироти муносибатҳои ҷамъиятӣ дар кишвар ва ҳатто дар ҷаҳон, татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии кишвар, риояи талаботи принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва татбиқи ҳадафҳои барномаҳои давлатии муқовимат ба ҷиноят ва ҷиноятткорӣ алоқаманд буда, дар муқовимат ба ҷиноятткорӣ, таъмини суботи тартиботи ҷамъиятӣ ва дар умум – амнияти ҷамъиятӣ, басо муҳим арзёбӣ мегарданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва дар ин замина – муқовимат ба ҷиноятткорӣ, тавассути барномаҳои махсуси давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, чунин барномаҳои давлатӣ дар ин самт қабул карда шудаанд:

– Барнома оид ба мубориза бо ҷиноятткорӣ ва пурзӯр намудани тартиботи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2003;

– Барномаи давлатии мубориза бо ҷиноятткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015;

– Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030.

Дар баробари ин, омори ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва санадҳои қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба ҷиноятткорӣ шаҳодат аз он медиҳад, масъалаҳои муқовимат ба шаклҳои гуногуни ҷиноятткорӣ бевосита ва бавосита дар 29 адад барнома, 7 кон-

сепсия, 10 стратегияҳои давлатӣ ва 27 адад санадҳои қонунгузорӣ (Кодекс ва қонунҳо) пешбинӣ гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади амалӣ намудани чораҳои маҷмӯӣ ва саривақтии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба ҷиноятkорӣ дар кшвар Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятkорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 265 қабул гардидааст. Пешгирии ҷиноятkорӣ дар шароити муосир яке аз омилҳои асосии таъмини субот ва оромӣ дар ҷомеа ба ҳисоб рафта, он ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат менамояд.

**Иштирокчиёни муҳтарам!**

Дар интиҳо ба иштирокчиёни конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ изҳори сипос ва ба кори он муваффақиятҳои беназир орзу менамоям.

Мо итмиминони комил дорем, ки конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии имруза бахри баррасӣ ва бартараф намудани баъзе аз муаммоҳои ҷойдошта ва дар ин замина, такмили қонунгузории ҷиноятӣ, мусоидат хоҳанд кард.

# ТАҲҚИҚОТИ ИЛМИИ ДОКТОРОН ВА НОМЗАДОНИ ИЛМҲО
## НАУЧНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ДОКТОРОВ И КАНДИДАТОВ НАУК

ТДУ 343.2/.3

# БАЪЗЕ МАСОИЛИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ

**АЗИЗЗОДА У.А.**
мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
E-mail: ubaydullo_azizov@mail.ru

**ШОДИЗОДА Н.М.**
унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: najibullo.shodizoda@inbox.ru

Бояд зикр намуд, ки масъалаи такмили қонунгузории ҷумҳурӣ аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, такмили қонунгузории ҷиноятӣ баҳри боз ҳам дар сатҳи беҳтар танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷиноят ва ҷазо равона гардида, яке аз вазифаҳои муҳимми ҳар як давлати соҳибистиқлол мебошад. Дар давлати ҳуқуқбунёд, ки бо рушди муносибатҳои иҷтимоӣ зарурати такмили қонунгузорӣ ба миён меояд. Татбиқи ин вазифа соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро низ фаро мегирад. Тавре Шарипов Т.Ш. қайд менамояд, барои фаъолияти эътинокии мақомоти давлатӣ дар муқобили болоравии нишондодҳои ҷинояткорӣ дар кишвар самараи дилхоҳ диҳад он бояд устувору бардавом буда, саривақт такмил дода шавад.Такмили саривақтӣ ва илман асоснокёфтаи қонунгузории ҷиноятӣ дар марҳалаи ҳозира яке аз қисмҳои таркибии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии давлат мебошад[1].

Дар шароити босуръати ҷаҳонишавӣ, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ шаклу мазмани худро иваз намуда, ҳамзамон муносибатҳои нави ҳуқуқӣ пайдо шуда истодаанд, зарурати такмили қонунгузории ҷиноятиро дучанд меафзояд. Ба андешаи Неъматов А.Р., дар марҳилаи ҳозира дар шароити инкишофи демократии давлат қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун муҳимтарин воситаҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ баромад карда, манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлатро аз таҷовузи ҷиноятӣ ҳифз менамояд ва барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ мутобиқ карда мешавад. Ҷаҳонишавӣ, пайдоиши шаклҳои нави ҷинояткорӣ, аз қабили терроризм, ифротгароӣ, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷинояткорӣ аз давлат тақозо мекунад, ки қонунгузории ҷиноятиро давра ба давра такмил дода, бояд ба мубориза бо чунин зуҳурот омода бошад[2].

Такмили қонунгузории ҷиноятӣ аслан тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллиро оид ба танзими муносибатҳои ҷиноятӣ фаро мегирад. Аз ин рӯ, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули Конститутсияи ҶТ (1994) ва қонунҳои нав

[1] Шарипов, Т.Ш. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ / Т.Ш. Шарипов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – № 3. – С. 113.

[2] Нематов, А.Р. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере уголовно-правовой ответственности и наказания / А.Р. Нематов // Государственно-правовые исследования. – 2018. – №. 1. – С. 70.

алоқаманд мебошад. Доир ба такмили масъалаҳои асосҳои конститутсионии қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар замони муосир олимони ватанӣ Азиззода У.А.[1], Шарипов Т.Ш.[2], Бобоҷонзода И.Х., Қудратов Н.А.[3], Баҳриддинзода С.Э.[4] ва дигарон андешаҳои арзишманди илмиро ироа намудаанд.

Татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахси ҷиноятkор як қатор оқибатҳоро ба вуҷуд меоварад, ки зимни такмили қонунгузории ҷиноятӣ онҳо бояд дар асоси принсипи инсондӯстӣ ба инобат гирифта шаванд. Дар ин хусус Шнарбоев Б.К. қайд мекунад, ки ҷазо ба ҷиноятkор ҳамеша мусибатҳои муайян ва азобу уқубат меорад. Онҳо метавонанд хусусияти ҷисмонӣ, маънавӣ, моддӣ ва дигар бошанд. Ҳангоми ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда аз як қатор ҳуқуқҳои шахсӣ маҳдуд мешавад ва аз ҳама муҳимаш аз озодӣ маҳрум карда мешавад. Ҳангоми татбиқи ҷарима ва мусодираи молу мулк ба маҳкумшуда, вазъи моддии ӯ бад мешавад[5], чунин андешаи дар таҳқиқоти анҷомдодаи Зокирзода З.Х. низ ироа шудааст. Ба андешаи Акимжанов Т.К. бошад, қонунгузории ҷиноятӣ бояд нисбат ба ҷиноятkороне, ки борҳо маҳкум шудаанд, қасдан ҷиноят содир мекунанд, сахтгир ва ҳатто бераҳмона бошад, ҳузури онҳо дар ҷомеа барои дигарон хавфи зиёд дорад. Онҳо, албатта, бояд аз ҷомеа ҷудо шаванд.

Дар баробари ин, конунгузории ҷиноятӣ бояд нисбат ба шахсони бори аввал ҷиноят содиркарда, хусусан дар бораи ҷиноятҳое, ки аз хунукназарӣ содир шудаанд, муносибати инсондӯстона зоҳир намояд[6]. Бинобар ин, давлатро зарур аст, ки зимни такмили қонунгузории ҷиноятӣ, аз як тараф талабот ва зуҳуротҳои манфии ҷомеаи муосир ва аз тарафи дигар, муқарраротi меъёрҳои байналмилалӣ ва принсипҳои инсондӯстонаро ба роҳбарӣ гирифта, манфиати давлату ҷомеа ва шаҳрвандонро дар мувозинати ҳуқуқӣ ҳифз намояд.

Боиси тазаккур аст, ки соли 1998 дар ҶТ Кодекси ҷиноятии нав қабул гардида, санади зикршуда Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистонро аз соли 1961 бо худ иваз намуд[7]. Як гурӯҳ олимони ватанӣ дар хусуси қабули санади мазкур қайд мекунанд, ки бо ба даст овардани истиқлолият дар ҶТ масъалаи омода ва қабул кардани қонуни нави ҷиноятии кодификатсияшуда, ки ба воқеияти он замон бояд мувофиқ бошад, ба миён омад. Вазъияти криминогение, ки дар солҳои 1991-1997 дар кишвар ба вуҷуд омада буд, на танҳо ба амнияти миллӣ, балкӣ ба амнияти минтақавӣ низ таҳдид мекард. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол 21-уми майи соли 1998 аввалин маротиба КҶ ҶТ қабул карда шуд ва соли 2023 аз қабули ин санад 25 сол сипарӣ гардид[8]. Дар ин бобат Зокирзода З.Х. илова менамояд, ки Кодекси мазкур аз 1-уми сентябри соли 1998

---

[1] Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / У.А. Азизов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 308.

[2] Шарипов, Т.Ш., Бахриддинов, С.Э. Конституционные основы уголовного права Республики Таджикистан / Т.Ш. Шарипов, С.Э. Бахриддинов // Конституционные основы уголовного права. Материалы 1 Всероссийского конгресса по уголовному праву, посвященного 10-летию Уголовного кодекса Российской Федерации. - М.: ТК Велби, 2006. – С. 594–598.

[3] Бобоҷонзода, И.Ҳ., Қудратов, Н.А., Ғайратов, Т.М. Баъзе масъалаҳои такмили қисми умумии лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.Ҳ. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов, Т.М. Ғайратов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 2/2 (47). – С. 254-262.

[4] Бахриддинзода, С.Э., Бахриддинзода, Д.С. Некоторые вопросы усовершенствования уголовного законодательства Республики Таджикистан / С.Э. Бахриддинзода, Д.С. Бахриддинзода // Законодательство. – 2016. – № 4 (24). – С. 14–16.

[5] Шнарбаев, Б. К. Наказание по уголовному законодательству Республики Казахстан: учебное пособие / Б.К. Шнарбаев. - Алматы: Данекер, 2002. – С. 9.

[6] Акимжанов, Т.К. О проблемах дальнейшей гуманизации уголовной политики Республики Казахстан как важнейшем условии построения правового государства / Т.К. Акимжанов // Уголовно-исполнительное право. – 2017. – Т. 25 (1–4). – № 2. – С. 132.

[7] Искандари, С. К вопросу о разработке Уголовного кодекса Республики Таджикистан в новой редакции / С. Искандари // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. - 2021. - № 3 (51). – С. 41.

[8] Бобоҷонзода, И.Ҳ., Қудратов, Н.А., Ғайратов, Т.М. Асари зикршуда. – С. 254-262.

мавриди амал қарор гирифта, ду қисм: умумӣ ва махсусро дар бар мегирад ва он аз 15 фасл, 34 боб, 405 модда ва як замима иборат мебошад, ки дар заминаи анъанаи қонунгузории ватанӣ бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи демократии дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ омода шудааст[1]. Мавриди зикр аст, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қабули санади мазкур дар такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар қадами бузург ба ҳисоб мерафт.

Бояд тазаккур дод, ки танзими муносибатҳои ҷиноятӣ танҳо бо қабули Кодекси ҷиноятӣ самаранокии онро нишон намедиҳад. Барои ин, санади қабулгардида бояд пайваста мавриди такмилдиҳӣ қарор дода шавад, то ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамқадам бошад. Бо ин мақсад, ҶТ санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва қабул намуд, ки дар миёни онҳо Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Маълум аст, ки санадҳои мазкур дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ нақши калон гузоштаанд. Бояд гуфт, ки усули асосии такмили қонунгузории ҷиноятӣ ин ворид намудани тағйиру иловаҳо, аз ҷумла криминализатсия ва декриминализатсия ба ҳисоб меравад. Тавре Баҳриддинзода С.Э. қайд менамояд, такмил қонунгузории ҷиноятии ҶТ-ро амалҳои гуногун анҷом медиҳанд, аз ҷумла криминализатсия ва декриминализатсияи кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок тавассути қонунгузорӣ[2]. Аз таҳқиқот бармеояд, ки такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар натиҷаи амалӣ кардани криминализатсия ва декриминализатсия ва умуман ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ба роҳ монда мешавад.

Дар асоси андешаҳои мазкур метавон қайд намуд, ки ба Кодекси ҷиноятии ҶТ тағйиру иловаҳои зиёд ворид карда шуда, марҳала ба марҳала мавриди такмилдиҳӣ қарор гирифтааст. Дар ин хусус низ дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳо зиёданд. Аз ҷумла, Бобоҷонзода И.Х. ва Қудратов Н.А. қайд мекунанд, ки дар давоми 25 соли амали ин санади муҳим (Кодекси ҷиноятии ҶТ) муқаррароти бунёдии он бо ворид намудани тағйироту иловаҳои гуногун, ғайрисистемавӣ ва аксаран беасос ноустувор карда шуданд. Аз 10-уми августи соли 1999 то 19-уми августи соли 2022 ба КҶ ҶТ бо 54 Қонуни ҶТ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ 2076 тағйиру илова ворид карда шудааст, ки аз он 373 тағйиру иловаҳо ба қисми умумӣ ва 1703-тоаш ба қисми махсуси КҶ ҶТ рост меоянд. Бештари муқаррароти Кодекс на як бору ду бор, дар баъзе моддаҳо ҳатто 17-19 маротиба (масалан, ба м. 179 КҶ ҶТ - терроризм 17 маротиба ва м. 244 КҶ ҶТ - дуздӣ 19 маротиба) тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд[3].

Бояд тазаккур дод, ки олимон натиҷаи чунин тағйиру иловаҳоро ба таври мухталиф шарҳ додаанд. Аслан, як гурӯҳи олимон чунин тағйиру иловаҳои зиёдро мусбӣ ва гурӯҳи дигар бошад манфӣ баҳо додаанд. Аз ҷумла, Зокирзода З.Х. ба тағйиру иловаҳои Кодекси ҷиноятии ҶТ баҳои мусбӣ дода, чунин қайд менамояд, ки тағйироту иловаҳои ба КҶ ҶТ воридкардашуда дар даврони соҳибистиқлолии ҶТ шаҳодат аз он медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ раванди гуманизатсияи ҷазоҳои ҷиноятӣ амалӣ гардидааст[4]. Дар ин робита Баҳриддинзода Э.С. низ қайд намудааст, ки такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар маҷмуъ ба гуманизатсияи ҷазоҳои ҷиноятӣ равона карда шудааст[5]. Ба андешаи Қудратов Н.А. ва Бобоҷонзода И.Ҳ., пас аз қабули КҶ ҶТ соли 1998 ба ҷиноятҳое, ки шомили боби 29 КҶ ҶТ буданд, 53 маротиба тағйироту иловаҳои ҷиддӣ ворид карда шуданд. Дар ин давра, яъне аз соли 1998 то соли 2023 дар самти ҷиноятҳо

---

[1] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Воситаи таълимӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода. – Душанбе: Ашуриён, 2023. – С. 22.

[2] Баҳриддинзода, С.Э., Баҳриддинзода, Д.С. Асари зикршуда. – С. 14-16.

[3] Бобоҷонзода, И.Ҳ., Қудратов, Н.А., Ғайратов, Т.М. Асари зикршуда. – С. 254.

[4] Зокирзода, З.Х. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Шарипов Т.Ш. – Душанбе: Нашри мубориз, 2021. – С. 165.

[5] Баҳриддинзода, С.Э., Баҳриддинзода, Д.С. Асари зикршуда. – С. 14-16.

ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ 2 рисолаи докторӣ ва 4 рисолаи номзадӣ вобаста ба паҳлуҳои гуногуни ин гурӯҳи ҷиноятҳо омода ва дифоъ гардиданд, ки барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти бунёдӣ доранд[1].

Гурӯҳи дигари олимон ба тағйиру иловаҳои қонунгузории ҷиноятӣ баҳои манфӣ додаанд. Аз ҷумла, ба андешаи Бараташвили Л., таҷрибаи судӣ инро нишон медиҳад, ки татбиқи меъёрҳои нав қабулшудаи санадҳои ҳуқуқӣ баъзан таъсири манфӣ мерасонанд. Дар баъзе парвандаҳо, номувофиқатӣ ба меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, табиати систематикии қонунгузории ҷиноятӣ вайрон карда мешавад, татбиқи қонун мураккабтар мешавад, сатҳи оптималии таъсир ба ҷиноят паст мешавад, ки дар натиҷа ба таъмини волоияти қонун ва тартибот дар ҷомеа мувофиқат намекунад[2].

Дар ин хусус Авдеев В.А. ва Авдеева О.А. қайд мекунанд, ки таҳлили тағйиру иловаҳо ба матни Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия дар нашри соли 1996 нишон медиҳад, ки сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ на ҳама вақт мувофиқи мақсад буда, дар бисёре аз мавридҳо боиси қабули қарорҳои номутавозин ва асоснокношуда мегардад. Набудани экспертизаи дахлдори қонунгузорӣ барои ворид намудани тағйиру иловаҳои дорои хусусияти таҳрирӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ шароит фароҳам меорад, ки ба самаранокии иҷрои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсири манфӣ мерасонад[3]. Аз андешаҳои олимон хулоса кардан мумкин аст, ки тағйиру иловаҳои зиёд ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат намекунад, баръакс эътибори меъёрҳои онро коста гардонида, мазмуну моҳияти онҳоро мураккаб менамоянд.

Олимони ватанӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намудаанд. Аз ҷумла, Азиззода У.А. ҳанӯз дар соли 2015 қайд намуда буд, ки баъди қабули Кодекси ҷиноятӣ соли 1998 зиёда аз 30 қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ қабул карда шудааст. Аммо ворид кардани тағйиру иловаҳои зиёд на танҳо ҳолати қонунгузориро беҳтар намесозад, баръакс бисёр нодурустӣ ва мухолифатро ба вуҷуд меоварад[4]. Дар хусус Зокирзода З.Х. ва Бобохонов Ф.А. қайд мекунанд, ки тағйиру иловаҳои қонунгузории ҷиноятӣ бо роҳи криминализатсия ва декриминализатсия сурат мегирад, ки баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона карда мешаванд[5]. Аммо набояд чунин тағйиротҳо боиси паст задани арзишмандии ҳуқуқу озодиҳои инсон гардад. Арзишмандӣ ва дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятӣ бояд ба инобат гирифта шаванд[6]. Дар ин хусус бояд ба андешаҳои боло розӣ шуд, ки ҳама усулҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ бояд танҳо баҳри амалисозии вазифаҳои он нигаронида шавад.

---

[1] Қудратов, Н.А., Бобоҷонзода, И.Ҳ. Навгониҳо ва проблемаҳои ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат дар лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.facebook.com/groups/129700827223795/ ?multi_permalinks =2141239522736572&ref=share (санаи муроҷиат: 17.08.2023).

[2] Бараташвили, Л.Н. Некоторые вопросы обратной силы уголовного закона при признании норм общей части УК РФ / Л.Н. Бараташвили // Проблемы в российском законодательстве. – 2016. – №7. – С. 163.

[3] Авдеев, В.А., Авдеева, О.А. Концепция уголовно-правовой политики Российской Федерации: основные направления совершенствования уголовного закона и оптимизации мер противодействия преступности / В.А. Авдеев, О.А. Авдеева // Криминологический журнал Байкальского государственного университета экономики и права. – 2014. – № 1. – С. 12-24. – С. 14.

[4] Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / У.А. Азизов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 308.

[5] Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Некоторый вопросы криминализации и декриминализации клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан / З.З. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 3. – С. 207-214

[6] Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов : нашри аввал. – Душанбе, 2022. – С. 121.

Аз Кодекси ҷиноятии ҶТ то имрӯз ба он ҳам бо мақсади такмили меъёрҳо ва институтҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҳам бо мақсади аз криминализатсия ва декриминализатсия намудани кирдорҳо, тағйироту иловаҳои зиёд ворид карда шуданд. Яке аз мисолҳои татбиқи принсипи гуманизми қонунгузории ҷиноятӣ метавонад ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ дар соли 2004 бошад, ки дар асоси он Қонуни ҶТ «Дар бораи боздоштани татбиқи ҳукми қатл» аз 15 июли соли 2004, №45 қабул шудааст. Мутобиқи Қонуни мазкур татбиқи ҷазои қатл дар ҶТ барои содир намудани ҷиноятҳои м. 104 қисми 2, 138 қисми 3, 179 қисми 3, 398 ва 399 КҶ ҶТ, инчунин иҷрои ҷазои қатл ва дигар қоидаҳои марбут ба он, ки дар м. 19, 21, 23, 25, 78, 100, 127, 129, 131, 133, 214-222-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ аз 30 апрели соли 2004 боздошта шудааст. Дар соли 2012 м. 135 (таҳқир) ва 136 (туҳмат) аз КҶ ҶТ хориҷ карда шуданд. Мисоли криминализатсия кардани кирдор метавонад ҳамчун илова ба КҶ ҶТ м. 143(1) шиканҷа, инчунин м. 153(1) напардохтани музди кор, нафақа, стипендия, кумакпулӣ ё дигар пардохтҳо ва ғайра баромад намояд[1]. Бинобар ин дар ҷараёни криминализатсия ва декриминализатсияи баъзе кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок бояд аз рӯйи эҳтиёт бо риояи техникаи қонунгузорӣ муносибат кард.

Дар баланд бардоштани натиҷаҳо ва самаранокии қонуни ҷиноятӣ ва такмили фаъолияти қонунгузорӣ бояд ба баррасии бисёрсатҳии лоиҳаҳои қонунҳо ва мониторинги иҷтимоӣ-ҳуқуқии афкори ҷомеа дар бораи эҷоди қонун ва иҷрои қонунҳо нақши махсус гузошта шавад. Тавре Авдеев В.А. қайд мекунад, дар баланд бардоштани самаранокии қонуни ҷиноятӣ ва такмили фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ татбиқи самараноки ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ гардонидани қарорҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ дар сатҳи субъектҳо ва объектҳо нақши муҳим мебозад[2]. Дар дигар адабиёт оварда мешавад, ки самаранокии сиёсати ҷиноятӣ аз иҷрои вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ ва инчунин, ба даст овардани мақсадҳои ҷазо вобаста мебошад[3].

Мушкилот ва таҳдидҳои сифатан нави аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок (масалан, киберҷиноятҳо, тағйир додани генотипи инсон), зуҳуроти анъанавӣ ва деринаи ҷиноят табдил мeёбанд, баҳодиҳии иҷтимоии кирдорҳои бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда тағйир меёбад ва қонунгузорро водор мекунад, ки доираи кирдорҳои ҷиноятиро аз нав дида бароянд, яъне, криминализатсия ва декриминализатсияро амалӣ гардонад[4].

Ҳамин тавр, аз андешаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки новобаста аз тағйиру иловаҳои зиёд ворид кардан ба Кодекси ҷиноятӣ мазмуну сохтор ва меъёрҳои он ба муносибатҳо ва талаботҳои ҷомеаи муосир мувофиқ намебошад. Зеро, аз як тараф аз қабули он солҳои зиёд гузашта, меъёрҳои он кӯҳна гардидаанд ва аз тарафи дигар дар натиҷаи тағйиру иловаҳои зиёд меъёрҳои он ҷозибаи худро гум кардаанд. Бо ин назардошт зарурати қабули Кодекси нави ҷиноятӣ пеш омадааст.

Бояд тазаккур дод, ки қабули Кодекси нави ҷиноятӣ масъалаи нав набуда, солҳо мавриди муҳокимаи олимони ватанӣ қарор дошт. Аз ҷумла, ба андешаи Азиззода У.А., Кодекси ҷиноятии ҶТ зиёда аз 16 сол аст, ки амал мекунад. Ин барои ҷамъбасти натиҷаҳои муайяни самаранокии қонуни ҷиноятӣ кифоя аст, ки барои такмили минбаъдаи он аҳаммияти калон доранд. Барои он ки қонунгузорӣ устувор бошад ва

---

[1] Бободжонзода, И.Х., Кудратов, Н.А. О некоторых спорных институтах проекта Уголовного кодекса Республики Таджикистан: теория, законодательства и практика / И.Х. Бободжонзода, Н.А. Кудратов // Правовая жизнь. – 2020. – № 4 (32). – С. 7.

[2] Авдеев, В.А., Авдеева, О.А. Концепция уголовно-правовой политики Российской Федерации: основные направления совершенствования уголовного закона и оптимизации мер противодействия преступности / В.А. Авдеев, О.А. Авдеева // Криминологический журнал Байкальского государственного университета экономики и права. – 2014. – № 1. – С. 23.

[3] Пути совершенствования уголовной политики Республики Казахстан: коллективная монография. – Алматы, 2020. – С. 8.

[4] Бободжонзода, И.Х., Кудратов, М.А. Указ. раб. – С. 7-8

натиҷаи дилхоҳ бахшад, он бояд пайваста такмил дода шавад[1]. Чунин андешаро баъдан дигар олимон низ изҳор доштаанд. Масалан, соли 2019 Шарипов Т.Ш. қайд намуда буд, ки Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки алакай 20 сол амал мекунад, маъмулан ба тағйироту иловаҳои бешумор рӯ ба рӯ шудааст, зеро ҳамагуна қонун бо мурури замон аз суръати тағйирёбии ҷомеа қафо мемонад ва боиси ба онҳо ворид кардани навгониҳои муайян мегардад. Барои ҷараёни қонунэҷодкунӣ муҳим он аст, ки дурустии мутаносибии динамизм ва устувории қонунгузорӣ, дарки мувофиқии он, ки манбаи инкишофи ҳуқуқ аст, тасдиқи худро ёбад[2]. Андешаи монандро соли 2018 Неъматов А.Р. низ қайд кардааст, ки тақрибан 20 соли фаъолияти ин санади меъёрии ҳуқуқӣ (Кодекси ҷиноятии соли 1998) гувоҳӣ медиҳад, ки он асосан ба талаботи замон ҷавобгӯ буда, фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва таъини ҷазоро фароҳам овардааст. Аммо дар марҳалаи ҳозира бо назардошти вазъи дохилию берунии сиёсӣ, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими рушди устувори кишвар зарурати такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар ва ба талаботи меъёрҳои нав мутобиқ гардонидани он ба миён омадааст[3]. Тавре маълум мегардад олимони ватанӣ аз дарозмуҳлат шудани амали Кодекси ҷиноятӣ изҳори андеша намуда, дар таҳрири нав қабул намудани онро амри воқеӣ ва зарурӣ мешуморанд.

Бобоҷонзода И.Х. ва Қудратов Н.А. дар ин хусус чунин қайд кардаанд, ки дар шароити муосир бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси таърихӣ, иқтисодӣ ва хусусиятҳои вазъи криминогенӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ ва пайомадҳои манфии он, инчунин носаҳеҳӣ ва номукаммалии қонуни ҷиноятии амалкунанда (соли 1998), ки танзим ва ҳифзи дахлдори муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин карда наметавонад, қабули Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав барои ҶТ як ниёзи фаврӣ ва саривақтӣ мебошад[4]. Искандари Сулаймон низ андешаҳои болоро ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад, ки аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани Кодекси мазкур зиёда аз бисту ду сол гузашта, дар ин раванд дигаргуниҳои бунёдӣ дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба миён омада, такмилу мутобиқгардонии қонунгузории ҷиноятиро ба талаботи нави рушду пешрафти ҷаҳони имрӯза тақозо менамояд[5]. Умуман, аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки олимони ватанӣ Кодекси ҷиноятии амалкунандаро дар танзими муносибатҳои нави ҷиноятӣ мувофиқ намедонанд ва қабули онро дар таҳрири нав муҳим меҳисобанд.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба қабули КҶ ҶТ дар таҳрири нав соли 2013 Президенти ҶТ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ чунин ибрози андеша намуда буданд: “Бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки кодексҳои гражданӣ ва ҷиноятиро низ дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намояд”[6]. Дар ин хусус бо фармони Президенти ҶТ аз 13-уми майи соли 2013 гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи таҳрири нави Кодекси ҷиноятӣ таъсис дода шуд. Бино ба маълумоти муқаддамотӣ, тарҳи Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои кишвар дар марҳилаи ниҳоии таҳияи гурӯҳи корӣ

---

[1] Азизов, У.А. Некоторые аспекты совершенствования системы уголовного кодекса Республики Таджикистан / У.А. Азизов // Актуальные проблемы современного уголовного права и криминологии: Материалы международной научно-практической конференции, Ставрополь, 06 февраля 2015 года / Северо-Кавказский федеральный университет; Всероссийский научно-исследовательский институт МВД России (филиал по Северо-Кавказскому федеральному округу); Северо-Кавказский гуманитарно-технический институт. – Ставрополь, 2015. – С. 6.

[2] Шарипов, Т.Ш. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ / Т.Ш. Шарипов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – № 3.– С. 113.

[3] Нематов, А.Р. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере уголовно-правовой ответственности и наказания / А.Р. Нематов // Государственно-правовые исследования. – 2018. – Вып. 1. – С. 70-71.

[4] Бобоҷонзода, И.Ҳ., Қудратов, Н.А., Ғайратов, Т.М. Асари зикршуда. – С. 254-262.

[5] Искандари, С. Асари зикршуда. – С. 41.

[6] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26-уми апрели с. 2013 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://president.tj/node/4318

қарор дорад. Бо сабабҳои объективӣ корҳо оид ба ҳамоҳангсозӣ ва ҷамъбасткунӣ ба таъхир афтода, боз ҳам бо фармони Президенти ҶТ аз 26-уми феврали соли 2016, № АП-684 гурӯҳи нави корӣ таъсис дода шуд[1].

Дар хусуси ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ бисёре аз муҳаққиқон ибрози андеша ва ҳатто пешниҳодҳо манзур намудаанд, ки қобили таҳлилу омӯзиш мебошанд. Аз ҷумла, Бобоҷонзода И.Х. ва Қудратов Н.А. қайд мекунанд, ки дар лоиҳаи кодекси нав бори аввал равишҳои нав ба танзими қонунгузорӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии ҶТ пайдо шуданд, яъне, «Афзалияти шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ нисбат ба Кодекси ҷиноятии ҶТ» (қисми 3 моддаи 1 лоиҳа), техникаи нави қонунгузорӣ «Тавзеҳи баъзе мафҳумҳои дар Кодекси ҷиноятӣ мавҷудбуда» (моддаи 3 лоиҳа), мафҳуми нав «ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ» (фасли II – Ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ. Боби 3. Мафҳуми ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ва намудҳои он). Қисми махсуси лоиҳа бошад, бо фасли нави «Ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ба муқобили саломатии аҳолӣ ва ахлоқӣ» ва фасли «Ҳуқуқвайронкунии ҷиноятии тиббӣ» ва ғайра пурра карда шудааст[2]. Аз андешаи мазкур бармеояд, ки воқеан ҳам лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ дорои меъёрҳои нав мебошад. Дар ин миён, ба андешаи мо муқаррар кардани моддаи алоҳида барои мафҳумҳои асосӣ бисёр бомаврид мебошад. Зеро дар Кодекси ҷиноятии амалкунанда чунин модда мавҷуд набуда, бисёре аз мафҳумҳои асосӣ низ муқаррар нашуда буданд.

Ба андешаи Искандари Сулаймон, бо қабул гардидани лоиҳаи мазкур низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ ворид гардида, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа дар мамлакат таъмин хоҳад гашт. Сохтори лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ ба қисмҳои умумӣ ва махсус тақсим карда шуда, аз 14 фасл, 36 боб ва 467 модда иборат мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки баъзе моддаҳои Кодекси ҷиноятии амалкунанда, бо назардошти мавҷудияти онҳо дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ё мавҷудияти таркиби ин ҷиноятҳо дар таркиби ҷиноятҳои объекташон якхелаи дар лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ дар моддаҳои алоҳидаи лоиҳа ҷой дода нашуда, моддаҳои 112, 134, 149, 158, 169, $184^4$, $194^2$, $194^3$, $195^1$, $195^2$, $199^1$, 276, 325, 326, 327 Кодекси ҷиноятии амалкунанда бошанд, дар лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав декриминализатсия карда шуда, хориҷ гардидаанд[3].

Дигар олимони ватанӣ дар ин хусус чунин қайд кардаанд, ки дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳоди гардидани КҶ ҶТ ҳамаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ҳамаи шаҳрвандон, ҷамъият, давлат ва ҳатто ҷинояткорон манфиатдор мебошанд. Зеро, бо қабули КҶ ҶТ дар таҳрири нав ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳама сатҳо бо назардошти инкишоф ва пешрафти муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, техникаву технология ба таври дахлдор ба роҳ монда шуда, ҳифзи амнияти давлатӣ аз таҷовузҳои ҷинояткорона таъмин мегардад ва ҳатто вазъи баъзе категорияи ҷинояткоронро бо татбиқи принсипи қувваи бозгашт доштани қонуни ҷиноятӣ беҳтар менамояд[4]. Андешаҳои мазкур ифодагари онанд, ки такмили қонунгузории ҷиноятӣ ба манфиати ҳамаи субъектон нигаронида шуда, дар таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ ба принсипҳои инсондӯстӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки на ҳамаи ин навгониҳо аз ҷониби олимон дастгирии умумӣ пайдо кардаанд. Як қатор олимон баъзе аз ин навгониҳоро мавриди муҳокима қарор дода, таҷдиди назар кардани онҳоро муҳим меҳисобанд. Аз ҷумла, Бобоҷонзода И.Х.

---

[1] Юлдошев, Р.Р. Концепция уголовно-правовой политики Республики Таджикистан: проблемы и перспективы: монография / Р.Р. Юлдошев. – Душанбе, 2022. – С. 92.

[2] Бободжонзода, И.Х., Кудратов, Н.А. О некоторых спорных институтах проекта Уголовного кодекса Республики Таджикистан: теория, законодательства и практика / И.Х. Бободжонзода, Н.А. Кудратов // Правовая жизнь. – 2020. – №4 (32). – С. 8.

[3] Искандари, С. Асари зикршуда. – С. 44.

[4] Бобоҷонзода, И.Ҳ., Қудратов, Н.А., Ғайратов, Т.М. Асари зикршуда. – С. 255.

қайд мекунад, ки таҳлили лоиҳаи нави КҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки он аз камбудиҳо холӣ нест, дар он баъзе муқарраротҳо дуруст арзёбӣ нагардидаанд ва таҷрибаи илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ (фикру мулоҳиза ва хулосаю пешниҳодҳои олимону муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ), таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ берун аз мадди назар мондааст[1]. Қудратов Н.А. низ бар он назар аст, ки бо вуҷуди ҳамаи комёбиҳои лоиҳа дар он баъзе нуктаҳои баҳсталаби ҳалношуда ва нофаҳмо боқӣ монданд[2]. Азиззода У.А. қайд мекунад, ки ҳанӯз маълум нест, ки Кодекси ҷиноятии амалкунанда то кай амал мекунад ва кодекси нав кай қабул мешавад. Бинобар ин, барои боз хам такмил додани қонуни ҷиноятии амалкунанда ва лоиҳаи кодекси нав баъзе нуктаҳоро ба назар гирифтан лозим аст, то ки самараи амали минбаъдаи он зиёд карда шавад.

Аввалан, Кодекси ҷиноятии ҶТ тағйироти системавиро тақозо мекунад, дуюм, омӯзиши холигиҳои қонунгузорӣ, ки дар амалия пайдо шудаанд, сеюм, ҷорӣ намудани меъёрҳои муайяни институтҳое, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дигар давлатҳо исбот шудаанд, чорум, бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро тасдиқ кардааст[3].

Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки ҳанӯз кай мавриди амал қарор гирифтани лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ маълум нест, вале айни замон муносибатҳои ҷиноятӣ бо Кодекси ҷиноятии амалкунанда мавриди танзим қарор гирифта истодааст. Бинобар ин, ба такмили ин санади ҳуқуқӣ то қабули санади нав набояд фосила гузошта шавад.

Мавриди зикр аст, ки бисёре аз масъалаҳои мазкур худ аз худ пайдо нашуда, балки самараи таҳқиқотҳои олимони ватанӣ мебошанд, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ ва докторӣ ошкор ва пешниҳод кардаанд. Масалан, ҷудо шудани боби "Ҷиноятҳои тиббӣ" ба андешаи мо маҳсули меҳнати Абдуллоева Р.А. мебошад. Номбурда дар таҳқиқоти худ ин масъаларо пешниҳод намуда, қайд мекунад, ки пешрафтҳои охирин дар самти ҳифзи саломатӣ аз таҳаввулоти ҳуқуқии марбут ба муттаҳид кардани ҳама моддаҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба фаъолияти дорусозӣ дар як зерфасли боби ҷиноятҳои зидди саломатии аҳолӣ вобаста мебошад. Масалан, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон (боби 120), дар Кодекси ҷиноятии Эстония – ҷиноятҳои марбут ба доруворӣ (фасли 3, боби 12) бобҳои алоҳида оид ба ҷиноятҳои тиббӣ мавҷуданд[4]. Умуман, олимони номбурда, бисёре аз меъёрҳои лоиҳаи Кодекси ҷиноятиро эрод гирифта, таҷдиди назар кардани онҳоро пешниҳод намудаанд.

Дар маҷмуъ чунин масъалаҳои лоиҳа мавриди муҳокимаи онҳо қарор гирифтааст: якчандкарата содир кардани ҷиноят; бегуноҳ расонидани зиён (тасодуф); пешбинӣ нашудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони ҳуқуқӣ; бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва бардоштани доғи судӣ ва ғайра. Албатта, масъалагузории онҳо баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ нигаронида шудаанд ва ба инобат гирифтани онҳо ҷиҳати мукаммал гардонидани Кодекси ҷиноятии қабулшаванда мусоидат менамоянд.

---

[1] Бободжонзода, И.Х., Кудратов, Н.А. О некоторых спорных институтах проекта Уголовного кодекса Республики Таджикистан: теория, законодательства и практика / И.Х. Бободжонзода, Н.А. Кудратов // Правовая жизнь. – 2020. – № 4 (32). – С. 6-18; Бободжонзода, И.Х. (Бабаджанов И.Х.)., Анушервонни И. Правовая система Республики Таджикистан в годы государственной независимости / И.Х. Бободжонзода, Анушервони И // Правовая жизнь. - 2019. – №3 (27). – С. 21-39.

[2] Бободжонзода, И.Х., Кудратов, М.А. Указ. раб. – С. 8.

[3] Азизов, У.А. Некоторые аспекты совершенствования системы уголовного кодекса Республики Таджикистан / У.А. Азизов // Актуальные проблемы современного уголовного права и криминологии: Материалы международной научно-практической конференции, Ставрополь, 06 февраля 2015 года / Северо-Кавказский федеральный университет; Всероссийский научно-исследовательский институт МВД России (филиал по Северо-Кавказскому федеральному округу); Северо-Кавказский гуманитарно-технический институт. – Ставрополь, 2015. – С. 7.

[4] Абдуллаева, Р.А. Медицинские преступления в соответствии с Уголовным кодексом Республики Таджикистан / Р.А. Абдуллоева // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2022. – № 1 (53). – С. 42.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар ҶТ такмили қонунгузории ҷиноятӣ бо суръат идома дошта, дар ин раванд ҳам олимони соҳаи ҳуқуқ ва ҳам намояндагони мақомотҳои давлатӣ, алалхусус мақомоти қонунгузор фаъолона саҳмгузорӣ карда истодаанд. Таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ исбот намудааст, ки мутаассифона мо аксаран ба қонунгузории кишварҳои хориҷӣ бештар такя менамоем. Ҳол он ки мо аз нигоҳи базаи илмӣ чунин олимони соҳибтаҷрибаеро дорем, ки меъёрҳои санадҳои ҳуқуқиро мустақилона, мувофиқ ба фарҳангу таҷрибаи миллӣ эҷод намоянд. Дар ин хусус олимони ватанӣ дуруст қайд намудаанд, ки дар ҶТ шуруъ аз соли 1991 то соли 2023 зиёда аз 60 рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ ҳимоя гардидаанд ва мо бояд ин иқтидори бузурги илмиро истифода бурда, сирф модели миллии КҶ ҶТ худро омода созем[1].

Ҳақ ба ҷониби Шарипов Т.Ш. мебошад, ки чунин қайд намудааст: дар давоми муҳлати зикршуда ҳамзамон ноқисиҳои КҶ ҶТ амалкунанда ошкор карда шуд ва ин табиист, чунки ҳамагуна қонун ҳатто қонуни мукаммалтарин, агарчӣ дар лаҳзаи қабул шуданаш ба ноқисиҳо мувоҷеҳ нашуда бошад ҳам, вале минбаъд метавонад ба он рӯ ба рӯ шавад[2]. Ба андешаи Азиззода У.А., ҷараёни такмили қонунгузории ҷиноятӣ табиӣ буда, минбаъд низ он давом мекунад, зеро амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ноқисиҳо ва норасоиҳои онро ошкор месозад. Худи ҷараёни инкишофи ҷомеа, хусусан тағйир ёфтани сохтори ҷинояткорӣ дар ҷаҳон аз мақомоти қонунгузор эътинои оҷилиро дар самти муқовимат ба чунин як зуҳуроти номатлуб талаб менамояд[3]. Бинобар ин, такмили қонунгузории ҷиноятӣ ин як раванди маъмулӣ ва табиӣ буда, аз пешрафти ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошад.

Бобоҷонзода И.Ҳ., Қудратов Н.А., Ғайратов Т.М. дар хусуси такмили қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла такмили лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ таҳқиқоти васеъ бурда, як қатор хулоса ва тавсияҳои судмандро пешниҳод намудаанд, ки дар мукаммал гардонидани Кодекси ҷиноятии қабулшаванда ва умуман қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, ҷиҳати пеш наомадани зиддият бо қабули Кодекси нави ҷиноятӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ; дар лоҳаи Кодекси ҷиноятӣ 96,89 фоиз модели Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон истифода гардидааст, ки ин ба манфиати кор намебошад, аз ин рӯ ба модели КҶ Олмон ва Фаронса таваҷҷуҳ намудан беҳтар аст; ҳар як ислоҳоти қонунгузорӣ бе назардошти муқаррароти муқарраршудаи доктринаи ҳуқуқӣ ногузир боиси носозгории он мегардад. Дар муқоиса бо қисми махсуси КҶ ҶТ, меъёрҳои қисми умумии КҶ ҶТ ба тағйиру иловаҳо камтар дучор мешаванд.

Аммо ҳама гуна камбудиҳо, ихтилофҳо ва носаҳеҳиҳо дар Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ хусусияти системавиро гирифтаанд ва дар амалияи татбиқи ҳуқуқ боиси мушкилоти зиёд мегарданд; ба гурӯҳи корӣ ворид намудани доираи васеъи олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва монанди инҳо[4]. Ба андешаи мо, пеш аз қабули лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ беҳтар аст, ки эродҳои олимон дар ин бахш мавриди омӯзиш ва баҳрабардорӣ қарор дода шаванд. Зеро самаранокии такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар бартараф кардани нуқсонҳои он ва татбиқи дурусти он ифода меёбад.

Такмили қонунгузории ҷиноятӣ пеш, аз ҳама, тағйир додани ҳаҷм, хусусият ва сохтори меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ, ба низом даровардани онҳоро дар назар дорад. Ин ҷараён бояд низомнок бошад, хусусияти мураккаб, алоқаи табиии ҳамаи самтҳо ва

Дар м. 253(1) КҶ ҶТ преюдитсияи маъмурӣ ҳамчун шарти асосӣ барои ҷалби шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, ин модда муқаррар мекунад, ки агар шахс дар муддати як сол баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ дубора ба чунин кирдор даст занад, ин кирдор аз дараҷаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба дараҷаи ҷиноят мегузарад ва ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меорад.

Преюдитсияи маъмурӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ маънои онро дорад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳолати мавҷудияти қарори эътибори ҳуқуқидоштаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба таъини муҷозоти маъмурӣ татбиқ карда мешавад. Яъне, агар шахс қаблан барои ин кирдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда бошад ва дар давоми мӯҳлати муайян дубора чунин кирдорро содир намояд, кирдораш аллакай ҳамчун ҷиноят бандубаст мегардад.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои асосии преюдитсияи маъмурӣ дар робита ба м.253(1) КҶ ҶТ дар он зоҳир мегардад:

1) вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ танҳо дар ҳолате ҷиноят ҳисоб мешавад, ки қаблан шахс барои ин ҳаракатҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда бошад;

2) мӯҳлати муайянгардидае, ки пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ ба назар гирифта мешавад, як сол мебошад. Агар шахс дар доираи ҳамин мӯҳлат боз чунин кирдорро содир намояд, ҳаракаташ ҳамчун ҷиноят бандубаст карда мешавад;

3) барои татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳатман мавҷудияти қарори эътибори ҳуқуқидоштаи мақомоти маъмурӣ оид ба муҷозоти маъмурӣ лозим аст. Ин қарор далели ҳуқуқии ҳатмӣ барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад;

4) муқаррар карда шудани преюдитсияи маъмурӣ ба хотири огоҳсозӣ ва пешгирии такрории ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Шахсе, ки аллакай ҷазои маъмурӣ гирифтааст, бояд дарк намояд, ки дар сурати такрори кирдори ғайриқонунӣ ҷавобгарии шадидтар – ҷиноятӣ татбиқ мегардад.

Тарафи субъективии ҷинояти вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ бо қасди бевосита ифода меёбад,яъне шахс дарк месозад, ки аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он, инчунин истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқиро содир намуда истодааст ва хоҳони содир намудани чунин ҳаракатҳо мебошад.

[1] Кириллов, С.И. Бершадский, О.Г. Воровство электроэнергии: российские реалии / С.И. Кириллов, О.Г. Бершадский // Закон и право. – 2018. - №6. - С. 19.

Мақсад – насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ ба сифати аломати ҳатмии тарафи субъективии аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он пешбинӣ шудааст ва аз мақомоти таъқибкунандаи ҷиноятӣ талаб менамояд, ки чунин аломатро дар ҳаракатҳои шахс муқаррар созад.

Мувофиқи қ.1 м.253(1) КҶ ҶТ танҳо шахси воқеии муккалафи аз синни 16-сола боло метавонад ҳамчун субъекти ин ҷиноят баромад намояд, агар ӯ дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ ҳаракатҳои дар қисми мазкур зикргардидаро содир карда бошад.

Дар қ.қ. 2, 3 м. 253(1) КҶ ҶТ аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ муқаррар шудааст.

Ногуфта намонад, ки дар ҳолати аз тарафи шахс содир намудани ҷинояти дар моддаи мазкур (ба истиснои қисми 3) пешбинишуда агар гунаҳгор то баровардани ҳукми суд зарари моддиро пурра талофӣ намояд, нисбати ӯ ҷазои ҷарима ва ё дигар ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабудаи дар санксияҳои моддаҳои номбурда пешбинигардида таъин карда мешавад. Дар ин робита ба м. 49 КҶ ҶТ тағйири дахлдор ворид карда шудааст.

**ТДУ 343.34:004.77**

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР МУҚОВИМАТ БАР ЗИДДИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ*

**Абдуллозода Н.Р.**
сардори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 4-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия
E-mail: nematullo.abdulloev@mail.ru

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва истифодаи босуръати технолгияҳои иттилоотӣ ҳаракатҳои гуногуни экстремистӣ ва терористӣ, ки бо ҳар гуна роҳу воситаҳо ҷомеаи ҷаҳониро ноором намуда, ҳазорон нафарони бегуноҳро ба қатл мерасонанд, таҳдиди умумиҷаҳонӣ мебошад. Ҷомеаи имрӯзаро бе компютерҳо, планшетҳо, телефонҳои мобилии имконияташон васеъ, телевизонҳои бо интертет ва моҳвора пайваст тасаввур кардан ғайримкон аст. Дар шароити имрӯза технологияҳои иттилоотӣ ва интернет дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти одамон ба тарзи васеъ истифода бурда мешавад. Технологияи муосир ва интернет на танҳо бо мақсади пешбурди кор, инчунин бо мақсади ҷинояткорӣ (кибер ҷиноят) истифода мешавад, ки хатарҳои зиёдеро ба пеш меорад.

Яке аз ин хатарҳо гумроҳ намудани ҷавонон ва ҷалби онҳо ба созмону ҳаракатҳои тундраво, экстремистию террористии манъшуда бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ мебошад, ки ин гурӯҳҳо онро ба тарзи васеъ истифода менамоянд. Фаъолияти ғайриқонунӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ бо истифодабарӣ аз шабакаи интернет бо мақсадҳои содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ истифода бурда мешавад.

Ин гуна ҷиноятҳо ба муқобили давлатҳои гуногун, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо ва шахсони алоҳида равона мегарданд. Кибер қаллобӣ, терроризму экстремизм, паҳн намудани иттилооти бардурӯғ, ҷосусии компютерӣ, дастрасии

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290.

ғайриқонунӣ ба маълумотҳои шахсӣ, таҳдидҳо ба инфрасохторҳои муҳим (нақлиёт, энергетика, алоқа, тибб, сохтмон, бонкҳо, роҳҳои нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан) ва дигар ҷиноятҳо хатари зиёд ба амнияти давлат мебошад. Қисмати зиёди ҷиноятҳое, ки бо истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ содир мегардад, ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва психотропӣ низ вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин шабакаи умумиҷаҳонӣ ба тарзи васеъ барои тарғиботи ақидаҳо ва ҳаракатҳои гуногуни экстремистӣ истифода бурда мешавад.

Дар баробари ин ҷиноятҳое, ки бо истифода аз соҳаи телекоммуникатсия ва иттилооти компютерӣ содир мешаванд, на танҳо барои шаҳрвандон ва ташкилотҳои алоҳида, балки барои амнияти миллии ҳар як давлат дар маҷмӯъ дараҷаи баланди хатар доранд. Ҷинояткорон бо истифода аз Интернет, қодиранд, ки на танҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, содир кунанд, балки инчунин дастрасӣ ба маълумотеро, ки қонунгузории амалкунанда ҳифз шудаанд, ба даст оваранд, ба содир намудани ҷиноятҳои хатарнок дар вақти амалҳои террористӣ аз ҷумла, ҳамлаҳо ба воситаи нақлиёт, амнияти ҳаёт ва амнияти энергетикии тамоми ҷаҳон мусоидат кунанд.

Киберҷиноятҳо аз ҳудуди давлатҳо баромада, тавсифи байнисарҳадӣ доранд. Барои кибер ҷинояткорон сарҳад байни давлатҳо вуҷуд надорад. Мутассифона кибер ҷиноятҳо характери байналмилалӣ доранд. Таҳдидҳои компютерӣ метавонад ба мо аз дигар давлатҳо расонида шавад, на аз дохили ҷумҳурӣ.

Аз ин ҷост, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хатари экстремизм ва терроризм дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ изҳори нигаронӣ намуда, қайд намуданд, ки пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ, барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд[1].

Гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ бо истифода аз шабакаи ҷаҳонии интернет глобалӣ идеология худро бо воситаи браузерҳо ва мессенҷерҳои зуд паҳн менамоянд, ки ин ҳолат низ мушкилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, зеро миллионҳо ҳамватанони мо ҳамарӯза аз онҳо истифода мебаранд ва метавонанд ба доми онҳо ғалтанд.

Аҳамияти масъала аз он вобаста аст, ки дар замони муосир дар ҷаҳони тағйирёбанда масъалаи паҳншавии экстремизм ва терроризм аҳамияти махсус пайдо мекунад. Кишварҳои зиёде аз ин падида ранҷ мебаранд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест.

Дар маҷмуъ, дар 20 соли охир дар саросари ҷаҳон зиёда аз 70 ҳазор амали террористӣ анҷом дода, беш аз 170 ҳазор нафар қурбонии терроризм шудаанд[2]. Дар айни замон гурӯҳҳои эктремистӣ ва террористӣ торафт кӯшиш мекунанд, ки дастовардҳои тамаддун, аз ҷумла, шабакаи иҷтимоиро ба мақсадҳои худ истифода баранд.

Бояд гуфт, ки раванди ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла, рушди технологияи иттилоотӣ, ҷанбаҳои мусбату манфӣ дорад ва интернет низ аз ин истисно нест. Шабакаи байналмилалии интернет айни замон як маҳзани бузургест, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷавононро дар бар гирифтааст. Дар асри гузашта ҳар шахсе, ки мехост маълумотеро

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: www.president.tj/ (санаи муроҷиат: 15.04.2025 с.).

[2] Поляков, В.П. Развитие информационной подготовки в контексте стратегии национальной безопасности Российской Федерации / В. П. Поляков // Наукоград Наука Производство Общество. - М.: Издательский дом «Научная библиотека». - 2016. № 2. - С. 46–51 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://www.elibrary.ru/ (санаи муроҷиат: 11.04.2025 с.).

пайдо намояд, муддати дуру дароз дар китобхонаҳо барои дарёфти ин ё он маълумот ранҷ мекашид, ҳоло бошад дар фосилаи ками вақт аз интернет дарёфт менамояд[1].

Бояд зикр намуд, ки олами маҷозии интернет сарҳади беинтиҳо дошта, рӯз то рӯз бо тавлиди зуҳуроти нав ба нав ва ба вуҷуд овардани проблемаҳои маргбор ва харобиовараш дар муқобили олами воқеӣ ва насли башарият қарор гирифтааст. Аз нуқтаи назари муҳаққиқони ватанӣ Шонасруддинов М. ва Халиқов М.маҷрои пуртуғёни "ҳаётӣ"-и дунёи маҷозии интернетро то кунун ягон давлати мутараққӣ ва пешрафтаи ҷаҳон ба таври бояд ба танзим надаровардааст[2].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 84 % ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ тавассути интернет дохил шуданд; 47 % ба маводе, ки дорои идеология экстремистӣ ва террористӣ мебошанд (видео, матн), ки дар интернет ҷойгир шудаанд, таваҷҷуҳ зоҳир карданд; 41 % ба созмони террористии ДОИШ, дар интернет савганд ёд кард; 19 % дастурҳои маҷозӣ барои омода кардани ҳамлаи террористӣ истифода кардаанд (сохтани асбобҳои тарканда худсохт)[3].

Ба ақидаи Аристархова Т.А. хусусиятҳои асосии ифротгароии замони ҳозира ин истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии муосир мебошад, ки бо воситаи он гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ идеология худро зуд паҳн менамоянд[4].

Тавре мебинем, захираҳои иттилоотии замонавӣ манбаи асосии ҷалби ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба назари мо, паҳн кардани маълумот дар бораи муқовимат ба чунин амалҳо дар худи ҳамон захираҳо мувофиқи мақсад аст.

Хусусиятҳои асосии шабақаҳои иттилоотии муосир, ки ҷинояткорон барои содир намудани ҷиноят истифода мебаранд, инҳоянд:

– дастрасӣ ва осонии истифода барои қариб ҳама истифодабарандагони шабакаҳои иттилоотии муосир;

– имконияти мубодилаи иттилооти мустақим бо шахси мушаххас, новобаста аз ҷойгиршавии ӯ;

– хусусияти байналхалқии мубодилаи иттилоот, ки сарҳадҳои муоширатро амалан аз байн бурдааст, ҳангоми қабули хадамот новобаста аз шаҳрванди ва маҳалли ҷойгиршавии ҳам таҳвилгари хадамот ва ҳам гиранда[5].

Ҷиноятҳое, ки дар интернет содир мешаванд, сол то сол хатарноктар шуда, ҷинояткороне ки онҳоро содир мекунанд, торафт бештар муташаккил шуда фаъолияти онҳо хусусияти байналмиллалӣ касб мекунад. Тадқиқотчиён дуруст қайд мекунанд, ки «кибер ҷинояткорӣ ба пайдоиши як навъи гурӯҳи қаблан номаълум - гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ, ки бо як навъи нави аслиҳа - силоҳи киберӣ, ки барои ҳамла ба шахсони алоҳида ва созмонҳо истифода мешуданд, ба вуҷуд овардааст».[6]

Бояд гуфт ки заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҷорӣ, аз ҷумла асосҳои назариявии фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ имкон медиҳад, ки категорияҳои дар боло зикргар-

---

[1] Сафарзода, Ҳ.С., Насуриён, П.А., Ализода, А.Ш., Самиъзода, Б.С., Аҳёзода, Ш.Т. Асосҳои муқовимат ба экстремизми (ифротгароии) динӣ-мазҳабӣ: монография. – Душанбе, 2022. - С. 85.

[2] Шонасурдинов, М., Халиков, М. Фарҳанги корбурди интернет: воситаи таълимӣ / М. Шонасрудинов, М. Халиқов. - Душанбе: «Паёми ошно», 2021. - С. 55.

[3] Валитова, Е.Р. Угроза распространения идеологии ИГИЛ через виртуальные социальные коммуникации / Е.Р. Валитова. – Обзор НЦПТИ. - 2017. - № 1 (10) // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 11.04.2025 с.).

[4] Аристархова, Т.А. Основные черты и особенности молодежного экстремизма / Т.А. Аристархова // Известия Тульского государственного университета. - 2014. - № 1–2. - С. 34.

[5] Жестеров, П.В. Границы национального суверенитета и преступления в сфере киберпространства / П.В. Жестеров // Правоохранительная деятельность органов внутренних дел в контексте современных научных исследований. – 2018. - № 7. - С. 36-39.

[6] Крупные атаки хакеров в 2001 – 2006 годах / Информационное агентство России ТАСС // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://tass.ru/info/ (санаи муроҷиат: 14 марти с. 2025).

дидаи ҷиноятҳоро дар интернет бомуваффақият муайян намуда, амалҳои ҷиноятиро ҳуҷҷатгузорӣ намоем. Дар баробари ин, тавре таҷриба нишон медиҳад, муқовимат ба ҷиноятҳо, аз қабили терроризм ва ифротгароӣ, аз ҷумла бо истифода аз фазои кибер ҷинояткорӣ, бе истифодаи қувваҳо, воситаҳо ва усулҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ ғайриимкон аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир дар интернет гурӯҳҳои ҷиноӣ, созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ фаъолона ташаккул ёфта истодаанд Дар адабиёт қайд карда мешавад, ки «сохторҳои шабакаҳои террористӣ метавонанд марказҳои муштараки ҳамоҳангсозиро дар берун аз ҳудуди давлате, ки иштирокчиёни асосӣ дар он ҷойгиранд, дошта бошанд, ки ин муайянкунии чунин шабакаҳоро мушкил намуда, хатари ҷамъиятии онҳоро зиёд мекунад».

Сафарзода Ҳ.С. қайд мекунад, ки таҷрибаи судиву тафтишотии солҳои охир нишон медиҳанд, ки ташкилотҳои ифротгароии динӣ-мазҳабӣ ва террористӣ ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо ҷавононро ба ин гурӯҳҳо моил месозанд, балки онҳо аз хориҷи кишвар нишаста, ҷавонони камтаҷриба ва ноогоҳро ба воситаи шабакаҳои иҷтимоии интернет пайдо менамоянд, ба онҳо барои амалҳои экстремистӣ-террористиро дар дохили кишвар содир кардан маблағ равон карда, нақшаҳои мушаххас (ҷои содир кардани ҷиноят, тарзи он ва ғ.) равон месозанд ва барои дастрас намудани воситаҳои тарканда (компонентҳои омода сохтани воситаҳои таркиш) ба онҳо маслиҳат медиҳанд. Маълумоти заруриро вобаста ба омода сохтани воситаи таркиш ба онҳо равон месозанд ё сайтҳои экстремистӣ-террористиро, ки тарзи омода сохтани чунин мавод дар он ҷо маҳфуз аст, ба моилшудагон ошно месозанд.[1]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳҳои асосии мубориза бо экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон дар Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 аз 1 июни соли 2021 муайян карда шудааст. Дар зербанди 8 б. 23 боби 3 стратегияи мазкур самти муайян шудааст доир ба баланд бардоштани самаранокии чораҳои муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию терроистӣ[2].

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки технологияҳои рақамӣ як ҷузъи ҷудонашаванда ҳаёти муосир мебошад. Тавре, ки таҳлилҳо нишон медиҳад рақамисозӣ ба азоёни гуруҳҳои экстремистӣ ва террористӣ барои ҷалб кардан ва омӯзонидани аъзои нав дар фазои интернет имконият фароҳам меорад. Бинобар ин, кори самарабахши мубориза бо киберҷиноят танҳо дар сурати ба назар гирифтани хусусияти ин навъи ҷиноят: истифодаи технологияҳои махсус имконпазир аст.

Аз ин лиҳоз, барои пурсамар тафтиш ва кушодани чунин ҷиноятҳо кормандони воҳидҳои оперативӣ ва тафтишоти бояд дониши мувофиқ дошта бошад, агар дар сатҳи ҳакерҳо ва крикерҳо набошад ҳам, ҳадди ақал дар сатҳи мутахассис бошад. Дар акси ҳол, на танҳо ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ё амалҳои тафтишотӣ, аз қабили тафтиш ва мусодира, балки дар таъйини экспертиза ва додани саволҳои дуруст ба коршиносон низ ногузир душвориҳо ба миён меоянд. Бо мақсади бехтар намудани тайёрии мутахассисон тавсия кардан мумкин аст, ки шумораи курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ махсусан дар соҳаи иттилооти компютерӣ зиёд карда шавад.

[1] Сафарзода, Ҳ.С., Насуриён, П.А., Ализода, А.Ш., Самиъзода, Б.С., Аҳёзода, Ш.Т. Асосҳои муқовимат ба экстремизми (ифротгароии) динӣ-мазҳабӣ: монография. – Душанбе, 2022. - С. 86.

[2] Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 аз 1 июни с. 2021, №187 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://docs.yandex.ru/docs (санаи муроҷиат: 14 марти с. 2025).

УДК 343.8

# ИНСТИТУТ ПРОБАЦИИ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА СОХРАНЕНИЕ СЕМЬИ*

**АБДУРАШИДЗОДА А.А.**
ученый секретарь Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции
E-mail: abdurahsidow@mail.ru

**ЗАРОБИДИНЗОДА С.З.**
начальник кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, подполковник милиции
E-mail: muzafarovsz@mail.ru

Как известно, сохранение, восстановление и укрепление социально полезных связей лиц, отбывающих или отбывших наказание, является одним из важных направлений деятельности, осуществляемой учреждениями уголовно-исполнительной системы. Указание на необходимость восстановления и укрепления связей осужденных с членами семьи, родственниками, другими лицами, положительным образом влияющими на них, содержатся в актах международного права и нормах законодательства Республики Таджикистан. Так, пункт 79 Минимальных стандартных правил обращения с заключенными указывает, что «особое внимание следует уделять поддержанию и укреплению связей между заключенным и его семьей, которые представляются желательными и служат интересам обеих сторон». Пункт 80 данных правил устанавливает, что «с самого начала отбывания срока заключения следует думать о будущем, которое ждет заключенного после его освобождения. Поэтому ему следует помогать поддерживать и укреплять связи с лицами или учреждениями, находящимися за стенами заведения, которые способны защищать интересы его семьи и способствовать его включению в жизнь общества после освобождения»[1].

Однако Кодекс исполнения уголовных наказаний Республики Таджикистан (далее – КИУН РТ) не содержит специального нормативного указания на необходимость проведения мероприятий по восстановлению и укреплению социальных связей лиц, отбывающих либо отбывших наказание. Однако некоторые его нормы обязывают администрацию учреждений, исполняющих наказания, содействовать поддержанию социальных связей осужденного: получать информацию о родственниках осужденного, уведомлять их о прибытии осужденного в исправительное учреждение, предоставлять осужденному возможность поддерживать связи с родственниками путем свиданий (ст. 77, 91), посылок, передач, бандеролей (ст. 93), переписки (ст. 95), телефонных переговоров (ст. 92)[2].

Стратегия реформирования системы исполнения уголовных наказаний Республики Таджикистан на период до 2030 года указывает в качестве одной из проблем – отсутствие адап-

---

* Статья подготовлена в рамках реализации научно-исследовательской темы «Совершенствование административно-правовой и уголовно-правовой деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан по предотвращению насилия в семье (2023-2028 гг.)», которая финансируется за счет государственного бюджета Республики Таджикистан. Регистрационный номер: 0121TJ1291.

[1] Минимальные стандартные правила обращения с заключенными приняты на первом Конгрессе ООН по предупреждению преступности и обращению с правонарушителями, состоявшемся в Женеве в 1955 году. Одобрены Экономическим и Социальным советом в его резолюциях 663 С (XXIV) от 31 июля 1957 г. и 20756 (LXII) от 13 мая 1977 г. // [Электронный ресурс] - Режим ввода: http//un.org/ru (дата обращения: 21.03.2025).

[2] Кодекс исполнения уголовных наказаний Республики Таджикистан от 06 августа 2001 года, № 32 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 18.03.2022// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2001 год, №7, ст. 505.

тированности лиц, освободившихся из исправительных учреждений к жизни в гражданском обществе, утрату ими социальных связей и, как следствие, рост повторной преступности. Связь рецидивной преступности и утраты (ослабления) социальных связей неоднократно отмечалась различными исследователями как на постсоветском, так и за рубежом[1]. Важнейшей мерой в целях решения данной проблемы является создание и развитие системы пробации в Республике Таджикистан.

Правительство Таджикистана ведет масштабную реформу пенитенциарной системы. В пункте 39 Стратегии реформирования системы исполнения уголовных наказаний Республики Таджикистан на период до 2030 года предусмотрено создание службы пробации в Таджикистане (утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 25 июня 2020 г., № 385).

Действует Государственная программа противодействия преступности в Республике Таджикистан на 2021-2030 годы (утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021, г. № 265), в которой указывается, что в современных условиях от государственных структур, в том числе от правоохранительных органов требуется не только сосредоточение всех усилий и возможностей в борьбе с преступностью, но и совершенствование структуры и деятельности правоохранительных органов, обеспечение системного и комплексного подхода к предупреждению преступности и поиска новых и нетрадиционных форм и методов воздействия на преступность.

Разработан проект Постановления Правительства Республики Таджикистан «О Концепции развития пробации в Республике Таджикистан», который состоит из 8 глав (Общие положения; Предпосылки и необходимость принятия Концепции развития пробации в Республике Таджикистан; Международные обязательства и стандарты в сфере совершенствования уголовно-исполнительной системы Республики Таджикистан; Цели и задачи Концепции; Основные направления Концепции; Механизм реализации и финансирования Концепции; Результаты реализации Концепции и Мониторинг эффективности реализации Концепции) и 63 пунктов[2].

В настоящее время на основании выполнения поручений Руководителя Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан создана рабочая группа по разработке нормативных правовых актов в сфере пробации. Отрадно отметить, что состав рабочей группы заметно усилен различными специалистами соответствующих ведомств и учреждений[3].

В проекте закона Республики Таджикистан «О пробации» отмечается, что целями пробации являются коррекция социального поведения, ресоциализация, социальная адаптация и социальная реабилитация лиц, в отношении которых применяется пробация, предупреждение совершения ими новых преступлений.

В проекте закона выделяется три вида пробации:

– пенитенциарная (по отношению к осужденным, отбывающим наказание в виде лишения свободы);

– исполнительная (при исполнении наказаний, не связанных с изоляцией осужденных от общества (за исключением осужденных к штрафу, назначенному в качестве основного наказания), и иных мер уголовно-правового характера;

[1] Борсученко, С.А. Ресоциализация и социальная адаптация осужденных к лишению свободы: понятие, содержание, правовое регулирование / С.А. Борсученко // Юридический вестник Самарского университета. – 2018. – Т. 1. – № 2. – С. 74-79.

[2] Проект Концепции развития пробации в Республике Таджикистан. Правовой анализ «Изучения возможностей внедрения института пробации и развития альтернативных мер уголовного наказания, не связанных с лишением свободы, в Республике Таджикистан». Социально-экономический анализ Изучения возможностей внедрения института пробации и развития альтернативных мер уголовного наказания, не связанных с лишением свободы, в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2020. – 108 с.

[3] Распоряжение Министерства юстиции Республики Таджикистан «О создании рабочей группы по разработке нормативных правовых актов в сфере пробации» от 15 июня 2023 г., № 46.

– постпенитенциарная (по отношению к лицам, освободившимся из учреждений, исполняющих наказания в виде лишения свободы).

Пенитенциарная пробация применяется ко всем осужденным, отбывающим наказание в виде лишения свободы, исполнительная и постпенитенциарная – по отношению только к тем лицам, которые были признаны находящимися в трудной жизненной ситуации: обстоятельствах, которые ухудшают условия жизнедеятельности данных лиц и последствия, которые они не могут преодолеть самостоятельно. При этом меры исполнительной и постпенитенциарной пробации могут применяться лишь при наличии обращения лица (его законного представителя) в инспекцию исправительных дел.

Представляется важным проанализировать такое направление пробации, как социальная реабилитация осужденных и лиц, освободившихся из исправительных учреждений. Так, согласно проекту закона «О пробации», социальная реабилитация – это комплекс мероприятий по восстановлению утраченных социальных связей и функций лицами, в отношении которых применяется пробация. При этом, под социальными связями в широком смысле в социологии понимают совокупность осознанных и неосознанных, необходимых и случайных, устойчивых и спонтанных зависимостей одних социальных субъектов от других[1].

Исходя из характера влияния на развитие и деятельность личности осужденного в обществе, социальные связи осужденного можно подразделить на положительные (социально полезные), социально нейтральные и отрицательные (социально негативные)[2].

Социально полезные связи осужденных (так, как они определяются в педагогической и социологической литературе) – это урегулированные социальными нормами многообразные связи между осужденным и различными субъектами либо социальными группами, занимающими определенное положение в обществе, имеющими различный статус и выполняющими различные социальные функции, возникающие в результате целенаправленной организации мероприятий по включению осужденного в различные сферы и процессы общественной жизни, по усвоению новых норм, ценностей, приобретению социально значимых навыков и моделей поведения в период отбывания наказания и после освобождения[3].

Социально полезные связи появляются и совершенствуются в процессе общественно полезной деятельности, способствуют формированию социально полезных навыков, повышению социального статуса, усвоению и соблюдению социально одобряемых норм поведения. В первую очередь, это связи с членами семьи, другими родственниками и иными лицами, с которыми у осужденного сложились близкие отношения и которые оказывают положительное влияние на его поведение (опекуны, попечители, приемные родители, лицо, находившееся с осужденным в фактических брачных отношениях или с которым осужденный намерен вступить в брак). Именно семья дает человеку первичные навыки социального поведения, оказывает ему поддержку на протяжении всей жизни, что предопределяет его поведение, в том числе способствует ресоциализации после отбытия наказания[4]. По данным исследования, проведенного НИИ ФСИН России в 2021 г., 76,2 % осужденных считают, что влияние на них родственников носит положительный характер. Непосредственное и опосредованное общение с родственниками оказывает положительное влияние на поведение по

---

[1] Социология: энциклопедия / сост. А. А. Грицанов и др. – Минск, 2003. – 1312 с.

[2] Бабаян, С.Л., Устинов, А.А. Оказание содействия в восстановлении и укреплении социальных связей лицам, в отношении которых применяется пробация: правовые и организационные вопросы / С.Л. Бабаян, А.А. Устинов // Пенитенциарная наука. – 2024. – Т. 18. – № 3 (67). – С. 279, 288.

[3] Барышева, А.В. Сохранение и развитие социально полезных связей осужденных как задача педагогической деятельности исправительного учреждения / А.В. Барышева // Проблемы современного педагогического образования. – 2021. – № 73 (2). – С. 32-35.

[4] Шпилев, Д.А., Еремеева, А.А. Социальные связи осужденных (на примере Нижегородской и Вологодской областей) / Д.А. Шпилев, А.А. Шпилев // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2021. – № 4 (56). – С. 139-146.

мнению 85,3 % опрошенных[1]. Уровень повторной преступности у лиц, освободившихся от наказания и поддерживающих социальные связи с членами семьи и родственниками, существенно ниже, чем у тех, у кого данные связи утрачены, что справедливо как для Таджикистана, так и для зарубежных стран[2]. Также к социально полезным относятся связи по месту работы, учебы, в другом коллективе или неформальной группе, придерживающейся положительных социальных ценностей и норм поведения (спортивная секция, общественное объединение, религиозная организация и т. п.).

Социально нейтральные связи явным образом не способствуют ресоциализации и социальной адаптации осужденного, но и не носят негативного характера. Как правило, это спонтанно возникающие, кратковременные социальные связи с теми или иными лицами для удовлетворения конкретных личных потребностей, общения, проведения досуга и т. п.

Социально негативные связи обусловлены совместным противоправным, антисоциальным или асоциальным поведением, под их влиянием индивид усваивает ценности, нормы, модели и навыки поведения, противоречащие интересам общества, общепринятым нормам социального взаимодействия.

Социально полезные связи осужденных должны отвечать следующим требованиям:

– быть разнообразными (семейные, родственные, образовательные, трудовые и т. д.);

– регулироваться социальными нормами, то есть опираться на устоявшиеся традиции, обычаи коммуникации;

– основываться на социально значимых навыках и присвоении новых норм для включения осужденного или освобождающегося от наказания во все необходимые для полноценной жизни сферы.

Субъектами социально полезных связей могут быть лица различных категорий:

– члены семьи, другие родственники и близкие лица;

– друзья, одноклассники, лица, знакомые по работе и другим совместным занятиям;

– представители учреждений различной ведомственной подчиненности и сами эти учреждения;

– представители общественных организаций различной направленности (в том числе правозащитные и реализующие гуманитарные проекты в области ресоциализации отбывающих наказание и освободившихся) и сами эти организации;

– религиозные деятели;

– представители бизнес-структур и производственных предприятий;

– мастера своего дела, способные привлечь внимание осужденных к тем или иным сферам деятельности (спорту, искусству и т. д.);

– известные персоны и др.

Отбывание наказания в виде лишения свободы или принудительных работ может способствовать ослаблению или утрате социально полезных связей, трудовых навыков осужденного, может повлечь значительные трудности в адаптации к жизни после освобождения, в том числе трудоустройстве, владении современными технологиями коммуникаций, электронными средствами в области финансов, получения услуг и т.п.[3]. Это обусловлено нахождением осужденного в учреждении уголовно- исполнительной системы в течение достаточно длительного срока, его стигматизацией, вследствие чего члены семьи, родственники, друзья нередко прекращают с ним общение или осуществляют его эпизодически и формально. Нередко к прекращению связей с родственниками, иными лицами, оказывавшими положитель-

---

[1] Организация психологической работы с родственниками осужденных, способными оказать на них позитивное воздействие: методические рекомендации / Э. В. Зауторова и др. – М., 2022. – 18 с.

[2] Терешенко, Е.Г. Проблема понятия и эффективности социально полезной связи осужденного / Е.Г. Терешенко // Уголовно-исполнительное право. – 2023. – Т. 18 (1-4). – С. 242-251.

[3] Голодов, П.В. Пробация в Российской Федерации: некоторые проблемы содержания и правовой регламентации / П.В. Голодов // Пенитенциарная наука. – 2022. – Т. 16. – № 2 (58). – С. 194-203.

ное влияние, приводит поведение самого осужденного – совершение им преступлений в отношении указанных лиц, пьянство, употребление наркотиков, частая и безосновательная перемена места жительства, паразитический образ жизни до осуждения, семейные и родственные конфликты, нежелание сохранять связь с близкими или поддержание ее исключительно для получения выгоды.

Наказания, не связанные с изоляцией от общества, чаще всего не приводят к утрате или ощутимому ослаблению социально полезных связей осужденного с членами семьи, родственниками, иными лицами из его социальной микросреды. Однако и здесь возможны случаи ослабления или разрушения семейных и социальных связей в связи с тяжелыми жизненными условиями или асоциальным поведением осужденного.

При отбывании наказания, связанного с направлением осужденного в исправительное учреждение, вместе с утратой или ослаблением социально полезных связей у него во многих случаях возникают социальные связи негативного характера. Это обусловлено усвоением им норм криминальной субкультуры, «обменом опытом» между осужденными по способам совершения и сокрытия преступлений, стремлением найти признание и поддержку в антисоциальной среде не только во время нахождения в исправительном учреждении, но и после освобождения[1].

Профилактика возникновения, ослабление и разрыв имеющихся социально негативных связей осужденного связаны, прежде всего, с восстановлением и укреплением его социально полезных связей, что и является одной из основных целей пенитенциарной, исполнительной и постпенитенциарной пробации.

Под «восстановлением» следует понимать возобновление ранее имевшихся, но по той или иной причине прекратившихся социально полезных связей осужденного. К мерам по их восстановлению относятся содействие осужденному в розыске родственников или иных лиц, оказывающих на него положительное влияние, сообщение осужденному и разысканным лицам сведений о местонахождении, иной информации для установления связи между ними, убеждение осужденного, а также его родственников и иных лиц восстановить прекратившуюся связь.

Укрепление социально полезных связей – это деятельность по предупреждению ослабления или прекращения имеющихся и поддерживаемых социальных связей осужденного. Прежде всего, это предусмотренное законодательством исполнения уголовных наказаний предоставление возможности и создание условий для поддержания социально полезных связей с семьей, родственниками, иными лицами в период отбывания наказания в виде лишения свободы и ограничения свободы (переписка, телефонные переговоры, получение посылок и бандеролей, краткосрочные и длительные свидания, предоставление права выезда за пределы исправительного центра, возможность проживания за пределами исправительного центра для осужденных к ограничению свободы и т. д.).

Также к мерам по укреплению социально полезных связей относятся меры, осуществляемые в рамках воспитательной работы с осужденными:

– убеждение осужденного и лиц, с которыми он имеет социальную связь, в желательности и целесообразности ее взаимной поддержки, в ценности семейных, родственных и иных социально полезных связей;
– психологическая диагностика и коррекция поведения осужденного с целью ослабления или устранения личностных качеств, препятствующих полноценным социальным связям (склонность к насилию, корысть, эгоизм и т.д.);
– развитие положительных личностных качеств;

---

[1] Шпилев, Д.А., Еремеева, А.А. Социальные связи осужденных (на примере Нижегородской и Вологодской областей) / Д.А. Шпилев, А.А. Еремеева // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2021. – № 4 (56). – С. 139-146.

– меры психологического и медицинского характера по противодействию алкоголизму, наркомании, иным формам патологических зависимостей.

Важное значение для укрепления социально полезных связей осужденного имеет создание условий для совместного с родственниками и иными лицами проведения культурно-массовых, досуговых мероприятий, для совместной общественно полезной деятельности[1].

Укреплению социально полезных связей осужденных и лиц, отбывших наказание, способствует также духовно-нравственное воспитание, в том числе в рамках реализации осужденными права на свободу совести и вероисповедания. Все традиционные религии подчеркивают ценность семьи и брака, важность совместного воспитания детей, поддержки престарелых родственников, негативно относятся к супружеской неверности и расторжению брака, разрыву семейных и родственных связей.

Как показывает практика, положительное значение имеет привлечение представителей традиционных конфессий к индивидуальным и групповым беседам с осужденными о важности сохранения семейных и родственных связей, проповедь на данную тему во время богослужения, проведение таинства венчания или аналогичного ему обряда с осужденными, вступающими или ранее вступившими в брак.

Согласно проекту закона Республики Таджикистан «О пробации», субъекты пробационной деятельности можно разделить на обязательные, участие которых предусмотрено законом в виде обязывающей нормы, и факультативные, которые не обязаны, но вправе участвовать или могут привлекаться к осуществлению мероприятий в сфере пробации.

К обязательным субъектам пробации относятся:

– исполнительный орган государственной власти;
– органы исполнения уголовного наказания;
– органы труда и занятости населения;
– органы здравоохранения и социальной защиты населения;
– другие государственные органы в пределах их компетенции.

Факультативными субъектами пробации являются:

– органы местного самоуправления;
– коммерческие и некоммерческие, в том числе религиозные;
– социально ориентированные некоммерческие организации;
– организации и общественные объединения;
– не государственные (коммерческие и некоммерческие) организации социального обслуживания, предоставляющие социальные услуги;
– организации, осуществляющие образовательную деятельность, научные, медицинские организации; индивидуальные предприниматели;
– общественные наблюдательные комиссии; граждане.

Правовым основанием деятельности факультативных субъектов пробации, помимо законодательных и подзаконных актов, являются соглашения, заключенные между данными субъектами и территориальными органами или учреждениями уголовно-исполнительной системы.

Непосредственное исполнение мероприятий в сфере пробации осуществляется учреждениями ГУИУН Республики Таджикистан. Для пенитенциарной пробации это – учреждения, исполняющие наказания в виде лишения свободы или ограничения свободы, для исполнительной и постпенитенциарной пробации – инспекции по исправительным делам.

Одним из способов восстановления утраченных социальных и семейных связей лица, в отношении которого применяется пробация, является розыск (по заявлению осужденного)

[1] Бабаян, С.Л. К вопросу о постпенитенциарной ресоциализации / С.Л. Бабаян // Пенитенциарная наука. – 2016. – № 4 (36). – С. 13-19.

родственников осужденного или освободившегося из учреждения, исполняющего наказание, а также иных лиц, оказывающих на него положительное влияние.

Согласно все тому же проекту закона Республики Таджикистан «О пробации», обязанность содействия осужденным в розыске родственников и иных лиц возлагается на учреждения, исполняющие наказание в виде лишения свободы. При осуществлении исполнительной и постпенитенциарной пробации также предусмотрены содействие осужденным и лицам, отбывшим наказание, в восстановлении социальных связей, социальная реабилитация указанных лиц, при этом обязанность осуществления данных мер возлагается на инспекции по исправительным делам. В результате проведенных мероприятий устанавливается фактическое место проживания или пребывания лиц, с которыми осужденный желает восстановить общение. Данные сообщаются осужденному либо освободившемуся из пенитенциарного учреждения.

Установление местонахождения родственников и иных лиц осуществляется посредством направления учреждениями, исполняющими наказание в виде лишения свободы или ограничения свободы, а также инспекциями исправительных работ запросов в органы записи актов гражданского состояния, адресно-справочные бюро и иные органы и учреждения.

В комплексе мероприятий по восстановлению утраченных социальных связей и функций лицами, в отношении которых применяется пробация, важную роль играет содействие в трудоустройстве, а также получении общего, среднего профессионального образования, прохождении профессионального обучения.

Проект закона предусматривает привлечение к работе по восстановлению и укреплению семейных и социальных связей общественных объединений и религиозных организаций, добровольцев (волонтеров), родственников осужденных и иных лиц, имеющих положительное влияние на поведение осужденных.

Ст. 28 КИУН РТ предусматривает содействие общественных объединений и иных представителей гражданского общества работе учреждений и органов, исполняющих наказания, исправлению осужденных, их ресоциализации, социальной реабилитации и адаптации.

При этом конкретные формы и порядок взаимодействия органов и учреждений уголовно-исполнительной системы с общественными объединениями и религиозными организациями, добровольцами (волонтерами), родственниками лиц, в отношении которых применяется исполнительная или постпенитенциарная пробация, и иными лицами, имеющими положительное влияние на поведение лиц, в отношении которых применяется пробация, в части содействия восстановлению и укреплению их социальных связей в настоящее время в достаточной степени не разработаны.

При осуществлении мероприятий по укреплению имеющихся социальных связей лиц, в отношении которых применяется пробация, могут быть использованы также возможности общественных организаций. Для этого целесообразно организовывать проведение мероприятий с участием представителей общественных организаций, добровольцев (волонтеров) спортивных и культурно-массовых объединений с привлечением лиц, к которым применяется пробация, членов их семей, родственников и иных лиц; информационную и просветительскую работу в целях разъяснения способов восстановления и укрепления социально полезных связей; мероприятия по профилактике алкоголизма, наркомании, иных форм зависимого поведения и т.д.

Осужденные к наказаниям и иным мерам уголовно-правового характера, не связанным с изоляцией от общества, а также лица, освободившиеся из учреждений уголовно-исполнительной системы, сами могут участвовать в добровольческой (волонтерской) деятельности. Как показывает практика, это способствует формированию полезных трудовых и социальных навыков у данных лиц, препятствует их антисоциальному времяпровождению, содействует укреплению имеющихся и возникновению новых социально полезных связей. Встречаются случаи, когда указанные лица занимаются волонтерской деятельностью сов-

местно с членами семьи или другими родственниками, что способствует укреплению их социальных связей[1].

При заключении соглашений с добровольческими (волонтерскими) организациями целесообразно указывать конкретные формы взаимодействия по вопросам пробации, сроки (периодичность) мероприятий, а также лиц, ответственных за их проведение.

Представители религиозных организаций принимают участие в воспитательной работе, в том числе по вопросам восстановления и укрепления семейных связей, разъясняя важность и ценность их сохранения и поддержания.

Подводя итог, следует отметить, что деятельность по восстановлению и укреплению социальных связей лиц, по отношению к которым применяется пробация, должна осуществляться субъектами пробации на основе сочетания принципов законности, разграничения компетенции и межведомственного взаимодействия. Деятельность по содействию лицам, нуждающимся в восстановлении социальных связей, в розыске родственников и иных лиц должна осуществляться в строгом соответствии с законодательством РТ «О персональных данных», что предполагает необходимость получения субъектами пробации согласия субъектов персональных данных на их получение (сбор) и передачу другим лицам.

Правовой основой взаимодействия органов и учреждений уголовно-исполнительной системы с другими субъектами пробации являются соглашения, в которых целесообразно предусматривать формы и направления деятельности в данной области, в том числе по восстановлению и укреплению социальных связей, конкретные действия субъектов пробации во исполнение указанных направлений деятельности и сроки их осуществления.

**ТДУ 343.326**

## СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУҚОВИМАТ БА ТЕРРОРИЗМ

**АЗИМЗОДА Ш.Ҷ.**
сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия
E-mail: sazimzoda@mail.ru

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори кишварҳои дигар, таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризмро ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ эҳсос менамояд ва дар ин робита чораҳои ниҳодӣ, фарогир ва маҷмуаи пешгирӣ, ошкор, рафъ ва қатъ намудани зуҳуроти экстремизм ва терроризмро амалӣ менамояд.

Афзоиши пайвастаи ташкилот ва гуруҳҳои террористӣ дар ҷаҳони муосир, яке аз омилҳои муташанниҷ гаштани вазъи сиёсию иҷтимои замони имрӯза гаштааст, ки ин хеле ташвишовар аст. Дигаргуниҳои калони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки Тоҷикистон дар солхои 90-уми асри гузашта рӯ ба рӯ шуд, кишвари моро ба душвориҳои сангин дучор сохта, боиси сар задани ҷангҳои дохилию таҳмилии солҳои 1992-1997, гардид, ки дар натиҷа ҳаёти зиёда аз 150 ҳазор шаҳрванд бесару сомон шуда, оқибатҳои он ҳоло ҳам эҳсос мешавад ва хотираҳои мардумро хеле ранҷ медиҳад[2].

[1] Бабаян, С.Л., Устинов, А.А. Оказание содействия в восстановлении и укреплении социальных связей лицам, в отношении которых применяется пробация: правовые и организационные вопросы / С.Л. Бабаян, А.А. Устинов // Пенитенциарная наука. – 2024. – Т. 18. – № 3 (67). – С. 279, 288.
[2] Номаи Донишгоҳ: таърих илм ва техника. – 2016. - №1(46). - С. 50.

Боиси қайд аст, ки воситаҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ мубориза бар зидди терроризмро бевосита дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] (минбаъд – КҶ ҶТ) ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм»[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстримизм»[3] пешбинӣ гардидааст, ки чун як сиёсати ҳуқуқӣ бар зидди терроризм дар кишварамон амал мекунад.

Дар асоси ин воситаҳо вобаста аз рӯйи содиршавии кирдори ҷиноятӣ, яъне "терроризм" дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст, ки сиёсати худро бо ин восита ва аз рӯйи қонун дар амал татбиқ намудааст.

Терроризм чун ҷиноят кирдорест, ки амнияти доираи номуайяни ашхосро таҳти хатар гузошта, боиси тарсу ҳароси аҳолӣ ё гурӯҳи алоҳидаи он гардида, вазъи ҷамъиятиро дар нуқтаҳои алоҳидаи аҳолинишин ноором мегардонад.

Инчунин барои решакан намудани чунин кирдорҳои номатлуб яъне ҷиноятҳои террористи аз 1-уми июни соли 2021 "Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" ва Нақшаи амал оид ба амалисозии Стратегияи мазкур таҳия ва тасдиқ карда шудааст.

Таъмини иҷрои талаботи "Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҳама гуна зуҳуроти номатлуби экстремистиву террористӣ, бахусус ошкор ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани пайравони он, таъмини амнияти давлат, тафтишу таҳқиқ ва пешбурди чорабиниҳои маҷмӯии оперативӣ ҷустуҷӯӣ ба зиммаи ҳамаи субъектони бо экстремизм ва терроризм муборизабаранда ва дар он иштироккунанда вогузор карда шудааст[4].

Терроризм дар замони ҳозира яке аз ҷиноятҳои аз ҳама хатарнок буда, ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти байналмиллалӣ эътироф мешавад.

Ҳаракатҳои террористӣ гуногун буда, онҳоро асосан ду унсури умумӣ ба ҳам муттаҳид менамояд: аввалан, онҳо барои халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, суст намудани ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд, дигар он, ки ин ҳаракатҳо дар аҳолӣ ҳиссёти тарс, оҷизиро ба вуҷуд меоваранд.

Терроризм ба гурӯҳи ҷиноятҳои бисёробъекта мансуб мебошад, зеро он ба паҳлуҳои гуногуни муносибатҳои ба қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда, ба монанди: амният дар соҳаҳои муайян, оромии шаҳрвандон, фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимиятӣ ва идоракунӣ, ҳаёт ва саломатии аҳолӣ, моликият таҷовуз меоварад.

Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки дар ҳар як ҳолати мушаххас барои эътироф намудани терроризм ҷой доштани таҷовуз ба яке аз объектҳои қайдшуда кифоя мебошад. Новобаста аз ин дар асоси гуфтаҳои боло ба кирдорҳои хусусияти экстримистӣ террористӣ меъёрҳои дахлдори КҶ ҶТ сиёсати ҳуқуқии худро ба роҳмонда ҷавобгарии ҷиноятиро пешбини намудааст.

Агар терроризм ба ҳаёт ва саломатии одамон таҷовуз оварад, ҷиноят ба муқобили шумораи номуайяни одамон равонашуда дониста мешавад. Бо ин амал терроризм аз акти террористӣ (м. 310 КҶ), дар сурати ҷой доштани таҷовуз ба ҳаёти ходими давлатӣ ё ҷаъмиятӣ, аз одамкушии бо тарзи ба ҳаёти мардуми зиёд хавфнок, яъне, ба тарзи

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; Қ ҶТ аз 07.08.2020, № 1717.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23-юми декабри с. 2021, № 1808.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 02-юми январи с. 2020, № 1655 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020, №1, мод. 2.

[4] Ниг.: Замимаи 1 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни с. 2021, №187 тасдиқ шуд.

таркиш, сӯхтор ва ғаёра ва вақте, ки ин таҷовуз нисбати ҳаёти шахси муайян равона шудааст, фарқ мекунад.

Таҳдиди содир намудани акти террористӣ новобаста аз имконияти иҷро намудани он аз ҷониби ҷинояткор, агар он таҳдид дар ҳолати содир шуданаш хавфнокиро барои ҳокимият ва одамон дошта бошад бо моддаи 179 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгар кашида мешавад[1]. Таҳдид метавонад ошкоро ва ё пинҳонӣ бошад. Он метавонад ба мақомти ҳокимияти давлатӣ ва ё чаъмиятӣ нигаронида шуда бошад.

Терроризм мумкин аст бо тарзҳои гуногун содир шавад: бо истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахсият ё гурӯҳи ашхос, нест ё вайрон кардани амвол бо тариқи оташ задан, тарконидан, ғарқ кардан, садама, истифодаи ҳаргуна механизмҳо, расонидани чунин оқибатҳои нишон додашуда ва дигар оқибатҳои вазнин ё таҳдиди расонидани чунин оқибатхои бо ёрии воситаҳои кимиёвӣ, биологӣ, элетромагнитӣ, радиоактивӣ, инчунин таъсири рӯҳӣ, табиӣ ё экологӣ.

Аз ин лиҳоз дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбини шудааст, ки дар диспозитсияи терроризм ба сифати алоҳида пешбинӣ намудани тарзи содиршавии ҷиноят (таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташишон) зарурат надорад, зеро тарзи содир намудани ҷиноятро дар он сурат алоҳида нишон додан ба мақсад мувофиқ аст, ки агар он воситаи ҷудо намудани як таркиби ҷиноят аз дигар бошад, ё аломати вазнинкунандаи таркиби ҷиноятро пешбинӣ намояд.

Тарсонидани аҳолӣ мисли ҳама гуна амалҳои бо ин монанд дар ҷиноятҳои майли террористӣ дошта мақсади худи онҳо набуда, балки воситаи ба мақсад ноил шудан мебошад, ки тавассути он шахси дахлдор ба манфиатҳои гунаҳкор барои қабул кардан ё накардани ин ва ё он қарор моил карда мешавад[2].

Сабаби содиркунии терроризм барои муайян кардани ҷиноят аҳаммият надошта, вале ҳангоми таъини ҷазо ба инобат гирифта мешавад[3]. Манфиатҳои сиёсӣ ё иқтисодӣ, қасос гирифтан аз давлат ё мақомоти алоҳидаи он, кушиши озод намудани шахс аз ҳабс, хусуматҳои миллӣ ё нажодӣ ба сифати сабаби ҷиноят баромад мекунанд.

Сиёсати ягонаи ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равияҳои ягонаи замонавии инкишофи ҷомеа асос ёфта дар натиҷаи таҷриба ва асосноккунии илмӣ дар ин самт зарур мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд кардан зарур аст ки сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ муқовимат ба терроризм ва кирдорҳои номатлуби характери террористидошта мустаҳкам гардидааст. Қобили қайд аст, ки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам доир ба пурзур намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои хусусияти экстримистӣ ва террористӣ ба назар гирифта шавад.

[1] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: «Глобус», 2006. – С. 334.

[2] Лопашенко, Н.А. Уголовная политика / Н.А. Лопашенко. – М.: Волтерс Клувер, 2009. – С. 370.

[3] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оиди ҷавобгарӣ барои терроризм» аз 02-юми октябри с. 2003. № 18

ТДУ 343.98

# ТЕХНИКАИ КРИМИНАЛИСТӢ ВА МЕТОДИ ИСТИФОДАБАРӢ БАРОИ ОШКОР НАМУДАНИ ҶИОНОЯТҲО

**Азимзода Ш.Ҷ.**
сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия
sazimzoda@mail.ru

**Зарифзода Б.М.**
омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия
zarifzodabahrom@mail.ru

Яке аз омилҳои самаранокии тафтишоти пешакӣ ин дуруст интихоб ва истифода бурдани воситаҳои илмӣ-техникӣ ба ҳисоб меравад. Дар раванди тафтишот воситаҳои техникӣ асосан дар мавридҳои гузаронидани амалҳои тафтишотӣ истифода мешаванд. Истифодаи воситаҳои илмӣ-техникӣ дар мавриди гузаронидани амалҳои тафтишотӣ таъсири муайян расонида барои самаранокии онҳо шароит муҳайё мекунад. Аввалин маротиба солҳои 90 асри гузашта аввалин - воситаи аксбардорӣ дар амалҳои тафтишотӣ аз тарафи Алфонс Бертелен истифода шудааст. Айнан ҳамин шахс минбаъд усулҳои аксбардориро кор карда ба таҷриба ворид намуд.

Имрӯзҳо воситаҳои гуногуни техникӣ ва барои онҳо усулҳои тактикии истифодабарӣ кор карда баромада шуда ба таҷрибаи тафтишотӣ ворид гашта истодаанд.

Тактикаи истифодаи сабти овоз, ки дар чорчӯбаи талаботҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад, натиҷаи ҷамъбасти таҷрибаи муайяни истифодаи сабти овоз дар таҷриба ба ҳисоб рафта бо усул ва имкониятҳои техникии раванди сабти овоз муқаррар карда мешавад.

Таҳлили таҷрибаи тафтишотӣ имконият медиҳад, ки чунин хулоса барорем: истифодаи сабти овоз бисёртар барои қайду мустаҳкам намудани нишондоди шахсоне, ки вазъи саломатиашон вазнин аст зарур мебошад, (ҷабрдидагони садами роҳу - нақлиётӣ; шахсоне, ки дар натиҷаи ҳуҷум захмӣ шудаанд; ҷабрдидагони сӯхтор ва ғайра). Шумораи лентаҳои зикршудаи навиштагирии овоз на он қадар калон аст, зеро ин гуна ҷабрдидагон хело кам вомехӯранд.

Истифодаи сабти овоз барои қайду мустаҳкамкунии нишондоди шахсоне, ки бо сабабҳои гуногун ба мурофиаи судӣ иштирок дошта наметавонанд низ аҳамият дорад. Масъалан, то саршавии пурсиш муффатиш хабардор мешавад, ки шоҳид бояд ба сафари хизматии дуру дароз ба хориҷа раҳсипор шавад. Дар таҷриба сабти овоз бисёртар дар мавридҳои пурсиши шоҳидоне, ки ба суд ҳозиршавиашон мушкилтар аст, истифода мешавад. Дар ин ҳолатҳо ба амал баровардани сабти овоз имконият медиҳад, ки дар оянда суд натанҳо нишондоди шоҳидро мехонад, балки боз фонограммаи онро метавонад гӯш кунад.

Дар мавриди пурсиши ноболиғон ва хурдсолон низ истифодабарии сабти овоз натиҷаҳои назаррас медиҳад. Доираи дониш ва хусусиятҳои нутқии кудакон ва калонсолон фарқияти ҷиддӣ дорад, бинобар ин дар протоколи пурсиш аниқ сабт кардани нишондоди кӯдак бисёр вақт бо эҳсосот алоқаманд аст, онҳо дар бисёр мавридҳо ҳақиқатро дуруст баҳо дода наметавонанд. Аниқ дарк намудани нишондоди кудак дар ҳолати таҳлили чуқур, ки гузаронидани онро мавҷудияти фонограмма сабуктар месозад, имконпазир мешавад[1].

---

[1] Кертес, И. Тактические и психологические основы допроса: учебное пособие / И. Кертес. - М.: Юрид. лит., 1983. - С. 27.

Истифодаи сабти овоз дар пурсиши ноболиғон ва хусусан кӯдакон на танҳо барои баёни хусусиятҳои нутқӣ ва дигар сабабҳои дар боло зикршуда лозим мебошад, балки боз барои он зарур аст, ки кӯдакон ба осонӣ ба таассурот дода мешаванд, ки боиси дар оянда дигаргун шудани нишондоди онҳо мегардад.

Истифодаи сабти овоз барои мустаҳкамкунии нишондодҳое, ки дар иштироки тарҷумон дода мешавад, фоидабахш аст. Дар чунин ҳолатҳо асоснокии дигаргунии нишондодро, ки ба тарҷумаи нодуруст ё ноаниқ такя мешавад, санҷидан сабук аст.

Бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои пурсидашавандагон сабти овоз мумкин аст, ки ҳамчун воситаи иловагии мустаҳкамкунии нишондоди шахсони каммаълумот, нобино ва дигарҳо, ки мустақилона нишондоди навишташудаи худро хонда наметавонанд, истифода шавад. Дар ин ҳолат таҷдиди фонограмма барои дуруст навишта шудани нишондод боварии комил ҳосил кардан кӯмак мерасонад. Ба ғайр аз ин, дар мурофиаи судӣ онҳо гуфта наметавонанд, ки нишондодҳое, ки онҳо мустақилона хонда наметавонанд нодуруст навишта шудааст.

Истифодаи сабти овоз дар дигар амалҳои тафтишотӣ ба монанди санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ва озмоиши тафтишотӣ низ натиҷаҳои назаррас медиҳад.

Мувофиқи қонун, протоколи гузаронидани амали тафтишотӣ дар рафти баамалбарории амалҳои тафтишотӣ ва ё бевосита пас аз ба охир расонидани он тартиб дода мешавад. Вале шароити номусоид дар ҷойи ҳодиса баъзан барои тартиб додани протокол имконият намедиҳанд. Ҳамин тавр, ҷиҳатҳои зарурии нишондод барҳам рафтаnашон мумкин аст. Истифодаи сабти овоз ҳамаи масъалаҳоро ҳал менамояд, зеро асоси фонограмма протокол бо сатҳи баланди аниқи ҳамон замон пас аз бозгашти муффатиш ба утоқи корӣ тартиб дода шуданаш мумкин аст.

Таҷрибаи тафтишотӣ нишон медиҳад, ки истифодаи сабти овоз, банаворгирӣ ва дигар воситаҳои намоишдиҳӣ барои мустаҳкамгардонии нишондодҳои ҷабрдидагон дар тафтишоти пешакӣ аз рӯи парвандаҳо оид ба ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинси фоидабахш аст, зеро онҳо дар суд одатан бо сабабҳои номаълум аз додани нишондод шарм медоранд ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо бо баҳонаҳои гуногун ҳаракат мекунанд, ки ба суд ҳозир нашаванд.

Сабти овоз инчунин баъзан дар тафтишоти парвандаҳо оид ба дуздии моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва гирифтани пора истифода мешавад. Камтар истифодашавии сабти овоз дар парвандаҳо оид ба дуздии моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо он маънидод мешавад, ки дар ин гуна ҷиноятҳо чун қоида маводи бисёри далелии дорои хусусияти ҳуҷҷати мавҷуд аст. Таҳлили таҷриба нишон дод, ки дар мавриди тафтишоти ин гуна ҷиноятҳо нисбат ба ҷиноятҳои муқобили шахсият воситаҳои техникӣ ниҳоят кам истифода мешавад.

Ҳолатҳои истифодаи мақсадноки сабти овоз дар тафтишоти пешакӣ ба истифодаи он дар рафти таҳқиқ, ки мувофиқи қонун аз рӯи қоидаҳои тафтишоти пешакӣ ба амал бароварда мешавад дахл дорад. Аҳаммияти баъзе фонограммаҳо барои парванда на танҳо бо мундариҷаи он, балки бо акси шароите, ки дар он ин мундариҷа гирифта шудааст, муқаррар карда мешавад[1].

Истифодаи бо муваффақияти сабти овоз дар таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ аз риоя намудани як қатор қоидаҳои хусусияти техникӣ дошта вобаста аст. Дар ҳолати истифодаи сабти овоз имконияти муҳлати дароз давом додани пурсиш мавҷуд аст. Дар ҳолати истифода накардани он бошад, бинобар тартибдиҳии протокол, ки диққати муфаттишро ба худ ҷалб мекунад, хатари барҳам рафтани баъзе ҷиҳатҳои пурсиш ба вуҷуд меояд.

Чунин фаъол гузаронии пурсиш аз муффатиш таҷриба ва тайёрии ҷиддиро талаб менамояд. Дарк намудани ҳолати сабтгардии ҳар як сухан на танҳо ба пурсидашаванда,

[1] Арсеньев, В.Д. Вопросы общей теории судебных доказательств в советском уголовном процессе / В.Д. Арсеньев. – М.: Юрид. лит., 1964. – С. 79.

инчунин ба муффатиш таъсири муайяни психологиро мерасонад, вобаста ба ин мавҷудияти нақшаи аниқи пурсиш ва тайёрии пешакии саволҳо ба таври хаттӣ аҳаммияти калон дорад. Ҳатто дар ҳолати мавҷуд будани таҷрибаи муайян дар истифодаи сабти овоз зарур аст, ки пурсишкунанда дафтари хотиравӣ оид ба тартиби гузаронидан ва ба расмият даровардани ҳаракатҳои тафтишотие, ки дар он сабти овоз истифода мешавад, дошта бошад[1]. Дар ҳолати истифодаи сабти овоз муқаррар намудани муддати тахминии гузаронидани пурсиш муҳим аст, зеро вобаста ба муддати гузаронидани пурсиш миқдори лентаи овоз навиштагири тайёр карда мешавад.

Дар рафти пурсишҳои мушкил аҳамияти мавҷуд будани мутахассис, ки сабти овозро аз ҷиҳати техникӣ ба амал мебарорад, баланд мешавад. Мавҷудияти мутахассиси сабти навор хусусан дар мавриди гузаронидани рӯбарӯкунӣ муҳим мебошад, зеро бинобар ҷой доштани ҷиҳатҳои ҷиддии рӯбарӯкунӣ диққати муффатишро пурра ба худ ҷалб мекунад ва мутахассис дар ин маврид бояд бо навиштагирии равандаи амали тафтишотӣ ба воситаи сабти овоз машғул шавад. Дар рӯбарӯкунӣ ҳама вақт на кам аз се нафар иштирокчи ширкат меварзад, бинобар ин зарурияти риояи қатъии сатҳи лозимаи навиштагирии овозҳо ба миён меояд. Дар ҳолати риоя намудани сатҳи баланди сабти овозҳо, дарк кардани гуфтугӯи баёни иштирокчиён имконнопазир аст.

Дар адабиётҳои криминалистӣ ақидаҳое мавҷуданд, ки дар мавриди намоиш додани сабти пурсиш ки якчанд шахс иштирок кардааст, дар муқаррар кардани пурсишу посухи ҳар шахси муайян мушкили пайдо шуданаш мумкин аст[2]. Лекин таҷриба нишон медиҳад, ки чунин мушкили дар мавриди иштироки танҳо ду шахс дар пурсиш пайдо намешавад. Аломатҳои фардии овоз ва хусусияти баён кардани он имконият медиҳад, ки овози ҳар як шахсро озод бе мушкили ҷудо кунем.

Яке аз масъалаҳои муҳимми тактикӣ ин интихоби лаҳзаи ба амал баровардани сабти овоз ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки сабти овоз на дар пурсиши аввалин балки дар пурсишҳои минбаъда истифода мешавад. Вале ба фикри мо хусусияти тактикиро ба инобат гирифта дар баъзе шароитҳои муайян аз давраи пурсиши аввалин истифодабарии сабти овоз мувофиқи мақсад мебошад. Пеш аз ҳама ин ба омада ба гуноҳи худ иқрор шудан низ дахл дорад, ки ҷинояткор одатан дар пурсишҳои аввалин оид ба воқеяти кор бисёр пурра маълумот медиҳад. Дар чунин ҳолатҳо мавҷудияти фонограммаи пурсиши аввалин барои нигоҳ доштани маълумоти муҳим имконият фароҳам меоварад.

Дар пурсиши аввалини ҷабрдидагони аз рӯи парвандаҳои таҷовуз ба номус ва дигар ҷиноятҳои муқобили дахлнопазирии ҷинсӣ низ истифодабарии сабти овозро тавсия менамоем. Зеро дар оянда, ҳангоми паст шудани ҳолатҳои ҳаяҷони рӯҳӣ онҳо аз таъсири ҳиссиёти шарм ва ё дар зери фишори хешу табори шахсӣ ҷиноятсодиркарда нишондоди дар пурсиши аввалин додаашонро дигаргун карда метавонад.

Қобили қайд аст, ки вобаста аз амали тафтишотие, дар раванди он сабти овоз ба амал бароварда мешавад, тактикаи истифодаи сабти овоз дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Маълум аст, ки рӯбарӯкунӣ яке аз амалҳои мушкили тафтишотӣ ба ҳисоб меравад. Барасмият даровардани натиҷаи он низ мушкил мебошад. Дар фарқият аз пурсиш протоколро дар ҳаракати мазкур на баъди ба охир расонидани он балки дар раванди рӯбарӯкунӣ тартиб додан мувофиқи мақсад аст, зеро танҳо дар чунин ҳолат хатогиро барҳам дода рафти амали тафтишотиро бо аниқии лозима сабт кардан мумкин аст. Вале шакли зикршудаи барасмиятдарории ҷараёни рӯбарӯкуниро суст менамояд, бо ин ба пурсидашаванда барои сохтани нишондодҳои бардурӯғ ҳангоми фосилаҳо дар вақти барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо имконият фароҳам меоварад.

Истифодаи сабти овоз ба дараҷаи муайян муътадил намудани лаҳзаҳои зикршуда-

---

[1] Корнеева, Л.М. Применение звукозаписи в следственной работе: учебное пособие / Л.М. Корнеева. - М.: Госюриздат, - 1984. – С. 45.

[2] Леви, А.А., Научно-технические средства в уголовном судопроизводстве / А.А. Леви. - М.: Полиграф, I981. - С. 72.

ро имконият медиҳанд. Натиҷаи истифодаи сабти овоз дар рӯбарӯкунӣ ба мушкилиҳои дар вақти барасмиятдарорӣ пайдошаванда хотима мегузорад. Истифодаи сабти овоз дар раванди рӯбарӯкунӣ ба муфаттиш имконият медиҳад, ки ба бомуваффақият гузаронидани ин ҳаракати мушкил диққати ҷиддӣ зоҳир намояд.

Тактикаи истифодаи сабти овоз дар рафти санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса низ хусусияти хосси худро дорад. Ҳангоми ба амал баровардани сабти овоз дар рафти санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса бо вожаҳо номгир кардани ҳамаи он ашъёҳое, ки пурсидашаванда нишон медиҳад, хело зарур аст.

Масъалаи барои шинохтан пешкаш намудани сабти нутқи даҳонӣ диққати ҷиддиро талаб менамояд. Дар қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондод вобаста ба имконияти аз рӯйи нутқи даҳонӣ гузаронидани нишон додан барои шинохтан вуҷуд надорад, вале дар таҷриба ин ҳолат якчанд маротиба ба амал бароварда шудааст. Имконияти аз рӯйи нутқи даҳонӣ гузаронидани нишон додан барои шинохтанро дар таҷриба ба он асос мекунанд, ки шахс аз рӯйи аломатҳои динамикӣ ва статистикӣ шинохта шуданаш мумкин аст. Яке аз чунин аломатҳои динамикӣ - хусусияти нутқи даҳонӣ ҳисоб меёбад.

Дар таҷрибаи истифодаи сабти овоз масъалаи дар бораи имконияти истифодаи нусха фонограмма низ пайдо мешавад. Моҳиятан дар истифодаи нусхаи фонограмма зиддият пайдо шуданаш номумкин аст. Танҳо барои ҳаммонанд будани нусхаи аслиашро кафолат додан лозим аст. Таҷрибаи сабти овоз дар тафтишоти пешакӣ ҳолатҳоеро медонад, ки аз фонограмма пас аз хотима ёфтани пурсишҳои муҳим ҳамон замон нусха гирифта мешавад. Нусхабардорӣ бо мақсади дар оянда барои пешгирии вайроншавии сифати фонограммаи нусхаи аслӣ ба амал бароварда мешавад. Дар чунин ҳолатҳо нусхаи аслии фонограмма дар қуттии картони басташуда, муҳр гузошта, дар сейф ҷойгир карда мешавад ва дар мавриди ба суд фиристонидани парванда, он ҳамроҳи парванда ба суд супорида мешавад.

**УДК 343.5**

# НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЯМ ПРОТИВ ОБЩЕСТВЕННОЙ НРАВСТВЕННОСТИ ПО УГОЛОВНОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН*

**Ализода А.Ш.**
первый заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан,
кандидат юридических наук, полковник милиции
e-mail: aliev_76@mail.ru

На современном этапе развития общества, государство признает, что человек, его достоинство, неотъемлемые права и свободы представляют собой высшую ценность.

Обеспечение безопасности гражданина Таджикистана, ее населения является конституционной обязанностью государства, всех ветвей власти. Среди причин, вызвавших обостре-

* Статья подготовлена в рамках научно-исследовательской темы «Теоретические и практические проблемы модернизации правозащитной и правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан (2021-2025)», финансируемую за счет средств государственного бюджета Республики Таджикистан. Государственный регистрационный номер: 0121TJ1292

ние проблемы безопасности человека в нашей стране, являются существенные и необратимые изменения, которые происходят в обществе.

В условиях глобализации и информационного общества, когда границы между культурами становятся все более размытыми, а потоки информации – все более интенсивными, возрастает риск утраты национальной идентичности и размывания традиционных ценностей, особенно среди молодежи.

Государственно-правовая защита национального духовного достояния и моральных устоев предполагает комплекс мер, направленных на сохранение и развитие культурного наследия, популяризацию традиционных ценностей, поддержку институтов, формирующих моральные принципы общества, таких как семья, образование, культура и религия. Важным аспектом в этом плане является формирование правовой базы, регламентирующей деятельность религиозных и общественных организаций, средств массовой информации и интернет-ресурсов.

Говоря о таком юридическом феномене, как общественная нравственность, необходимо отметить, что она представляет собой совокупность отношений, основанных на принятой в данный период в обществе системе норм, правил, традиций, идей, представлений о категориях добра и зла, чести, совести, долга, справедливости. Общественная нравственность покоится во многом на религиозных воззрениях и идеях[1].

Уголовно-правовая охрана общественной нравственности осуществляется нормами Особенной части Уголовного кодекса Республики Таджикистан (далее – УК РТ), главой, носящей название «Преступления против общественного порядка и нравственности». Задачей этих норм является обеспечение неприкосновенности нравственности отдельной (персонифицированной) личности.

Специфика объекта охраны, характер применяемых предметов, широкая сфера применения, способы совершения позволяют объединить вышеуказанные нормы в одну группу, поэтому общественная нравственность рассматривается как самостоятельная социальная ценность, нуждающаяся в комплексной уголовно-правовой защите.

В уголовном законодательстве к преступлениям, посягающим на общественную нравственность, относят деяния, предусмотренные статьями 238-243 УК РТ. Несмотря на усилия законодательных, правоохранительных органов по совершенствованию борьбы с данной категорией преступлений (внесение изменений в уголовное законодательство и др.), многие проблемы в данной области остались неразрешенными. Указанные преступления представляют явную опасность, касающуюся всего общества, самих условий его существования.

Проблема уголовно-правовой охраны нравственности не нашла всестороннего освещения и в правовой литературе. Научные исследования в области преступлений против общественной нравственности заключались лишь в комментировании и анализе отдельно взятых уголовно-правовых норм. Кроме того, до сих пор в юридической литературе вопрос о понятии общественной нравственности и его содержании разработан недостаточно.

Однако следует учитывать тот факт, что согласно исследованиям российских специалистов в данной сфере, понятие нравственности можно считать достаточно разработанным, но данное понятие со стороны исследователей трактовалось неоднозначно[2].

По нашему мнению, нравственность – это форма культуры, связанная с обеспечением нормативных способов регуляции деятельности людей в обществе. Возникает оно из потребности установления межличностной коммуникации на базе ценностей, гарантирующих со-

---

[1] Квалификация преступлений против здоровья населения и общественной нравственности: учебное пособие / Д.А. Безбородов, А.В. Заруби, Р.М. Кравченко [и др.]; под общ. ред. А.Н. Попова. – СПб.: Санкт-Петербургский юридический институт (филиал) Университета прокуратуры Российской Федерации, 2021. – С. 5.

[2] Петросян, О.Ш., Старков, Е.А. Преступления против общественной нравственности: (материалы слушаний Комиссии по законодательству Московской государственной Думы) / О.Ш. Петросян, Е.А. Петросян. - М.: Юрист, 2008. – 231 с.

хранение человеческого рода и достоинство каждого, принадлежащего к нему. В обществе существует особый морально-этический кодекс, который определяет уникальный формат взаимодействия между людьми. Он отличается от других способов нормативного регулирования отношений, возникающих на основе традиций, законодательства, политических установок и прочих общественных институтов и т.д.

Когда мы оцениваем поступок, совершенный человеком или группой, с точки зрения морали, эффективность этого поступка и даже его исход не имеют значения. Даже если поступок принес пользу, он может быть осужден морально, а то, что кажется неудачей, получит одобрение. Моральные суждения формируют отношение к конкретным действиям или типам поведения в обществе. Они направлены на того, с кем мы говорим, и на его реакцию, хотя и различаются по форме и содержанию. Моральные ценности появляются в мире, где люди свободны, и правила, как важная часть морали, возможны только если мы это признаем. Человек приходит в этот мир не просто как биологическое существо, но как существо моральное. Не слепые инстинкты, а нравственность становится той путеводной звездой, что освещает его путь, упорядочивая хаос страстей, мыслей и поступков.

Общественная нравственность – это невидимая ткань, сотканная из норм, ценностей и идеалов, что регулирует человеческое поведение и является сердцевиной культуры. Её особенность в том, что она не существует вне человека, она должна прорасти в его душе, стать частью его внутреннего мира. Истинно морален тот, для кого нравственное поведение – не внешнее предписание, а естественное проявление его сущности, не требующее надзора и принуждения. Мораль пронизывает все сферы человеческой жизни, словно «внутренний голос», направляющий наши действия и отношения, помогая нам сохранять нравственность даже в самых сложных ситуациях

Быть нравственным это и значит быть, прежде всего, добродетельным, то есть направленным к добру. Добро может реализоваться и через честность, правдивость, и через ответственность, порядочность, милосердие, совестливость[1].

Однако, возвращаясь к теме нашего исследования стоит отметить, что на современном этапе правового развития Республики Таджикистан одним из наиболее актуальных методов противодействия преступлениям против общественной нравственности является совершенствование законодательства. Поэтому целью совершенствования практики его применения в деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан является повышение эффективности его применения на практике, что достижимо, если правоприменитель получит реальную возможность сопоставлять уголовно-правовые нормы с фактически совершенными конкретными преступными деяниями. Теоретические труды, включая диссертации в области уголовного права, в которых исследуются институты и нормы законодательства о преступлений против нравственности и в результате которых выявляются, в частности, пробелы и недочеты в этих нормах и разрабатываются, обосновываются и вносятся предложения по их восполнению и устранению, являются научной основой совершенствования уголовного законодательства в суде и практики его применения в органах внутренних дел Республики Таджикистан.

Хотелось бы отметить о том, что в результате анализа законодательного конструирования и практики применения уголовно-правовых норм об ответственности за преступления против общественной нравственности по уголовному законодательству Республики Таджикистан выявлен ряд пробелов и недочетов, устранение которых обусловливает потребность в совершенствовании указанных норм.

Как известно, для криминализации преступлений против общественной нравственности основанием является общественная опасность, которая выражается в причинении вреда

[1] Нечевин, Д.К. Право и нравственность: научно-правовой и исторический анализ: монография / Д.К. Нечевин, Л.М. Колодкин, Е.В. Кирдяшова; под ред. Д.К. Нечевина. – М.: Юрайт, 2024. – 203 с.

нравственным устоям общества, таким, как мораль, этические ценности, религиозные взгляды, а также духовным нормам и традиционным ценностям, имеющим государственное значение. Исходя из этого, в УК РТ были внесены новые статьи: 240(1) – Занятие колдовством и гаданием, статья 241(1) – Изготовление и оборот порнографических материалов или предметов с изображениями несовершеннолетних и статья 241(2) – Использование несовершеннолетнего в целях изготовления порнографических материалов или предметов.

Если обратить внимание на публикации в СМИ, то за последние годы неоднократно поднимался вопрос о введении уголовной ответственности за занятие проституцией. На наш взгляд, это связано с тем, что недостаточно эффективно применяются соответствующие административные нормы, а также повсеместным распространением и профессионализацией проституции. Если же ввести уголовную ответственность за эти действия, то это необходимо осуществить с административной преюдицией[1], по примеру вновь принятой статьи 240(1) УК РТ (Занятие колдовством и гаданием).

Мы вполне солидарны с мнением многих специалистов данной сферы о том, что криминализация проституции – достаточно спорный вопрос так как существующими мерами административного законодательства проблему не решить[2].

В этой связи необходимо вести противодействие этому явлению с учетом общественного мнения, применяя знания в области психологии и других необходимых наук, воздействуя изменению взглядов населения на данную проблему.

К некоторым принципам криминализации преступлений против общественной нравственности относятся:

- влияние совершаемого деяния на общественные процессы и сознание;
- признание совершенного деяния противоречащим морали;
- тяжесть последствий от совершенного деяния;
- яркая антисоциальная направленность совершаемого деяния.

Исходя из вышеперечисленных, признаков следует рассмотреть более подробно и всесторонне проанализировать вопрос о криминализации проституции.

Введение уголовной ответственности за занятие проституцией в современных реалиях рискует лишь трансформировать это явление, загнав его в еще более глубокую тень. На наш взгляд, одними лишь правовыми мерами искоренить эту социальную язву невозможно. Назрела острая необходимость в проведении глубоких, всесторонних исследований причин и условий, порождающих современную проституцию, и разработке на их основе комплексной стратегии, включающей социальные, культурные и иные меры, осуществляемые на общегосударственном уровне.

Введя административную и уголовную ответственность за совершение деяний, связанных с занятием и организацией проституции, законодатель так и не раскрыл ключевого понятия «проституция», что порой затрудняет деятельность правоохранительных органов по привлечению виновных к уголовной и административной ответственности.

Исследуя данную проблему О.Ш. Петросян и Е.А. Старков предусматривают понятие проституции как деятельность потерпевшего (потерпевшей) по оказанию любых сексуаль-

---

[1] Административная преюдиция в уголовном праве – это институт, при котором лицо, ранее привлечённое к административной ответственности за однократное правонарушение, при его повторном совершении подвергается уже уголовной ответственности.

[2] Бражников, Д.А. Проституция (криминологические и уголовно-правовые аспекты): монография / Д.А. Бражников, В.Е. Горюнов, Е.А. Федик. - Челябинск, 2006; Грушин, Р.А. Проституция как негативное социальное явление и ее предупреждение / Р.А. Грушин // Аллея науки: науч.-практ. электрон. журнал. - 2022. - № 6; Алихаджиева, И.С. Уголовная ответственность за преступления, связанные с проституцией: теоретико-прикладное и криминологическое исследование: монография / И.С. Алихаджаева; под ред. Н.А. Лопашенко; И.С. Алихаджиева. – М.: Проспект, 2022.

ных услуг (половое сношение и иные действия сексуального характера) за материальное вознаграждение[1].

Ряд авторов в своих исследованиях указывают на понятие проституции как возмездная на договорной основе, систематическая и внебрачная деятельность лица любого пола по оказанию сексуальной услуги другому лицу для удовлетворения его половой потребности независимо от профессионализма, эмоционального отношения к нему или его половой принадлежности, формы вознаграждения, способа и момента его передачи[2].

Исходя из вышеизложенного, а также опираясь на анализ юридической литературы, по нашему мнению, под проституцией следует понимать систематические внебрачные действия лиц не зависимо от пола, не основанные на личных симпатиях, вступление в сексуальные отношения за вознаграждение.

Таким образом, введение уголовной ответственности за занятие проституцией на современном этапе может выглядеть следующим образом:

«Статья 238(1). Занятие проституцией.

Занятие проституцией, если такое деяние совершенно в течение года после наложения административного взыскания, -

наказывается штрафом от тысячи до двух тысяч показателей для расчетов или лишением свободы на срок от одного до трех лет.

Примечание: Под проституцией следует понимать систематические внебрачные действия лиц не зависимо от пола, не основанные на личных симпатиях, вступление в сексуальные отношения за вознаграждение».

Следует отметить, что целесообразно было бы также введение административной ответственности для клиентов, пользующихся услугами проституток или посещающих интимные заведения.

На наш взгляд, данные меры могут способствовать повышению качества противодействия преступлениям против общественной нравственности.

ТДУ 343.34

## МАСОИЛИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАҲАКИ ТАФРИҚАКУНОНИИ ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ ВА ҶИНОЯТӢ БАРОИ СОДИР НАМУДАНИ КИРДОРҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ*

**АҲЁЗОДА Ш.Т.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия
E-mail: aheev89@mail.ru

Экстремизми муосир табиати ҳуқуқи маъмурӣ ва ҷиноятӣ дошта, падидаҳои экстремистӣ бо суръати кайҳонӣ бо истифодаи воситаҳои охбори омма

[1] Петросян, О.Ш., Старков, Е.А. Указ. раб. – С. 49.
[2] Минстер, М.В., Павловский, И.С. Определение понятия и признаки проституции: проблемные аспекты в теории и юридической практике / М.В. Минстер, И.С. Павловский // Бюллетень науки и практики. - 2023. - Т.9. - № 4. – С. 452-459.
* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290

(минбаъд – ВАО), шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, Интернет, ташвиқу тарғиб карда шуда, ҷомеаро бо хатарҳои муосир мувоҷеҳ месозанд.

Аз ин ҷост, ки бо мақсади дар зинаҳои аввал пешгирӣ намудани тафаккури экстремистӣ дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҲМ ҶТ), дар баробари дигар кирдорҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта[1], моддаи нав бо номи барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (м. 462(1) аз 17.12. 2020 с., № 1726 ворид карда шуд, ки диспозитсияи он ҳаракатҳоро дар шакли барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ), паст задани шаъну эътибори нажодӣ, миллӣ, динӣ (мазҳабӣ) ё маҳал, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубият ба нажод, миллат ё маҳал равона шудаанд, агар ин кирдорҳо ба таври оммавӣ ё бо истифодаи ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет, содир шуда бошанд, ҳангоми набудани аломати ҷиноят дар бар мегирад.

Аз мазмуни ҳуқуқии мафҳуми «экстремизм», «фаъолияти экстремистӣ» ва дигар истилоҳоти бо онҳо алоқаманд бармеояд, ки ин истилоҳот хусусияти комплексӣ дошта, дар маҷмуъ теъдоди зиёди ҷиноятҳои хусусияти экстремистиро дар худ таҷассум менамоянд.

Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта кирдорҳои зиддиҳуқуқие мебошанд, ки хавфи ҷамъиятии онҳо камтар буда, дар асоси ангезаҳои миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалгароӣ бо мақсади вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, паст задани обрӯ ва эътибори шахсият аз рӯйи ангезаҳои номбурда содир карда мешаванд ва дар моддаҳои дахлдори КҲМ ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Аммо маҳаки фарқкунандаи кирдорҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта аз чунин кирдорҳои хусусияти ҷиноятидошта, то айни замон дар сатҳи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба таври бояду шояд ҳалли худро наёфтаанд.

Вобаста ба истифодаи истилоҳоти умумиҳуқуқии «экстремизм», «фаъолияти экстремистӣ» ва «фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ ҳисобида мешавад» зикр кардан ҷоиз аст, ки дар маҷмуъ ҳар се истилоҳот ҷанбаҳои гуногуни як падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқиро бо номи «экстремизм» таҷассум менамоянд. Аммо истифода кардани истилоҳоти гуногун барои дарҷ намудани табиати ҳуқуқии як кирдор мувофиқи матлаб нест[2].

Аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, аксарияти олимон бар он назаранд, ки ҷавҳари асосии экстремизмро даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани

---

[1] Ба кирдорҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта, ҳуқуқвайронкуниҳои дар КҲМ ҶТ муқарраргардида, аз қабили м. 85 (Маҷбур кардан ба диндорӣ ва бединӣ, худопарастӣ ва бехудоӣ ва иҷрои маросимҳои динӣ), м. 86. (Монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ), м. 106 (Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамойиҳо, намоишҳо ва роҳпаймойиҳои осоишта), м. 474 (Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи иттиҳодияҳои динӣ), м. 474(1) (Риоя накардани қонунгузорӣ оид ба истеҳсол, содирот, воридот, фурӯш ва паҳн намудани адабиёти динӣ, инчунин, дигар ашё ва маводи дорои таъйиноти динӣ), м. 474(2) (Риоя накардани тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар), м. 474(3) (Фаъолияти таблиғотӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ), м. 474(4) (Робитаҳои байналмилалии иттиҳодияҳои динӣ), м 475 (Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ), м. 476 (Маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ), м. 477 (Роҳбарӣ ва иштирок дар фаъолияти иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятию диние, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудаанд, инчунин, маблағгузорӣ намудани онҳо), м. 478 (Аз тарафи ташкилотҳои динии хориҷӣ, шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ) ва м. 480 (Вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, пикетгузориҳо ва роҳпаймоиҳо) мансуб дониста, мебошанд.

[2] Ниг.: Зербанди 4, банди 25 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6-уми феврали с. 2018, № 1005.

ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона мебошанд, ташкил медиҳанд, ки табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ доранд.

Аммо бинобар дар таркиби м. 462(1) КҲМ ҶТ бо таври мушаххас муқаррар нашудани маҳаки асосии шинохта гирифтани ҳуқуқвайронкунии маъмурии хусусияти экстремистидошта, аз ҷинояти хусусияти экстремистидошта (м. 189 КҶ ҶТ), то айни замон мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ба мушкилоти назаррас мувоҷеҳанд. Инчунин, дар ном ва диспозитсияи м. 462(1) КҲМ ҶТ ва м. 189 КҶ ҶТ истифода гардидани истилоҳи «низои иҷтимоӣ», аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ хеле истилоҳи васеъ арзёбӣ мегардад, чунки зери пардаи низои иҷтимоӣ дилхоҳ низоъҳои гурӯҳиро мансуб донистан имконпазир аст.

Ба андешаи мо, маҳаки асосии ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шаҳрвандон бо м. 462(1) КҲМ ҶТ бояд ба талаботи мазкур ҷавобгӯ бошад:

– шахси гунаҳгор бояд аъзои ташкилоти экстремистӣ-террористии фаъолияташон дар ҳудуди Тоҷикистон манъшуда набошад;

– шахси гунаҳгор бояд ба ҳайси моилкунандаи дигар шахсон барои аъзогӣ ба ташкилоти экстремистӣ-террористӣ баромад накарда бошад;

– шахси гунаҳгор бояд ба ҳайси шахси тайёркунанда ва паҳнкунандаи маводи экстремистӣ дар интернет баромад накарда бошад;

– шахси гунаҳгор бояд бо таври мунтазам дар ба амал овардани даъватҳои оммавии видеоӣ ва аудиоии хусусияти экстремистидошта (баромад намудан ба тариқи онлайн) бевосита иштирок накарда бошад.

Дигар кирдоре, ки дар он қисман аломатҳои экстремизми иттилоотӣ инъикос ёфтаанд, ин м. 374 КҲМ ҶТ (тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти мамнуи ВАО, дигар маҳсулоти чопии манъшуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад. Диспозитсияи моддаи мазкур дар баробари дигар кирдорҳо барои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр кардан, нигоҳ доштан, ворид кардан, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти ВАО, дигар маҳсулоти чопӣ, ки дорои маълумот ва маводи таблиғотиву ташвиқотии зӯран тағйир додани сохти конститутсионӣ, халалдор кардани тамомият ва мустақилияти давлат, заиф кардани амнияти давлат, ҷанг, барангехтани хусумати иҷтимоӣ, нажодпарастӣ, миллӣ ва мазҳабӣ, ҳимояи терроризм ва экстремизм, инчунин, дигар маҳсулоти чопии манъшуда, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ҷавобгарии маъмуриро муқаррар намудааст.

Ба андешаи мо, тайёр кардан, нигоҳ доштан, ворид кардан, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти ВАО, дигар маҳсулоти чопӣ, ки дорои маълумот ва маводи таблиғотиву ташвиқотии зӯран тағйир додани сохти конститутсионӣ, халалдор кардани тамомият ва мустақилияти давлат, заиф кардани амнияти давлат, ҷанг, барангехтани хусумати иҷтимоӣ, нажодпарастӣ, миллӣ ва мазҳабӣ, ҳимояи терроризм ва экстремизм, инчунин, дигар маҳсулоти чопии манъшуда, ба ҷамъият хавфнокии баландро доро мебошанд. Аз ин хотир, дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ кирдорҳои мазкурро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ баҳо медиҳанд.

Дар робита ба масъалаи мазкур бояд қайд намуд, ки агар ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар м. 462(1) КҲМ ҶТ пешбинишуда (барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) пурра фарогири аломатҳои экстремизми иттилоотӣ бошад, пас, м. 374 КҲМ ҶТ (тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти мамнуи ВАО, дигар маҳсулоти чопии манъшуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон) қисман аломатҳои экстремизми иттилоотиро доро мебошад, чунки диспозитсияи моддаи мазкур дар баробари тафаккури экстремистӣ фарогири маълумоти дорои мазмуну мундариҷаи хориҷ аз экстремизм мебошад, аз ҷумла, таблиғи на ҳама намуди бераҳмӣ ва зӯроварӣ (масалан, терроризм, одамкушӣ, таҷовуз ба номус ва ғ.), маълумоти дорои сирри давлатӣ ва ё

фисқу фуҷур, маводи парнографӣ дар сатҳи қонунгузорӣ падидаҳои экстремистӣ эътироф гардидаанд.

Аз ин лиҳоз, мушаххас гардонидани табиати кирдорҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта, дар доираи моддаи мазкур барои татбиқи амалии ин муқаррароти модда мусоидат хоҳад кард. Бар замми ин, аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки маълумоти экстремистӣ танҳо бо воситаи ахбори умум ва ё дигар маводи чопӣ паҳн карда мешавад, аммо таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки зиёда аз 95% маълумоти экстремистӣ ба воситаи шабакаи интернет сурат мегиранд, ки он дар сатҳи қонунгузорӣ ВАО эътироф карда намешаванд.

Ба андешаи мо, кирдорҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта вобаста ба тайёр ва паҳн намудани маводи экстремистӣ бояд, дар доираи м. 462(1) КҲМ ҶТ муттаҳид сохта шаванд, зеро чунин шакли амалҳои экстремистии хусусияти маъмуридошта, заминаҳои воқеии экстремизми иттилоотии хусусияти маъмуридоштаро ташкил менамоянд. Илова бар ин, дар доираи қонунгузории зиддиэкстремистии дигар давлатҳои аъзои ИДМ чунин амалҳои экстремистӣ дар доираи як модда муттаҳид сохта шудаанд ва барои содир намудани амалҳои номбурда ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардидааст[1].

Мақомоти қонунгузории кишвар бо такя ба таҷрибаи Федератсияи Россия барои пешгирӣ кардани раванди паҳншавии бемайлони тафаккури ифротӣ ва моилшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои экстремистӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ» аз 17-уми декабри соли 2020, №1726 дар м. 462(1) КҲМ ҶТ ҳуқуқвайронкунии маъмурии нав бо номи барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) ворид намуд[2], ки бисёре аз шахсони гунаҳгор бо моддаи мазкур ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

Дигар масъалаҳои муҳимме, ки ҳангоми квалификатсияи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ)) ба миён меояд, ин муайян намудани фаъолияти экстремистие, ки ҳамчун ҷиноят ё ҷинояти дорои преюдитсияи маъмурӣ дошта ё ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ маҳсуб меёбад. Масалан, агар шахси гунаҳгор шахсони дигарро барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ), паст задани шаъну эътибори нажодӣ, миллӣ, динӣ (мазҳабӣ) ё маҳал, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубият ба нажод, миллат ё маҳал равона шудаанд, ба таври оммавӣ даъват намояд, кирдорҳои ӯ бо м. 307(1) КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад ё не?

Ба андешаи Саркисов Д.Н., «даъватҳо барои ба амал баровардани ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ҳамчун намуди махсуси таҳрикнамоии он хисоб кардан мумкин аст. Кирдори таҳриккунанада аз ҷиҳати дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ аз кирдори иҷрокунанда зиёд буда наметавонад. Аз ин рӯ, таҳрик намудан ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии дорои хусусияти экстремистӣ ҷиноят буда наметавонад.

---

[1] Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года, № 226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2023 г.) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=31575252 (санаи муроҷиат: 24.08.2023); Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года, №2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.08.2023) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30421110 (санаи муроҷиат: 24.08.2023); Уголовный кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года, №787-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 30.05.2023 г.) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30420353 (санаи муроҷиат: 24.08.2023).

[2] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31-уми декабри с. 2008, № 455 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 12.08.2023).

Аз ин рӯ, даъватҳое, ки дар м. 280 КҶ ФР (мутааллиқ ба м. 307(1) КҶ ҶТ) дар ҳолате ҳамчун ҷиноят эътироф мешаванд, ки агар даъват ба фаъолияти экстремистӣ табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдорҳои хусусияти экстремистидоштаро дар бар гиранд»[1].

Ба ҳамин монанд, Балашов А.А. изҳор медорад, ки бо дарназардошти мафҳуми васеъ доштани «фаъолияти экстремистӣ», яъне ҳам кирдорҳои ҷиноятӣ ва ҳам ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро дар бар гирифтани он, барои даъвати оммавӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мумкин нест[2].

Мо ҳам андешаҳои Саркисов Д.Н. ва Балашов А.А.-ро комилан ҷонибдорӣ намуда, ба чунин хулоса омадем, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъватҳои оммавӣ ба фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) бояд танҳо дар ҳолатҳое сурат гирад, ки мазмуни даъватҳо дорои кирдори ҷиноятӣ дошта бошанд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки номи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307(1) КҶ ҶТ) ба даъватҳои оммавӣ барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва ё моил кардани шахс барои амалӣ сохтани чунин ҷиноятҳо ва ё сафедкунинии оммавии онҳо иваз карда шавад.

Аломатҳои таҷассумкунандаи табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ дар доираи м.м. 374 ва 462(1) КҲМ ҶТ (қисман), қ. 1 м. 189, б. «г» қ. 2 м. 307, қ. 2 м. 307(1) ва қ. 3 м. 307(3) КҶ ҶТ пешбинӣ гардида, бо мақсади дифференсиатсиякунонии ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятии кирдорҳои хусусияти экстремистидошта мукаммалсозиро дар сатҳи қонунгузорӣ тақозо менамоянд, аз ҷумла, диспозитсияи қ. 1 м. 374 КҲМ ҶТ дар баробари табиати маъмурии экстремизми иттилоотӣ (тайёр ва паҳн кардани маводи экстремистӣ) кирдорҳои маъмуриеро фарогир мебошад, ки дорои хусусияти экстремистӣ нестанд. Аз ин лиҳоз, дар доираи м. 462(1) КҲМ ҶТ муқаррар сохтани онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

[1] Саркисов, Д.Н. Уголовно-правовые средства противодействия экстремистской деятельности: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Д.Н. Саркисов. – М., 2010. – С. 105; Биккинин, И.А., Блинников, С.А., Пудовочкин, Ю.Е. Обеспечение территориальной целостности и неприкосновенности Российского государства: сравнительно-правовые и уголовно-правовые аспекты / И.А. Биккинин [и др.]. – Ростов-на-Дону, 2004. – С. 194; Хлебушкин, А.Г. Преступный экстремизм: понятие, виды, проблемы криминализации и пенализации: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.Г. Хлебушкин. – Саратов, 2007. – С. 11; Узденов, Р.М. Экстремизм: криминологические и уголовно-правовые проблемы противодействия: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Р.М. Узденов. – М., 2008. – С. 193.

[2] Балашов, А.А. Уголовная ответственность за публичные призывы к совершению противоправных действий: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.А. Балашов. – М., 2017. – С. 112.

ТДУ 343.3/.7

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИ БАРАНГЕХТАНИ КИНАЮ АДОВАТ Ё НИЗОИ ИҶТИМОӢ, НАЖОДӢ, МИЛЛӢ, МАҲАЛГАРОӢ Ё ДИНӢ (МАЗҲАБӢ) ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИДМ*

**АҲЁЗОДА Ш.Т.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия
E-mail: aheev89@mail.ru

**ҶОНОНАИ З.**
сардори кабинети кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия
E-mail: aheev89@mail.ru

Дар мавриди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ва кирдорҳои дигари мансуб ба экстремизм дар сатҳи ИДМ Кодекси намунавии ҷиноятии ИДМ (минбаъд – КНҶ ИДМ) барои давлатҳои аъзои ИДМ, ки 17-уми феврали соли 1996 аз ҷониби Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ қабул шудааст ва он хусусияти тавсиявиро доро мебошад[1].

Дар Кодекси мазкур фасли XIII «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва боби 31 «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат» ҷой дорад, аммо м. 187 (барангехтани адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ) дар боби 23 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ» ва дар фасли VIII «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ» ҷойгир шудаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин меъёр, дар таркиби КНҶ ИДМ хулоса баровардан мумкин аст, ки объекти хелии ҷинояти дар он пешбинишуда амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, объекти намудиаш амнияти ҷамъиятӣ мебошад[2].

Аён аст, ки дар шакли классикӣ аломатҳои асосии экстремизм, ки аз муқаррароти меъёрҳои универсалии ҳуқуқи байналмилалӣ бармеоянд, маҳз дар м. 187 КНҶ ИДМ, ки муродифаш м. 189 КҶ ҶТ (Барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) мебошад.

Чунончи, м. 187 КНҶ ИДМ (Барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ) дар чунин таҳрир иншо шудааст:

Ҳаракатҳое, ки барои барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ равона шудаанд, инчунин, тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубияти онҳо ба миллат ё нажод, агар ин кирдор ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма (минбаъд – ВАО) анҷом дода шуда бошад.

Ҳаракатҳои дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, агар:

б) бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290.

[1] Модельный Уголовный кодекс для государств-участников СНГ (принят постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств участников СНГ 17 февраля 1996 г.) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://base.garant.ru/2566472 (санаи мурочиат: 09.06.2025).

[2] Борисов, С.В. Преступления экстремистской направленности: проблемы законодательства и правоприменения: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / С.В. Борисов. – М., 2012. – С. 123-124.

в) бо истифодаи мақоми хизматӣ;
г) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил анҷом дода шуда бошад.
Дар қ. 3, м. 189 КҶ ҶТ аломатҳои бандубасткунандаи зерин пешбинӣ гардидаанд:
а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;
б) аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад;
в) ба зӯран пеш кардани шаҳрванд аз маҳалли сукунати доимӣ оварда расонад;
г) дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок содир шуда бошад.
Аломатҳои мазкур дар м. 187 КНҶ ИДМ ҷойгузин нестанд.

Дар кодексҳои ҷиноятии тамоми давлатҳои аъзои ИДМ барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) дар моддаҳои гуногун пешбинӣ шудааст. Новобаста ба он ки муқаррароти моддаи мазкур аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ба ҳамдигар мушобеҳанд, лекин дар онҳо аломатҳои фарққунанда низ ҷой доранд, ки ин ҳолат зарурати таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ-ро вобаста ба ҷинояти барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) тақозо менамояд. Ҳамчунин, доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаҳо вобаста ба он ки ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо моли миллӣ мебошад, яъне, ҳар як давлат дорои ҳуқуқи ҷиноятии худ мебошад, ба талаботи замони нав ҷавобгӯ намебошад[1] ва ба андешаи мутахассисони соҳа яке аз роҳҳои мукаммалсозии қонунгузории миллӣ ин истифодаи таҷрибаи қонунгузории дигар давлатҳо дар қонунгузории ҷиноятии ватанӣ мебошад[2].

Ба ҳамин мазмун, олими ватанӣ Қудратов Н.А. изҳор менамояд, ки таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ барои бартараф намудани камбудиҳо ва мукаммалгардии қонуни ҷиноятии Тоҷикистон асос шуда метавонанд[3]. Вобаста ба масъалаи мазкур Нарзуллозода С.С. қайд мекунад, ки чунин муқоисакунӣ имконият медиҳад, ки самти рушди қонунгузориро вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда муайян намуд. Ғайр аз ин, наздик намудани муқаррароти қонунгузории давлатҳо, ин, пеш аз ҳама, тақозои замон буда, нишон аз рушд намудани муносибатҳои байнидавлатӣ мебошад[4].

Бо дарназардошти ақидаҳои дар боло зикршуда, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ-ро вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) мавриди таҳлилу омӯзиши илмӣ қарор медиҳем.

Барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ, ки дар боби 23 КНҶ ИДМ[5], яъне ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст, дар муқоиса ба кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ дар бобҳои гуногуни онҳо, аз қабили боби ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ (КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), боби ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ (КҶ Федератсияи Россия, КҶ Ҷумҳурии Туркменистон, КҶ Ҷумҳурии Озорбойҷон) боби ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти башарият (КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, КҶ Ҷумҳурии Узбекистон ва КҶ Беларус) боби ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқҳои интихоботӣ, меҳнатӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон ва шаҳрванд (КҶ Ҷумҳурии Украина) муқаррар шудааст.

---

[1] Туляков, В.О. Сравнительный метод в науке уголовного права / В.О. Туляков // Вестник Ассоциации уголовного права Украины. – 2014. – №1 (2). – С. 29.
[2] Акилова, М.М. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … номз. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / М.М. Акилова. – Душанбе, 2022. – С. 61.
[3] Кудратов, Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Н.А. Кудратов. М., 2012. – С. 38.
[4] Нарзулллозода, С.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наклиёт: монография / С.С. Нарзуллозода // Зери таҳрири Ф.Р. Шарифзода ва А.И. Сафарзода. – Душанбе: «ЭР-граф», 2023. – С. 52.
[5] Модельный Уголовный кодекс для государств-участников СНГ (принят постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств участников СНГ 17 февраля 1996 г.) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http: //base.garant.ru/2566472 (дата обращения: 21.06.2025).

Аз муқаррароти қонунгузории ҷиноятии давлатҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки объекти барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ гуногуну ҳархела мебошад, гарчанде ҷинояти мазкур дар аксарияти ин давлатҳо яке аз аломатҳои экстремизмро дар худ таҷассум менамояд. Ба андешаи мо, бинобар сабаби он ки ҷинояти номбурда хусусияти экстремистӣ дорад, содиршавии он гарчанде дар зиннаи аввал ба ҳуқуқу озодиҳои шахсии конститутсионии инсон ва шаҳрванд вобаста ба мансубияташон ба миллат, нажод, дин ва ғ. зарар расонад, лекин дар сурати хусусияти оммавӣ пайдо намудан он метавонад ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат зарари воқеӣ расонад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба миён оварад.

Таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ пешбинӣ мекунанд, нишон медиҳад, ки ҳар як давлат дар асоси хавфу хатар доштани баъзе аз ангезаҳои экстремистӣ (масалан, ангезаи маҳалгароӣ) ба арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва ба назар гирифтани принсипҳои сиёсати ҷиноятии худ бо баъзе аломатҳои хос аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд. Дар баробари барангехтан бо ангезаҳои умумӣ (иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, динӣ) баъзе аломатҳое низ дар кодексҳои давлатҳои аъзои ИДМ ҷой доранд, ки мансуб ба ин ё он давлат мебошанд.

Масалан, агар барангехтани кинаву адовати маҳалгароӣ ва байниминтақавӣ танҳо дар КҶ ҶТ, КҶ Ҷумҳурии Украина ва Кодекси ҷиноятии Қирғизистон ҷой дошта бошад, пас, барангехтани кинаву адоват вобаста ба аломати ҷинсӣ дар КҶ ФР ва КҶ Ҷумҳурии Туркменистон ҳамчун ангезаи экстремистӣ пешбинӣ шудааст. Ба андешаи мо, чунин шакли ҳуқуқэҷодкунӣ, яъне ҳангоми қабули меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба назар гирифтани аҳаммияти шакли алоҳидаи ангезаи экстремистӣ ва хавфи он ба арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои давлативу ҷамъиятӣ қобили қабул аст.

Дар баъзе аз кодексҳои давлатҳои аъзои ИДМ ҷинояти барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ, дорои преюдитсияи маъмурӣ буда, дар кодексҳои ҷиноятии давлатҳои дигар ин хусусиятро доро намебошанд. Масалан, дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, КҶ Ҷумҳурии Узбекистон ва КҶ Федератсияи Россия дар ҳолате бо ин кирдор ё кирдорҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён меояд, ки агар дар давоми сол баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад. Дар фарқият аз КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КҶ Федератсияи Россия қ. 1, м. 156 КҶ Ҷумҳурии Узбекистон ҳаракатҳоро дар шакли истеҳсол, нигоҳдорӣ бо мақсади паҳн кардан ё паҳн кардани маводи тарғибкунандаи кинаи миллӣ, нажодӣ, этникӣ ё динӣ, ки пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои ҳамин кирдор содир шудааст, дар бар мегирад. Қисми 2 м. 156 КҶ Ҷумҳурии Узбекистон бошад, кирдорҳои қасдан паст задани шаъну шарафи миллӣ, таҳқири ҳисси шаҳрвандон вобаста ба эътиқоди динӣ ё атеистии (бединии) онҳо, бо мақсади барангехтани адоват, таҳаммулнопазирӣ ё бадбинӣ нисбат ба гурӯҳҳои аҳолӣ аз рӯйи аломатҳои миллӣ, нажодӣ, этникӣ ва динӣ, инчунин, бевосита ё бавосита маҳдудкунии ҳуқуқ ё муқаррар намудани бартарӣ вобаста ба мансубияти миллӣ, нажодӣ, этникӣ ё динии онҳоро ташкил медиҳад, новобаста аз татбиқи ҷазои маъмурӣ ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меорад[1].

Яке аз хусусияти фарққунандаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон аз дигар кодексҳои давлатҳои аъзои ИДМ дар он ифода меёбад, ки дар м. 174 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон [2] содиршавии кирдорҳои қасдонаеро, ки барои барангехтани кинаву адовати иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ динӣ ва дигар ангезаҳо, тақири шаъну шарафи

[1] Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года, №2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.08.2023.) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 21.06.2025).

[2] Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года, №226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2023 г.) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://continent-online.com/Document/ ?doc_id=31575252 (санаи муроҷиат: 21.06.2025).

миллӣ ё ҳиссиёти динӣ ва дигар ҳаракатҳо равона гардидаанд, на танҳо ба таври оммавӣ бо истифодаи ВАО, шабакаи телекоммуникатсионӣ, балки ба воситаи истеҳсол ё паҳн намудани адабиёт ва дигар ҳомилҳои иттилоотие, ки ба барангехтани кинаву адоват бо ангезаҳои дар боло зикршуда тарғиб мекунанд, муқаррар намудаст.

Дигар хусусияти фарқкунадаи КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон аз дигар кодексҳои давлатҳои аъзои ИДМ дар он ифода меёбад, ки *дар м. 183* КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, ки иҷозат додан ба нашри маводи экстремистӣ дар ВАО ном дорад, экстремизм бо тамоми аломатҳояш дар он таҷассум ёфтааст. Чунончи, аз диспозитсияи ин модда бармеояд, кирдорҳои номбурда ба иҷозат додан ба нашри маълумот, мавод дар матбуот ва дигар ВАО, ки ба барангехтани кинаю адовати миллӣ, қабилавӣ, нажодӣ, иҷтимоӣ ва динӣ, тарғиби истисноии синфӣ, ҷанг, дорои даъватҳои зӯроварӣ ба забт кардани ҳокимият, бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият, халадор намудани амнияти давлат ё зӯроварона тағйир додани сохти конститутсионӣ, инчунин, вайрон кардани тамомияти арзии Ҷумҳурии Қазоқистон равона гардидаанд. Ин гуна кирдор дар дигар кодексҳои давлатҳои аъзои ИДМ ҳамчун ҷиноят эътироф нагардидааст.

Дар баробари қонунгузории ҷиноятии давлатҳои дар боло зикршуда, КҶ Ҷумҳурии Украина низ бо баъзе хусусияти фарқкунанда аз дигар кодексҳои давлатҳои аъзои ИДМ тафовут дорад. Дар м. 110 КҶ Ҷ Украина, ки таҷовуз ба тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии Украина ном дорад, содир намудани ҳаракатҳои қасдонаро бо мақсади тағйир додани сарҳади ҳудудӣ ё сарҳади давлатии Украина бо вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи Конститутсияи Украина, инчунин, даъвати оммавӣ ё паҳн намудани маводе, ки ба чунин амалҳо даъват мекунанд, пешбинӣ намудааст. Аз мазмуни диспозитсияи моддаи мазкур бармеояд, ки дар баробари содир шудани дигар ҳаракатҳо «даъвати оммавӣ ё паҳн намудани маводе, ки ба чунин ҳаракатҳо даъват мекунанд» яке аз тарзи мустақили содиршавии ҷинояти мазкур мебошад.

Қисми 2 м. 110 КҶ Ҷумҳурии Украина содиршавии ҳаракатҳои дар боло зикршударо ҳамчун ҳолати бандубастшаванда дар алоқамандӣ бо барангехтани хусумати миллӣ ё динӣ пешбинӣ намудааст, аммо чун кодексҳои ҷиноятии дигар давлатҳои аъзои ИДМ ҷинояти барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ва ё диниро ба қатори ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дохил накарда, дар м 161 КҶ Ҷумҳурии Украина барои вайрон кардани баробарии шаҳрвандон вобаста ба мансубияти нажодӣ, миллӣ, минтақавӣ, эътиқоди динӣ, маъюбӣ ва дигар хусусият, ки кирдорҳои қасдан ба барангехтани кинаю адовати миллӣ, маҳалгароӣ, нажодӣ ва динӣ, паст задани шаъну шарафи миллӣ ё таҳқири ҳисси шаҳрвандон вобаста ба эътиқоди динӣ, инчунин, бевосита ё бавосита маҳдуд кардани ҳуқуқ ё муқаррар намудани бартарии шаҳрвандон аз рӯйи нажод, ранги пӯст, эътиқоди сиёсӣ, динӣ ё дигар эътиқод, ҷинс, маъюбӣ, мансубияти этникӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молумулкӣ, ҷои истиқомат, забон ё дигар асосҳоро дар бар мегирад. Ҷинояти мазкур дар боби ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқҳои интихоботӣ, меҳнатӣ ва дигар ҳуқуқ ва озодиҳои шахсии инсон ва шаҳрванд ҷойгир карда шудааст. Аз ин бармеояд, ки объекти ин ҷиноят ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон ва шаҳрванд вобаста ба мансубияташ ба нажод миллат, маҳал, дин ва ғ. мебошад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ вобаста ба ҷинояти барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) хулосаҳои зеринро манзур намудан мумкин аст:

1. Дар моддаи 189 КҶ ҶТ, моддаи 182 КҶ Федератсияи Россия ва моддаи 156 КҶ Узбекистон барои содир намудани ҷинояти барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) ҷавобгарии ҷиноятӣ пас аз тадбиқи ҷазои маъмурӣ дар давоми сол ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён меояд. Дар КҶ Қазоқистон, КҶ Туркменистон, КҶ Украина, КҶ Озорбойҷон, КҶ Белорус ва КҶ Қирғистон бошад, ҷинояти мазкур преюдитсияи маъмурӣ надорад.

2. Объекти намудии ҷинояти барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) дар КНҶ ИДМ, КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, амнияти ҷамъиятӣ мебошад. Ба ҳайси объекти намудии ҷинояти мазкур дар КҶ Федератсияи Россия, КҶ Ҷумҳурии Туркменистон ва КҶ Ҷумҳурии Озорбойҷон асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат маҳсуб меёбад. Ба сифати объекти намудии ин ҷиноят дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, КҶ Ҷумҳурии Узбекистон ва КҶ Ҷумҳурии Беларус сулҳу амнияти инсоният маҳсуб меёбад. Ҷинояти мазкур дар КҶ Ҷумҳурии Украина дар боби ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқҳои интихоботӣ, меҳнатӣ ва дигар ҳуқуқ ва озодиҳои шахсии инсон ва шаҳрванд ҷойгир карда шудааст.

3. Дар баробари барангехтан бо ангезаҳои умумӣ (иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, динӣ) баъзе аломатҳое дар кодексҳои давлатҳои аъзои ИДМ ҷой доранд, ки мансуб ба ин ё он давлат мебошанд. Агар барангехтани кинаву адовати маҳалгароӣ ва байниминтақавӣ танҳо дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, КҶ Ҷумҳурии Украина ва КҶ Қирғизистон ҷой дошта бошад, пас, барангехтани кинаву адоват вобаста ба аломати ҷинсӣ дар КҶ Федератсияи Россия ва КҶ Ҷумҳурии Туркменистон ҳамчун ангезаи экстремистӣ пешбинӣ шудаанд.

**ТДУ 342.4:343.01**

## КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – ЗАМИНАИ АСОСИИ РУШД ВА ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ

**Қобилов Б.Қ.**
мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
E-mail: sino-84@mail.ru

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, танзими муносибатҳоро дар ҳама самт ва соҳаҳо куллан тағйир дода дар сатҳи Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуд.

Бори аввал дар сатҳи Конститутсия дар моддаи 5 дахлнопазирии ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон кафолат дода шуданд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Дар асоси муқаррароти меъёрҳои Конститутсия Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми махсусро аз ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ оғоз намудааст.

Дар муқоиса бо Кодекси пештарамалкунанда Кодекси ҷиноятии амалкунанда арзишҳои инсониро дар madди аввал гузоштааст. Мисол, Кодекси ҷиноятии соли 1961 вазифаи ҳифзи манфиатҳои давлатиро дар madди аввал, баъд манфиатҳои ҷамъиятиро ва охирон шахсиятро гузошта буд. Бо эътироф кардани афзалияти арзишҳои умумиинсонӣ дар Кодекси ҷиноятӣ пайдарҳамии арзишҳои номбаршуда низ тағйир ёфтанд: инсон, ҷамъият ва давлат.

Асоси ҳуқуқии ин меъёрро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, алалхусус моддаи 5, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои вайро арзиши олӣ эълон кардааст ва моддаи 14, ки зарурати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тавассути қонунҳои ҷумҳурӣ (аз он ҷумла, қонуни ҷиноятӣ) ба миён гузоштааст. Қисми махсуси кодекс низ аз ҷиноятҳои муқобили шахсият оғоз мегардад. Кодекси ҷиноятӣ ҳуқуқҳои ҳам фитрӣ (табиӣ) ва позитивии (давлатии) аъзои ҷомеаро, ҳуқуқҳои ҳар як инсони дар қаламрави Тоҷикистон истиқомакунандаро (новобаста аз мансубияти шаҳрвандиаш),

ҳуқуқҳои одамонро чи ба ҳайси аъзоёни ҷомеаи шаҳрвандӣ (ҳуқуқҳои инсон) ва чи ба ҳайси аъзоёни давлатӣ ҳуқуқбунёд (ҳуқуқҳои шаҳрванд) зери ҳимояи хеш қарор медиҳад[1].

Амнияти ҷамъиятӣ асоси ҳаёти осудаҳолонаи аъзоёни ҷомеа ба ҳисоб меравад. Саломатии аҳолӣ гарави фаъолияти мӯътадили ҳаёти ҷамъиятӣ буда, сиҳатии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоии аъзоёни ҷамъиятро дар бар мегирад.

Зарурати ҳифзи муҳити зист аз воқеияти имрӯза, талаботи конститутсионии солимгардонии муҳити зист (қ. 1 м. 38 Конститутсия) ва ҳифзи табиат (м. 44 Конститутсия), инчунин, хатари бӯҳрони экологии глобалӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиат, алалхусус оби тоза, бармеояд.

Тартиботи ҷамъиятӣ, ки қисми таркибии ин тартиботи ҳуқуқист, заминаи ҳаёти муташаккилонаву бонизоми ҷомеа ба шумор рафта, ахлоқ бошад, яке аз омилҳои асосии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, самти фаъолияти одамонро дар ҳолатҳои гуногуни зиндагӣ муайян мекунад.

Ҳифзи моликият аз талаботи моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки гуногуншаклии моликиятро эълон намуда, зиёда аз ин, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии онҳоро кафолат медиҳад. Аз ин рӯ, Кодекси ҷиноятӣ шаклҳои гуногуни моликиятро, аз он ҷумла, моликияти хусусиро баробар, яъне, бе муқаррар сохтани ҳама гуна афзалият ё маҳдудият нисбати ин ё он шакли моликият (алалхусус давлатӣ) ҳимоя менамояд.

Асосҳои сохтори конститутсионӣ дар боби 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд. Зарурати таҳкими сулҳ ва амнияти башарият бошад, аз талаботи бунёди тартиботи ҳуқуқии ҷаҳонӣ, мубориза муқобили ҷиноятҳои зиддибашарӣ бармеояд.

Вазифаи тарбиявии Кодекси ҷиноятӣ бо хусусиятҳои меъёрҳои қисми махсуси кодекс муайян мегардад, ки манъсозанда буда, дар шакли худдорӣ аз ҷиноят амалӣ мешаванд. Риояи Конститутсия ва қонунҳо талаби асоси конститутсионӣ аст (м. 42 Конститутсия). Меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ, ки таҳдиди ҷазоро тарғиб менамоянд, барои тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳо мусоидат менамоянд.

Пешгирии ҷиноят вазифаи дигари Кодекси ҷиноятӣ (минбаъд – КҶ) мебошад, ки аз ду вазифаи аввала бармеояд. КҶ пешгирии умумӣ ва махсусро ба уҳда дорад. Пешгирии умумии ҷиноят нисбати ҳамаи аъзоёни ҷамъият равона шудааст, ки дар содир накардани ҷиноят аз ҷониби шаҳрвандон ифода мегардад. Пешгирии махсус бевосита ба ашхоси ҷиноят содиркарда равона шуда, моҳияти он аз содир накардани ҷиноятҳои нав аз ҷониби онҳо иборат мебошад. Чунин пешгирӣ бо роҳи татбиқи чораҳои ҷазои ҷиноятӣ, чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявӣ ва тиббӣ дошта ба даст оварда мешавад.

Қисми 2 моддаи 4 КҶ аз м. 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Дар он гуфта мешавад: «ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад». Яъне, танҳо мақомоти судӣ метавонанд шахсро гунаҳгор дониста, нисбати ӯ ҷазои ҷиноятӣ татбиқ намоянд. Дигар ягон мақоми давлатӣ ба ин ваколатдор нест. Танҳо ҳукми суд ягона асоси татбиқи ҷазо шуда метавонад.

Ҳукми судӣ ягона санади ҳуқуқтатбиқсозӣ мебошад, ки дар асоси он гуноҳ ва ҷазои ҷиноятткор муайян мешаванд. Ибораи дар КҶ истифода шудаи «ҳукми суд» ҳукми эътибори қонунӣ пайдо кардани судро дар назар дорад, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Ибораи «дар асоси қонун» қонуни ҷиноятиро дар назар дорад. Яъне, ҳукми суд танҳо дар асоси КҶ бароварда мешавад. Ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдорро, чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноиро суд танҳо дар дои-

[1] Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Зери таҳрири М.А. Маҳмудов. - Душанбе: 2009. - 655 с.

раи КҶ муайян мекунад. Дар айни замон ҳукми суд бояд боадолат бошад, зеро тибқи м. 84 Конститутсия суд «қонунияту адолатро ҳифз менамояд». Худи мақоми судӣ низ бояд ҷавобгӯи талаботи моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ки дар он, аз ҷумла, омадааст: «ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд».

Азбаски ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор дар КҶ муқаррар шудааст, татбиқи меъёрҳои КҶ бо истифодаи қиёс қатъиян манъ аст. Ин чунин маъно дорад, ки шахс барои кирдорҳои дар КҶ ба сифати ҷиноят пешбининашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Бинобар ин, кирдоре ки шаклан ба ягон моддаи КҶ монанд бошаду вале аниқ пешбинӣ нашуда бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Истифодаи қиёсро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» танҳо нисбати соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ (масалан, ҳуқуқи гражданӣ) иҷозат медиҳад[1]. Аммо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ он манъ аст. Яъне, мақомоти судӣ ҳуқуқ надоранд, ки ҳукми айбдориро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бо истифодаи қиёси қонун (татбиқи меъёрҳои ҳаммонанди КҶ) ва қиёси ҳуқуқ (татбиқи принсипҳо ва маънии умумии ҳуқуқ) бароранд. Ҳукми айбдорӣ ба шарте бароварда мешавад, ки агар ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор пешакӣ дар КҶ муқаррар шуда бошад. Мақомоти таҳқиқу тафтишотӣ низ меъёрҳои Кодекси ҷиноятиро тариқи қиёс татбиқ карда наметавонанд. Ҳама гуна кӯшиши истифодаи қиёс дар ҷараёни татбиқи КҶ амали зиддиқонунӣ ва дағалона вайрон кардани принсипи қонуният ҳисоб мешавад.

Моддаи 6 КҶ принсипи ногузирии ҷавобгарӣ, принсипи мазкур аз мақсадҳои ҳимояи манфиатҳои ашхос, ки аз ҷиноят зарар дидааст, бармеояд. Дар м. 21 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад». Яке аз кафолатҳои муҳими ҳифзи ҷабрдида ин ногузирии ҷавобгарии ҷинояткор аст.

Агар принсипи баробарӣ дар назди қонун танҳо баробарии ҷавобгарии ҷиноятиро дар назар дошта бошад, пас принсипи ногузирии ҷавобгарй зарурати ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳам татбиқи ҳатмии ҷазои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари ҳуқуқии ҷиноиро дар бар мегирад.

Моддаи 7 ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ асоси ҷавобгарии фардӣ танҳо кирдори шахс аст. Андешаву ақидаҳои инсон, агар тавассути кирдор ифода нагардида бошанд, асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ нестанд. Шахс танҳо барои кирдораш ҷавобгар буда, барои танҳо ибрози ақида ҷавобгар нест. Ин меъёри КҶ барои амалӣ сохтани меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озодандешӣ (м.8) ва озодии сухан (м. 30) мамониат карда наметавонад. Аммо ба шарте ки агар меъёрҳои конститутсионӣ муқобили манфиатҳои ҷомеа ва давлат истифода нашаванд. Масалан, даъвати оммавӣ барои ба роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят аст (м. 307 КҶ).

Шахс барои кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои бавуҷудомадаи ба ҷамъият хавфнок танҳо дар он сурате ҷавоб медиҳад, ки агар гуноҳи ӯ исбот шуда бошад. Агар гуноҳ муқаррар нагардад, пас, шахс барои кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои он ҷавобгар нест. Гуноҳ аломати ҷиноят ва яке аз асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Агар дар кирдори шахс гуноҳ набошад, он гоҳ таркиби ҷиноят ҳам вуҷуд надорад ва аз ин лиҳоз ҷавобгарии ҷиноятӣ низ фаро намерасад.

Гуноҳ (дар баробари ангеза ва мақсад) тарафи субъективии ҷиноятро ташкил медиҳад. Гуноҳ ин муносибати рӯҳии шахс нисбат ба кирдори ба ҷамъият хавфнок содиркардаи ӯ (ҳаракат ё беҳаракатиаш) ва оқибатҳои он дар шакли қасд ва беэҳтиётӣ мебошад.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30-юми майи с. 2017, № 1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271.

Гуноҳ аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб рафта, бо воситаи он кирдори ҷиноятӣ аз кирдори ғайриҷиноятӣ фарқ карда мешавад.

Шахс барои кирдори ҳам қасдона ва ҳам аз беэҳтиётӣ содиркардааш ҷавобгар аст. Аммо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ ҳама вақт асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ шуда наметавонад. Мувофиқи қ. 2 м. 27 КҶ, «Кирдори танҳо аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад».

Ҷавобгарии гунаҳгорона принсипи конститутсионӣ аст. Мутобиқи қ. 1 м. 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад». Ҳамин тариқ, вазифаи исботи гуноҳ ба зиммаи суд гузошта шудааст. Гуноҳи муқарраршуда дар шакли ҳукми суд расмӣ мегардад ва бо ин роҳ эътибори ҳуқуқиро соҳиб мегардад. То лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми судӣ гуноҳ исботшуда ҳисоб намешавад. Танҳо дар сурати эътибори қонуниро соҳиб гаштани ҳукм шахс гунаҳгор дониста шуда, ҷазои нисбати вай татбиқшуда мувофиқи адолат ҳисоб мешавад. Ба ғайр аз суд, дигар ягон мақомоти давлатӣ шахсро дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф намекунанд. Ба ғайр аз ҳукми суд, дигар ягон санадн ҳуқуқӣ (қарори таҳқиқотчӣ, муфаттиш, прокурор) ба гуноҳи шахс эътибори ҳуқуқӣ дода наметавонад.

Қисми 2 м. 8 КҶ аз қ. 2 м. 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд: «Барои як ҷиноят ҳеҷ кас такроран ҷазо намебинад». Ин далели он аст, ки принсипи мазкур принсипи конститутсионӣ мебошад. Тибқи қ.1 м.15 КҶ, агар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси бешаҳрванди доимо дар Тоҷикистон истиқоматкунанда барои ҷинояти дар ҳудуди давлати хориҷӣ содиркардааш маҳкум шуда бошад, пас мувофиқи КҶ дуюмбора ба ҷавобгарӣ кашида намешавад. Тибқи қ. 3 ҳамин модда бошад, шахсони хориҷӣ ё бешаҳрвандии доимо дар Тоҷикистон истиқоматнакунанда, агар (дар давлати хориҷӣ барои ҷиноятҳои муқобили меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва ё зидди шаҳрвандону манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум шуда бошанд, дуюмбора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар намешаванд.

Моддаи 9 КҶ принсипи инсондӯстиро муқаррар мекунад, ки аз моҳияти м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки инсонро арзиши олӣ эълон намуда, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ӯро вазифаи давлат эълон намудааст. Ин меъёр ба ҳамаи одамон тааллуқ дорад. Ҷинояткор ҳам, новобаста аз ҷинояти содиркардааш ва дараҷаи хавфнокии кирдораш, инсон аст ва аз ин ҷиҳат, муносибати инсониро нисбати худ талаб менамояд. Қонун наметавонад ҳуқуқҳои танҳо ҷабрдидаро ҳимоя намояд. Ҷазоҳои ҷиноятие, ки ба ҷинояткор таъин мешаванд, албатта, ҳуқуқу озодиҳои ӯро маҳдуд мекунанд. Вале маҳкумшуда пурра аз ҳуқуқҳояш маҳрум намешавад.

Ҷазо ё чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноӣ, ки татбиқ мешаванд, аз се мақсади асосӣ иборатанд:

1) барқарор намудани адолати иҷтимоӣ;
2) ислоҳи ҷинояткор;
3) пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав.

Бахри ноил гаштан ба ин максадҳо ҷазо ё чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноӣ таъиншаванда бояд зарур ва кофӣ бошанд. Суд ҷазои ҷиноятиро, алалхусус, вазнинро, дар ҳолати зарурӣ таъин мекунад. Агар зарурати таъини ҷазоҳои маҳрум сохтан аз озодӣ набошад, суд дигар намудҳои ҷазоҳои сабуктари дар моддаи дахлдори КҶ пешбинишударо таъин мекунад. Ба ин мақсад, санксияҳои Қисми махсуси КҶ ҳамин тавр ифода ёфтаанд, ки якчанд ҷазоҳои алтернативиро муқаррар мекунанд. Ин ба суд имкон медиҳад, ки ҷазои барои ислоҳи ҷинояткор заруриро интихоб намояд.

Дар баробари ин, ҷазоҳои ҷиноятии татбиқшаванда бояд кофӣ бошанд. Ҳолатҳои кор ва шахсияти ҷинояткорро ба инобат гирифта, суд чунин ҷазо ё чораи дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноӣ таъин мекунад, ки ба ислоҳи ҷинояткор ва пешгирии ҷиноятҳои нав кофӣ бошад. Ҳар як ҷазои таъиншуда мавриди муҳокимаи аҳли ҷомеа мегардад, ба

вазъи рӯҳии маҳкумшуда таъсири ҷиддӣ мерасонад. Агар ҷазои дар айни замон зарур набуда (масалан, ҷазои вазнинтар ба ҷои ҷазои сабуктар) татбиқ шавад, пас, аз як тараф, боиси рӯҳафтода шудани маҳкумшуда гардида, ба ислоҳи ӯ мусоидат намекунад, аз тарафи дигар, нобоварии одамонро ба ҳокимияти судӣ ва қонуни ҷиноятӣ, ниҳоят, нигилизми ҳуқуқиро дар ҷомеа вусъат бахшида, сабаби афзоиши ҷиноят (на пешгирин он) мешавад. Таъини ҷазои нокифоя низ ба ислоҳи маҳкумшуда мусоидат намекунад. Агар, фарз кардем, барои ҷинояти вазнин ҷинояткор аз озодӣ маҳрум нашаваду гирифтори дигар ҷазои сабуктар гардад, пас, эҳтимоли аз ҷониби ӯ содир гардидани боз чандин дигар ҷиноятҳои вазнин вуҷуд дорад.

Тибқи м. 42 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд». Мутобиқи он ҳар шахси дар Тоҷикистон ҷиноят содиркарда аз рӯи КҶ ҷавобгар аст. Истилоҳи «шахс» чи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи шахси хориҷӣ ё бешаҳрвандро дар назар дорад. Аммо бо назардошти он ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба санадҳои дохилидавлатӣ афзалтаранд (қ. 3 м.10 Конститутсияи ҶТ), меъёри қ. 1 м. 14 КҶ ба шарте татбиқ мешавад, ки агар шартномаҳои байналмилалӣ тартиби дигарро муқаррар накарда бошанд. Ибораи «тартиби дигар» маънои онро дорад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ барои баъзе ашхос (кормандони дипломатӣ, консулӣ, аъзоёни ҳайатн вакилони хориҷӣ ва ғайра). Тартиби дигари ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намуда, онҳоро аз тобеияти КҶ баровардаанд. Яъне, на ҳамаи хориҷиён мутобиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгаранд.

Моддаи 46 КҶ мафҳуми нави ҷазо ва таърифи онро муайян менамояд. Ҳангоми муайян намудани мақсади ҷазо хусусияти идеологӣ доштани он пешбинӣ нашудааст.

Моддаҳои Конститутсияи Тоҷикистон заминаи нишондодҳои моддаи мазкур мебошанд. Ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқии вобаста ба ҷазо, ки дар Кодекси мазкур ва санадҳои дигари меъёрӣ ҳуқуқӣ ҷойгир шудаанд, бояд ба талаботи Конститутсия ва моддаи мазкур мухолиф набошанд. Ҷазо ҷавоби давлат ба содир кардани ҷиноят шуморида шуда, тибқи моддаи мазкур ҳамчун воситаи ҳуқуқии ҷиноятӣ, воситаи махсуси ҳуқуқии эътино намудан ба ҷиноят ба ҳисоб меравад. Конунгузор байни чазои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари таъсиррасонӣ (чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта, чораҳои мачбурии дорои хусусияти тиббидошта) фарқ мегузорад. Чораҳое, ки дар КҶ пешбинӣ нашудаанд, ҷазо маҳсуб намешаванд ва набояд аз тарафи суд татбиқ карда шаванд. Татбиқи ҷазое, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашудааст ба Конститутсия ва Кодекси мазкур мухолиф аст.

Қонунгузор ҳангоми муқаррар намудани ҷавобгарӣ мақсади ҷазо, тартиби аз тарафи суд таъин кардани онро нисбат ба шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, муайян намудааст. Татбиққунандаи қонун бошад, дар навбати худ, табиат ва максади ҷазоро ҳангоми иҷрои ҷазо бояд ба назар гирад. Мақомоти судӣ дар доираи ваколатҳои худ, барои мутобиқат кардани ҷазои таъиншуда ба максадҳои ҷазо, масъуланд.

Асосҳои умумии таъини ҷазо, ки дар м. 60 КҶ муқаррар карда шудаанд, кафолати таъини ҷазои адолатнок ва сазовор мебошад. Қисми 1 м. 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қ. 1 м. 11 Эъломияи ҳукуки башар (СММ с.1948) ва м. 9 Аҳдномаи байналмилалӣ оид ба ҳукуқҳои шахрвандӣ ва сиёсӣ (с. 1966) сарчашма гирифтааст, ки дар он омадааст: «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад». Ин меъёри конститутсионӣ яке аз рукнҳои асосии принсипи қонуният дар қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, дар қ. 2 м. 4 КҶ пешбинӣ шудааст, ки «Ҳеҷ кас дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад ва ба ҷазои ҷиноятӣ кашида намешавад, ба ҷуз бо ҳукми суд ва дар асоси қонун».

Таъин намудани ҷазои асоснок ва адолатнок яке аз воситаҳои асосии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва мустаҳкам намудани тартиботи ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, барои барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳшавии махкумшуда, пешгирии ҷиноятҳои

нав равона карда шудааст. Дар ин хусус, қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амалияи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъин намудани ҷазо» аз 4-уми июни с.1992, № 4 қабул карда шудааст, ки дар он оид ба бисёр масалаҳои таъини ҷазои ҷиноятӣ дастурҳои мушаххас дода шудааст[1].

Аз мазмуни моддаи тафсиршаванда чунин бармеояд, ки қонун комилан тамоми меъёрҳоеро, ки суд ҳангоми таъин кардани ҷазо аз ҳар як парвандаи мушаххас бояд ба роҳбарӣ гирад, муқаррар кардааст.

**ТДУ 343.95**

# БАЪЗЕ МАСЪЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ФОҶ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР*

**Қосимов Ф.М.**
сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия
E-mail: fayzali-67@mail.ru

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – яке аз мафҳумҳои бунёдии илми ҳуқуқи замони муосир ба ҳисоб рафта, ба сифати инъикоскунандаи шаклҳои гуногуни фаъолияти ошкоро ё ғайриошкоро маънидод мешавад. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ФОҶ) мисли ҳар гуна самти оперативӣ хусусияти ба худ хос дорад, ки аз мавҷудият ва доираи салоҳияти худ бо роҳи гузаронидани чорабиниҳо, ҳаракатҳо ва амалиётҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дарак медиҳад.

«ФОҶ– намуди махсуси фаъолиятест, ки мақсади аслиашро баррасии масъалаҳои мубраму муҳимми иҷтимоии давру замон, яъне ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятии муайян ташкил медиҳанд ва тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (минбаъд – Қонун дар бораи ФОҶ) ва дигар санаду меъёрҳои ҳуқуқии махфии идоравӣ ба танзим дароварда мешавад.

Пеш аз муайян кардани мафҳуми ҳозираи ФОҶ қайд кардан зарур аст, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиётҳои махсус, ки то соли 1958 нашр шудаанд, чунин фаъолият бо истилоҳоти «санҷиши махфӣ», «кори кофтуковӣ-ҷиноятӣ» ё «ҷустуҷӯӣ-ҷиноятӣ» истифода мешуданд. Минбаъд истилоҳоти «чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», «агентурӣ-оперативӣ» ё «кори оперативӣ» ҷорӣ шуд. Ҳамаи истилоҳоти қайдшуда аз рӯи моҳият маънои фаъолияти хадамотҳои махсусро дар амалӣ намудани чорабиниҳои махфӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ доштанд»[2].

Ба ин маъно, ФОҶ мубодили ҳуқуқи сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аст. Имрӯз ҳама самтҳои ин фаъолият муҳимтарин ҳолат ва вазифаҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардумро фаро мегирад. Вазифаи асосии он дар марҳилаҳои тараққиёти ҷамъиятӣ ин тавассути чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд ЧОҶ)

[1] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амалияи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъин намудани ҷазо» аз 4уми июни с.1992, № 4

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи тадқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва сиёсати рушд (2023-2027)» таҳия шудааст, ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад. Рақами бақайдгирии давлатӣ 0121TJ1289

[2] Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ / Р.Ҳ. Раҳимзода. Нашри 5-ум. - Душанбе: «ЭР-граф», 2019. - С. 37.

таъмин намудани ҳимояи самарабахши ҳуқуқ ва манфиатҳои давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон аст.

Аз ин таърифот бармеояд, ки ФОҶ соҳаи махсуси омӯзиши илми ҳуқуқӣ олами муосир буда, субъекти онро мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори ин мақомот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки дар асоси қонунгузорӣ барои амалӣ намудани ин фаъолият ваколатдор карда шудаанд ва дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххасанд ташкил медиҳад. Субъектони ФОҶ нафароне мебошанд, ки дар ҳаёти ин ё он соҳаи ҷамъият мавқеи муайян дорад. Инсони иҷтимоӣ ҳамон вақт мавзуи баҳси ФОҶ қарор мегирад, ки агар «Мани иҷтимоӣ»-и ӯ зуҳур ёбад. Дар зуҳури «Мани иҷтимоӣ»-и чунин инсон фаъолмандии ду ҷиҳат – дараҷаи маърифат ва мавқеи шаҳрвандии ӯ нақш мебозад. Ба ин мазмун, дар маърифати ФОҶ талаби иҷтимоӣ ва рӯҳияи замон ҳамчун усули зиндагии инсонҳо дар ҷомеа омили асосӣ маҳсуб меёбад.

ФОҶ фаъолияти ошкоро ё ғайриошкоро ва шарҳдиҳандаи факту рақам нест, балки ӯ шоҳиди бевоситаи ҳадафмандест, ки дар ҷаҳони рақамӣ бо нерӯи зеҳнӣ ва ҳисси ҳамбастагии худ ба зиндагии иҷтимоӣ, ки як бахши ҷудонопазири ҳаёти мост, дар бораи ҳодисаҳои таҳдидкунанда барои дуруст ба роҳ мондани банақшагирӣ, ошкоркунӣ ва кушодани ҷиноятҳо, муайян намудани шахсони ҷинояткор, ҳамчунин ба даст овардани ин маълумотҳо ба воситаи интернет, смартфон, шабакаҳои иҷтимоӣ, техналогияҳои навинии олам зиндагии моро осонтар кардаанд. Онҳо ба муосирони худ нақл мекунад, мушкилоти мавҷударо баррасӣ ва роҳи ҳалли онҳоро нишон медиҳад ва ба ин васила дар ташаккули фикри иҷтимоии мардум саҳм мегузорад. Вале ҳамзамон хатари пинҳониеро дар пай доранд, ки ҳар як ҷавони ноогоҳи моро метавонанд ба роҳи нодуруст баранд.

Мақсади асосии ФОҶ - ташаккули афкори иҷтимоӣ, ҳамоҳангсозии ҳаёти инсон дар ҷомеа, ба шакл даровардани рафтори муносиб ва низоми арзишҳои дар ҷомеа аз ҷиҳати оперативӣ муқарраршуда, ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ[1] мебошад. Моҳияти ҳамаи ин, дар умум, таъсир расонидан ба афкори мардум аст, ки аз рӯи қонунҳои мавҷуда амал намоянд.

ФОҶ ҳамчуни фаъолияти эҷодии махсуси иҷтимоӣ дорои объект ва предмети омӯзиш аст. Чунончи муҳаққиқон муайян кардаанд, ба сифати объекти ФОҶ аслан ҷараён ва ё фаъолияте шинохта мешаванд, ки ба таври ошкоро ё ғайриошкоро алоқамананд ва таҳлилу баррасиро тақозо мекунанд. Агар аз ин равзана ба объекти ин фаъолият назар андозем, маънӣ ҳосил мешавад, ки чунин ҳолатҳоро худи кормандони оперативӣ ба вуҷуд меоранд. Яъне, муносибати корманди оперативӣ ба зиндагии иҷтимоӣ ва меъёрҳои муқарраршудаи он як хел нест. Аз як тараф, муносибати корманди оперативии бепарво, каммасъулият, фориғбол боиси сар задани ҳолатҳои проблемавӣ мегардад, аз тарафи дигар, масъулиятхоҳӣ, равшанфикрӣ ва нерумандии чунин ашхос ба ФОҶ соҳибфикр, боирода, бунёдкор, созанда ба ҳалли ҳолатҳои проблемавӣ, бахусус ошкорсозии ҷиноят мусоидат мекунад. Ба ин маънӣ, пайдо шудани самти нав дар илми ҳуқуқшиносӣ (яъне, ФОҶ) хусусияти объективӣ дорад ва ин раванд натанҳо аз ниёзи (талаботи) амалия, балки аз инкишофи илм низ вобастагӣ дорад.

Чун муносибатҳои оперативӣ вобаста ба рӯҳияи давру замони муайян тағйир меёбанд, объекти ФОҶ низ дар тӯли таърих дигаргун мешавад, вобаста ба тағйирёбии нақши иҷтимоиаш он таҳаввул меёбад. Масалан, агар дар оғози шаклгирии ФОҶ ташаккули фикри инсон, пеш аз ҳама, зери таъсири фазои муносибати иерархӣ сурат мегирифт, бо гузашти вақт таваҷҷуҳ ба ташаккули шахсияти иҷтимоии инсон афзалият пайдо кард. Имрӯз нақши шахс, хосса шахсияти ба ФОҶ мусоидаткунанда дар фазои иҷтимоӣ ва пешбурди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа хеле бориз гардидааст. Ин ҳолат

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25-уми марти с. 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 3, мод. 155; с. 2014, №7 қ.1, мод.387; с. 2017, №7-9, мод. 570.

доманаи шинохт ва маърифати шахси мусоидаткунандаро мураккаб мегардонад, зеро шахси мусоидаткунанда ба феномени мураккаб табдил ёфтааст. «Шахсоне, ки ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ мусоидат менамоянд, таҳти ҳимояи давлат қарор доранд»[1].

Имрӯз муносибатҳои иҷтимоӣ нисбатан дигар шудаанд, аз ин рӯ танҳо «маърифати сиёсии воқеаҳоро» предмети ФОҶ ҳисобидан саҳеҳ нест. Ба ин мазмун, имрӯз предмети ФОҶ-ро ба тарзи дигар метавон муайян кард. Агар зери мафҳуми «предмет» ҷанбаи мундариҷавии объект фаҳмида шавад, пас предмети ФОҶ-ро олами фаъолияти иҷтимоии инсон, муносибати ӯ ба ҳаёти оммавӣ, фикр ва фактҳои иҷтимоие ташкил медиҳанд, ки дар иртибот бо ҳолатҳои гуногун, хусусан дар вазъи проблемавӣ ба вуҷуд омадаанд. Маълум аст, ки «факт аз калимаи лот. factum (ба амал омадан, рух додан) гирифта шуда, маънои зуҳуроти воқеан мавҷуда, рӯйдоди ҳақиқатан рухдодаи ба маърифати назариявӣ асосноккардашуда» аст. Факт се маънӣ дорад: «1) вай руйдод ва зуҳуроти воқеии бофтанашуда аст; 2) он дониши қатъан муқарраршуда, далеҳои таҷрибавӣ, яъне шакли донишҳои эмпирикӣ мебошад; 3) факт воқеиятест, ки объективан вуҷуд дорад».

Ба ин маънӣ, предмети фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро фактҳои иҷтимоие ташкил медиҳанд, ки ифодакунандаи яке аз тарафҳои ҳақиқати объективии зиндагии имрӯзаи моянд. Фактҳои иҷтимоӣ, ки маҷмӯи ҳодисаҳои ҷудогонаанд, базаи эмпирикии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба вуҷуд меоранд, онро ғанӣ мегардонанд ба андешае бидуни базаи фактҳои устувор (ахбороти аниқи оперативӣ) ФОҶ номумкин аст.

Факти иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи ҳаводиси якҷинсаи дорои аҳаммияти ҷамъиятӣ, аслан рӯйдоди иҷтимоии муҳим ва зуҳуроти типиро фаро мегирад, ки аз ҷониби корманди оперативи, дар такя ба низоми муайяни арзишҳо – ғояи пешбари ҷомеа, парадигмаҳои муҳимми идеологӣ, доираи ҷаҳонбинӣ, сатҳи маърифат ва мавқеи шаҳрвандӣ баррасӣ карда мешавад. Аз ин ҷиҳатҳо бармеояд, ки баррасии факти иҷтимоӣ ҷанбаи субъективӣ пайдо мекунад. Ҷанбаи субъективӣ асоси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ташкил дода, муносибати корманди оперативиро ба зуҳуроти баррасишаванда ифода мекунад ва мазмуни ҷаҳонбинии корманди оперативиро муайян мекунад.

Ба ин мазмун мисли он ки идеология ҳамчун муайянкунандаи ҳолат дар низоми ақидаҳо, назарияҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ бидуни мақсад буда наметавонад, ФОҶ низ холисона шакл намегирад. Корманди оперативӣ ҳангомии баррасӣ ва ё таҳлилу коркарди ин ё он масъала, тавсири симои ин ё он шахс, инъикоси раванди воқеаву рӯйдодҳо ҳамеша назари худро баён мекунад, муносибаташро нишон медиҳад. Муносибат гоҳо ошкоро ва баъзан ғайриошкоро дар пасманзари воқеияти баррасишуда пинҳон мемонад. Албатта, дараҷаи таҳлилу баррасӣ, қувва, восита ва усулҳои гузаронидани чорабинӣ ва амалиёти ҳар як корманди оперативӣ як хел буда наметавонад. Ин далолат ба он мекунад, ки бе ахбори муайяни дорои аҳамияти оперативидошта оғоз намудани парвандаи баҳисобгирии оперативӣ имконнопазир аст. Чунончи баррасӣ шуд, мақсади ниҳоии парвандаи баҳисобгирии оперативиро вазифа, мақсад ва назари корманди оперативӣ ташкил медиҳад, ки дар заминаи таҳлилу баррасӣ ва арзиш додан ба зуҳурот, рӯйдод ва факт, яъне маърифати мавзӯъ дар кори оперативӣ ҳосил шудааст.

Мазмуни хабари оперативӣ ду паҳлу дорад. Яке – иттилоот дар бораи низоми оперативӣ аст, ки корманди воҳиди оперативӣ дар такя ба онҳо рӯйдодҳоро шарҳ медиҳад. Бо шарофати ин роҳбари мақомоти оперативӣ имкон пайдо мекунад, ки ба моҳияти рӯйдод (иттилоот, хабар) амиқ сарфаҳм равад, арзишҳои пешниҳодкардаи корманди оперативиро қабул ё рад кунад. Дуюм, иттилооте, ки корманди оперативӣ

[1] Ниг.: м. 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25-уми марти с. 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 3, мод. 155; с. 2014, №7 қ.1, мод.387; с. 2017, №7-9, мод. 570.

бевосита аз маърифати вазъияти мушаххас ҳосил намуда, ба мақсади ҳалли проблема ба роҳбари воҳиди оперативӣ, яъне хабари худи корманди оперативӣ пешкаш мекунад.

ФОҶ ҳамчун соҳаи махсуси ин фаъолият дорои маҷмӯи методҳои сохториест, ки онҳо барои дуруст ба роҳ мондани банақшагирӣ, ошкоркунӣ ва кушодани ҷиноятҳо, муайян намудани шахсони ҷинояткор, ҳамчунин ба даст овардани маълумот дар бораи ҳодисаҳои таҳдидкунанда истифода бурда мешавад. Ин методҳоро дар маҷмуъ ба ду гурӯҳ: методҳои ақливу мантиқӣ (индуксия, дедуксия, традуксия) ва методҳои маърифатӣ ҷудо мекунанд. Агар методҳои аввал барои дарёфти ҳақиқати ҷараёнҳои иҷтимоию табиӣ ба корманди оперативӣ ёрӣ диҳанд, методҳои гурӯҳи дуюм дар дараҷаи муайян барои ба вуҷуд овардани образи корманди оперативӣ ва ба шакл даровардани андешаи оперативӣ, баъзан тахайюлӣ ба ӯ кумак мерасонанд. Бо шарофати дуруст ва ба таври ҳилабандӣ кор гирифтан аз ин методҳо дар ошкорсозии ҷиноятҳо ба танзим даровада шуда, қонунӣ будани ҳаракатҳои мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯиро асоснок менамояд.

Ҳамин тавр, ФОҶ аз соҳаҳои оперативиест, ки дар шинохт ва маърифати воқеияти олами муосир ба таҷрибаи иҷтимоӣ такя мекунад. Он авзои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеаро мавриди таҳқиқ қарор дода, таваҷҷуҳи мардумро ба муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоии давру замон ҷалб мекунад ва ба ин роҳ дар ҷомеа афкори умумро ба вуҷуд меорад. Ин амал тавассути функсияҳои гуногуни ФОҶ амалӣ мегардад. Агар барои ФОҶ функсияи иттилоотӣ асосӣ маҳсуб ёбад, дар амалигардонии чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ функсияи маърифатӣ мақоми бунёдӣ дорад. Маърифати ФОҶ аз воқеияти иҷтимоӣ маншаъ гирифта, бо факту далелҳои иҷтимоӣ асоснок мегардад ва дар рӯҳия ва талаби давру замон шакл мегирад ва вусъат пайдо мекунад.

ФОҶ функсияҳои дигар низ дорад, ки функсияи иттилоотиву иртиботӣ аз ҷумлаи онҳост. Ин функсия низ ҳукми бунёдӣ дорад. Моҳияти функсияи иттилоотиву робитавӣ мушоҳидаи муҳити ҷиноятӣ, вазъ ва тавсифи иҷтимоӣ ҷинояткори компютерӣ, муаррифию интиқоли он ба наслҳои имрӯзу оянда, огоҳии мардум аз хатарҳои иҷтимоиву табиӣ, амсоли мушкилоти равонӣ, нашъамандии рақамӣ, таъқибҳои киберӣ ва бе арзиш шудани муоширати зинда аст. Функсияи иттилоотии ФОҶ имкон медиҳад, ки доир ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ба корманди оперативӣ иттилооти муҳиму мубрам пешниҳод гардад. Ин функсия барои баҳамойии муносибати фард ва ҷомеа мусоидат менамояд. ФОҶ ба оҳанги императивӣ (омирона, ҳокимона) ба шахсони мусоидаткунанда муроҷиат мекунад, онҳоро бо масъалаҳои иҷтимоии рӯзмарра пайванд месозад ва ба ин васила дар ҳалли мушкилоти мавҷуда нақш мегузорад. Он барои дарки ҳамдигарии одамон фазои зарурии иҷтимоиро фароҳам меорад, рӯҳияи иҷтимоии давру замони муайянро ба таври мақсаднок ба шакл медарорад, онро маънидод мекунад, асоснок мегардонад ва барои наслҳои оянда маҳфуз медорад. Функсияи бунёдии дигари фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро функсияи иҷтимоию ислоҳотӣ номидан мумкин аст.

Яъне, ФОҶ на танҳо воқеиятҳо ва лаҳзаҳои проблемавиро баррасӣ мекунад, дар ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, ҳамчунин ошкор ва муайян намудани шахсони ин ҷиноятҳоро тайёркунанда, содиркунанда ё содиркарда дарку маърифати онҳо ба корманди оперативӣ ёрӣ мерасонад, балки барои ислоҳашон масъалагузорӣ низ мекунад, масъулинро барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ҳушдор медиҳад. Махсусияти функсионалии ФОҶ бо вазифаҳои он вобастагии ногусастанӣ дорад. Ин вазифа, пеш аз ҳама, бо роҳи ташаккули афкор ва тарзи ҳаёти иҷтимоӣ, ҳамоҳангсозии зиндагии одамон ба шароиту имконоти ҷомеаи сертаркибаи муосир амалӣ мегардад. Татбиқи мақсадҳои ниҳоии пешқадам ва коркарди арзишҳои ахлоқии ҷомеа аз бисёр ҷиҳат ба ФОҶ вобаста мешавад. ФОҶ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёт дахл намуда, ҳам ба ҷараёни инкишофи ҷомеа ва ҳам дар такомули шахсияти аъзои ҷудогонаи он таъсир мерасонад. Вай ба таври оперативӣ ба нуқтаҳои дардноки ҷомеа ва ё тарғиби дастовардҳои он эътино намуда, на танҳо назар ва хоҳиши зур, балки дар маҷмӯъ,

мавқеи шаҳрвандии мардумро ба шакл медарорад, онро устувор мегардонад. Функсияи сиёсӣ ва иҷтимоӣ ФОҶ ба принсипҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ахлоқӣ-этикӣ он алоқаи канданашаванда дорад. Зеро яке аз вазифаи ФОҶ пахш ва тавзеҳи амиқу ҳаматарафаи ин ё он мақсади ниҳоӣ, назар ва андешаҳоест, ки дар ҷараёни дарки таъсири байниҳамии субъектҳои иҷтимоӣ ва таҳлили фактҳои иҷтимоӣ иҷро мешавад. Масалан, дар ФОҶ маорифпарварии охири асри XIX ва ибтидои садаи XX тоҷик пахш ва тарғиби пешравиҳои кишварҳои дигар авзалият дорад. Яъне маъорифпарварон роҳи бедории маънавӣ ва эҳсоси худшиносии мардумро дар равияи ФОҶ дидаанд, ки дуруст ҳам буд, ки онро дар китоби “Наводир-ул-вақоеъ”- и Аҳмади Дониш мушоҳида мекунем.

Мубрамияти дигари ФОҶ дар он аст, ки корманди оперативӣ на танҳо дар бораи воқеаҳо, комёбиҳо, проблемаҳо нақл мекунад, балки тавассути таҳлил, баррасӣ ва коркардҳои оперативии ташкил намудани муҳити сунъии ҳарчи бештар ба воқеят наздик худ фазоеро ба вуҷуд меорад, ки шахси коркардшаванда ба он ҷалб мешавад ва ба андешаи ӯ бовар мекунад. Ин амал моҳияти функсияи иҷтимоию боварибахшии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ифода мекунад.

Ба таъбири Демосфен «агар ман шуморо мутмаъин карда тавонам, шумо ҳарчӣ ман маслиҳат диҳам, амал мекунед»[1]. Моҳияти функсияи иҷтимоию боварибахшии ФОҶ дар ҳамин аст. Мутахассиси варзидаи самти оперативӣ бояд ҷинояткоро ба дурустии ин ё он фикр, ақида, арзиш, меъёри пешниҳодшуда, тарзи муносибат ба масъала, роҳи ҳал доштани проблемаи баррасишуда бовар кунонад. Корманди оперативӣ бе нерӯи илҳомбахш (боваркунонанда) сифати муҳимми худро аз даст медиҳад. Бовари ба ФОҶ низ аз боварии корманди оперативӣ маншаъ мегирад. Албатта, ташвиши мардумро ҳис кардан, масъаларо дуруст дарк намудан, ба моҳияти ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии он сарфаҳм рафтан, хабарҳои шахсони мусоидаткунандаро бо фактҳои санҷидашуда пайванд сохтан, аз баррасиҳои масъала далелҳои собит ҳосил намудан аз корманди оперативӣ қудрату фаҳми хосаро талаб мекунад.

Функсияи дигари ФОҶ функсияи идеологӣ аст. Моҳияти ин функсия тарғиби мақсади ниҳои пешқадам ва ба ин роҳ ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ, умуман ҷомеа таъсир расонидан аст. Доир ба ин функсияи ФОҶ ақидаи муҳаққиқон мухталифанд ва на ҳама онро функсияи бунёдӣ меҳисобанд. Бархе бар он назаранд, ки ФОҶ набояд идеологӣ кунонида шавад. Аммо, чунончи таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ФОҶ бидуни мақсади ниҳоӣ (ғайриошкоро) буда наметавонад. Агар дар маҷмӯъ мақсади асосии ФОҶ ташаккули афкори иҷтимоӣ бошад, пас ба шакл даровардани чунин афкор ва ба нишон расонидани он бидуни тарғиби мақсади ниҳоӣ муайян имкон надорад. Аз тарафи дигар, инсон ва ё корманди оперативӣ аз низоми ақида ва назарҳои иҷтимоӣ дур буда наметавонад. Корманди оперативӣ дар ҳар ҳолат ба воқеаи мавриди баррасиаш муносибат ва назари худро на танҳо иброз медорад, балки онро ба таври равшан муайян мекунад ва ба ин васила мавқеи шаҳрвандиашро нишон медиҳад. Ба ин мазмун ФОҶ дар шарҳи сиёсии воқеаҳои баамалоянда, хулосабарориҳо доир ба масъалаҳои ниҳоят муҳимми ҳаёти халқ, тарғиби идеяву идеалҳои ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва ғайра хизмати босазо мекунад. Идеология инъикоси хусусиятҳои мавҷудияти иҷтимоии инсон дар шуури ӯ аст.

Идеология дар раванди таҷрибаи иҷтимоии одамон шакл гирифта, дар коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дарёфти роҳҳои таъсири иҷтимоӣ вазифаи асосиро ба дӯш мегирад. Ҷанбаи идеологии ФОҶ дар таҷдид ва ё тавлиди ақидаи нав, интихоби факт, тарзи баҳодиҳӣ, дараҷаи шарҳу тавзеҳи масъалаҳои муҳимми рӯз ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ кумак мерасонад, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ ва фаъол мегардонад.

Ба қатори функсияҳои бунёдии ФОҶ ҳамчунин функсияи эстетикиро метавон дохил намуд. Моҳияти ин функсия васфи зебоӣ, тараннуми зебоипарастӣ, эҳсоси тарбиявӣ мебошад, ки тавассути матни оперативӣ амалӣ мегардад. Дар замони муосир, ки таъсири фарҳангҳои гуногун имконпазир шудааст, ин функсия аҳаммияти бештар пайдо кар-

---

[1] Аграновский, А. Своего дела мастер / А. Аграновский. – М., 1980. – 416 с.

дааст. Ин функсия тариқи пурзӯр намудани ҷанбаҳои маърифатӣ, зебоипарастӣ ва тарбиявии фаъолияти кории корманди оперативӣ татбиқ мегардад.

Устод Раҳимзода Р.Ҳ., фалсафаро низ функсияи бунёдии ФОҶ меҳисобад. Далели ӯ он аст, ки «Илми ФОҶ як навъи раванди дарккунии (маърифати) воқеияти объективӣ, инъикос гардидани предметҳо ва падидаҳои олами моддӣ дар шуури инсон мебошад. Шахсе, ки бо проблемаҳои илмию амалии ФОҶ сару кор дорад, ба предмети тадқиқшавандаи худ чун ба як қисме (ҳалқае), ки дар қатори (силсилаи) падидаҳои воқеияти бо ҳам пайваста қарор дорад, муносибат менамояд, зеро чунин категорияҳои фалсафӣ ба монанди материя, ҳаракат, энергия, иттилоот, вақт, фазо барои коркард намудани ҳамаи проблемаҳои ФОҶ аҳамияти аввалиндараҷа доранд»[1]. Ин ҷараён ҳам ҷанбаи мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Аз як тараф, эҷоди сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ба шакл даровардани фаъолияти оперативӣ кумак мерасонад, аз ҷониби дигар, чорабиниҳои нав, ҳаракатҳои нав ва коркардҳои нав анъанаҳои садсоларо вайрон мекунанд, омилҳои баҳсиро ба вуҷуд меоранд.

Ҳамаи функсияҳои ФОҶ бо ҳам алоқаманд буда, дар маҷмӯъ сохтори функсионалии онро ташкил медиҳанд. Ин функсияҳо дар ҷараёни фаъолияти оператив-ҷустуҷӯӣ амалӣ гардида, дар фарҷом коркарди оперативиро ба шакл медароранд, ки боло рафтани маърифати ҳуқуқии мардум, наздик, самаранок ва натиҷанок гардидани муоширати иҷтимоии онҳо мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҷомеа дар ҳар давру замон ба ФОҶ ниёз дошт ва дорад, зеро фаъолияти мазкур на танҳо афкори оперативиро ба тариқи ошкоро ё ғайриошкоро дар доираи салоҳияти худ ба шакл медарорад, балки мақсадаш ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ мебошад.

ФОҶ самти махсуси фаъолияти оперативиест, ки ба ҳақиқати зиндагии иҷтимоӣ такя мекунад, раванди онро меомӯзад, дар дарки ин раванд оид ба «ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, ҳамчунин ошкор ва муайян намудани шахсони ин ҷиноятҳоро тайёркунанда, содиркунанда ё содиркарда»[2], инсонҳоро аз ҷиҳати мафкура ва маром ба ҳам меорад, дар ҳалли проблемаҳои мубрами иҷтимоӣ ва ҳамоҳангсозии ҳаёти одамон бо ҷомеа мусоидат мекунад.

**ТДУ 159.9:343.951**

## КОРКАРДИ ВОСИТАИ ТАШХИСИ ПСИХОЛОГӢ БО ДАР НАЗАРДОШТИ МАСЪАЛАҲОИ ПСИХОЛОГИЯИ ҲУҚУҚӢ

**Латифзода С.З.**
мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии ДТИОМТОК назди ДМТ,
ҳамзамон дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Doctor PhD
аз рӯйи ихтисоси психология
E-mail: Latifzoda_01@mail.ru

Имрӯзҳо мардуми тоҷик бо бунёди ҷомеаи навине машғул аст, ки он бо хусусияти демократӣ, ҳуқуқасос, дунёвӣ ва ягона буданаш тавсиф дода мешавад. Чунин ҷомеаро афроде бунёд карда метавонад, ки дорои тафаккури созанда,

[1] Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ китоби дарсӣ / Р.Ҳ. Раҳимзода. Нашри 5-ум. - Душанбе: «ЭР-граф», 2019. - С. 31.

[2] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25-уми марти с. 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 3, мод. 155; с. 2014, №7 қ.1, мод.387; с. 2017, №7-9, мод. 570.

эҷодӣ ва фаъол бошад, зеро замони нав тафаккури навро мехоҳад. Барои расидан ба ин ҳадафи наҷиб бояд рушди тафаккур дар оила, муассисаҳои томактабӣ, мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ ҷиддӣ ба роҳ монда шавад. Барои ташкили таълим ва тарбияи бачаҳои болаёқат, ҳамзамон омода кардани кадрҳои баландихтисоси бо талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгубуда, зарурати он пеш омадааст, ки дар мадди аввал фазои муосиди психологии дур аз ҳолатҳои стрессӣ фароҳам оварда шавад ва баъдан метавон дар бораи динамикаи инкишофи қобилияти ақлии онҳоро сухан ронд.

Дар илми психология, хусусан дар психологияи ҳуқуқӣ коркарди тест яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ боқӣ мемонад. На ҳар як психолог метавонад вобаста ба масъалаҳои дар замони муосир бавуқуъ омада тест ва ё методикаи мувофиқро коркард ва ё тестҳои мавҷудбударо модификатсия ва ё мутобиқ ба ҷомеаи этнофарҳангӣ кунад, зеро ин кор беҳад кори мураккаб ва пурмасъулияттлаб маҳсуб меравад.

Мавқеи хосса дар масъалаи коркард ва ба стандартдарории тестҳои психологӣ ба қалами муҳаққиқони хориҷӣ Кеттел Ҷ., Бине А., Симон Т., Айзенк Г., Крутетский В.А., Ле Кхи Тхан Тхо, Гончаров В.С., Носатов Ф.Т., Анастази А., Гизелли Е., Гилфорд Д.Ж., Кромбах Л., Торндайк Р., Хаген Е., Тифи Д., Макормик Е., Зак А.З. ва дигарон рост меояд[1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ истиқлолияти илмӣ низ мушоҳида гардида, аллакай илми психология рӯ ба инкишоф овард. Олимони тоҷики соҳаи психология масъалаи ташхиси психологиро ва моҳияти онро дар кишвари соҳибистиқлоламон ба зудӣ дарк намуда, аз пайи коркард ва ба стандартдарории методикаҳои илмӣ гардиданд. Масалан, олимони тоҷик Атохонов Р., Амонов Н.Қ. ва Латифзода С.З. бо дарки масъулияти илмии баланд бо назардошти урфу одатҳо ва анъанаҳои миллии тоҷикӣ тестҳоро коркард намуданд.

Ҳамаи ин далолат аз истиқлолияти илмии Тоҷикистон намуда, боиси пешрафти илми психология хоҳад гардид.

Дар робита ба ин, тасмими гирифтем бо дар назардошти масъалаҳои психологияи ҳуқуқӣ он воситаҳои психологиеро ишора намуда бошем, ки барои гирифтани маълумоти зарурӣ аз озмудашаванда муҳим арзёбӣ мегарданд. Муҳим арзёбӣ гардидани ин гуна воситаҳои ташхиси психологӣ дар психологияи ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, ки озмудашаванда намефаҳмад, ки кадом ҷанбаи ӯ мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Бо дар назардошти гуфтаҳои боло, воситаҳои 2 гурӯҳи воситаҳоро ишора мекунем: «Q» ва «T» - маълумот.

*«Q» - маълумот (аз «Questionnaire data»).* Омӯзиш ва таҳқиқи шахс ба воситаи методикаҳоро «Q» - маълумот меноманд[2]. Дар системаи таҳқиқи шахс «Q» - маълумот ҷойи марказиро ишғол менамоянд. Миқдори методикаҳои дар «Q» - маълумот истифодашаванда бисёранд. Машҳуртарин ва бештар истифодашавандаи ин гурӯҳи тестҳо MMPI, тести психологии Калифорнӣ (CPI), тести 16 омилаи Кэттел (16 PF) ва ғ. ба ҳисоб мераванд. Маълумоти зикргардида аз тахриф орӣ нестанд ва тахрифҳо дорои характери маърифатӣ ва маромнокӣ мебошанд. Таҳрифи маърифатӣ бо надонистани шахсияти худ ва чунин омилҳо вобастагӣ дорад:

– зинаи пасти зеҳнӣ ва фарҳангии шахс (озмудашаванда);
– мавҷуд набудани малакаҳои шарҳдиҳӣ ва донишҳои махсус;
– истифодаи эталонҳои (намунаҳо) нодуруст, масалан, озмудашаванда одатан худро бо доираи наздикаш тафриқагузорӣ менамояд, на ин ки бо тамоми аҳолӣ.

---

[1] Латифзода, С.З. Бастандартдарории воситаҳои (методҳои) ташхиси психологӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамои он / С.З. Латифзода, Н.С. Солиҳов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2024. – №. 3(21). – С. 156-161.

[2] Мельников, В.М., Ямпольский, Л.Т. Введение в экспериментальную психологию личности: учеб. пособие / В.М. Мельников, Л.Т. Ямпольский. - М.: Просвещение, 1986. - С. 10.

Маромнокии гуногуни озмудашаванда низ боиси таҳрифи ҷавобҳои қабулшудаи ҷамъиятӣ (диссимулятсия) ва ё пинҳон ва ё ошкоро зоҳир намудани нуқсонҳои худ, ки онро дар илми психология бо мафҳумҳои аггравurатсия ва симулятсия ном мебаранд. Ба аггравurатсия шахсони акцентуатсияи навъи истероидӣ, ки аз бемориҳои психопатӣ азият мекашанд, майл доранд. Аггравatсияро мебояд аз симулятсия фарк кард, симулятсия – ин бо мақсади ғаразноки худ нишонаҳо ва ё бемориеро, ки дар ҳақиқатан ҳам вуҷуд надоранд, намоиш додан мебошад.

Диссимулятсия калимаи лотинии dissimulation - пинҳоннамоӣ - кӯшиши шуурона пинҳон сохтани аломату нишонаҳои бемории психикии худ мебошад.

Аггравaтсия (aggravation - вазнинтар карда нишон додан) - симптомҳои вокеии бемориро ва ё ҳолати бемориро аз будаш зиёд нишон додан[1].

Таҳрифи маромнокӣ дорои характери шуурона ва бешууронаро дорад. Дар зери таҳрифи шуурона даст кашидан аз ҳамкорӣ фаҳмида мешавад. Аммо таҳрифи бешуурона ба ислоҳнамоиҳо дастрас аст. Ду роҳёфти гуногуни ба таҳрифи маромнокӣ вуҷуд дорад. Як гурӯҳи муаллифон (Айзенк, Кронбах, Эдвардс, Виггинм ва ғ.) таҳрифи маромнокиро ба мушкилоти баланд бардоштани саҳеҳии «Q»-маълумотҳо ворид намудаанд[2]. Муаллифони дигар бошанд, дар чунин ақидаанд, ки мақсадгузории озмудашаванда ҳангоми додани ҷавобҳо бо нишонаҳои муайяни шахс алоқамандӣ доранд (Дигман, Кэттел, Хандлеби). Мувофиқи ақидаҳои Хандлеби, Паулик ва Кэттел, хоҳиши ҷавоб надодан ва канораҷӯии озмудашаванда аз ҷавобҳо бо нишонаҳои шахсиятҳои изтиробнокӣ, конформнокӣ ва экстравертӣ алоқаманд аст.

*«Т» - маълумот (аз «objective test data»).* Дар натиҷаи ченкунии объективии рафтор (шифоҳӣ, ғайришифоҳӣ, иҷтимоӣ, фардӣ) бе муроҷиат ба худбаҳодиҳиҳо ва ё баҳогузории коршиносон ҳосил мегардад. Дар ҳамаи маврид вазъиятҳои хурди махсус барои зоҳирнамоии хусусиятҳои шахсӣ муҳайё карда мешаванд. Объективии «Т»-маълумот ҳангоми риояи талаботҳои асосии зерин дастрас мегарданд.

1) Ба имконияти таҳриф баҳогузории тестҳо маҳдудият гузошта шудааст.
2) Усули объективии гирифтани баҳогузорӣ аз рӯйи реаксияи озмудашаванда.

Риояи талаботи якумро чунин дарёфтан мумкин аст: озмудашаванда намефаҳмад, ки кадом ҷанбаи ӯ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Бо ин мақсад чунин усулҳо ба роҳ монда мешаванд:

1. *Пардапӯшнамоии мақсади асосии таҳқиқот.* Ин яке аз усулҳои машҳуртарин ба шумор меравад. Тест ва нишондод чуноне омода карда мешавад, ки озмудашаванда аз мақсади асосии таҳқиқот бохабар нагардад ва ба озмудашаванда мақсади аслӣ гуфта намешавад. Масалан, ба озмудашавандагон муроҷиат карда мешавад, мо тасмим гирифтем, то ин ки диққат, хотир, хаёли шуморо мавриди омӯзиш қарор диҳем[3].

Гарчанде дар асл бошад, хусусиятҳои характери онҳо мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Мисоли дигар, ҳангоми гузаронидани тести ассотсиативӣ ба озмудашаванда гуфта мешавад, ки суръати реаксияи шифоҳии шумо чен карда мешавад, аз ҳамин лиҳоз ҳам, шумо бояд якумин фикри дар саратон меомадаро қайд намоед

2. *Ногаҳони гузоштани супоришҳо.* Ин усул одатан аз ҷониби муфаттишон ҳангоми бозпурсӣ истифода мегардад. Ҳангоме ки субъекти ҷиноят нишондодҳои бардурӯғро мегӯяд, ба ӯ саволи ногаҳонии ба ин мавзӯъ алоқаманднабуда ва ё фактро, ки субъекти ҷиноят аз ин бехабар аст, дода мешавад. Ин системаи интизории равонии шахсро вайрон намуда, боиси стресси эмотсионалӣ мегардад. Дар мисоли мо чунин шуда метавонад. Ногаҳон ба озмудашаванда додани чунин савол: мазмуни тест ва ё но-

[1] Латифзода, С.З. Основы психологической диагностики: учебно-методическое пособие / С.З. Латифзода, Г.Ю. Баротова. – Душанбе: Таджикском национальном Университете, Государственный педагогический университет Таджикистана им. С. Айни, 2023. – 186 с.
[2] Ҳамон ҷо. - С. 67.
[3] Ҳамон ҷо. - С. 68.

ми он нафаронеро, ки як ду соат пеш онҳоро ҳамчун рафиқ номбар карда будед, ба хотир биёред

3. *Номуайянӣ ва ноаниқии мақсади ташхис (тестгузаронӣ).* Ба озмудашаванда чунин нишондодҳое пешниҳод мегардад, ки ӯ талаби озмоишгарро дарк намекунад, дар ин маврид ба озмудашаванда чӣ кор карданро мегӯяд, аммо чӣ гуна инро иҷро кардан ва меъёрҳои сифатии иҷроиш бошад гуфта намешавад. Масалан, ба озмудашаванда барои омӯзиши истодагарӣ ва мустақилии рафтор тест пешниҳод мегардад. Бо ин мақсад ба ӯ маҷмӯи гурӯҳи тестҳои мураккаби зеҳнӣ пешниҳод мегардад. Агар аз уҳдаи иҷроиши он набарояд, пас ӯ метавонад кӯмак пурсад. Аммо дар нишондод маълум нест, ки кадомаш беҳтар аст: умуман супоришро ҳал накардан ва ё кӯмак пурсидан.

4. *Ташкили вазъияти эмотсионалӣ ҳангоми ташхис.* Ин усул дар амалияи психологӣ бештар истифода мешавад ва вазъиятҳои мазкур ба воситаҳои гуногун ташкил ва истифода мегарданд. Масалан, ҷавоби манфӣ дар бораи сифати иҷроиш супориш, қобилиятҳо, маҳорати озмудашаванда, суръати ҷавобгардонӣ ва ғ. Инчунин озмудашаванда дар ҳолати ногувор гузошта мешавад. Масалан, аз ӯ хоҳиш карда мешавад, ки овозҳои ҳайвонотро тақлид намояд. Дар тести дигаре, ки шубҳанокӣ омӯхта мешавад, чунин аст: озмудашаванда дар кунҷи девор пушташро тарафи озмоишгар гардонида меистад. Ҳар лаҳзае, ки ба гумона ӯ озмоишгар ӯро менигарад, озмоишгарро хабардор намояд.

5. *Муҳтавои эмотсионалии тестҳо.* Ба усули болоӣ монанд аст ва фарқияташон дар он аст, ки вазъияти эмотсионалӣ на ба воситаи шароити ташхис, балки ба воситаи худи маводи тестӣ ташкил карда мешавад. Мазмуну муҳтавои тест метавонад ғайриэтикӣ, омехта, назмӣ, баду нодуруст бошад. Масалан, ба озмудашаванда гуфта мешавад, ки ба психолог оиди корҳои шахсӣ ва таассуротҳои хеш гап занад ва баъд аз ин муносибати худро нисбати тестҳо ва нафари гузаронандаи он андешаашро изҳор намояд. Ба сифати мавод-ангезаҳо латифаҳо, карикатураҳою қисматҳои мусиқавӣ ва ҳатто сурати садамаҳои нақлиётӣ, ки дар истифодаи умум қарор надорад, балки танҳо хоси ҳуҷҷатгузории тиббию ҳуқуқӣ махсуб мебошанд, баромад карда метавонанд1.

6. *Аксуламалҳои автоматикунонидашуда.* Ҳусни хат, амал ва ҳаракатҳои экспрессивии назораташон мураккаббуда, ҳатто ҳангоми хоҳиш доштан низ онҳоро тағйир додан душвор аст. Аз ин рӯ, онҳоро аксаран дар тестҳои барои омӯзиши шахс истифода менамоянд.

7. *Индикаторҳои ғайриихтиёрӣ.* Мафҳуми индикаторҳои ғайриихтиёрии шахс дар мактаби Б.М. Теплов ва В.Д. Небилитсин коркард гардидааст. Дар зери мафҳуми мазкур танҳо он методикаҳое дар назар дошта шудаанд, ки аз иродаи озмудашаванда вобастагӣ надоранд ва шартан аз ҷониби М.Б. Теплов ҳамчун методикаҳои «аксуламалҳои ғайриихтиёрӣ» номгузоринамудааст[2].

Талаботи дуюм, ин ба худи озмоишгар таалluқ дорад. Бо ибораи дигар, ин имкон медиҳад, ки аз ҳамаи психологон новобаста аз дараҷаи симпатия ва касбияташон натиҷаҳои якхеларо ҳосил намоянд. Мувофиқи ин нуқтаи назар, тестҳои лоиҳавӣ (тести мазмунӣ-апперсептивӣ, Роршах, тести расмӣфрустатсионӣ ва ғ.) объективӣ шумурда намешаванд, зеро онҳо танҳо ба талаботи якум ҷавобгӯ мебошанд, талаботи дуюм бошад, риоя намегардад.

[1] Латифзода, С.З. Основы психологической диагностики: учебно-методическое пособие / С. З. Латифзода, Г. Ю. Баротова. – Душанбе: Таджикском национальном Университете, Государственный педагогический университет Таджикистана им. С. Айни, 2023. – 186 с.

[2] Теплов, Б.М. Типологические свойства нервной системы и их значение для психологии / Б.М. Теплов. - М., 1962. - С. 87.

ТДУ 343.51

# БАЪЗЕ МАСОИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё ҚОҒАЗҲОИ ҚИММАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА)

**МИРЗОАХМЕДОВ Ф.А.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
E-mail: mfa2@yandex.ru

**ИСМАТОВ Р.А.**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: ismatovr1208@gmail.com

Аз рӯзе, ки ҳамчун воситаи ҳисоббаробаркунӣ – пул пайдо шуд, аз ҳамон лаҳза сохтакории он низ ба вуҷуд омад.

Пул ҳамчун мафҳуми муҳимми иқтисодӣ, ҳамчун моли махсус аз қаъри асрҳо то замони мо воситаи тавоноии муомилот, хариду фурӯши мол, пардохти андоз, боҷу хироҷ ва хизматрасонӣ нақши калон мебозад[1].

Истилоҳи ҷомеавии ҷинояти мазкур «сохтакории пул» мебошад. Бояд гуфт, ки новобаста аз ҷазои сахте, ки қонунгузории ҷиноятӣ барои ин ҷиноят муқаррар кардааст, сатҳи содиршавии ин ҷиноят то ҳол зиёд буда, ба ҷамъият хавнокии он хело ҳам калон аст.

Мутобиқи қ. 1 м. 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо дода мешавад[2].

Асоси ҳуқуқии низоми пулии дар айни замон амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» мебошад. Ин қонун дар моддаи 2 пешбинӣ менамояд, ки пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон сомонӣ аст, ки як воҳиди он ба 100 дирам баробар аст ва баровардани воҳидҳои дигари пулӣ манъ аст. Инчунин тибқи моддаи 14 қонуни мазкур масъули таҳия ва татбиқи сиёсати пулӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад[3].

Ҷинояти мазкур хусусияти трансмиллӣ гирифта дар аксар мавриد пулҳои қалбакӣ дар як давлат тайёр карда шуда, дар давлати дигар ба муомилот бароварда мешаванд.

Соли 1929 дар Женева Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бар зидди сохтакории пулҳо[4] ва Протокол ба он ба имзо расид. Дар тартиб додани он 26 кишвар, аз ҷумла Иттифоқи Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ ширкат варзиданд. Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бар зидди сохтакории пулҳо аз ду қисм ва 28 модда иборат аст. Онҳо принсипҳои асосии ҳамкории байналмилалии ҳуқуқиро дар мубориза бо сохтакории пул ва коғазҳои қимматнок муқаррар намуда, намудҳои ҷиноятҳои ба категорияи сохтакорӣ дохилшавандаро муайян мекунанд.

---

[1] Ғафурзода А.Д., Саъдиев И.З.: Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Нушбод, 2021. – С.340.

[2] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://base.mmk.tj (санаи муроҷиат: 25.02.2024).

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонки миллӣ» аз 28-уми июни с. 2011, № 722 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://base.mmk.tj (санаи муроҷиат: 25.02.2024).

[4] Международная конвенция по борьбе с подделкой денежных знаков, Женева, 20 апреля 1929 г.

Яке аз механизмҳои ҳифзи фаъолияти иқтисодӣ дар замони муосир - ин муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовузҳои ҷинояткорона ба муносибатҳои иқтисодӣ ба шумор меравад. Бо қабул шудани КҶ ҶТ соли 1998 ва муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, амалишавии фаъолияти қонунии иқтисодӣ кафолат дода шуд[1].

Сабабҳои боло рафтани содиршавии ҷинояти мазкур инҳо ба шумор мешаванд:

1) дарёфт намудани технологияи навини ҳозиразамони хориҷӣ, ки пулҳоро сифатан хуб қалбакӣ месозад;

2) ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудани миқдори зиёди асъори хориҷӣ;

3) инкишофи коғазҳои қиматнок дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) беаҳаммиятии кормандони гумрук.

Қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 281 - уми он ҷавобгарии ҷиноятиро барои тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қимматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ муқаррар намудааст.

Намудҳои ин ҷиноят чунинанд:

1) аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ;

2) ба миқдори калон содир шуда бошад;

3) такроран содир кардани ҷиноят;

4) агар кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад.

Объекти бевоситаи ҷиноят – ин муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи ҳуқуқ ба баробарии ин пул ва қоғазҳои қиматнок аз ҷониби субъектони фаъолияти иқтисодӣ аз ҷумла, ҳуқуқҳои истисноии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба барориши асъори миллӣ, манфиатҳои ғайридавлатии иқтисодӣ ва моликиятдорӣ, аз он ҷумла пулӣ мебошад[2].

Инчунин, ба сифати объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие баромад карда метавонад, ки фаъолияти мӯътадили низоми пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд.

Ба ҳайси предмети ҷинояти мазкур дохил мешаванд:

1. Пул, яъне билетҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва танга (сомонӣ, дирам). Мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.10. 2000 сол «Оид ба муомилот баровардани асъори миллии «Сомонӣ» муқаррар шудааст, ки аз 30.10.2000 сол воҳиди пули (асъори) Ҷумҳурии Тоҷикистон «сомонӣ» ва «дирам» мебошанд. Дар қаламрави ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани дигар воҳиди пулӣ ва барориши пулҳои сунъӣ манъ аст. Мувофиқи қонун барориши пул аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мешавад.

Пул ин ин муомилоти тамоми молҳост, ки он ҳамеша дар муомилот қарор дорад[3]. Пул, ки ба сифати предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) баромад мекунад, моли хосест, ки ҳамчун ченаки умумӣ амал мекунад. Он аз бисёр молҳои дигар дар ҷараёни таҳаввули муомилоти молӣ ба таври худсарона ҷудо карда шудааст[4]. Дар ҷараёни рушди таърихӣ нақши пулро ашёҳои гуногун иҷро мекарданд. Дар ибтидо ҳамчун пул ҳайвонҳо, ба монанди чорво, пашм ва пӯсти он истифода мешуданд, сипас металлҳои нодир ба туфайли хосиятҳои

---

[1] Сафаров, А.И., Саидов, Ш.Н., Қудратов, Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2015. – С. 56.

[2] Федоров, А. Банковская тайна и уголовное судопроизводство / А. Федеров // Безопасность, достоверность, информация. – 1996, - № 4. – С. 46-49.

[3] Волженкин, Б.В. Экономические преступления: учебник. – СПб., 1999. – С. 157.

[4] Красавина, Л.Н. Денежное обращение и кредит при капитализме / Л.Н. Красавина. – М.: Финансы и статистика, 1989. – С. 23.

худ: якхелагӣ, тақсимшавӣ, нигоҳдорӣ ва интиқолдиҳӣ вазифаи пулро иҷро мекарданд, ки онҳоро барои ин мақсад мувофиқтар мекард.

Пул, гарчанде ки ҳамчун мол амал мекунад, табиати беназир дорад. Дар фарқият аз дигар молҳое, ки арзиши истеъмолиро инъикос мекунанд, пул таҷассумгари пинҳонии меҳнати дар онҳо ҷойгиршуда мебошад. Ин арзиш тавассути баробар кардани мол ба ченаки умумӣ – пул равшан мегардад. Вобаста ба ин, пул ҳамчун ифодаи мустақим ва универсалии арзиш амал мекунад. Аз ин рӯ, тақаллуби нишонаҳои пулӣ боиси тахрифи худи моҳияти арзиш мегардад.

Дар адабиёти илмӣ таъкид карда мешавад, ки воҳидҳои пулӣ, алахусус дар шакли ҷисмонии онҳо, хусусиятҳои муайян доранд. Ба онҳо дохил мешаванд:

1) Аслият, ки тавассути технологияи мураккаби истеҳсолот ба даст оварда мешавад, ки тақаллубро душвор мекунад.

2) Қулай будани муомилот, ки бо мукаммалӣ, фарқият ва шинохтани нишонаҳои пулӣ таъмин карда мешавад.

3) Устуворӣ, ки бо истифодаи пулро ба муддати дароз таъмин мекунад.

4) Тақсимшавӣ, яъне имконияти тақсимоти воҳидҳои пулӣ ба воҳидҳои хурдтар, ки имконияти иваз кардани пулҳои калонро ба пулҳои хурд таъмин мекунад.

5) Якхелагӣ, ки маънои онро дорад, ки воҳидҳои пулии як арзиша новобаста аз шакли ҷисмонии онҳо (коғазӣ, металлӣ ва ғайра) қобилияти харидории баробар доранд[1].

Пулҳо дар шакли коғазҳо (банкнотаҳо, билетҳо) ҳамчун намоиши рамзии воҳидҳои пурраи пулӣ амал мекунанд. Пайдоиши онҳо бо рушди муомилоти металлӣ алоқаманд аст, ки дар он онҳо дар аввал ҳамчун ивазкунандаи тангаҳои нуқрагин ё тиллоӣ баромад мекарданд. Имконияти истифодаи чунин ҷойгузинҳо аз вазифаи асосии пул ҳамчун воситаи муомилот, яъне қобилияти онҳо ҳамчун миёнарав дар раванди мубодилаи молҳо вобаста аст. Татбиқи ин имконият дар амал натиҷаи раванди тӯлонии таърихӣ мебошад, ки якчанд марҳилаҳои пайдарпайро дар бар мегирад[2].

Марҳилаи аввал бо вайроншавии воҳиди пулӣ ифода мегардад, вақте ки тангаи пурарзиш хусусияти худро гум мекунад, он ба рамзи оддии арзиш табдил меёбад.

Марҳилаи дуюм қасдан вайрон кардани пули металлӣ аз ҷониби давлат мебошад. Бо ин мақсад, миқдори металлҳои қиматбаҳо дар тангаҳо ба таври сунъӣ коҳиш меёбад, ки ин ба давлат имкон медиҳад, то ки фоидаи иловагӣ ба даст орад.

Марҳилаи сеюм бо эмиссияи хазинадории пулҳои коғазӣ алоқаманд аст, ки маҷбуран ба пулҳои металлӣ баробарарзиш эълон карда мешаванд. Ин тадбир инчунин ба афзоиши даромади хазинаи давлатӣ нигаронида шудааст.

Таҳаввулоти гардиши пул, аз истифодаи тангаҳои пурарзиши металлӣ то пайдоиши пулҳои коғазӣ, роҳи дарозеро тай кардааст. Аввалин тангаҳо дар Лидия ҳанӯз дар асри VII пеш аз милод пайдо шудаанд. Дар асри XII дар Чин аввалин пули коғазӣ бароварда шуд ва дар Аврупо ва Амрико ин танҳо дар асрҳои XVII-XVIII рух дод[3]. Бори аввал пул дар шакли коғаз (банкнота) дар қаламрави Тоҷикистони муосир, ки он вақт дар ҳайати аморати Бухоро дохил буд, соли 1918 бароварда шуд. Ин нишонаҳои пулӣ «танга» номида мешуданд[4].

---

[1] Спиридонова, О.Е. Деньги в уголовном праве: знаки или символы / О.Е. Спиридонова // Юридические записки Ярославского государственного университета им. П.Г. Демидова. – Ярославль, 2000. Вып. 4. – С. 221-222.

[2] Долан, Э.Д. Деньги, банковское дело и денежно-кредитная политика / Э.Д. Долан, К.Д. Кэмбел. – М., 1991. – С. 45.

[3] Долан, Э.Д. Асари зикршуда. – С. 34.

[4] Пять интересных фактов о таджикской валюте // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://halva.tj/articles/faktcheking/pyat_interesnykh_faktov_o_tadzhikskoy_valyute/?ysclid=m4qtxts35z158752164 (санаи муроҷиат: 16.12.2024).

Ҳамин тариқ, моҳияти пул ба он вобаста аст, ки онҳо барои маблағгузории норасоии буҷет баровардa мешаванд ва бо металлҳои қиматбаҳо таъмин карда намешаванд, аммо қувваи ҳатмии муқаррарнамудаи давлатро доранд.

2. Асъори хориҷӣ. Асъори хориҷӣ гуфта – пули қоғазӣ дар шакли банкнота, билетҳои хазинагӣ, тангаҳои дар муомилот бударо меноманд, ки воситаи қонунии пардох дар давлати дахлдор ва гурӯҳи давлатҳое, ки инчунин, пулҳои қоғазҳои аз муомилот гирифташуда ва гирифташаванда ва ба ивазкунӣ мансуббуда мебошанд.

3. Қоғазҳои қимматнок. Мутобиқи қ. 1 м. 151 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, «қоғази қиматнок ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки бо риояи шакли муқаррарнамудаи қонун ва унсурҳои ҳатмӣ ҳуқуқҳои молумулкиеро тасдиқ менамоянд, ки амалисозӣ ё додани онҳо танҳо дар сурати манзур намудан имконпазир аст (коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ)»[1]. Дар асоси қ. 1 м. 152 Кодекси мазкур бошад, «ба коғазҳои қиматнок инҳо дохил мешаванд: саҳмия, вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент ва ҳуҷҷатҳои дигар, ки мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи коғазҳои қиматнок ё бо тартиби муқаррарнамудаи онҳо ба ҷумлаи коғазҳои қиматнок мансуб дониста шудаанд»[2].

Дар КҶ ҶТ, ки ҳоло амал карда истодааст, нисбат ба қонунгузории қаблӣ доираи ҳаракати ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) васеъ карда шудааст. Ҳоло ба он на танҳо коғазҳои қиматноки давлатӣ бо асъори миллӣ, балки дигар воситаҳои молиявии аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ дар бозори коғазҳои қиматнок баровардашуда дохил мешаванд. Ба онҳо ҳуҷҷатҳои пардохтӣ (чекҳо, векселҳо, аккредитивҳо ва ғайра), инчунин арзишҳои фондӣ (саҳмияҳо, вомбаргҳо) ва дигар уҳдадориҳои қарзӣ, ки дар пули миллӣ – сомонӣ ифода ёфтаанд, дохил мешаванд.

Масъалаи бандубасти намудҳои муайяни ҳуҷҷатҳо ба сифати коғазҳои қиматнок дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавзӯи баҳс боқӣ мемонад. Ин номуайянӣ ба муайян кардани объекти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таъсири бевосита мерасонад. Аз ҷумла, дар мавриди ба категорияи коғазҳои қиматнок дохил кардани саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатӣ ихтилоф вуҷуд дорад. Баъзе олимон онҳоро ҳамчун коғазҳои қиматнок намешуморанд, аз ин рӯ, истифодаи онҳоро ҳамчун предмети ҷинояти таҳлилшаванда истисно мекунанд[3]. Муҳаққиқони дигар, баръакс, саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатиро ҳам ба категорияи коғазҳои қиматнок ва ҳам ба предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), дохил менамоянд.

Ба ақидаи мо, мавҷудияти саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатӣ ба субъект мақоми соҳиби ҳуқуқро намедиҳад. Ҳуқуқи моликиятдории ӯ танҳо эҳтимолан ба вуҷуд меояд ва танҳо ҳангоми гирифтани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи ба ӯ додашуда амалӣ карда мешавад. Азбаски ҳуқуқи «эҳтимолӣ» наметавонад объекти таҷовуз бошад, пас саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатӣ низ чунин ҳисобида намешавад. Ин хулоса ба табиати онтологии саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатӣ асос ёфтааст. Мавҷудияти он худ аз худ маънои онро надорад, ки субъект соҳиби арзишҳои муайян мегардад. Саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатӣ танҳо имконияти гирифтани ҳуҷҷати хаттиро, ки даъвоҳои субъектро тасдиқ мекунад, фароҳам меорад. Чунин ҳуҷҷат Қарор дар бораи барориши (барориши иловагии) коғазҳои қиматноки эмиссионӣ мебошад, ки тибқи м.м. 14 ва 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бо-

---

[1] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри с. 2022, № 1918 // Кодекси мазкур аз 1-уми июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шуд.

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Гаухман, Л.Д. Преступления в сфере экономической деятельности / Л.Д. Гаухман, С.В. Максимов. – М., 1998. – С. 69-70; Волженкин, Б.В. Преступления в сфере экономической деятельности (экономические преступления) / Б.В. Волженкин. – СПб., 2002. – С. 371-372; Иванов, Н.Г. Акция как предмет мошенничества / Н.Г. Иванов // Законность. – 2001. - № 8. – С. 43.

раи бозори коғазҳои қиматнок»[1] метавонад ҳуқуқи барориши (барориши иловагии) коғазҳои қиматноки эмиссиониро бо як рақами бақайдгирии давлатии барориши коғазҳои қиматноки эмиссионӣ, тасдиқ намояд. Аммо, ҳатто бо мавҷуд будани Қарор ҳам, субъект наметавонад ҳамеша чизи дилхоҳашро ба даст орад, зеро ин аз бисёр омилҳои дигар вобаста аст (қарори маҷлиси саҳмдорон, Қарори шурои директорон ва ғайра). Аз ин рӯ, тақаллуби саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатӣ метавонад танҳо ҳамчун тайёрӣ ба содир намудани ҷиноятe, ки барои он дар м. 281 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст, баррасӣ карда шавад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, тарафи объективии ҷиноят чунин муайян карда шудааст: «раванди таҷовузи ҷамъиятии хатарнок ба манфиатҳои бо қонун ҳимояшаванда ки нишонаҳои берунии ҷиноятро дар воқеият тавсиф мекунанд. Тарафи объективии ҷиноят одатан нишонаҳои ҳатмӣ ва факултативиро доро мебошад»[2]. Тарафи объективии таркиби таҳлилшавандаи ҷиноят бо содир кардани кирдоре дилхоҳе, ки дар матни м. 281 КҶ ҶТ номбар шудааст, тавсиф карда мешавад, яъне: "Тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ"[3].

Дар зери маънои тайёр кардани предметҳои номбаргардида инҳоро мефаҳманд:

1) тайёр кардани лоақал як намуди пул ё қоғазҳои қимматноки қалбакӣ;

2) қалбакӣ кардани он (аз рӯи ҳаҷм, шакл ва сифат), ки реквизитҳои пул ё қоғазҳои қимматнокро нишон медиҳад.

Тайёр кардан метавонад бо ҳар тарз иҷро карда шавад, ки аз рӯи шакл, андоза, ранг ва дигар реквизитҳо ҳаммонандкунии пул ё қоғазҳои қиматнокро нишон медиҳад.

Мавҷуд набудани аломатҳои қалбакии пул ё қоғазҳои қиматнок ҷавобгарии ҷиноятиро мувофиқи м. 281 КҶ ҶТ истисно мекунад.

Таркиби ҷиноят расмӣ аст. Яъне ҷиноятаз лаҳзаи тайёр кардани яке аз аломатҳои қалбакии пул ё қоғазҳои қиматнок тамомшуда эътироф карда мешавад.

Тайёр намудан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани пулҳо ва қоғазҳои қиматнок, ки аз муомилот гирифта шудаанд (тангаҳои сарқадима, пулҳои шӯравӣ ва ғайра, ки танҳо арзиши коллексионӣ доранд), таркиби ҷиноятиро, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ташкил намедиҳанд. Дар дигар ҳолатҳо, толеан сохтакории пулҳои зикршуда ва қоғазҳои қиматнок, ҳамчун каллобӣ бояд бандубаст карда шавад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур – гуноҳ дар шакли қасди бевосита аст. Яъне субъекти ҷиноят дарк мекунад, ки пули қалбакӣ ё худ қоғазҳои қимматнокро тайёр мекунад ё ба муомилот мебарорад ва содир намудани чунин амалҳоро мехоҳад. Аз беэҳтиётӣ надидаву надониста ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ таркиби ҷинояти м. 281 КҶ ҶТ-ро ташкил намедиҳад. Ҳамин тариқ, агар шахс ҳангоми харидорӣ намудани пул ё қоғазҳои қимматнок бепарвоӣ зоҳир намуда онро харад, ки дар натиҷаи фурӯш ё гузаронидани он маълум мегардад, ки пул ё қоғазиҳои қиматноки ӯ қалбаки будааст, кирдор ҳамчун, хунукназарӣ баҳо дода мешавад, ки дар ин ҳолат таркиби ҷинояти дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинишударо ташкил намедиҳад.

Азбаски билети лотарияи пулию молӣ қоғази қимматнок нест, сохтакории он бо мақсади ба муомилот баровардан ё ғайри қонунӣ гирифтани бурд ҳамчун тайёрӣ ба қаллобӣ банду баст карда мешавад. Дар ҳолати фурӯши билети қалбакии латорея ё худ

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» аз 28-уми июни с. 2011, № 745 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://majmilli.tj/қонуни-чт-дар-бораи-бозори-коғазҳои-қи/?ysclid=m5hwawr8os264800517 (санаи муроҷиат: 16.01.2025).

[2] Тарбагаев, А.Н. Уголовное право: учебник. Общая часть. – М.: Проспект, 2014. – С. 135.

[3] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://base.mmk.tj (санаи муроҷиат: 25.02.2024).

аз рӯи ин гирифтани бурд, кирдори содиршуда ҳамчун қалобии хотимаёфта бандубаст карда мешавад.

Дар «б» қ. 2 м. 281 КҶ ҶТ омадааст, ки кирдорҳои пешбинӣ намудаи қисми 1 агар бо миқдори калон содир карда шавад. Миқдори калон он вақт ҳисобида мешавад, ки агар арзиши пулҳои қалбакӣ ё қоғазҳои қимматноки қалбакӣ тайёркардашуда ё ба муомилот баровардашуда аз як ҳазор андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо баланд бошад[1].

Субъекти ҷинояти сохтакории пул ва қоғазҳои қимматноки қалбакӣ (сохта) – ҳама гуна шахсоне мебошанд (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрвандӣ), ки ба синни 16 расидаанд ва ҳам дар қаламрави Тоҷикистон ва ҳам берун аз он ҷиноятро содир кардаанд.

Субъекти ҷиноят унсури ҳатмии таркиби ҷиноят мебошад. Шахсияти ҷинояткор хусусиятҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шахсе мебошад, ки субъекти ҷиноят эътироф шудааст, ки ҳангоми таъини ҷазо, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ғайра ба назар гирифта мешавад. Ҷинс, ҳолати мастӣ ҳангоми содир кардани ҷиноят ва ғайра ба назар гирифта мешаванд[2]. Саволе ба миён меояд, ки фарқи моддаи 281 КҶ ҶТ «сохтакории пул» аз пулсозии қалбакӣ дар чист?

Дар м. 281 КҶ ҶТ «сохтакории пул» (фальшивомонетничество) субъект бо як нозукӣ дар техникаҳои ҳозиразамон бо ҳаммонандкунии ҳама шаклу реквизитҳои нишондиҳандаи пулу қоғази қимматнок қалбакии онро сифатан беҳ месозад, ки на ҳар як шахси оддӣ онро метавонад фарқ кунад (фарқ кардан хеле мушкил аст).

Ҳангоми пулсозҳои қалбакӣ (фальшивомошенничество), мувофиқи м. 247 КҶ ҶТ қаллобӣ бошад, шинохтани пул ё қоғази қимматноки қалбакӣ хеле ва хеле осон аст, ки дар он субъекти ҷиноят наметавонад шакл ва реквизитҳои пул ё қоғазҳои қимматнокро сифатан беҳ созад[3].

Хулоса, тамоюли паҳншавии сохтакории пул ва қоғазҳои қимматноки қалбакӣ ба амнияти иқтисодии давлатҳо таҳдиди воқеӣ дорад. Аз ин лиҳоз, ташкили системаи таъсирбахши мубориза бо ин ҷиноят, ки торафт бештар миқёси ҷаҳонӣ пайдо мекунад, вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи кишварҳо мебошад.

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://base.mmk.tj (санаи муроҷиат: 25.02.2024).
[2] Тарбагаев, А.Н. Асари зикршуда. – С. 140.
[3] Парвандаи ҷиноятӣ 05873/07 дар ШКД ноҳияи И. Сомонии пойтахт.

ТДУ 343.22

# МАСОИЛИ МУҚАРРАР НАМУДАНИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

**НАСУРИЁН П.А.**
сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия
E-mail: p.nasurov@rambler.ru

**ҲУСЕЙНЗОДА С.Ҳ.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори фалсафа (PhD) дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия
E-mail: Sino-84@mail.ru

Дар асри XXI рушди технологияҳои рақамӣ, хусусан зеҳни сунъӣ, ба ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ расонд. Низомҳои зеҳнӣ дар бахшҳои нақлиёт, тиб, молия ва амният ба таври васеъ истифода мешаванд. Бо вусъати чунин технологияҳо, эҳтимоли содир шудани кирдорҳои ба қонун мухолиф тавассути алгоритмҳо ва низомҳои худомӯз зиёд мегардад.

Зеҳни сунъӣ ин маҷмуи алгоритмҳоест, ки қобилияти омӯзиш, коркарди маълумот ва қабули қарорро бе дахолати мустақими инсон дорост.

Тавре ки аз муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мушоҳидаҳои интернетӣ бармеояд, айни замон башарият дар фаъолияти худ рӯз аз рӯз аз кумаки зеҳни сунъӣ бештар истифода мебаранд. Сиёсати дурбинонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд соли охир ба баланд бардоштани сатҳи рушди технологияҳои рақамӣ, таҳияи барнома ва технологияҳои нав, такмил додани сатҳи рақамигардонӣ дар ҷомеа равона шудааст. Зарурати таҳияи низоми махсуси танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ ҳамчунин бо он вобаста аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббускори танзими он баҳри фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ эътироф мегардад. Ҳамин тавр, аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 79-уми Маҷмааи Умумии СММ 24-уми сентябри соли 2024 лоиҳаи қатъномаи махсус зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» пешниҳод гардида буд. Лоиҳаи мазкур 25-уми июли соли 2025 дар Маҷмааи Умумии СММ қабул гардид[1]. Қабули қатъномаи мазкур аз нақши муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати пешбурди муколамаи ҷаҳонӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва аҳаммияти таърихии сиёсати созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро далолат медиҳад.

Бо вуҷуди ин, набудани фаҳмиши дурусти ҳуқуқӣ аз сохторҳои рақамӣ ва танзими қонунгузории онҳо мушкил боқӣ мемонад. Аз ҷумла, масъалаву саволҳои зиёде ба миён меоянд, ки бо фаъолияти зеҳни сунъӣ, нейрошабакаҳо, ChatGPT ва ғайра алоқаманд

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Проблемаҳои амалия ва назарияи модернизатсияи фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021-2025)», рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1292 ва «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2028)», рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290, ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд, омода шудааст.

[1] Қабул гардидани қатъномаи таърихии Тоҷикистон оид ба зеҳни сунъӣ дар Маҷмааи Умумии СММ // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/17356/qabul-gardidani-qatnomai-tarikhii-tojikiston-oid-ba-zehni-suni-dar-majmai-umumii-smm (санаи муроҷиат: 25.09.2025).

мебошанд. Набудани мустаҳкамкунии расмии ҳуқуқии чунин технологияҳо ва масъалаҳои марбут ба истифодаи минбаъдаи онҳо метавонад боиси содир гардидани кирдорҳои зиддиқонунӣ аз ҷониби ашхоси манфиатҷӯ гардад.

Истифодаи зеҳни сунъӣ ва нейрошабакаҳо барои ҳадафҳои ҷиноятӣ рӯз ба рӯз вусъат меёбад. Дар ҳамин замина, шикоятҳои зиёди ҷабрдидаҳо аз ҷониби шахсоне, ки аз имкониятҳои нейрошабакаҳо, аз ҷумла ChatGPT, ки дар ҷаҳон маъруфияти бештари худро пайдо мекунад, истифода мебаранд, ба қайд гирифта мешавад[1].

Маълум аст, ки ин чат-бот, монанди дигар нейрошабакаҳои дорои принсипи амалкарди ҳаммонанд, дар асоси маводи зиёде, ки қаблан аз ҷониби инсон офарида шудаанд, омӯзиш мегирад, сипас онҳоро коркард намуда, натиҷаи нави сунъӣ пешниҳод мекунад. Аз ин ҳолат бармеояд, ки истифодаи барномаҳо ва нейрошабакаҳои гуногун метавонад боиси поймол кардани қонунгузории миллӣ, аз ҷумла ҳуқуқи муаллифи шахсони алоҳида гардад.

Дар амалия аллакай ҳолатҳое маълуманд, ки шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд бо аризаҳо оид ба поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф тавассути нейрошабака муроҷиат кардаанд. Масалан, моҳи январи соли 2023 чунин шикоят пешниҳод шуд. Як гурӯҳ рассомон изҳор намуданд, ки бидуни иҷозати онҳо, инчунин бидуни ризоияти шумораи зиёди дигар муаллифон, нейрошабака бо истифода аз расмҳо ва санъати қаблан нашршудаи онҳо тасвирҳои нав тавлид мекунад. Ба андешаи шикояткунандагон, нейрошабака на танҳо аз асарҳои онҳо ҳамчун асос истифода намудааст, балки услуби муаллифӣ, техника ва ҳатто қисмҳои комили аслиро нусхабардорӣ кардааст[2].

Ҳамчунин, моҳи декабри соли 2023 рӯзномаи The New York Times ба ширкати «OpenAI» ва «Microsoft» даъво пешниҳод намуд[3]. Дар ин даъво ширкатҳоро ба поймол кардани ҳуқуқи муаллифӣ гунаҳгор карданд, зеро онҳо бе иҷозати расмӣ аз нашрияҳои мазкур истифода карда, онҳоро барои омӯзиши нейрошабакаҳо ё дар худи нейрошабакаҳо истифода бурдаанд. Яке аз нейрошабакаҳои номбаршуда дар ин даъво, ки дар Тоҷикистон низ маъруф аст, ChatGPT буд. Пас аз он ки ин баҳс васеъ дар расонаҳо инъикос гардид, ширкати «OpenAI» гуноҳи худро эътироф карда, иқрор намуд, ки кормандони он воқеан нейрошабакаҳоро бо истифода аз объектҳои қаблан эҷодшудаи ҳуқуқи муаллиф омӯзонидаанд ва гуфтанд, ки «ҳоло дигар роҳи омӯзиши нейрошабакаҳо вуҷуд надорад». Мурофиаи судӣ идома дорад ва то ҳол хулосаи ниҳоӣ бароварда нашудааст[4]. Аввалин даъвои оид ба вайрон гардидани ҳуқуқи муаллифӣ бар муқобили «OpenAI» моҳи июли соли 2023 аз ҷониби ҳаҷвнигор, актриса, нависанда ва фаъол Сара Силверман ва ду муаллифи дигар пешниҳод шуда буд. Онҳо иддао карданд, ки моделҳои забони зеҳни сунъӣ бе огоҳӣ ё ризоияти онҳо дар асоси маводи ҳуқуқи муаллифӣ аз китобҳои онҳо омӯзонида шудаанд. Дар моҳи сентябри соли 2023, беш аз даҳ муаллифи маъруф, аз ҷумла, Ҷон Гришам, Ҷонатан Франзен ва Элин Ҳилдербранд, ба муқобили «OpenAI» барои вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ дар истифодаи китобҳои худ барои омӯзиши чатботи машҳури ChatGPT шикоят карданд[5].

Муҳаққиқон ва намояндагони назарияи ҳуқуқ бо пешниҳоди нуктаи назар андешаҳои худро ироа намудаанд: аз як тараф, муаллифон ё эҷодкорони зеҳни сунъӣ ме-

---

[1] Чочуева, З.А., М.А. Искусственный интеллект и уголовный закон / З.А. Чочуева, М.А. Абдулкадырова // Вестник Чеченского государственного университета им. А.А. Кадырова. - 2024. - № 4(56). – С. 167-172.

[2] В США подали первый иск о нарушении авторских прав нейросетью // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://pravo.ru/news/244964/?ysclid=lu6uul7kvy919831609 (дата обращения: 12.09.2025).

[3] New York Times подала в суд на Microsoft и OpenAI из-за использования ее статей // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.interfax.ru/business/938421 (дата обращения: 25.09.2025).

[4] Judge explains order for New York Times in OpenAI copyright case // [Electronic resource]. – Access mode: https://www.reuters.com/legal/litigation/judge-explains-order-new-york-times-openai-copyright-case-2025-04-04/?utm_source=chatgpt.com (date accessed: 11.09.2025).

[5] Open AI заплатит за нарушение авторских прав и «галлюцинации» Chat GPT? // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://habr.com/ru/articles/815575/ (дата обращения: 21.09.2025).

тавонанд созандагони он бошанд, ва аз тарафи дигар – шахсоне, ки аз хизматрасониҳои чунин системаҳо истифода кардаанд. Аз даъвои рӯзномаи The New York Times маълум аст, ки бо дарназардошти он, ки объектҳои эҷодшуда бо кӯмаки нейросетҳо ҳосили объектҳои аслӣ мебошанд ва инчунин аз ҷиҳати мазмуни эҷодӣ фарқ намекунанд, ҳуқуқ ба асарҳое, ки нейросет эҷод кардааст, шояд ба шахсе, ки аз ин технология истифода кардааст, тааллуқ надошта бошад.

Қонунгузор мафҳум дақиқро оид ба зеҳни сунъӣ муайян накардааст, ки истифодаи мунтазам ва оммавии нейросетҳо метавонад хатари ҷиддӣ барои шахсият, ҷамъият ва давлат эҷод намояд. Аз байни хавфҳо метавон паҳншавии эҳтимолии маълумоти хато ва нофаҳмии муайян кардани шахсе, ки барои истифодаи нодурусти зеҳни сунъӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, номбар кард. Масалан, 22-юми майи соли 2023 дар ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ хабаре дар бораи таркиш дар назди бинои Пентагон дар Вашингтон паҳн гардид[1]. Вале ҳамон рӯз маълум шуд, ки ин тасвир бо истифода аз нейросет эҷод шудааст ва асоси он як акс аз аввали солҳои 2000 гирифта шуда буд. Оид ба чунин гуна ҳолатҳо, ки оромии ҷамъиятиро дар кишварҳои гуногун халалдор мекунанд, мисолҳои зиёд овардан мумкин аст.

Бо дарназардошти чунин хавфҳои башариятро истиқболгиранда, санаи 23-юми сентябри соли 2025 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар мубоҳисаҳои иҷлоси 80-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зикр намуданд, ки «... мукаммал гардидани технологияҳои рақамӣ, таҳдидҳои нави амниятӣ, бахусус ҷиноятҳои киберӣ низ меафзоянд. Бо дарназардошти ин таъсиси Маркази минтақавии зеҳни сунъиро дар шаҳри Душанбе салоҳи кор шумориданд»[2].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки аз фаъолияти нейрошабакаҳо зарар дидани манфиатҳои бо қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назар дур нест.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан муносибатҳои ҷамъиятиро танҳо аз кирдори барои ҷамъият хавфноки шахси воқеӣ ҳифз мекунад, ки ӯ мукаллафи ба синни шонздаҳсолагӣ (қ. 1 м. 23 КҶ ҶТ) ва барои баъзе ҷиноятҳо аз чордаҳсолагӣ (қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ) фаро мерасад.

Аз мавзуи баррасигардида маълум мегардад, ки дар баробари шахсони воқеӣ, инчунин технологияҳое қарор доранд, ки қобилияти қабули қарорро бидуни дахолати инсон дороянд. Пас савол ба миён меояд: оё зеҳни сунъӣ метавонад субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ бошад? Агар ҳо – чӣ тавр ба ҷавобгарӣ ҷалб мегардад ва агар не – кӣ ба ҷавобгврӣ ҷалб карда мешавад?

Савол аз назарияи ҳуқуқ: оё зеҳни сунъӣ субъект (шахс) ҳисобида мешавад? Дар қонунгузории ҷории Тоҷикистон ва аксари кишварҳо, танҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ субъекти ҳуқуқӣ шинохта мешаванд. Аз ин рӯ, зеҳни сунъӣ на шахсияти ҳуқуқӣ ва на шахси воқеӣ эътироф мешавад. Барои эътирофи он ҳамчун шахс, аллакай зеҳни сунъӣ мақеи худро дар ҷомеа касб кардааст. Ӯ ҳамчун шахс аз шахси ҳуқуқӣ нисбаташ ба шахси воқеӣ наздиктар аст, вале маънои онро надорад, ки шахси воқеӣ аст. Ин масъала то дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам нагардад, мо зеҳни сунъиро ҳамчун шахс эътироф карда наметавонем ва дар сурати эътирофи он, дигар на зеҳни сунъӣ, балки унвони «шахси сунъӣ»-ро дар худ касб мекунад.

Бояд гуфт, ки «зеҳни сунъӣ» дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун объекти ношинос эътироф мегардад. Бо дарназардошти хавфҳои зиёди ҷойдоштаи таҷрибаи

[1] У Пентагона произошел взрыв. Объясняем, почему это фейк// [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.gazeta.ru/social/2023/05/22/16743344.shtml?ysclid=lu44eiovr7229733645 (дата обращения: 24.09.2025).

[2] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисаҳои иҷлоси 80-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, 24.09.2025 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.president.tj/event/news/52882 (санаи муроҷиат: 25.09.2025).

татбиқгардии зеҳни сунъӣ, масъалаи ҷавобгарӣ аз кирдорҳои ба ҷамъият хавфноки он мавриди ибрози ақидаи олимон ва ҷомеаи васеи инсоният гардидааст.

Аломатҳои субъекти ҷиноят дар м. 22 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) муқаррар гардидааст, ки ин:

1. Шахси воқеӣ будан;
2. Мукаллаф будан;
3. Ба синни муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ расидан.

Дар сурати ҷой надоштани яке аз аломатҳо, субъекти ҷиноят эътироф намешавад ва умуман таркиби ҷиноят вуҷуд дошта наметавонад.

Аз рӯйи аломатҳои субъекти ҷиноят, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, зарур мешуморем ба зеҳни сунъӣ ҳамчун шахси сунъӣ баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ диҳем.

Шахси воқеӣ будан маънои онро дорад, ки субъекти ҷиноят пеш аз ҳама инсон бошад. Дар қонунгузории маданӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди давлати хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд шахси воқеӣ эътироф мешавад. Дар КҶ ҶТ шахси воқеӣ шарҳ дода нашудааст.

Шахсони ҳуқуқӣ (ташкилот, корхона, муассиса) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Шахсони ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Мутобиқи нишондоди кодексҳои ҷиноятии якчанд давлатҳои хориҷӣ, ба сифати субъекти ҷиноят шахсони ҳуқуқӣ низ баромад карда метавонанд, аз ҷумла Англия, Нидерландия, Канада, ШМА, Франсия, Италия ва ғайра[1].

Дар кодексҳои ҷиноятии якчанд кишварҳои замони муосир ҷазои ҷиноятӣ нисбати ҳайвонот низ ҷой дорад. Мисол, соли 1990 дар штати Техаси Америка ҳукми қатл нисбати саге бо номи Маркус бароварда шуда буд, ки ин саг якчанд маротиба ба одамон ҳамла оварда буд[2]. Дар КҶ ҶТ ҳайвонот ба сифати субъекти ҷиноят баромад карда наметавонанд. Агар саг девона бошаду ба мардум ҳамла кунад, пас нобуд карда мешавад ва ин маънои ҷазои ҷиноятиро надорад. Ҳайвонот дар содир кардани ҷиноят ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят баромад карда метавонанд. Мисол, фармон додани саг барои ҳамла ба шахси мушаххас бо мақсади расонидани зарар ба саломатӣ, ё ин ки партофтани мори заҳрнок ба ҷойи хоб ё автомашина бо мақсади аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси мушаххас ва ғайра.

Зеҳни сунъӣ шаҳрвандии ягон давлатро доро намебошад ва мавқеи ҳуқуқии он дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидааст. Бинобар ин, аз ин дид субъекти ҷиноят эътироф намешавад.

Дигар аломати субъекти ҷиноят, ин мукаллаф будани шахс аст, яъне шахс бояд ба ҷамъият хафнокии кирдор ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдорро дарк карда тавонад ва имконияти идора карда тавонистани онро доро бошад. Мукаллафӣ аз бо критерияҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ шарҳ дода мешавад. Аз рӯйи ин аломат зеҳни сунъӣ шабеҳи мукаллафӣ аст.

Маҳаки ҳуқуқии зеҳни сунъӣ аз рӯйи нишонаҳои зеҳнӣ ва иродавӣ тавсиф мегардад.

Нишонаи зеҳнии критерияи ҳуқуқии мукаллафӣ дар «ба ҷамъият хафнокии кирдор ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдорро дарк карда тавонистан» ифода мегардад. Ин нишона ба инсони мукаллаф хос мебошад. Зеҳни сунъӣ дар асоси маҷмуи алгоритмҳо муқаррар карда мешавад, ки дар замони муосир он пурра кирдорҳои ба ҷамъият хавфнокро дарк карда метавонад. Мисол, бо зеҳни сунъии ChatGPT вобаста ба муқаррар кардани нишонаи зеҳнии он чунин саволу ҷавоб доир гардид:

Савол: оё ту дарк карда метавони, ки «Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ» ба ҷамъият хавфнок аст ё ба ҷамъият фоидаовар аст?

---

[1] Павлов, В.Г. Субъект преступления в уголовном праве / В.Г. Попов. – М. – СПб., 1999. – С. 78-81.
[2] Козаченко, И.Я., Незнамова, З.А. Уголовное право. Общая часть: учебник для вузов / И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – М.: НОРМА – ИНФРА-М, 2001. - С. 169.

Ҷавоби ChatGPT: «Ман равшан дарк мекунам: «Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ» ба амният фоидаовар нест, балки хавфнок аст!».

Савол: Ба ҷамъият хавфнокии «Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ» дар чӣ ифода мегардад?

Ҷавоби ChatGPT: «Ба ҷамъият, хавфнокии «Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ» дар чанд ҷиҳат дарк мешавад:

1. Эҷоди тарс ва воҳима. Паҳн шудани иттилооти бардурӯғ дар бораи амалҳои террористӣ метавонад мардумро тарсонад ва воҳима эҷод кунад, ки ба суботи иҷтимоӣ таъсир мерасонад.

2. Ноустувории равонии иҷтимоӣ. Омма метавонад боварии худро ба давлат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва расонаҳои хабарӣ аз даст диҳад, ки боиси ноустувории иҷтимоӣ ва ихтилофҳои ҷамъиятӣ мешавад.

3. Таҳрик ба амалҳои зиддиҷамъиятӣ. Ҳатто иттилооти дурӯғ метавонад шароити мусоид барои таҳрик ё даст задани баъзе шахсон ба амалҳои ҷиноятӣ ё хушунатомез фароҳам кунад.

4. Халал ба тарзи зиндагӣ ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ. Ин метавонад ба мушкилоти иҷтимоӣ, маҳдудияти ҳаракат, фароғат ва фаъолияти иҷтимоӣ таъсир расонад.

Яъне, дар маҷмуъ, хавфнокии чунин иттилоот барои ҷамъият дар суботи иҷтимоӣ, боварии мардум ва амнияти иҷтимоӣ ифода мешавад».

Нишонаи иродавии критерияи ҳуқуқии мукаллафӣ дар «имконияти идора карда тавонистани кирдори худ» ифода мегардад. Зеҳни сунъӣ имконияти воқеии идора кардани кирдори худро надорад. Ҳарчанд зеҳни сунъӣ метавонад ба назар расад, ки «қарор мегирад» ё «таъсир мерасонад», ин ҳамеша натиҷаи барномарезӣ ва таҳлилҳои ҳисоббарорӣ аст, на иродаи мустақил. Яъне, қарорҳо танҳо бар асоси алгоритмҳо ва додаҳо бароварда шуда, зеҳни сунъӣ дар асоси маълумот ва қоидаҳои барномарезӣ амал мекунад ё ҷавоб медиҳад, на бо иродаи мустақил.

Синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки дар моддаи 23 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, аз рӯйи нишондоди ҷисмониву рӯҳии инсон муқаррар гардидааст ва дар синни муқарраргардида шахси воқеӣ ба ҷамъият хафнокии кирдор ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдорро дарк карда метавонад ва имконияти онро идора карданро доро аст. Зеҳни сунъӣ бошад, чи қадаре муосиртар бошад, ҳамон қадар навгониҳои ба худ хоссро доро аст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло эътироф карда мешавад, ки зеҳни сунъӣ субъекти ҷиноят буда наметавонад.

Дар сурати бо истифода аз зеҳни сунъӣ ба манфиатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ зарар расонидан вобаста ба ҳолати рухдода шахси воқеии онро тарҳрезинамуда, шахси воқеии ташкилоти истеҳсолкунанда ё онро истифодабаранда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб гардиданаш мумкин аст.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми аз барномаи таҳиянамуда (зеҳни сунъӣ) садҳо оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок фаро расидаанд. Мисол, дар муассисаи тиббӣ кӯдаки яксола бо ҳарорати баланд (40ºC), камобшавӣ ва заифии умумӣ ворид шуд. Ташхис тавассути низомии махсуси зеҳни сунъии тиббӣ гузаронида шуд, ки тибқи натиҷаҳои он кӯдак гирифтори зуком мебошад ва барои табобат истифодаи аналгетикҳо ва инфузияи моеъҳо зарур аст. Корманди соҳаи тиббӣ бо риояи қатъии тавсияҳои зеҳни сунъӣ амал кард, аммо пас аз панҷ соат кӯдак вафот кард. Таҳлили ҷасад нишон дод, ки сабаби марги кӯдак сирояти вазнини бактериявӣ буд – ташхиси зеҳни сунъӣ нодуруст баромад[1].

[1] Мосечкин, И.Н. Искусственный интеллект и уголовная ответственность: проблемы становления нового вида субъекта преступления / И.Н. Мосечкин // Вестник СПбГУ. Право. - 2019. - Т. 10. - Вып. 3. – С. 463-465 (461–476) // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://doi.org/10.21638/spbu14.2019.304 (дата обращения: 25.09.2025); Hallevy, Gabriel. When Robots Kill: Artificial Intelligence Under Criminal Law. - Boston, Northeastern University Press, 2013. – С. 84 // [Electronic resource]. – Access mode:

Тибқи қонунгзузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зеҳни сунъӣ мумкин аст ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят баромад кунад, агар субъекти ҷиноят онро дар содир намудани ҷинояти худ истифода барад. Дар Федератсияи Россия лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба КҶ Россия таҳия гардидааст, ки тибқи он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бо истифода аз зеҳни сунъӣ содир намудани ҷиноят муқаррар мегардад[1].

Дар баробари ин, пешниҳод карда мешавад, ки танзими зеҳни сунъӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ба роҳ монда шуда, инчунин дар меъёрҳои мушаххаси қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят муқааррар карда шавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон зеҳни сунъиро ҳамчун падидаи нав, бо дарназардошти раванди ҷаҳонишавӣ, рушди илму техника, ворид ва истифода гардидани технологияҳои пешқадаму муосир дар ҳама соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ хеле муҳим эътироф менамояд. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2025, № 83 «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» қабул гардидааст, ки тибқи банди 47-уми он вобаста ба зеҳни сунъӣ тадбирҳо дар самти таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин зарур аст:

– таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зеҳни сунъӣ», ки асосҳои танзими давлатии ин соҳаро муайян менамояд;

– ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳо ва кодексҳо вобаста ба таъмини ҳифзи ҳуқуқии зеҳни сунъӣ ва муносибатҳо марбут ба он;

– таҳияи қоидаҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногун, муайян намудани механизмҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, механизмҳои истифодаи манбаъҳои иттилоот, ҳалли баҳсҳо, ҳифзи ҳуқуқии он ва ҷанбаҳои дигар;

– ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқат намудани стандартҳои миллӣ ва механизми бастани шартномаҳои байналмилалӣ оид ба зеҳни сунъӣ;

– таҳияи қоида ва стандартҳои миллии баҳогузории арзиши объекти зеҳни сунъӣ барои тиҷоратикунонӣ ва идоракунӣ;

– таҳияи механизмҳои самараноки баҳисобгирӣ ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои фаъолияти зеҳни сунъӣ дар истеҳсолот.

Бо дарназардошти таҳлили мавзуи баррасишуда, чунин хулоса карда мешавад:

1. Ба сифати субъекти ҷиноят зеҳни сунъӣ баромад карда наметавонад, зеро он бевосита дар амалҳои худ иродаи мустақил надорад, чунки дар асоси алгаритмҳои воридгардида хулоса мебарорад.

2. Зеҳни сунъӣ ба сифати воситаи содир намудани ҷиноят баромад карда метавонад.

3. Зеҳни сунъӣ дар меъёрҳои мушаххаси қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят муқааррар карда шавад

4. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зеҳни сунъӣ», ки асосҳои танзими давлатии ин соҳаро муайян менамояд, таҳия ва қабул карда шавад.

---

http://repo.darmajaya.ac.id/4876/1/When%20Robots%20Kill_%20Artificial%20Intelligence%20under%20Criminal%20Law%20%28%20PDFDrive%20%29.pdf (date accessed: 22.09.2025).

[1] Минцифры предлагает уголовную ответственность за применение ИИ в криминале // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.vedomosti.ru/technology/articles/2025/06/09/1116134-sest-za-neiroset (дата обращения: 25.09.2025).

УДК 343.346

# БАҲОГУЗОРИИ ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ*

**НАРЗУЛЛОЗОДА С.С.**
сардори шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия
E-mail: n.suhrob-92@mail.ru

**СУНАТУЛЛОЗОДА У.С.**
омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия
E-mail: n.suhrob-92@mail.ru

Ҷараёни интегратсионие, ки дар ҷаҳони муосир гузашта истодааст, ба ҳар як давлати алоҳида таъсир расонида, ӯро водор месозад, ки қонунгузории миллии худро бо назардошти дастовардҳои қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пешрафта, алалхусус дар самти муқовимат бо ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, ба роҳ монад.

Аз ин лиҳоз, ташкил намудани низоми меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии муносиб оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои зикршуда бе назардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои гуногун, аз ҷумла, давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ), ғайриимкон аст. Аз ин сабаб, имрӯзҳо дар баъзе давлатҳои ҷаҳон муассисаҳои махсуси ҷамъиятӣ ва давлатӣ ташкил карда шудаанд, ки фаъолияти асосии онҳо ба тадқиқоти муқоисавии қонунгузории (аз ҷумла, қонунгузории ҷиноятӣ) давлатҳои гуногуни пешрафта равона гардидааст[1].

Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чандин давлатҳо шартномаҳоро вобаста ба ёрии ҳуқуқии тарафайн бастааст. Масалан, мувофиқи м. 27-28-уми шартномаи дуҷонибаи Россия ва Тоҷикистон оид ба дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии тарафайн – тарафҳо ҳамкориро дар соҳаи ҳуқуқ амалӣ намуда, бояд қонунгузории миллии худро дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба ҳамдигар наздик намоянд[2]. Муқаррароти ба ин монанд дар Созишнома оид ба ҳамкории иттилоотии давлатҳои иштирокчии ИДМ дар соҳаи таъмини бехатарии нақлиёт аз 30-юми майи соли 2014[3] ва дигар санадҳо[4] мустаҳкам гардидааст.

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи тадқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва сиёсати рушд (2023-2027)» таҳия шудааст, ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад. Рақами бақайдгирии давлатӣ 0121TJ1289.

[1] Кругликов, Л.Л. Сравнительное уголовное право: учебное пособие / Л.Л. Кругликов: Ярославский гос. университет им. П.Г. Демидова. – Ярославль: ЯрГУ, 2013. – С. 3-4.

[2] Договор о дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан (подписан в г. Москве 25.05.1993) // Бюллетень международных договоров, 1993. № 8.

[3] Созишнома оид ба ҳамкории иттилоотии давлатҳои иштирокчии ИДМ дар соҳаи таъмини бехатарии нақлиёт аз 30-юми майи соли 2014 // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ. Шакли 7.0. // Вазорати адлияи ҶТ. Душанбе, 2020.

[4] Соглашение о сотрудничестве Государств-участников Содружества Независимых Государств в борьбе с преступностью на транспорте от 15 сентября 2004 года // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ. Шакли 7.0. // Вазорати адлияи ҶТ. Душанбе, 2020.; Соглашение о введении международного сертификата взвешивания грузовых транспортных средств на территориях государств-участников Содружества Независимых Государств от 16 апреля 2004 года // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ. Шакли 7.0. // Вазорати адлияи ҶТ. Душанбе, 2020.; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии

Аҳаммияти таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши таҷрибаи қонунгузории хориҷӣ, хусусан давлатҳои иштирокчии ИДМ, метавонад як заминаи муҳим барои такмил додани қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон гардад. Ҳамзамон, чунин муқоисакунӣ имконият медиҳад, ки самти рушди қонунгузориро вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт муайян намуд. Ғайр аз ин, наздик намудани муқаррароти қонунгузории давлатҳо ин, пеш аз ҳама, тақозои замон буда, нишон аз рушд намудани муносибатҳои байнидавлатӣ мебошад.

Ба қавли баъзе муҳаққиқон, он фарқиятҳое, ки дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ мавҷуд аст, метавонанд дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои нақлиётӣ душворӣ эҷод намуда, боиси муваффақ нагаштан дар ин самт гарданд[1]. Омӯзиши корҳои илмии мутахассисон нишон медиҳанд, ки ҳангоми таҳлили муқоисавии ин ё он масъалаи ҳуқуқӣ муҳаққиқон нахуст қонунгузории давлатҳои хориҷиро тасниф намуда, пас аз ин, онро дар алоҳидагӣ мавриди тадқиқ қарор медиҳанд. Чунин таснифот аз рӯйи маҳакҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Масалан, А.И. Сафаров қонунгузории давлатҳои иштирокчии ИДМ-ро аз рӯйи унсурҳои таркиби ҷиноят – объекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят, субъекти ҷиноят ва тарафи субъективии ҷиноят тасниф намуда, мавриди тадқиқ қарор додааст[2].

Қайд кардан зарур аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қонунгузории давлатҳои хориҷӣ вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аз рӯйи дигар критерияҳо низ тасниф гардидаанд. Вале, аз диди мо, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ-ро аз рӯйи дараҷаи муайя будани аломатҳои таркиби вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт шартан ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт начандон зиёд муайян гардидаанд;
2. Қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ба дараҷаи миёна муайян гардидаанд;
3. Қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт нисбатан пурра муайян гардидаанд.

Ба назари мо, Федератсияи Россия (минбаъд – ФР) ва Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) ба шумори давлатҳое дохил мегарданд, ки дар қонунгузории ҷиноятии худ аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро нисбатан пурра муайян кардаанд.

Қонуни ҷиноятии ФР ҷавобгариро барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар м. 264 (Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт)- Кодекси ҷиноятии худ (минбаъд – КҶ ФР) муқаррар кардааст. Мутобиқи ин модда «аз ҷониби шахси идоракунандаи автомобил, трамвай ё

Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи алоқаи байналмилалии автомобилӣ // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2018, № 5, мод. 369.; Созишнома оид ба ҳамкории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соҳаи автомобилсозӣ аз 28-уми октябри соли 2016 // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ. Шакли 7.0. // Вазорати адлияи ҶТ. Душанбе, 2020.

[1] Волженкин, Б.В. Пояснительная записка к Модельному Уголовному Кодексу для государств – участников Содружества Независимых Государств / Б.В. Волженкин // Известия ВУЗов. Правоведение. – 1996. – № 1. – С. 88-90.

[2] Сафаров, А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем, по материалам Республики Таджикистан): дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.И. Сафаров. – М., 2011. – 229 с.; Сафаров, А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем: монография / А.И. Сафаров. – Душанбе, 2012. – С – 64-91.

дигар воситаи нақлиёти механикӣ вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат ё истифодаи воситаҳои нақлиёт, ки аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардидааст, бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол ё корҳои маҷбурӣ ба муҳлати то ду сол бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни он ё ҳабс ба муҳлати то шаш моҳ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёт ба муҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад»[1].

Аз муқаррароти қ. 1 м. 264 КҶ ФР бармеояд, ки дар натиҷаи вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, агар аз беэҳтиётӣ зарари миёна ба саломатии шахс расад, ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи мазкур истисно мегардад. Аммо дар ҳолати ба миён омадани чунин оқибат шахсро мувофиқи қ. 2 м. 12.24 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Федератсияи Россия[2] ба ҷавобгарӣ ҷалб менамоянд. Қайд кардан бамаврид аст, ки то соли 2003 дар қ. 1 м. 264 КҶ ФР оқибати ҷиноят дар намуди расонидани зарари миёна ба саломатии инсон пешбинӣ гардида буд. Лекин соли 2003 бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ФР ҷавобгарӣ барои расонидани чунин зарар аз эътибор соқит дониста шуд[3].

Таҳрири амалкунандаи КҶ ФР-ро вобаста ба истисно намудани ҷавобгарӣ барои расонидани зарари миёна ба саломатии инсон ҳангоми содир намудани ин ҷиноят аз ҷониби бархе олимон мавриди танқид қарор гирифт. Масалан, ба ақидаи Федорченко М.В., чунин тағйирот дар КҶ ФР ҳам аз назари функсияи пешгирии қонуни ҷиноятӣ ва ҳам аз назари адолати иҷтимоӣ нодуруст ҳисобида мешавад[4].

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи расонидани зарари миёна ба саломатӣ, ҷабрдида қобилияти умумии меҳнатии худро аз 10 % то 30 % гум мекунад[5]. Дар қонунгузории ҷиноятии мо низ андозаи зарари миёна ба саломатӣ чунин муайян карда шудааст[6]. Аз ин лиҳоз, ба андешаи С.А. Зентсова, чунин оқибатро зарари назаррас наҳисобидан ва бе ҷазои ҷиноятӣ гузоштан дуруст нест[7], ки мо низ чунин назарро ҷонибдорӣ менамоем.

Сохтори м. 264 КҶ ФР аз шаш қисм иборат буда, чунин менамояд:

– қ. 1 м. 264 – таркиби асосӣ (дар боло оварда шудааст);

– қ. 2 м. 264 – кирдори пешбининамудаи қ. 1 ҳамин модда аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардад, агар:

а) аз ҷониби шахсе, ки дар ҳолати мастӣ қарор дорад, содир гардад;

б) ба монда рафтани макони содиршавии он марбут бошад.

– қ. 3 м. 264 – кирдори пешбининамудаи қ. 1 ҳамин модда аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон гардад.

– қ. 4 м. 264 – кирдори пешбининамудаи қ. 1 ҳамин модда аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон гардад, агар:

а) аз ҷониби шахсе, ки дар ҳолати мастӣ қарор дорад, содир гардад;

б) ба монда рафтани макони содиршавии он марбут бошад.

---

[1] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 г., № 63-ФЗ (ред. от 21.04.2025) // Собрание законодательства Российской Федерации, 17 июня 1996 года, № 25. Ст. 2954.

[2] Кодекс Российской Федерации об административных правонарушениях от 30 декабря 2001 г., № 195-ФЗ (ред. от 07.06.2025) // Собрание законодательства РФ, 07.01.2002, № 1 (ч. 1), ст. 1.

[3] Федеральный закон «О внесении изменений и дополнений в Уголовный кодекс Российской Федерации» от 08 декабря 2003 г., № 162-ФЗ // Российская газета, № 252, 16.12.2003.

[4] Федорченко, М.В. Нарушение правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / М.В. Федорченко. – М., 2005. – С. 71.

[5] Энциклопедия уголовного права. Т. 13: преступления против жизни и здоровья. – СПБ.: Издание профессора Малинина – МИЭП при МПА ЕврАзЭС, 2013. – С 770.

[6] Ҳусейнзода, С.Ҳ., Нажбудинов, М.А., Ҳикматзода, Ҷ.У. Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ: дастури таълимӣ / С.Ҳ. Ҳусейнзода, М.А. Нажбудинов, Ҷ.У. Ҳикматзода. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – С. 74.

[7] Зенцова, С.А. Источник повышенной опасности и его уголовно- правовое значение: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / С.А. Зенцова. – М., 2006. – С. 122.

– қ. 5 м. 264 – кирдори пешбининамудаи қ. 1 ҳамин модда аз беэҳтиётӣ боиси марги ду ё зиёда шахс гардад.

– қ. 6 м. 264 – кирдори пешбининамудаи қ. 1 ҳамин модда аз беэҳтиётӣ боиси марги ду ё зиёда шахс гардад, агар:

а) аз ҷониби шахсе, ки дар ҳолати мастӣ қарор дорад, содир гардад;

б) ба монда рафтани макони содиршавии он марбут бошад.

Таҳлили сохтори м. 264 КҶ ФР нишон медиҳад, ки яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи он аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) дар алоқамандӣ ба «монда рафтани макони содиршавии ҷиноят» мебошад.

Чунончи дар боло зикр шуд, яке аз аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти баррасишаванда ин аз ҷониби шахс, дар ҳолати мастӣ содир намудани он ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, кайд менамоем, ки қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия аз қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тафовути зиёд дорад:

– якум, мафҳуми «ҳолати мастӣ» на дар моддаи алоҳида, балки дар эзоҳи м. 264 КҶ ФР дода шудааст;

– дуюм, мафҳуми «ҳолати мастӣ», ки дар эзоҳи м. 264 КҶ ФР муқаррар шудааст, нисбат ба мафҳуми «ҳолати мастӣ», ки дар КҶ ҶТ мустаҳкам гардидааст, мукаммал мебошад.

Дар КҶ ҶТ намудҳои мастӣ дар диспозитсияи ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт номбар нашуда, дар м. 26 баён гардидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар м. 212 КҶ худ мустаҳкам намуда, сохтори таркибии ин ҷиноятро ба панҷ қисм ҷудо намуда, оқибатҳои ҷиноятро дар қисмҳои мухталифи он пешбинӣ намудааст. Инчунин, шакли гуноҳ, субъекти ҷиноят, намуди ҷазоҳо, ҳадди пасттарин ва баландтарини ҷазоҳо ва мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёти механикиро муқаррар намудааст.

Ҳамзамон, вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ё истифодаи воситаҳои нақлиёт аз ҷониби шахсе, ки дар ҳолати мастӣ қарор дорад ва чунин ҳолаташ аз беэҳтиётӣ боиси фаро расидани марги инсон ё зарари вазнин ба саломатии инсон гардад, ҳамчун ҳолати вазнинкунанда пешбинӣ намудааст (қ.қ. 4 ва 5 м. 212). Бояд ёдовар шуд, ки КҶ ҶТ вайрон кардани қоидаҳоро, ки аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари миёна ба саломатии шахс мегардад, дар қ. 1 м. 212 КҶ мустаҳкам намудааст. Аммо чунин оқибат (зарари миёна) агар ҳангоми дар ҳолати мастӣ идора намудани воситаи нақлиёт ба миён ояд, дар м. 212 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ ҷой надорад. Аз ин хулоса намудан мумкин аст, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин чизро нодида гирифтааст. Ба андешаи мо, ин ҳолат холигии қонунгузории моро нишон медиҳад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки КҶ ҶТ инчунин, доир ба ҳолати мастӣ, ки оқибатҳои дар диспозитсияи моддаи 212 КҶ ҶТ–ро ба бор наоварда бошад, моддаи алоҳида – $212^2$ пешбинӣ кардааст, ки талаботаш чунин аст: «Идора кардани воситаи нақлиёт аз тарафи шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад ва дар ҳолати мастӣ қарор дорад, инчунин, аз тарафи ин шахс барои идоракунӣ додани воситаи нақлиёт ба шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад ва дар ҳолати мастӣ қарор дорад, агар дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин кирдор содир шуда бошад»[1]. Тавре маълум мегардад, диспозитсияи ин модда чун преюдитсияи маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

Таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти тадқиқшаванда нисбат ба аксар ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ нисбатан пурра муайян гардидаанд. Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оиди ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт метавон чунин хулоса ва пешниҳодҳо намуд:

1) қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ-ро аз рӯйи дараҷаи муайяниятии аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт шартан ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт на чандон зиёд муайян гардидаанд;

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ба дараҷаи миёна муайян гардидаанд;

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт нисбатан пурра муайян гардидаанд;

2) бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зидди вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва (ё) истифодаи воситаҳои нақлиёт пешниҳод менамоем, ки ба м. 212 КҶ ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, дар ҳолати мастӣ вайрон кардани қоидаҳои зикршуда, ки аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари миёна ба саломатии инсон гардидааст, ҳамчун аломати бандубасткунандаи таркиби ҷиноят муқаррар шавад.

**ТДУ 340.121**

## НАЗАРИ МОТУРИДӢ ДАР МУҚОВИМАТ БА ТАФАККУРИ ИФРОТИИ ДИНӢ*

**Саидзода З.А.**
сардори факултети № 1-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия
e-mail: sza-68@mail.ru

**Комилов Д.Р.**
мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, номзади илмҳои фалсафа, дотсент
e-mail: www.daler.komilzoda@gmail.com

**Сафарзода Ҳ.С.**
профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятии факултети № 6-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия
e-mail: h.safarov@mail.ru

Дар шароити таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва эҳёи арзишҳои динӣ ин мактаб нақши муҳиммеро дар таҳкими амнияти миллӣ, суботи маънавӣ, тавсеаи муколамаи фарҳангӣ, таҳкики ҳуввияти динӣ дар ҳамбастагӣ бо ҳувияти миллӣ ва ташаккули шахсиятҳои масъули шаҳрвандӣ ифо мекунад. Ин равиш

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2028)», рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291 ва «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2028)», рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290, ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд, омода шудааст.

барои таҳкими низоми арзишҳои ҷамъиятӣ ва таҳияи сиёсати маънавӣ ва ҳуқуқии давлат заминаи муътамад ва фалсафабунёд фароҳам меорад. Ин муҳим аст, зеро, ба гуфтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Дини мубини Ислом бояд ҳамчун омили тарбият, таҳаммул, ахлоқ ва худогоҳии иҷтимоӣ истифода гардад, на чун абзори низоъ»[1].

Ин нуқтаи назар бо равиши Мотуридӣ комилан мувофиқат мекунад ва нақши калидии онро дар таҳкими амният, сулҳу субот, худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ дар фазои истиқлол муаррифӣ менамояд. Пешвои миллат, дар як суханронии дигар низ таъкид доштанд: «Агар исломро бо маърифати асил ва ахлоқи накӯ, бо илму ҳунар ва иршоду маърифат пайванд диҳем, ҷомеа ба сӯи нуру зиё ва адолат роҳ меёбад»[2]. Ин изҳорот ба мо нишон медиҳад, ки дарки маънавии дин, ки дар мактаби Мотуридӣ таҷассум ёфтааст, метавонад ҳамчун асоси маърифатӣ ва ахлоқииислоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар Тоҷикистон хидмат кунад.

Дар суханронии дигар, Пешвои миллат таъкид карда буданд: «Мо бояд Исломро чун дини таҳаммул, ахлоқ ва маърифат муаррифӣ кунем, то ки насли навин ба асли он таваҷҷуҳ дошта бошад»[3]. Ин афкор бо таълимоти Мотуридӣ ҳамоҳанг буда, ниёзи ҷомеаи навини тоҷикро ба як фаҳми ҳамоҳанг, инсонгаро ва маърифатмеҳвари дин ифода мекунад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ низ омадааст: «Имрӯз Тоҷикистон ба шахсиятҳои дорои виҷдон, худогоҳ ва масъули ҷомеа ниёз дорад, ки аз манфиати миллату давлат болотар фикр кунанд»[4]. Ҳамин заминаҳои фикрӣ равиши Мотуридиро ҳамчун тарбият ва маърифат дар фазои истиқлол пурра асоснок мекунанд.

Ин равиш барои таҳкими ҳувияти динӣ дар доираи арзишҳои умумибашарӣ ва рукнҳои давлатдории дунявӣ нақши калидӣ мебозад ва имкон медиҳад, ки муносибати созанда миёни дин ва давлат ба таври ҳамоҳанг ташкил меёбад. Илова бар ин, бо такя ба омезиши виҷдон, озодӣ ва маърифат, равиши Мотуридӣ метавонад заминаи илмию ахлоқии тавсеаи сиёсати маънавӣ ва ҳуқуқии давлатро таъмин намояд ва ба рушду таҳкими фарҳанги таҳаммул ва таҳкики масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат кунад.

Ин мактаб бо таваҷҷуҳ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон шариатро на ҳамчун маҷмӯи дастуроти тағйирнопазир, балки ҳамчун низоми таълимӣ ва воситаи инсонсозӣ мебинад, ки бо фитрати инсон ҳамсоз аст. Аз дидгоҳи Мотуридӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ натиҷаи ҳамоҳангии иродаи инсон бо хиради илоҳӣ мебошанд, ки дар он инсон на танҳо фармонбардори қонун, балки соҳибмаърифат ва масъули маънавии арзишҳо ба шумор меравад.

Фалсафаи ахлоқии Мотуридӣ бо ин шева на танҳо равиши инсонигароёна ва маърифатпазир, балки як фалсафии амалии навини ҷомеасозист, ки ба рушди шахсияти муътадил, масъул ва худогоҳ дар заминаи иҷтимоиву сиёсӣ ва ҳуқуқии муосир такя мекунад. Дар ин равиш, арзишҳои озодӣ, хирад ва виҷдон ҳамчун меъёрҳои асосии ташаккули шахсияти иҷтимоӣ ва ҳамзистии фарҳангҳо арзёбӣ мегарданд. Робитаи шариат ва ақл на ба таври зиддият, балки ҳамчун ҳамзистии маърифати Илоҳӣ ва инсонӣ тафсир мешавад.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 22.12.2016 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/19839 (санаи муроҷиат: 31.07.2025).

[2] Суханронӣ дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат. 20-уми марти с. 2017 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/speeches/13716 (санаи муроҷиат: 23.07.2025).

[3] Суханронӣ дар ҷаласаи ифтитоҳии Конфронси сатҳи баланд "Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил". 17-уми майи с. 2019 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/speeches/18297 (санаи муроҷиат: 30.07.2025).

[4] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26-уми декабри с. 2018 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/17365 (санаи муроҷиат: 23.07.2025).

Аз ин дидгоҳ, таълимоти ахлоқӣ-ҳуқуқии Мотуридӣ дар самти ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва ахлоқмеҳвар, ки ба ҳуқуқи башарият ва виҷдону маърифат такя мекунад, ҷойгоҳи устуворро ишғол мекунад. Он ҳамчун назарияи фалсафӣ-ҳуқуқии мукаммали ҳамгироии арзишҳои илоҳӣ ва инсонӣ, шариат ва ақл, ахлоқ ва адолат дар сохтори мураккаби ҷаҳони муосир баромад мекунад. Мотуридӣ бо тавонманд сохтани шинохти таносуби меъёрҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ бо ниёзҳои ҷомеа, фазои маърифатии боз ва таҳаммулгароёнаро фароҳам меорад, ки дар он дин, давлат, ҳуқуқ ва фарҳанг бо ҳамдигар ба тавозун мерасанд.

Бо такя ба ҷойгоҳи марказии ақл ва усули таъвили маънавӣ, Мотуридӣ инсони муосирро на танҳо ба сӯи худшиносӣ ва масъулияти шахсӣ, балки ба як тафаккури ахлоқмеҳвар ва фалсафии ҳамаҷониба роҳнамоӣ мекунад. Ин равиш, ки дар маркази он ақл ва виҷдон ҳамчун воситаи тафсири шариат ва ҳадафҳои он қарор доранд, заминаи як фаҳми нави дини таҳаммулгаро, мутавозин ва ҷамъиятсозро фароҳам меорад. Ин фаҳм имкон медиҳад, ки арзишҳои илоҳӣ ба шинохти инсонии мо тавсеа ёбанд ва дар заминаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ ба таври созанда татбиқ шаванд.

Ин равиши фалсафии Мотуридӣ дар заминаи ҳамоҳангсозии иродаи инсон бо ҳадафҳои илоҳӣ бар он асос ёфтааст, ки инсон ҳамчун махлуқи соҳибвиҷдон ва соҳибақл бояд ба маърифати шариат тавассути тадаббур ва ақли мустақил ноил мегардад. Дар чунин низом, шариат дигар на танҳо маҷмӯи амрҳо ва наҳйҳои илоҳӣ, балки як сохтори маънавии густурдае мешавад, ки ҳадафи аслии он ташаккули шахсият, худшиносии фард ва тартиби ахлоқии ҷомеа мебошад. Аз ҳамин дидгоҳ, андешаи Мотуридӣ имкони эҳёи навини фаҳми динро фароҳам мекунад, ки дар он арзишҳои илоҳӣ бо шароити иҷтимоӣ ва маърифатии инсонӣ дар тавозун қарор мегиранд. Ин равиш на танҳо муҳиме барои таълимоти динӣ аст, балки барои татбиқи иҷтимоии он дар низоми давлатдорӣ ва фарҳанги муосир низ асоси мустаҳкам мегузорад.

Дар баробари ин, мактаби Мотуридӣ нақши барҷастаи худро дар ташаккули фарҳанги гуфтугӯи байнимазҳабӣ ва таҳаммулгароии динӣ ба намоиш мегузорад. Ин мактаб бо таълимоте, ки бар ақл, маърифат ва виҷдон асос ёфтаанд, метавонад ба тавсеаи муколамаи тамаддунҳо ва таҳкими арзишҳои муштараки инсонӣ мусоидат менамояд. Ба шарофати дарки маърифати исломӣ дар заминаи таърихиву иҷтимоӣ, Мотуридӣ тавони онро дорад, ки ба ташаккули як ҳуввияти мутавозини динӣ, ки ҳамзамон исломӣ ва умумиинсонӣ аст, замина фароҳам месозад.

Бешак, чунин мавқгирии Мотурудӣ фалсафаи Қуръонӣ дорад, зеро дар сураи ояти каломи Раббонӣ омадааст, ки «Ва ҳар кас муъминеро барқасд бикушад, ҷазои ӯ ҷаҳаннам аст, ки дар он абадӣ хоҳад буд ва Худо бар ӯ хашм гирад ва лаънаташ кунад ва барояш азоби бузург омода созад» (Сураи Нисо, ояти 93).

Аз ҷумла, Худованд ваҳй медиҳад, ки мусалмонҳо ва мардуми аҳли китоб дар эътимод ба Ӯ яканд ва муносибат ба онҳо ҳалимиро тақозо менамояд: «Бо аҳли китоб ба некӯтарин тарзе баҳс кунед. Ба ҷуз бо онҳо, ки ситам пеша карданд. Ва бигӯед: Ба он чӣ бар мо нозил шуда ва он чӣ бар шумо нозил шудааст, имон овардем. Ва Худои мову Худои шумо яктост ва мо дар баробари ӯ гардан ниҳодаем» (Қуръон, 29:46).

Дини мубини Ислом ҳамеша тарафдори ҳамзистии осоиштаи маданият ва ҷаҳонбинии мухталифи инсоният буда, барои он пайравони худро ҳидоят месозад, ки: «Ва ба дурустӣ, ки имоновардагон ва яҳудшудагон ва тарсоён (насрониён) ва собииён (яҳудиёни насронӣ), ки ба Худо ва ба рӯзи бозпасин (қиёмат) имон овардаанд, барояшон назди Парвардигорашон музде ҳаст ва бар онҳо тарсе набувад ва онҳо андуҳгин нашаванд» (сураи «Бақара» ояти 62 ).

Новобаста ба он, ки ҷараёни иртиҷоӣ, ифротгаро, тафриқаандоз ва сиёҳафкору ҷангҷӯйи «салафия-ваҳҳобия» аз номи Худову Расул ҳарф мезананд, вале амали онҳо бо ният ва гуфторашон мувофиқат намекунад, ҳол он, ки мазмуну муҳтавои оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои Пайғамбар – Муҳаммад (с) танҳо хирадмандӣ, сулҳхоҳӣ ва тоқатпазириро талқин менамоянд.

Дар ҳамин масир бояд зикр кард, ки аввалин санаде, ки бо дастури ҳазрати Муҳаммад (с) таҳия шудааст, Паймони сулҳ (Созишномаи Мадина) мебошад, ки бо ҷамоаҳои насронӣ, яҳудӣ ва бутпарастон баста шудааст. Созишномаи мазкур яке аз барҷастатарин намунаҳои адолатпарварӣ ва таҳаммулпазирии динии мусалмонон мебошад, ки боиси рушду такомули назарияи тарбияи инсони комил дар олами ислом гардидааст.

Паймони сулҳ соли 622 бо сарварии паёмбари ислом Мухаммад (с) дар посух ба дархости аҳли динҳои гуногун мураттаб шуда, ҳамчун созишномаи хаттии ҳуқуқӣ ба амал бароварда шуда буд.

Созишномаи мазкур ба ҳамаи халқу миллатҳо собит сохт, ки тарафҳои даргир баъди ҷанҷолхои тулонӣ ҳам ба созиш омада, ба хаёти осоишта шуруъ карда метавонанд. Чунин шартномаи байни мусулмомнон ва аҳли китоб зиндагии орому осударо барои тамоми мардум таъмин намуд ва фармудаи Худои таъолоро зинда кард, зеро У мефармояд: «Ҳар ойна, онон, ки имон овардаанд ва онон, ки яҳуд ва насоро ва собиён шуданд, - ҳар ки ба Худо ва рӯзи қиёмат имон оварда ва корҳои шоиста кунад, подошашон назди Парвардигорашон аст (Қуръон, ояти 2: 59). Тибқи Аҳдномаи Мадина ҳуқуқу озодии иҷтимоӣ, динӣ ва интихоби сиёсии ҳар як шахс новобаста аз миллат, нажод ва дину оин эътироф карда шуд. Ҷонибҳои ин Созишнома аҳд карданд, ки ба ҳамдигар кумак ва пуштибонӣ кунанд ва таҳти сарпарастии мусалмонон қарор гиранд.

Аз ҷумла, дар банди 16-уми Шартнома гуфта мешавад, ки «Яҳудиёне, ки ба мо итоат мекунанд, ба кӯмак ва дастгирии мо ҳақ доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки ӯ беадолатона рафтор кунад ё бо душманони мо созиш кунад»[1]. Пайравони Паёмбар (с) дар тӯли таърихи ҳукмронии худ ин муқарраротиисломро ба таври қатъӣ риоя намуда, тавонистаанд ҳуқуқу озодии баёнро барои тамоми мардум – берберҳо, буддоён ва ҳиндуҳо низ таъмин кунанд. Дар Қуръони карим сураи «Шуро», ояти 38-ум омадааст, ки табодули афкор ва машварати мутақобила яке аз сифатҳои асосии мусулмон мебошад. Инчунин, Худованди Мутаъол ба паёмбар Муҳаммад (с) дастур медиҳад, ки ҳангоми қабули қарори муҳим андешаи мардумро ба инобат бигирад: «Пас онҳоро биёмурз ва аз онҳо омурзиш бихоҳ ва дар ин кор бо онҳо машварат кун» (Қуръон 3:15). Оятҳои зикркарда метавонанд барои муқовимат ба ақидаҳои динӣ-экстремистии созмонҳои террористӣ, ки мавҷудияти ҷомеаи демократиро инкор менамояд, истифода шаванд.

Дар чунин равиш, равобити байни инсон ва давлат, дин ва ҷомеа, қонун ва маърифат шакли нави маърифатӣ касб мекунанд, ки дар он меъёрҳои ахлоқӣ, арзишҳои шариатӣ ва ниёзҳои муосири иҷтимоӣ бо ҳамдигар ҳамоҳанг мешаванд. Дарки васеъ ва таҳаммулгароёнаи мактаби Мотуридӣ, ки инсонро ҳамчун махлуқи дорои виҷдон, ирода ва масъулият мешиносад, ба коҳиши шиддатҳои мазҳабӣ, фурӯ нишондани низоъҳои динӣ ва таҳкими суботи маънавии ҷомеа мусоидат менамояд.

Ба таври хос, таълимоти ахлоқии Мотуридӣ бар зарурати ҳамоҳангсозии ахлоқи шахсӣ бо низоми иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таъкид мекунад. Дар ин мактаб, ахлоқ танҳо ба сатҳи фардӣ маҳдуд намешавад, балки ҳамчун пояи тартиботи иҷтимоӣ, адолати сиёсӣ ва ҳамзистии фарҳангӣ баромад мекунад. Мотуридӣ ахлоқро ҳамчун принсипи фаъоли инсонӣ мебинад, ки тавассути он инсон дар ҷомеа мақоми худ, масъулияти худ ва иродаи озоди худро дар заминаи маърифат ва виҷдон муайян месозад.

Тибқи ин равиш, инсон вақте ба дараҷаи воқеии масъулияти ахлоқӣ мерасад, ки озодии иродаи ӯ бо меъёрҳои маърифатӣ ва арзишҳои виҷдонӣ дар тавозун мебошад. Ин тавозун на танҳо шахсро ба худогоҳии ахлоқӣ мерасонад, балки ба тавлиди адолати иҷтимоӣ ва баробарии арзишӣ дар ҷомеа низ мусоидат мекунад. Ҳамин аст, ки фалсафаи ахлоқии Мотуридӣ ба унвони виҷдонӣ ва маърифатгаро бо ҳар шакли

[1] Цит. по: Харун Яхья «Договор о мире» - первый документ Пророка Мухаммада // Всё об Исламе. - 2003. - №1. – С. 6.

ифротгароии динӣ ва зоҳиргароии мазҳабӣ муқобил мебарояд ва намунаи равиши инсондӯстона ва таҳаммулгароёнаи фаҳми динро ифода мекунад.

Дар замоне, ки бахше аз ҷомеаҳо гирифтори таълимоти қатъии зоҳирӣ ва истисмори динӣ мебошанд, мактаби Мотуридӣ ҳамчун як маърифатмеҳвари дин, имкони эҳёи тафаккури илоҳии фалсафӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқиро фароҳам меорад. Ин равиш бо такя ба ақл ва виҷдон, шариатро дар равшаноии ниёзҳои иҷтимоии муосир шарҳ медиҳад ва тавозуни миёни илоҳият ва инсониятро барқарор месозад.

Равиши ин мактаб бавижа барои насли муосир дорои аҳамияти хос аст, зеро он имкони барқарории иртиботи маърифатӣ ва ахлоқии созандаро миёни арзишҳои суннатии динӣ ва мушкилоти иҷтимоиву фарҳангии ҷаҳони муосир фароҳам месозад. Он танҳо як равиши фиқҳӣ ё каломӣ нест, балки дар моҳияти худ дорои равиши фалсафавии амалиест, ки таълимоти динро ба талаботи ахлоқии фард ва сохтори ҷомеа пайванд медиҳад. Бо ин васила, Мотуридӣ на танҳо як мактаби фикрии динӣ, балки ҳамчун манбаи барқарории тавозуни байни шариат ва озодӣ, ваҳй ва ақл, масъулият ва адолат дар ҷомеаи муосир амал мекунад. Аз ин дидгоҳ, он ҳамчун эҳёи тафаккури фалсафии динӣ ва ахлоқи виҷдонмеҳвар хидмат мекунад, ки барои давлатдории маънавӣ ва тафаккури устувори иҷтимоӣ як такягоҳи муътамад фароҳам месозад.

Абӯмансур Мотуридӣ дар заминаи шарҳи шариат ба нақши калидии ақл ва маърифати маънавӣ таъкид намуда, бар он аст, ки шариат бояд дар робита бо фитрати инсон ва шароити иҷтимоиву маънавии ӯ тафсир гардад. Дар назари ӯ, шариат на танҳо маҷмӯи қонуну дастурҳои беруна, балки як низоми пурмуҳтавои ахлоқӣ ва маънавиест, ки бо табиати инсон ва иродаи озоди ӯ созгор мебошад. Ин равиш шариатро ба сифати заминаи инсонсозӣ ва худогоҳӣ мебинад, ки дар он ақлу виҷдон на воситаи дуюмдараҷа, балки шарики комил дар маърифати ҳукмҳои илоҳӣ дониста мешаванд.

Ин тафаккур, ки дар марзи миёни калом ва фалсафа қарор дорад, зери таъсири мантиқ, фалсафаи виҷдон ва маърифати фалсафии илоҳӣ ташаккул ёфтааст. Он шариатро пешниҳод мекунад, ки дар он ақл ва виҷдон на ҳамчун василаи зоҳирӣ, балки ҳамчун пояи фаҳми ҳақиқии ваҳй ва шариат шинохта мешаванд. Ин равиш аз ҳар гуна зоҳиргароии таълимоти динӣ ва бардоштҳои фатвомаҳдуд канора мегирад ва ба ҷои он усули маърифати озод, масъулияти шахсӣ ва иродаи маънавиро пешниҳод мекунад.

Мотуридӣ бо рад кардани итоати кӯр ва таъкиди масъулияти маърифатӣ ва ахлоқии шахс, модели исломии як диндории таҳаммулгаро, маърифатмеҳвар ва фалсафабунёдро ироа менамояд, ки дар он инсон бо истифода аз ақл, виҷдон ва иродаи маънавии худ ба маънии аслии шариат мерасад. Дар ин равиш, арзишҳои суннатии исломӣ бо арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ ва тафаккури тамаддуни муосир ба тавозуни устувор ворид мешаванд.

Шариат дар назари Мотуридӣ дигар танҳо як низоми амрҳои Илоҳӣ ва қонунгузории таҳримию зоҳирӣ нест, балки он ҳамчун як нерӯи ҳамаҷонибаи маънавӣ, ахлоқӣ ва инсонсозӣ зоҳир мешавад. Шариат равиши тарбиятиест, ки шахсро аз сатҳи итоати кӯр ба сатҳи худогоҳӣ, худназоратӣ ва масъулияти маънавӣ боло мебарад. Он заминаи камолоти шахсиятро фароҳам меорад, ки дар он ақл, виҷдон, маърифат ва иродаи озоди инсон ба таври мутавозин фаъолият мекунанд. Бо ин васила, шариат инсонро ба як мавҷуди хирадвар, ахлоқпеша ва фаъол дар низоми иҷтимоӣ ва маънавии муосир табдил медиҳад.

Ин равиш имконият фароҳам меорад, ки дин на танҳо воситаи танзими зоҳирӣ, балки як қувваи созандаи маънавӣ ва ахлоқӣ бошад. Ахлоқ, маърифат ва масъулият дар ин фаҳм ба унсурҳои таркибии шахсияти муосири мусулмон табдил ёфта, дин дар наҳваи амал ва ҷаҳонбинӣ ба манфиати ҷомеа ва инсоният хизмат мекунад.

Ифротгароии динӣ, ки бо ҷудоихоҳӣ, тафриқа, такфир ва таъвили тангназаронаи матн тавсиф мешавад, дар муқобили равиши Мотуридӣ қарор дорад, ки бо такя ба маърифат, таъвили муътадил ва виҷдону ақл тарбия мешавад.

Омӯзиши муҳит ва равияи ифротгароёнаи динӣ собит месозад, ки онҳо нисбати мардуми "ориёӣ" ва эронинажод суханони таҳқиромезро аз қабили "маҷусон", "оташпарастон", "рофизиён", "забони аҳли дӯзах" ва ғ. истифода мебаранд, забони форсии тоҷикиро "забони дӯзахиён" хонда, номҳои аслии тоҷикиро "номҳои маҷусӣ" ва ғайримусалмонӣ мегӯянд ва ҷашнҳои ҳувиятсози Наврӯз, Сада, Меҳргон ва Тиргонро "ҷашнҳои маҷусӣ" мехонанд[1].

Дар ҳоле ки ифротгароён таълимоти исломиро бо шеваи бидуни хирад ва танги ҳуқуқӣ таъвил мекунанд, Мотуридӣ фаҳми васеъ, мантиқӣ ва ахлоқмеҳварро пешниҳод мекунад, ки инсонро ба тавозун ва таҳаммул мебарад. аз дидгоҳи мактаби Мотуридӣ на танҳо як хатар ба сохтори иҷтимоии ҷомеаи мусулмон, балки як таҳрифи аслии рисолати маънавӣ ва ахлоқии ислом мебошад. Мотуридӣ бо такя ба равиши таъвилгароёна, фаҳми маърифатмеҳвар ва ахлоқпеша, ин падидаро ҳамчун нишонаи гумроҳӣ ва дур шудан аз ақлу виҷдон маҳкум мекунад. Бар асоси ин равиш, ифротгароӣ наметавонад аз шариати ҳақиқӣ ва ҳадафҳои илоҳӣ ҳимоя гирад, чунки он бо фитрати инсоният, адолат ва масъулияти маънавӣ дар таоруз қарор дорад.

Ҳамин тариқ, мактаби Мотуридӣ дар муҳокимаҳои муосири динӣ ва иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори иҷтимоиву фарҳангии кишвар на танҳо ҳамчун равиши каломӣ, балки ҳамчун фалсафаи амалии инсонгаро мавқеи муҳим ишғол мекунад. Ин равиш бо такя ба усулҳои таъвил, хирад ва маърифат шариатро ҳамчун низоми динамикии тарбият ва инсонсозӣ таъриф менамояд, ки метавонад бо ниёзҳои шахсӣ, маънавӣ ва иҷтимоии инсон ҳамсоз гардад.

Фалсафаи ахлоқии Мотуридӣ заминаи муҳиме барои ташаккули муҳити таҳаммулгароёна, рушди худогоҳии маънавии шахсият ва таҳкими адолати иҷтимоӣ мебошад. Бо рад кардани шаклҳои зоҳиргаро ва ифротгароии мазҳабӣ, ин мактаб имкони таълифи виҷдон, ақл ва ваҳйро дар заминаи иҷтимоии муосир фароҳам месозад. Ҳамин тавр, о[н ба ташаккули як ҷомеаи ахлоқмеҳвар, маърифатпазир ва устувори арзишӣ мусоидат мекунад, ки дар он инсон ҳамчун муҳаррики маънавии ҷомеа арзи вуҷуд мекунад.

ТДУ 340.149:343.2

## ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ

**САЙНОЗИМЗОДА Ф.С.**
сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии
Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
E-mail: mr.holov@inbox.ru

Низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи сабаб ва омилҳои гуногун рушд ёфта, яке аз воситаҳои муҳим дар такмили он маҳз паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин ҳуҷҷати муҳимми стратегӣ дар самти ислоҳоти низоми қонунгузорӣ оид ба қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳо ва қонунҳо, такмили фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, таҳкими фаъолияти мақомоти татбиқкунандаи ҳуқуқ, беҳтар намудани сифати қонунҳо ва воқеигардонии онҳо ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ,

[1] Холиқназаров, Х., Раҳнамо А. Хатари тафаккури ифротӣ ва гурӯҳҳои ифротгарои динӣ дар чист? / Х. Холиқназаров, А. Раҳнамо. - Душанбе: «Ирфон», 2018, - С. 19.

сиёсиву ҳуқуқӣ ва бо ин васила, мутобиқ гардондани онҳо ба стандартҳои милливу байналмилалӣ мусоидат менамояд[1].

Дар воқеъ, мавқеъ ва нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус қонунгузории ҷиноятии кишвар назаррас мебошад.

Чунончи, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём аз 30-юми апрели соли 2004 оид ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон сухан карданд ва масъалаи ба татбиқи ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мораторий эълон карданро ба миён гузошта, аз ҷумла таъкид намуданд: «Маҳдуд намудани ҷазои қатл амали хеле назаррас аст, аммо нисбат ба ҳаёти инсон бояд муносибати башардӯстона сурат гирад. Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ ва дахлнопазир буда, дар миёни онҳо ҳуқуқ ба ҳаёт мавқеи хоса дорад. Воқеан ҳаққи ҳаёт арзиши табиӣ буда, ҳеҷ кас ҳақ надорад касеро аз ин ҳуқуқ маҳрум созад.

Бо дарназардошти андешаҳои боло доир ба тадбиқи ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мораторий эълон карда мешавад. Аз ин рӯ, бо мақсади таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, дар муҳлати кӯтоҳтарин бояд санадҳои заруриро омода гардонад»[2].

Бо мақсади иҷрои дастуру вазифаҳои Паёми зикргардида лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» таҳия гардида, 7-уми майи соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи ин қонунро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар пешниҳод намуданд.

Лоиҳаи Қонуни фавқуззикр маҳз ба ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ба меъёрҳои башардӯстона мутобиқ кардани муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Ҳамин тариқ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл»[3] аз тарафи парламенти кишвар қабулу ҷонибдорӣ шуда, 15-уми июли соли 2004 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардид. Тибқи моддаи 1 Қонуни мазкур татбиқи ҷазо дар шакли ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои содир намудани ҷиноятҳое, ки дар қ. 2 м. 104, қ. 3 м. 138, қ. 3 м. 179, м.м. 398 ва 399 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) муқаррар шудаанд, инчунин, иҷрои ҷазои қатл ва дигар қоидаҳои вобаста ба он, ки дар м.м. 19, 21, 23, 25, 78, 100, 127, 129, 131, 133, 214-222 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, боздошта шуд. Дар давраи боздоштани татбиқи ҷазои қатл ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати бисту панҷ сол муайян гардид.

Ҳамчунин, ба КҶ ҶТ аз 15-уми июли соли 2004 тағйироти дахлдор ворид карда шуда, тибқи он дар қ. 2 м. 58, санксияҳои қ. 2 м. 104, қ. 3 м. 138, қ. 3 м. 179, санксияҳои м.м. 398 ва 399 вожаи «бист» ба вожаҳои «бисту панҷ» иваз карда шуд.

Дар Паёми Президенти мамлакат аз 26-уми апрели соли 2013 масъалаи дар таҳрири нав таҳия намудани Кодекси ҷиноятӣ махсус таъкид шуд. Чунончи, Роҳбари давлат дар Паёми зикршуда, иброз намуданд, ки «бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани танзими муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки кодексҳои гражданӣ ва ҷиноятиро низ дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намояд»[4].

---

[1] Насриддинзода, Э.С., Саҳми Пешвои миллат дар густариши сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият. – 2022. – 4 август. – № 150 (24 509).

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олӣ, ш. Душанбе, 30 апрели соли 2004. – Душанбе, 2004. – С. 25.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» аз 15-уми июли с. 2004, № 45 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – №7. – Мод.452.

[4] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26 апрели соли 2013. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – С. 47.

Ҳамин тавр, лоиҳаи КҶ ҶТ дар таҳрири нав таҳия гардида, дар баррасии Ҳукумати кишвар қарор дорад ва то кунун барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат пешниҳод карда нашудааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 20-уми январи соли 2016 аз таҳдиду хатарҳои терроризм ва экстремизм изҳори нигаронӣ шуда, аз ҷумла таъкид гардид: «Дар доираи тақвияти мубориза бо терроризм ва экстремиз бояд номгӯи субъектҳои бо онҳо муборизабаранда васеъ ва дақиқ гардонида, дар баробари ин ҷавобгарӣ ва ҷазо барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистидошта ва хиёнат ба Ватан, шарикӣ дар чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла, нисбат ба ташкилкунандагон ва шахсони ба онҳо мусоидаткунанда пурзӯр карда шавад»[1].

Аз ин лиҳоз, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия ва корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Маркази миллии қонунгузорӣ муваззаф шуданд, ки муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои дахлдорро вобаста ба ин масъалаҳо ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба онҳо ба Ҳукумати кишвар хулосаҳои мушаххас пешниҳод кунанд. Ҳамчунин, тақозо гардид, ки Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016 – 2020 таҳия ва пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тавр, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм, хусусан, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода мешавад. Бо мақсади пешгирӣ ва коҳиш додани ҷинояткорӣ, пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат, шахсоне, ки ба терроризм ва экстремизм мусоидат мекунанд, инчунин, ҷорӣ намудани механизми босамари ҳифз ва таъмини амнияти миллӣ, пешгирӣ намудани шомилшавии шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ба м.м. 179 (Терроризм), 179(3) (Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ), 305 (Хиёнат ба давлат), 306 (Бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият), 307 (Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон), 307(1) (Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм), 307(2) (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ), 307(3) (Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва 307(4) (Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта)-и КҶ ҶТ тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд.

Инчунин, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми ноябри соли 2016, № 776 «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016 – 2020»[2] тасдиқ карда шуд. Стратегияи мазкур ҳамчун санади хусусияти барномавидошта мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян кард.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ аз 23-юми декабри соли 2022[3] ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву

---

[1] Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 20 январи соли 2016. – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – С. 33-34.

[2] Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 аз 12-уми ноябри соли 2016, № 776. – Душанбе: Контраст, 2016. – 88 с.

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23 декабри соли 2022. – Душанбе: Шарқи озод, 2022. – 48 с.

коммуникатсионӣ содир мегарданд, зарур донистанд, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад. Дар натиҷа, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми апрели соли 2023 дар назди сохтори марказии дастгоҳи Прокуратураи генералӣ сохтори нав – Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо таъсис дода шуд. Аксари воҳидҳои кории ин марказ аз дониши махсуси касбӣ-техникӣ бархурдор буда, имкон медиҳад, ки муқовимат ба экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо пурзӯр гардида, пешгирии онҳо таъмин карда шаванд.

Қобили зикр аст, ки дар мамлакат ҷиҳати иҷрои талаботи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ қабулу тасдиқ гардида, инчунин ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудаанд, ки барои бартараф намудани сабабу омилҳои мухталифи ба терроризм, экстремизм, коррупсия мусоидаткунанда ва пешгириву муқовимат ба онҳо равона шудаанд. Минҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» (аз 2-юми январи соли 2020), «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» (аз 7-уми августи соли 2020), «Дар бораи муқовимат ба терроризм» (аз 23-юми декабри соли 2021), инчунин «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» (бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2021 тасдиқ гардидааст) ва амсоли инҳо.

Зимнан, дар заминаи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар самти муқовимат ба терроризм, экстремизм, коррупсия ва ҷиноятҳои дигар, қонунгузории ҷиноятии кишвар такмил дода шудаанд, ки ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини амнияти давлату ҷомеа, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, таҳкими қонуният ва пойдории сулҳу оромии кишвар, инчунин, пешгирии ҷинояткорӣ равона гардидаанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили анҷомпазируфта метавон хулоса намуд, ки нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар рушду инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бағоят бузург мебошад.

**ТДУ 343.142**

## ҲАМКОРИИ МУФАТТИШ БО МАҚОМОТИ ТАҲҚИҚ ДАР РАФТИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТ*

**ШАРИФЗОДА П.Р.**
сардори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия
e-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru

**ҲАМРОЗОДА М.З.**
омӯзгори калони кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия

Самаранокии кушодан ва тафтиши ҷиноятҳо бештар ба ҳамоҳангӣ ва дуруст будани фаъолияти муфаттиш ва мақомотҳое, ки ҷустуҷӯиро мегузаронанд, вобаста аст. Дар криминалистика чунин фаъолияте, ки аз нигоҳи мақсад, вазифаҳо,

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291.

қувваҳо, воситаҳо, усулҳо, макон ва вақт дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ ва муайян кардани ҳақиқат ҳамоҳанг карда мешавад, «ҳамкорӣ» номида мешавад.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи Гапанович Н.Н. ва Мартинович И.И., ҳамкории мутақобила дар раванди ошкор ва тафтиши кирдорҳои ҷиноятӣ фаъолияти ҳамоҳангшудаи зинаҳои гуногуни як ё якчанд системаҳои муташаккилро ифода мекунад, ки ба ноил шудан ба ҳадафи умумӣ бо сарфи камтари қувва, захираҳо ва вақт нигаронида шудааст. Онҳо ҳамкории мутақобиларо сатҳи олии муттаҳидшавии қувваҳо ва захираҳои воҳидҳои милитсия мешуморанд, ки тибқи қонун ваколатҳои дахлдор дода шудаанд[1].

Ба андешаи мо, ҳамкории муфаттиш ва сохторҳои оперативии милитсия ҳангоми ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо кордонӣ, фаъол, мақсаднок, мувофиқи вақт, ҷой ва мазмун, инчунин бо қонун, фаъолияти муфаттиш ва воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мақомоти дигар барои истифодаи оқилонаи қувваҳои мавҷуда, зуд ва босифат ошкор ва ошкор намудани парвандаи ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

Асоси ҳуқуқии ҳамкории муфаттиш бо воҳидҳои оперативии милитсия ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо ёрии воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муфаттиш бояд масъалаҳои муайянро дар ҳолатҳое ҳал кунад, ки бо сабабҳои муайян ӯ наметавонад мустақилона амали мушаххаси тафтишотӣ (ҷустуҷӯӣ) анҷом диҳад ва барои ноил шудан ба ҳадафи пешбинишуда гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ зарур бошад.

Хангоми тахлили аввалаи вазъияти ибтидоӣ ва ба нақша гирифтани парвандаҳои ҷиноятӣ, пеш аз ҳама маводи тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятиро якҷоя ва ҳаматарафа санҷидан лозим аст. Охир, танхо дар шароити мубодилаи мутақобила ва пурраи маълумоти дар ихтиёри муфаттиш ва корманди шуъбаи оперативӣ буда, бо риояи хамдигарии талаботи ифшо накардани манбаъҳои гирифтани он фаъолияти оперативӣ ва амали тафтишотиро бомуваффақият ҳамоҳанг кардан мумкин аст. Фаъолияти ҷустуҷӯӣ бояд пеш аз ҳама дар раванди банақшагирӣ, пешниҳоди ривоятҳо, гузаронидани амалиёти тафтишотӣ (ҷустуҷӯӣ) ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ба зудӣ ошкор ва тафтиши ҳамаҷонибаи парвандаи ҷиноятӣ нигаронида шудаанд, инъикос ёбад.

Дар супориши муфаттиш оид ба гузаронидани кофтуков аз ҷониби корманди шуъбаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ на ба номгӯйи чорабиниҳои ҷустуҷӯӣ, ки бояд анҷом дода шаванд, балки ба вазифаҳои кофтуков диққат дода шавад. Ҳамин тавр, ҷустуҷӯи гумонбаршуда аз ҷониби шуъбаи оперативии милитсия, ҳарчанд бо супориши муфаттиш сурат мегирад, чораҳоро худи ӯ муайян мекунад. Шарти асосӣ мутобиқати чораҳои ҳангоми кофтуков ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон мебошад.

Шаклҳои мурофиавии бештар истифодашавандаи ҳамкории муфаттиш ва воҳидҳои оперативии милитсия ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо инҳоянд:

– аз ҷониби мақомоти дахлдори оперативӣ амалӣ намудани чорабиниҳои тафтишотӣ (ҷустуҷӯӣ) ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (муоинаи оперативии манзил, ҳуҷраҳо, биноҳо, иншоот, қитъаҳои маҳал ва воситаҳои нақлиёт,)[2];

– расонидани кӯмак ба муфаттиш дар анҷом додани амалҳои инфиродии тафтиши (кофтуковӣ), ки ҳаҷми зиёди кор ё кафолати иловагиро барои шахсони иштироккунандаи онҳо талаб мекунад; ҷустуҷӯи гумонбар.

Ташаккул додани як гурӯҳи фаврӣ-тафтишотӣ, ки самаранок фаъолият мекунад, аз нуқтаи назари ташкилӣ кори хеле мураккаб ба назар мерасад.

---

[1] Гапанович, Н. Н., Мартинович, И. И. Основы взаимодействия следователя и органа дознания при расследовании преступлений / Н.М. Гапанович, И.И. Мартинович. - Минск, 1983. - С. 10.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25-уми марти с. 2011, № 687 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 09.07.2025)

Ҳангоми супориш оид ба иҷрои амалиёти тафтишотӣ (ҷустуҷӯӣ) муфаттиш танҳо вазифаҳо мегузорад ва усулҳои ҳалли онҳоро воҳиди оперативии милитсия мувофиқи имконияташ интихоб мекунад. Ҳангоми ба воҳиди дахлдори оперативӣ-ҷустуҷӯӣ супориш додани милитсия оид ба гузаронидани амалиёти тафтишотӣ (ҷустуҷӯӣ) ва амали пинҳонии тафтишотӣ (ҷустуҷӯӣ), муфаттиш мақсад, вазифаҳо ва мӯҳлатҳои анҷом додани онро аниқ муайян менамояд. Қонунгузор муҳлати иҷрои фармонро муқаррар накардааст ва аз ин рӯ, барои ба таъхир андохтани парвандаи ҷиноятӣ онҳо бояд мушаххас карда шаванд. Ҳамчунин дигар мубрамиятҳо оид ба ҳамкории муфаттиш бо воҳидҳои оперативӣ вуҷуд доранд. Масалан, инҳоро метавон муайян кард:

– ариза ва баёнот аз тарафи кормандони воҳидҳои дигари милитсия дар бораи он, ки муфаттиш дар баъзе мавридҳо ба ваколати худ беэътиноӣ намуда, иҷрои амалҳоеро, ки мустақилона иҷро карда метавонистанд, вогузор мекунанд;

– натиҷаи иҷрои фармони муфаттиш аз ҷониби шуъбаи оперативии милитсия аксаран шакли ҷавоби расмиро мегирад; дар аксар мавридхо дар маводи тафтишот ҷавоби фармон ба сохти ибораи «имкон набуд».

Албатта, дар рафти ҳамкорӣ муфаттиш бояд агар имкон бошад, он амалеро, ки худаш мустақилона анҷом дода метавонад, анҷом диҳад, зеро муфаттиш аз маводи парвандаи ҷиноятӣ, ҳам барқароршуда ва ҳам аз натиҷаи тафтишоти пешакӣ огоҳ аст, инчунин аз ҳолатҳои муайяне огоҳ аст, ки маълумот дар бораи онҳо ҳангоми пурсиш ба даст омадааст, вале ба протокол дохил карда нашудааст.

Масъалаи мушкилии ҳамкорӣ дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо муайян кардани ҳаҷми маълумоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад, ки муфаттиш метавонад ҳангоми тафтиш бо онҳо шинос шавад.

Вобаста ба ин, муфаттиш хамчун шахсе, ки барои гузаронидани тафтиши пешакии судӣ пурра чавобгар аст, бояд бо хамаи мавод ва натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шинос шуда, ба таври конунӣ гирифта шудани онҳоро таъмин намояд ва дар тафтишоти пешакӣ истифода барад.

Аз ин рӯ, фаъолияти дуруст, ташкил ва амалӣ намудани муфаттиш ва кормандони шуъбаҳои оперативии милитсия ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо корро хеле беҳтар намуда, барои зуд муайян намудани ҷойи гумонбаршуда ва муайян кардани ҳақиқати объективӣ мусоидат мекунад.

Муносибати мутақобилаи муфаттиш ва воҳидҳои оперативии милитсия ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ бояд ба принсипҳои возеху равшан мувофиқ бошад. Дар ин масъала таснифоти зиёди принсипҳои ҳамкорӣ вуҷуд дорад, аммо мо ба ақидаи Гришина Е.П., ки рӯйхати зеринро муайян кардааст, шарикем:

– мутобиқати фаъолияти муштарак ба талаботи қонун;

– нақш ва масъулияти ташкилотчигии муфаттиш барои тафтиши саривақтӣ ва босифати ҷиноятҳо, масъулияти мурофиавӣ дар интихоби роҳи ҳалли онҳо, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун доираи шахсони дигарро бевосита муайян кардааст;

– мустақилияти кормандони воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии милитсия дар интихоби воситаҳо ва усулҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар доираи қонунгузории ҷорӣ;

– банақшагирии муштараки фаъолияти тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муҳимтарин принсипи ташкили ҳар як фаъолияти бошууронаи инсон, шарти зарурии самаранокии он мебошад;

– муттасилӣ дар кори ташкилотчигӣ, фаъолона истифода бурдани комёбиҳои илму техника дар ошкор ва тафтиши ҷиноят[1].

[1] Гришина, Е.П. Коммуникативное взаимодействие следователей и лиц, обладающих специальными познаниями, в ходе производства по уголовным делам / Е.П. Гришина // Российский следователь. - 2011. - № 4. - С. 35.

Ҳамин тариқ, ҳамкории муташаккили муфаттиш ва дигар воҳидҳои милитсия ба дуруст муайян кардани самтҳои тафтишот мусоидат намуда, барои зудтар ва пурратар муайян кардани тамоми ҳолатҳои ба мавзӯи исбот дохилшуда хизмат мекунад, инчунин барои муайян намудани манбаъҳои ба даст овардани маълумоти далелӣ кӯмак мерасонад ва яке аз воситаҳои самарабахши ҳалли масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

## ТАҲҚИҚОТИ ИЛМИИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ ОМӮЗГОРОН, АДЪЮНКТОН, АСПИРАНТОН ВА УНВОНҶӮЁН

### НАУЧНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРОФЕССОРСКО-ПРЕПОДАВАТЕЛЬСКОГО СОСТАВА, АДЪЮНКТОВ, АСПИРАНТОВ И СОИСКАТЕЛЕЙ

**ТДУ 343.985:004**

# ЧОРАБИНИИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮИИ ГИРИФТАНИ ИТТИЛООТИ КОМПЮТЕРӢ: ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНИИ ОН

**АЛИМЗОДА Д.А.**
омӯзгори калони кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 6-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия
E-mail: Alimovdoston089@gmail.com.

Яке аз самтҳои афзалиятноки дилхоҳ давлати муосири ҳуқуқбунёд ин мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ба ҳисоб меравад, чунки бе таъмин намудани сулҳу суббот ва амнияти ҷамъияту давлат, ягон фарди комили ҷомеа худро наметавонад, ки дар фазои осоишта эҳсос кунад. Ҷиноят ҳамчун падидаи ногувори ичтимоӣ дар ҳама даврҳои мавҷудияти башарият аз ҷиҳати хатарнокии баланди худ ба фаъолияти муътадили ҷомеа зарари манфии барзиёд мерасонд, расонида истодааст ва дар оянда низ мутаасифона зиёни худро хоҳад расонд.

Бо ин мақсад самаранок ба роҳ мондани фаъолият дар самти муқовимат бо ҷинояткорӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳарчанд меъёран ба танзим даровaрда шуда бошад ҳам, аммо ин ҳалли як қисмати масъала ба ҳисоб меравад.

Мисол, қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ФОҶ) муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки бо амалӣ намудани фаъолияти мазкур алоқаманд мебошанд, ба танзим даровaрда, системаи кафолатҳои қонуният, таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро зимни амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ЧОҶ) муқаррар менамояд[1].

Новобаста аз ин, бояд ба инобат гирифта шавад, ки тарзу усулҳое, ки ҷинояткорон ҳангоми содир кардани ҷиноят истифода мебаранд махсусан барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бештар ба таври ғайриошкоро (пардапӯшона), бо истифода аз технологияи навини замонавӣ ва бо роҳи пинҳон кардани олоту изҳои ҷиноят сурат мегирад. Бинобар ин қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти амаликунандаи самти ФОҶ, меъёран ваколатдор ва вазифадор намудааст, ки ЧОҶ ҳам ба тариқи ошкоро ва ҳам ғайриошкоро бо мақсади мубориза бар зидди ҷинояткорӣ амалӣ намоянд. Чун қоида мақомоти амаликунандаи ФОҶ, барои ба мақсад расидан дар самти мазкур аз методҳо, қувваҳо ва воситаҳои ғайриошкоро истифода мебаранд, ки маълумот дар бораи истифодаи онҳо сирри давлатиро ташкил намуда, ҳангоми ифшо намудани чунин маълумотҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25-уми марти с. 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод. 155; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 387; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1447.

Дар моҳи июли соли 2017, № 1447 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ФОҶ» (минбаъд – Қонуни ФОҶ) тағйирот ворид карда карда шуд. Яке аз муқарраротҳои ин санади қонунгузорӣ ворид намудани тағйиротҳо ба моддаи 6-и қонуни мазкур мебошад, ки номгӯи ЧОҶ –ро бо як чорабинӣ, дар намуди «Гирифтани иттилооти компютерӣ» васеътар карда шуд ва ин барои ҳал намудани номгӯи вазифаҳоро, ки ба субъектҳои ФОҶ, ки дар қ. 1 м. 13 Қонуни ФОҶ пешбинӣ гардидаанд, вогузор карда шуд.

Ҳалли ин ё он вазифаҳои ФОҶ, ки дар моддаи 3 Қонуни ФОҶ муқаррар шуданд, гирифтани иттилооти аҳамиятнокро дар раванди гузаронидани ЧОҶ пешбинӣ мекунад. Барои ноил шудан ба самаранокии максималӣ аз ЧОҶ-и гузаронидашаванда дар аксарият ҳолатҳо муҳим нест, ки дар кадом шакл натиҷаҳои онҳо ба қайд гирифта шуданд: дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ, видеоӣ ё сурат ва ғайра.

Ҳамзамон, бо тамоюли зиёдшавии шумораи истифобарандагон ва—теъдоди иттилооти гуногуни оперативии назаррас, аз ҷумла хусусияти криминалидошта, ки дар шабакаи иттилооти-телекоммуникатсионии «Интернет» паҳн мешаванд, ба даст овардани ин ё он файлҳои компютерӣ, ки дар хотираи он нигоҳ дошта мешаванд, хеле мубрам мебошад. Бояд қайд кард, ки ин гуна иттилоот метавонад дар натиҷаи гузаронидани ЧОҶ-и гуногун ба даст оварда шавад: гирифтани иттилоот аз каналҳои техники алоқа, ҷамъ намудани маълумот, гирифтани намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ, муоинаи биноҳо, иншоотҳо, минтақаҳои маҳалҳо ва воситаҳои нақлиётӣ ва ғайра. Дар натиҷа, савол ба миён меояд: «Барои чӣ қонунгузор гирифтани иттилооти компютериро ба сифати ЧОҶ-и алоҳида ҷудо намудааст?».

Ба фикри мо, ин бо он алоқаманд мебошад, ки усули компютерии нигоҳ доштан ва ирсоли иттилооти гуногун, аз ҷумла барои ҳал намудани вазифаҳои ЧОҶ аҳамиятнок, бо таври васеъ паҳн шудааст ва хусусиятҳои худро дорад. Аз нуктаи назари амалия, гирифтани иттилооти компютерӣ, ҳамчун ЧОҶ-и мустақил, маҷмӯи махсуси амалҳои мураккаби техникӣ мебошад. Ин бо он вобаста мебошад, ки ҳангоми гузаронидани ЧОҶ-и мазкур корманди воҳиди оперативӣ воқеан ҳаҷми муайяни донишҳои махсусро дар соҳаи технологияҳои иттилоотии муосирро бояд дошта бошад, ки ин барои муайян кардан, гирифтан (нусхабардорӣ кардан) ва барои истифодабарии минбаъдаи иттилооти компютериро дар бораи шахсон ва ҳолатҳо, ки аҳамияти оперативӣ доранд, бо мақсади ҳалли вазифаҳои мушахасси оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имконият медиҳад.

Гузаронидани ЧОҶ-и мазкур душвор мебошад ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо бошад бе истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ, ки барои гирифтани иттилооти ғайриошкоро пешбинӣ шуданд ва (ё) бе иштироки мутахассис дар ин соҳа, ғайриимкон мебошад.

Бояд қайд кард, ки муқаррароти моддаи 6 Қонуни ФОҶ ба шахсони мансабдори мақомот, ки ФОҶ-ро амалӣ менамоянд, имконият медиҳад, ки дар рафти гузаронидани ЧОҶ на фақат системаҳои иттилоотӣ, сабти видео ва аудио, балки дигар воситаҳои техникӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон ва муҳити иҳотакарда зарар намерасонанд, истифода шаванд. Инчунин, ҳангоми гузаронидани намуди баррасишавандаи ЧОҶ истифодаи қувваҳои оперативӣ-техникӣ ва воситаҳои мақомоти давлатии амнияти миллӣ, мақомоти корҳои дохилӣ бо тартибе, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ ё байни мақомотҳо, ки ФОҶ-ро амалӣ менамоянд, муайян шудаст, инчунин кӯмаки мутахассисонро, ки дорои донишҳои илмӣ, техникӣ ва дигар донишҳои махсус мебошанд, аз ҷониби қонунгузор пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки баъди ҷорӣ шудани гирифтани иттилооти компютерӣ ҳамчун ЧОҶ-и мустақил дар илми ФОҶ ва дар амалия мушкилотҳо ба вуҷуд омаданд, ки онҳо ба тактика ва методикаи гузаронидани он алоқаманд мебошанд. Ғайр аз ин, ба он нигоҳ накарда, ки ин намуди ЧОҶ муддати тӯлонӣ амалӣ карда мешавад, амалан батартибандозии меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки ҳуҷҷатнигории онро аниқ карда, истифодаи самараноки натиҷаҳои гирифташударо таъмин кунанд, вуҷуд надоранд, масалан дар доираи мурофиаи судии ҷиноятӣ.

Ба фикри мо, аниқ намудани моҳияти гирифтани иттилооти компютерӣ аз мавқеи истилоҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ҳал намудани мушкилоти вуҷуддошта мусоидат менамояд.

Дар назарияи ФОҶ инчунин ақидаи ягона нисбат ба шарҳи ЧОҶ дар намуди гирифтани иттилооти компютерӣ вуҷуд надорад. Масалан, ба фикри Осипенко А.Л., гирифтани иттилооти компютерӣ ин «шакли хоси пешниҳоди иттилоот мебошад, ки барои коркард дар таҷҳизотҳои компютерӣ, ирсоли онҳо бо каналҳои алоқа ва нигоҳдории онҳо дар паҳнкунандагони махсусгардонидашуда мувофиқ карда шуданд»[1].

Дубоносов Е.С. мешуморад, ки гирифтани иттилооти компютерӣ – ин чорабинии оперативӣ-техникӣ буда, ба ҷамъоварии маълумотҳо равона шудаст, ки онҳо дар компютер ё шабакаи компютерҳо паҳн мешаванд, инчунин дар паҳнкунандагони гуногуни иттилооти электронӣ бо бақайдгирии минбаъда (ё бе қайдгирӣ) барои ҳалли вазифаҳои ФОҶ нигоҳ дошта мешаванд[2].

Бо нававарии нисбӣ инчунин нуқтаи назари Мамлеев Р.Р. фарқ мекунад, ки ба фикри ӯ гирифтани иттилооти компютерӣ ин маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои тадқиқоти системаи компютерӣ бо мақсади дарёфт ва ҳуҷҷатнок намудани изҳои моддӣ мебошанд, ки барои тайёрӣ ё содир кардани ҷиноятҳо мусоидат менамоянд ва онҳо метавонанд дар системаи компютерӣ дар шакли хабари электрикӣ новобаста аз воситаҳои нигоҳдорӣ, коркард ва ирсоли онҳо нигоҳ дошта шаванд[3].

Олими ватанӣ Раҳимзода Р.Ҳ. чунин мешуморад, ки гирифтани иттилооти компютерӣ ба даст овардани маълумоти барои ҳалли вазифаҳои ФОҶ зарурӣ, тавассути сабти майдонҳои электронӣ ва физикӣ ҳангоми коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумот, новобаста ба воситаҳои интиқол мебошад. Гарчанде, ки ин чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба чорабинии дигари ФОҶ «гирифтани иттилоот аз каналҳои техникии алоқа» ҳаммонандӣ дорад, лекин азбаски қонунгузор барои гузаронидани он дархости прокурор ва иҷозати судро пешбинӣ накардааст, бинобар ҳамин мо онро ба категорияи 2-юми ин чорабиниҳо мансуб намудем[4].

Ба фикри мо, аз мавқеи назарияи ФОҶ муттаҳид намудани нуқтаи назари дар боло зикршуда ҳадафи ниҳоии ЧОҶ дар намуди гирифтани иттилооти компютерӣ мебошад. Бешубҳа, ин ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликияти шахсӣ, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ мебошад. Дар навбати худ, ба ин ҳадаф бо ҳалли вазифаҳои алоҳидаи ФОҶ ноил шудан мумкин аст. Масалан, муайян кардан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, инчунин муайян кардани шахсон, ки онҳоро тайёр намудан, содир карда истоданд ё содир намуданд.

Хусусияти фарққунандаи гирифтани иттилооти компютерӣ аз гирифтани иттилоот аз каналҳои техникии алоқа, ба фикри мо маҳз ҷойҳои дарёфти иттилооти компютерӣ, усулҳои гирифтани он (нусхабардорӣ), нигоҳдорӣ ва истифодаи минбаъда барои ҳалли ин ё он вазифаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

---

1 Осипенко, А.Л., Новое оперативно-розыскное мероприятие "Получение компьютерной информации": содержание и основы осуществления / А.Л. Осипенко // Вестник Воронежского института МВД России. - 2016. - №3. – С. 85.

2 Дубоносов, Е.С., Оперативно-розыскное мероприятие "Получение компьютерной информации": Содержание и проблемы проведения / Е.С. Дубоносов // Известия ТулГУ.Экономические и юридические науки. – 2017. – № 2-2 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/operativno-rozysknoe-meropriyatie-poluchenie-kompyuternoy-informatsii-soderzhanie-i-problemy provedeniya (санаи муроҷиат: 21.12.2024).

3 Мамлеев, Р.Р. Средства и методы осуществления оперативно-розыскного мероприятия "Получение компьютерной информации" / Р.Р. Мамлеев // Полицейская и следственная деятельность. - 2016. - № 4. – С. 37.

4 Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ / Р.Ҳ. Раҳимзода. Нашри 5-ум. - Душанбе: «ЭР-граф», 2019. - С. 308.

Гирифтани иттилооти компютерӣ ЧОҶ-е фаҳмида мешавад, ки он ба гирифтани маълумот (ахборот, хабар) аз паҳнкунандагони гуногуни электронии иттилоот барои ҳалли вазифаҳои ФОҶ равона шудаст, аз ҷумла аз шабакаҳои иттилоотӣ (новобаста аз шакли пешниҳод) бо роҳи ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва пешниҳоди иттилоот фаҳмида мешавад. Маълумотҳои пешниҳодшуда метавонанд дар шакли матн, ҷадвал, ҳуҷҷатҳои аудӣ ва видеоӣ, мазҳани маълумотҳои гуногун дарҷ карда шаванд.

Чунин тамоюли устувор имрӯз ҳам нигоҳ дошта мешавад, яъне қайд кардан мумкин аст, сатҳи ҷинояткории беназоратӣ дар киберфазо назаррас зиёд шудаст. Имкониятҳои шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионии «Интернет»-ро истифода бурда, ашёҳо, маводҳо ва дигар объектҳо, ки фуруши озоди онҳо ё гардиши онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шудаст, ба даст оварда ё фурухта мешаванд.

Ғайр аз ин, интишори маълумотҳо, ки сирри давлатӣ ё дигар сирри муҳофизатшавандаро ташкил мекунанд, амалӣ карда мешаванд, амалҳои террористӣ, ҳаракати бадахлоқона нисбат ноболиғон ва дигар кирдорҳои ҷиноятӣ содир мешаванд. Бешубҳа, ин дар навбати аввал бо сатҳи пасти батанзимдарории ҳуқуқии гирифтани дастрасӣ ба иттилооти компютерӣ, мавҷуд набудани технологияҳои мувофиқ вобаста мебошанд, ки онҳо барои муайян кардан, огоҳонидан, пешгирӣ намудан ва кушодани ҷиноятҳо, ки бо иттилооти компютерӣ алоқаманд мебошанд, мусоидат мекарданд. Ҳамин тариқ, зарурати такмили батанзимдарории ҳуқуқии ФОҶ ба миён омадаст, ки он воқеан воситаи самараноки мубориза бо зуҳуроти гуногуни ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад.

Қайд кардан мавриди зикр аст, ки асос барои амалӣ намудани ЧОҶ-и гирифтани иттилооти компютерӣ – ин ҷамъ овардани иттилоот аз таҷҳизотҳои компютерӣ нисбати шахсони алоҳида, ки дар шабакаҳои интернетӣ худро ба таври ошкоро ва ғайриошкоро ба расмият даровардаанд, нисбати сомонаҳои иҷтимоӣ ва шабакакаҳои хусусӣ, ки ташкилотҳои гуногуни экстремистию террористӣ онҳоро маблағгузорӣ намуда бо мақсади ҷинояткоронаи худ истифода мебаранд ва барои ошкор намудани дигар ҷиноятҳои дар боло номбаршуда коркард карда мешаванд[1].

Ҳамзамон, бо дарназардошти консепсияи мақолаи мазкур бояд қайд кард, ки гирифтани иттилооти компютерӣ дар доираи гузаронидани ин гуна ЧОҶ, ҳамчун «гирифтани иттилоот аз каналҳои техники алоқа имконпазир мебошад, ки онҳо танҳо баъди гирифтани қарори суд гузаронида мешаванд. Аз нуқтаи назари амалҳои мушаххас, асоси ин ЧОҶ-и мустақилро истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ ташкил карда, барои таъмин кардани назорати мақсадноки ғайриошкоро ва бақайдгирии иттилооти ошкоро истифода мешаванд, ки онҳо бо каналҳои техникии алоқа аз ҷониби шахсони аҳамияти оперативидошта вобаста бо алоқадории онҳо ба фаъолияти ҷиноятӣ ирсол карда мешаванд. Инчунин, нуқтаи назар дар бораи он мавҷуд мебошад, ки гирифтани иттилооти компютерӣ бо роҳи гузаронидани ЧОҶ ба даст оварда мешаванд, метавонанд бо роҳи амалигардонии маҷмӯи ЧОҶ амалӣ карда шаванд.

Масалан, гузаронидани ин гуна ЧОҶ, ба монанди пурсиши оперативӣ, имконият медиҳад, ки маълумотро дар бораи шахсе, ки бо фаъолияти ҷиноятӣ машғул мебошад, IP-сӯроғаи таҷҳизоти техникии ӯ, аз сарчашмаҳои гуногун гирифта шавад. Баъди муайян кардани шахс, гузаронидани ЧОҶ дар намуди мушоҳидаи оперативии мақсаднок мебошад. Ин, дар навбати аввал, барои санҷидани иттилооти гирифташуда, дар навбати дуюм, барои муайян кардани интернет-фаъолнокӣ, мақсади ворид шудан ба сомонаҳои манъшуда аз ҷониби шахси санҷишшаванда (коркардшаванда) зарур мебошад. Дар доираи ин ЧОҶ бо кумаки IP-сӯроға инчунин макони охирини ҷойгиршавии таҷҳизоти техникӣ муайян кардан мумкин аст.

[1] Маҷидзода, Ҷ.З., Холиқзода, А.Ғ., Одиназода, Р.С. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ (дар масири ҷаҳонишавӣ) / Ҷ.З. Маҷидзода [ва диг.]. - Душанбе: Маориф, 2019. - С. 103.

Ҳангоми мавҷуд будани маълумотҳои боэътимод инчунин боз як ЧОҶ «Муоинаи оперативии манзил, ҳуҷраҳо, биноҳо, иншоот, қитъаҳои маҳал ва воситаҳои нақлиёт» бо мақсади дарёфт, дар ҳолатҳои зарурӣ бошад, барои гирифтани таҷҳизоти техникӣ, ки дорои иттилооти компютерӣ аст, гузаронида мешавад. Ҳамчун варианти дигар, гузаронидани ЧОҶ-и «Ҷамъоварии оперативии намунаҳо барои таҳқиқи муқоисавӣ» имконпазир мебошад. Сипас, ҳангоми дарёфт намудани (гирифтани) таҷҳизот бо ҷалби мутахассис таҷҳизоти мазкур таҳқиқ (ташхис) карда мешавад, яъне ЧОҶ-и «Таҳқиқи оперативии ашё, ҳуҷҷатҳо ва объектҳои дигар» амалӣ карда мешавад. Ин имконият медиҳад, ки бевосита ба иттилоот, ки дар таҷҳизот ҷойгир мебошад ё бо воситаи шабака ирсол карда мешавад ва маълумотро дар бораи ҷиноятҳои тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда дорад, дастрас шавад.

Дар доираи ЧОҶ-и мазкур назоратбарӣ ва бақайдгирии паёмҳои истифодабарандагони шабакаи Интернет бо истифодаи ду усул амалӣ карда мешуданд: назорати ғайрифаъол ва дастрасии фаъол.

Дар ҳолати якум, кормандони воҳидҳои оперативӣ танҳо мушоҳида ва нусхабардории паёмҳоро, ки дар хотираи компютери истифодабарандагон ҷойгир карда шудаст, амалӣ менамоянд.

Дар ҳолати дуюм бошад – амалҳо оид ба дастрасшавии фаврии ба иттилоот, ки аз ҷониби истифодабарандагон ба шабакаи Интернет паҳн карда мешаванд, яъне бевосита ҳангоми ирсол, амалӣ карда мешаванд, инчунин тағйир додани мазмуни иттилоти закршуда, ё нест кардани он амалӣ карда мешавад, дар натиҷаи ин иттилоот ба қабулкунанда равон карда намешавад.

Аз сабаби ҷорӣ шудани ЧОҶ-и махсус, ки барои гирифтани иттилооти компютерӣ аз таҷҳизоти техникӣ равона шудаст, қонунгузор маҷбур аст, ки маҳакҳои тафриқаро (фарқиятро) байни чорабиниҳои гирифтани иттилооти компютерӣ ва гирифтани иттилоот аз каналҳои техникиро ҷустуҷӯ намояд. Дар ин хусус байни ЧОҶ-и қайдшуда ду усулҳои гирифтани иттилоот тафриқа гузошта шавад. Бешубҳа, аз рӯи мазмуни худ чорабиниҳои баррасишаванда шабоҳати калон доранд: ҳар дуи онҳо чорабиниҳои техникӣ мебошанд, барои гузаронидан (дар ҳолате, ки ҳангоми гузаронидани онҳо ҳуқуқҳои шаҳрвандон маҳдуд карда мешаванд) талаб менамоянд ва аз ҷониби кормандони воҳидҳои махсусгардонидашудаи оперативӣ гузаронида мешаванд.

Лекин байни ин ЧОҶ-ҳо фарқияти ҷиддӣ мавҷуд мебошад. Якум, аз рӯи объекти он. Ҳангоми гирифтани иттилооти компютерӣ маълумотҳоро ҳам дар бораи шахси мушаххас, ҳам дар бораи шахси муайяннашуда гирифтан мумкин аст илова бар ин ҳангоми амалӣ намудани чорабинии гирифтани иттилооти компютерӣ иҷозати суд лозим намешавад чунки чорабинии мазкур дар асоси моддаи 8 қисми 7 бо қарори асосноки тасдиқнамудаи яке аз роҳбарони мақомоти амаликунандаи ФОҶ гузаронида мешавад. Дар доираи гузаронидани гирифтани иттилоот аз каналҳои техникӣ бошад танҳо маълумотҳо дар бораи шахси санҷишдашаванда (коркардшаванда), ки барои ҳалли ин ё он вазифаи ФОҶ аҳамият дорад, гирифта мешаванд ва қайд кардан мавриди зикр аст, ки гирифтани иттилоот аз каналҳои техникии алоқа дар асоси моддаи 8 қисми 2 бо розигии прокурор ва иҷозати судя амалӣ гардонида мешавад.

Дуюм, дар ҳолатҳои он, чунки иттилооти компютерӣ асосан ба таври ғайриошкоро аз хотираи компютер гирифта мешавад, агар иттилоот баъди ирсоли он ба хотираи компютер ворид шуда бошад – ин ҷо гирифтани иттилооти компютерӣ мебошад. Агар иттилоот ҳангоми ирсоли он дар шабака аз як таҷҳизоти компютерӣ (воситаи алоқа) ба дигар гирифта шавад, дар ин маврид ташхиси компютерӣ-техникӣ гузаронида мешавад. Ин намуди ташхиси судӣ аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ бо роҳи тадқиқоти воситаҳои компютерӣ, паҳнкунандагони электронии иттилоотӣ, системаҳо, ки амалигардонии равандҳои иттилоотиро таъмин мекунанд, гузаронида мешавад ва ин дар навбати худ имконияти тартиб додани системаи исботкуниро таъмин мекунад.

Қайд кардан муҳим аст, ки гузаронидани ЧОҶ-и гирифтани иттилооти компютерӣ бо як қатор мушкилотҳои хусусияти объективӣ ва субъективидошта алоқаманд мебошад. Ин нафақат сатҳи пасти ҷиҳозонидани аксарияти воҳидҳои оперативӣ бо техникаи махсус, ки барои гирифтани иттилооти компютерии ғайриошкоро пешниҳод мешаванд, балки таъмини кадрӣ бо мутахассисон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Бешубҳа самаранокии ҳар гуна ЧОҶ аз амалҳои моҳир ва касбии субъектҳо ҳангоми гузаронидани он вобаста мебошад[1].

Норасоии мутахассисони баландихтисос дар соҳаи иттилооти компютерӣ ба раванди амалигардонии ФОҶ дар умум таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, оид ба тамоюли баррасишаванда қайд кардан зарур аст, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ такмили мунтазами усулҳои ташкил, коркард, ирсол ва нигоҳдории иттилооти компютериро таъмин мекунад. Ҳамзамон рушди системаи ҳифзи ин гуна иттилоот дар ҳар марҳилаи мавҷудияти он ба миён меояд, аз ҷумла воситаҳои криптографӣ, ки дар доираи онҳо усулҳои гуногуни рамзгузорӣ истифода мешаванд.

Илова бар ин яке аз вазифаҳои асосии ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи оянда омӯзонидани роҳу усулҳо, маҷмуи ҳаракатҳои оперативӣ ҷустуҷӯӣ, қувваҳо, воситаҳо, манбаъҳо, усулҳо ва нақшаҳои ҳангоми гузаронидани ЧОҶ-и ғайриошкоро истифодаша- ванда ё истифодашуда ва натиҷаҳои ФОҶ ва бедор кардани шавқу ҳавас ба донишандӯзӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии онҳо мебошад, ки ин ҳама бевосита ба инкишофи салоҳияти касбии корманди амалии оперативии оянда иртибот хоҳад дошт.

Ҷорикунии технологияҳои иттилоотӣ тавассути воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ мешавад, ки барои бедор кардани салоҳияти касбии корманди ояндаи мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъсир хоҳад расонд.

ТДУ 323.28

## ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ: ЗУҲУРОТ ВА ХАТАРИ ОН БА ҶОМЕАИ ИНСОНӢ*

**АСЛАМОВ Б.С.**
ходими калони илмии шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия
e-mail. aslamov.bozorali.64@mail.ru

Яке аз проблемаҳои ҷаҳони имрӯза ин терроризм ва экстремизм ба ҳисоб меравад. Тамоми давалтҳои дунё кушиш мекунанд, ки роҳи нави мубориза бар зиди ин зуҳуроти номатлуби ҷомеаро ҳарчи зутар пайдо намуда, онро аз решааш хушк намоянд. Ин ҷараёни хатарзо метавонад ба несту нобуд кардани халқиятҳо, миллатҳо ва давлатҳо оварда расонад. Аз таҳдиди ин зуҳуроти номатлуб тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар канор буда наметавонад.

Нахустин бор истилоҳи “террор” ва “терроризм” дар Инқилоби Кабири Фароноса солҳои 1793-1797 аз тарафи якобинчиён ба кор бурда шудааст, вале гумон меравад, ки ин вожаҳо шакли дигаргуншудаи калимаи арабии “таррор” аст. Таррор дар “Фарҳанги

[1] Криптографическая защита информации: учебное пособие / А.Я. Яковлев., А.А. Безбогов., В.В. Родин., В.Н. Шамкин. - Тамбов, 2006. – ЧС. 124-127.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290.

забони тоҷикӣ" ба маънои "роҳзану одамкуш, кисабуру дузд ва маҷозан ба маънои ҳилагар, маккор" оварда шудааст. Шояд аврупоиён калимаи "террор"-ро ба маънои даҳшатафканӣ ва хунрезӣ аз калимаӣ арабии "таррор" гирифта бошанд[1]. Ҳамин тариқ, бисёриҳо ба он назаранд, ки калимаи «терроризм» аз калимаи лотинии «terror» гирифта шуда, маънояш «тарс ва ваҳм» аст. Инро ҳамагон қабул доранд, аммо вожаи арабии "таррор" ва вожаи лотинии "terror" қариб ки маънои якхела доранд.

Маънои аслии экстремизм бошад – (аз калимаи франсавии "extremism" ва лотинии "extremus") гирифта шуда, маънои аслиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо, амалҳои тундравона, аз ҳаду андоза гузаштан аст.

Терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ба ҳар як сокини сайёра таҳдид намуда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст. Рӯз то рӯз терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст.

Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ дошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмиллалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифродгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ мусоидат менамояд.

Терроризм ва экстремизм имрузҳо хусусияти байналмилалиро касб карда аст, ки абарқудратҳо ба воситаи он манфиятҳои миллию давлатиашонро ҳимоя мекунанд. Баъзан сиёсати духураи онҳо ба тезутунд гаштани террорҳои нав дар кишварҳое, ки дар гирдоби азими буҳрони сиёсӣ дучор гаштаанд ба амал меояд. Абарқудратҳо баҳри муайян намудани мавқеи геополитикии худ пинҳонӣ ба гурӯҳҳои тундрав маблағгузори менамоянд. Дар замони муосир кишварҳои Осиёи Миёна мавриди таваҷҷуҳи манфиатҳои геополитикии давлатҳои алоҳида қарор гирифтааст, ки бархурди манфиатҳои онҳо дар манотиқи Шарқи Наздик, Қафқоз ва Осиёи Миёна рӯз аз рӯз хавфу хатари навро эҷод менамояд.

Вусъатёбии фаъолияти чандин гурӯҳҳои террористиву тундгаро, аз қабили созмонҳои ба ном "Давлати исломӣ", "Ал- Қоида", "Толибон", «Ҳизб - ут- таҳрир» «Ҳизби исломии Туркистон» собиқ «Ҳаракати исломии Узбекистон», ТЭТ мамнӯъи Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон (бо қарори Суди Олии ҶумҳурииТоҷикистон аз 29.09.2015 фаъолияташ манъ карда шудааст) ва монанди инҳо илова ба проблемаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар хоки давлати ҳамсояи мо – Афғонистон моро водор месозад, ки атрофи масъалаи мазкур диққати махсусро равона созем. Муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор дар баробари расонидани зарари ҷиддии иҷтимоӣ, ҳамчунин ба рушди ҷинояткорӣ, бахусус ҷиноятҳое, ки барои тамоми инсоният хавфнок мебошанд, мусоидат мекунад. Пеш аз ҳама, маблағҳои аз фурӯши моддаҳои марговар, ба даст овардашуда ба бозори сиёҳ ворид гардида, ба иқтисодиёти давлат зарари ҷиддӣ мерасонанд ва дар натиҷа аз назорати давлат берун монда, барои ҷиноятҳои дигар, ба монанди қочоқи силоҳ ё содир намудани амалҳои террористивӣ ва экстремистӣ харҷ мешаванд.

Гурӯҳҳои қочоқчиёни воситаҳои нашъадор аз он манфиатдор ҳастанд, ки бештари даромади ғайриқонуниро ба даст оварда, шумораи нашъамандонро дар саросари ҷаҳон афзоиш диҳанд, зеро талабот ба истеъмоли онҳо зиёд мешавад ва дар робита ба ин, даромади бештар мегиранд. Бо ин мақсад ба бисьёр мамлакатҳои ҷаҳон моддаҳои марговарро паҳн карданӣ мешаванд. Барои гурӯҳҳои қочоқчиёни воситаҳои нашъадор захираҳои бештари моливу пулӣ, ҷалби бештари одамон, воситаҳои техникӣ ва технологияҳои муосири телекоммуникатсионӣ, инчунин силоҳ ва дигар воситаҳои зарурӣро талаб мекунанд, ки тавассути фурӯши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ба даст оварда мешаванд. Фурӯши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор яке аз манбаъҳои даромади террористивӣ ва экстремистӣ маҳсуб меёбад.

[1] Комилов Д.Р., Забиров, Ҷ.В. Шинохти ифротгароӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ / Д.Р. Комилов, Ҷ.В. Забиров. - Душанбе, 2020. – 48 с.

Танҳо дар қаламрави давлати ҳамсояи мо, Афғонистон танҳо соли 2017 бар асари амалҳои террористӣ беш аз 10 ҳазор нафар аҳолии осоишта зарар дида, тақрибан 4 ҳазор нафар қурбон шудаанд. Боиси таассуф аст, ки 32 фоизи қурбониён ва 53 фоизи маҷрӯҳонро занону кӯдакон ташкил додаанд.Бо ба сари қудрат омадани Толибон (2021) дар Афғонистон амалҳои террористӣ боз густариш ёфтанд.

Дар раванди муосири ҷаҳонишавӣ Тоҷикистон низ аз ин воқеаҳо дар канор набуда, мубориза бар зидди ин амалро яке аз ҳадафҳои асосии худ қарор дода, дар ин самт тадбирҳои зиёдеро амалӣ намуда истодааст.

Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» соли 2020 қабул карда шуд, ки мақсади он, пеш аз ҳама, ҳимояи хуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Дар моддаи 1 ин қонун экстремизм - ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст, маънидод карда шудааст[1].

Дар ин робита, ҳақ ба ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ борҳо таъкид намудаанд ва ҳоло ҳам иброз медоранд: "«террористу ифротгаро ватану миллат ва дину мазҳаб надоранд! Террорист – террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ "худӣ" ё "бегона" ва ё "таҳаммулгарову" "тундгаро" буда наметавонад»[2].

Барои мубориза алайҳи ин зуҳуроти бениҳоят хатарнок саъю кӯшиши ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим аст, ки дар сатҳи олии ҳамаи давлатҳо бояд ба танзим дароварда шавад. Барои амалӣ гардонидани амалиёти самаранок бар зидди терроризм, дар навбати аввал, заминаи ҳуқуқии ин мубориза бояд гузошта шавад.

Ҳамин аст, ки бо Фармони Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Стратегияи миллии муқовимат бо терроризм ва ифротгароӣ барои давраи солҳои 2021-2025» ба тавсиб расид[3].

Дар моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки «Терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ, аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо мебошад»[4].

Дар хуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид (СММ) террор чунин маънидод карда мешавад: Терроризм ба мақсадҳои сиёсӣ –яъне дигаргун сохтани сохти давлатдорӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, воҳима андохтан ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, пайдо

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми январи с. 2020, № 1655 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020, № 1, мод.2.

[2] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи байналмиллалии сатҳи баланд таҳти унвони "Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез". Душанбе, 4-5 майи соли 2019 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ : http: www.president.tj (санаи муроҷиат: 30.01.2025).

[3] Стратегияи муққовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 аз 1-уми июни с. 2021, № 187 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://docs.yandex.ru/docs (санаи воридшавӣ: 14.03.2025).

[4] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; Қ ҶТ аз 07.08.2020, № 1717.

кардани нобоварии халқ нисбати Ҳукумат, Президент, фалаҷ гарднидани фаъолиятҳои мақомоти сохторҳои давлатӣ.[1]

Бинобар ин, дар шароити пешомада, танҳо сафарбарсозии тамоми имкониятҳои моддиву маънавӣ ва ба роҳ гузоштани як набарди умумимиллӣ метавонад роҳи дурусти мубориза бо ин хатар бошад. Хушбахтона, дар солҳои охир мақомоти сиёсию қудратии кишвар, ташкилотҳои динию ҷамъиятӣ бо дарки ин хатари маргбор барои пешгирии гароиши ҷавонон ба ин ҳизбу ҳаракатҳо талошҳои ҷиддӣ ба роҳ мондаанд[2]. Омӯзиши раванди коргузорӣ дар ин самт нишон медиҳад, ки агар равиши таблиғу ташвиқот дар ин масъала такмил ёфта, моҳияту хатари ифротгароӣ ва гурӯҳҳои ифротӣ ба мардум ба таври боз ҳам мушаххастару соддатар фаҳмонида шаванд, ин кӯшишҳои давлат ва ҷомеа натиҷаи дучандон хоҳанд дошт. Яъне, худи сода намудани баён ва ба таври возеҳ бозкушоӣ кардани моҳияту хатари ин гурӯҳҳо барои мардум яке аз вазифаҳои бисёр муҳим дар мубориза бо ифротгароии динӣ ва терроризм мебошад.

Хулоса, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистонро мебояд баҳри ҳифзи Ватан аз ин хатарҳои муосир камари сидку садоқат бандад ва баҳри пойдории сулҳу субот ва амнияти миллӣ содиқона ба ватан хизмат намояд. Хусусан ҷавонони меҳанро мебояд зиракии сиёсиро аз даст надода фирефтаи гуруҳҳои террористӣ ва экстремистӣ нашаванд. Ба ҳамин хотир моро зарур аст, ки баҳри ҳимояи манфиятҳои миллӣ ҳамеша кушиш намуда, манфиатҳои шахсиро дар зинаи охир бимонем ва ҳамеша дӯстдори Ватани маҳбубамон бошем. Мо дар якҷояги метавонем бар зидди ҳамагуна зуҳуроти номатлуб муборизаи беамон барем. Пас даст бар дасти ҳам монда кушиш намоем, баҳри муҳофизати ин марзу бум ҷони худро дареғ надошта, содиқонаю софдилона хизмати арзандае намоем.

**ТДУ 342.4**

## АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БОБИЕВА Б.Қ.**
мутахассиси пешбари шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: navruz.saburzoda@mail.ru

Тибқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”[3] аз 30-уми майи соли 2017, № 1414 дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи аввал меистад. Дар м. 16 Қонуни мазкур қайд карда мешавад, ки Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни асосӣ буда, эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Ин талабот дар худи Конститутсия (моддаи 10) низ қайд карда шудааст. Аз нигоҳи назария ва амалия, Конститутсия меъёри ҳуқуқӣ ва сиёсӣ бу-

[1] Таибов, С., Тохтахоҷаева, С. Ҳазар аз ҳар раҳи террор гӯем // Қонун ва ҷомеа. № 44 (560), 5.11.2020, - С.9.
[2] Хатари гуруҳҳои ифротгароии динӣ чист? Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Мавод барои истифода дар корҳои фаҳмондадиҳӣ дар масъалаи хатари гурӯҳҳои ифротгароии динӣ. - Душанбе, 2015.
[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30-юми майи с. 2017, № 1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271, ҚҶТ аз 19.07.2019, № 1632, аз 23.12.2021, № 1820, аз 03.01.2024, № 2024.

да, қувваи олии ҳуқуқӣ дорад. Конститутсия “қонуни тамоми қонунҳо”[1] аст, зеро ба гуфтаи яке аз олимони Федератсияи Россия Алексеев С.С., аз муқаррароти Конститутсия тақдири низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат вобастагӣ дорад”[2].

Дар байни олимон дар масъалаи ба сифати асосҳои қонунгузории ҷиноятӣ баромад кардани Конститутсия фикру ақидаҳои мухталиф ҷой доранд[3]. Таҳлили адабиётҳои махсуси ба чоп расида далели ин фикр мебошанд[4]. Олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ Кузнетсова Н.Ф., Кругликов Л.Л., Игнатов А.Н., Пудовочикин Ю.Е., Пригвагидов С.С., Азарян Е.Р., Шарипов Т.Ш., Бахридинов С.Э. ва дигарон Конститутсияро сарчашмаи асосии ҳуқуқӣ ҷиноятӣ эътироф мекунанд.

Ба ақидаи олимон, ҳамфикр шудан ба мақсад мувофиқ аст, зеро ҳар як санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшаванда дар кишвар бояд ба Қонуни асосӣ мутобиқат кунад. Дар қ. 2 м. 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) низ бевосита қайд шудааст, ки Кодекс ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад[5]. Аз ин ҷо, меъёрҳои конститутсионӣ мустақиман амал мекунанд ва ба қонунгузории ҷиноятӣ бевосита таъсир мерасонанд.

Мувофиқи м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Бо дарназардошти ин меъёри конститутсионӣ вазифаи аввалини КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян гардидааст. Оид ба бартарияти мавқеи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, бар хилофи идеологияи навин қонунгузории ҷиноятии қаблӣ бартарияти ҳимояро ба манфиати давлат ва ҷамъият дода буд.

Масалан, қисми махсуси КҶ РСС Тоҷикистон соли 1961 ҷазо барои ҷиноятҳои хавфноктарини он замон “Хиёнат ба Ватан” ва дигар ҷиноятҳои давлатӣ, пешбинӣ менамуд, баъдан меъёрҳо оиди ҷиноятҳо ба муқобили моликияти сотсиалистӣ ва дар охир меъёрҳо оиди ҷавобгарӣ барои кушторро дар бар мегирифт[6]. Маъмулан дар бештари давлатҳои дунё қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ бо нишондоди моддаҳо оиди ҷавобгарӣ барои куштор, чун ҷинояти хавфноктарин оғоз мегардад. Акнун дар КҶ соли 1998 дар навбати аввал вазифаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд гузошта шудааст ва баъдан ҷамъияту давлат.

Қонуни ҷиноятӣ ба принсипҳои қонуният (м. 4), баробарӣ дар назди қонун (м. 5), ногузирии ҷавобгарӣ (м. 6), ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ (м. 7), адолат (м. 8), инсондустӣ (м. 9) ва демократизм (м. 10) асос меёбад, ки принсипҳои мазкур ҳамчун асоси роҳбарикунанда аз Конститутсия сарчашма мегиранд.

Тибқи м. 20 Конститутсия ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад. Меъёри мазкур дар КҶ низ

---

[1] Конституция Республики Таджикистан 1994 года: история разработки, принятия, внесение изменений и основные положения. –Душанбе, 2001. – С. 4-5.

[2] Алексеев, С.С. Проблемы теории права: учебник / С.С. Алексеев. – Свердловск, СЮИ, 1972. Т. 1. - С.180.

[3] Басхолов, С.С. Основы уголовной политики: Конститутционный, криминологический, уголовно-правовой и информационный аспекты: монография / С.С. Басхолов. Изд.2-ое перераб. – М.. АО ”Центр ЮРИНФОРМ”, 2004. – С. 63; Шарипов, Т.Ш., Бахридинов, С.Э. Конститутционные основы уголовного права Республики Таджикистан / Т.Ш. Шарипов, С.Э. Бахридинов // Конститутционые основы уголовного права. Материалы 1 Всероссийского конгресса по уголовному праву, посвященного 10-летию Уголовного кодекса Российской Федерации. - М.: ТК Велби, 2006. - С. 594-598.

[4] Курс советского уголовного права в 6 томах. Том. 1. Часть общая. Уголовный закон. - М.: Наука, 1970. – С. 143; Кригер, Г.А. Конституция СССР и совершенствование уголовного законодательства / Г.А. Кригер // Вестник МГУ. Сер.11 “Право”. – 1979. - № 2. – С. 2-9; Ковалев, М.И. Конституция СССР как источник уголовного законодательства / М.И. Ковалев // Конституция СССР и дальнейшее повышение эффективности норм уголовного права. – Свердловск. – 1980. – С. 3-10.

[5] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; Қ ҶТ аз 07.08.2020, № 1717.

[6] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 (бо тағйиру иловаҳо то 1 июни соли 1988). - Душанбе, 1988.

пешбинӣ шудааст. Мувофиқи принсипи қонуният ҳеҷ кас дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад ва ба ҷазои ҷиноятӣ кашида намешавад ба ҷуз бо ҳукми суд ва дар асоси қонун.

Мутобиқи м. 17 Конститутсия, ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Принсипи баробарӣ дар назди қонун ба меъёри мазкури конститутсионӣ асос ёфта, муайян менамояд: "шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, шаҳрвандӣ, забон, муносибат ба дин, ақидаҳои сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ, хизматӣ ва молу мулкӣ, мансубият ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, маҳалли истиқоматашон ва дигар ҳолатҳо дар назди қонун баробаранд ва бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд"[1].

Баробарии шахс дар назди қонун маънои баробарии онҳоро дар назди қонуни ҷиноятӣ дар назар дорад, яъне меъёрҳои КҶ ба ҳама баробар паҳн мешаванд. Талаботи мазкур ҳамчуни қисми таркибии принсипи баробарӣ танҳо бо риояи шартҳои зерин истифода мегардад:

– қонунгузории ҷиноятӣ набояд ба ин ё он категорияи шаҳрвандон бартарияти беасос диҳад ва ё ҳуқуқҳои гурӯҳи шаҳрвандони дигарро беасос маҳдуд намояд;

– қонунгузории ҷиноятӣ набояд барои категорияи гуногуни ҷиноят ҷавобгарии баробарро муайян намояд, дар мавриде, ки онҳо хусусиятҳои хоси худро барои татбиқи ҷавобгарӣ доро мебошанд.

Махсусияти ҷавобгарии ҷиноятии занон, мардони пиронсол, шахсони мансабдор, ки дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, маънои вайрон намудани принсипи баробарӣ дар назди қонунро надорад. Масалан, мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд (м. 78) наметавонад ҳамчун вайрон намудан ва ё даст кашидан аз принсипи баробарӣ барои татбиқи ҷазо дониста шавад. Ин ба ҳолати махсуси психофизиологии занон вобастагӣ дорад.

Мавқеи хизматӣ ва ё мансабии шахси ҷиноят содирнамуда низ наметавонад асос барои хулосабарорӣ оиди вайрон намудани принсипи баробарӣ дар назди қонун гардад. Ҳамин тариқ, принсипҳои конститутсионӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ на танҳо бевосита паҳн мегарданд, балки меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба онҳо мувофиқ гардонида шудаанд.

Баъзе аз меъёрҳои конститутсионӣ бетағйир дар КҶ ҷой дода шудаанд ва ё меъёрҳои конститутсионӣ бо ҳамон мазмун пурра гардидаанд. Масалан, мутобиқи м. 16 Конститутсия ҳеҷ як шаҳрванди ҷумҳуриро ба давлати хориҷӣ супурдан мумкин нест. Супурдани ҷинояткор ба давлати хориҷӣ дар асоси шартномаи тарафайн ҳал мешавад. Меъёри мазкур дар м. 16 КҶ ба таври пурра пешбинӣ шуда, муқаррар менамояд, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди давлати дигар ҷиноят содир кардааст, ба он давлат супорида намешавад, агар дар шартномаи тарафайн тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намуда, дар ҳудуди он қарор дорад, мутобиқи шартномаи байналмилалӣ метавонад барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё адо намудани ҷазо ба давлати хориҷӣ супорида шавад.

Тибқи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад (м. 1). Шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд (м. 100). Бо дар назардошти ин муқаррароти Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фасли XIII барои ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ

---

[1] Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 03.04.2025).

ҷавобгарӣ муқаррар намуд. Дар асоси принсипи тақсими ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ин фасли қонунгузории ҷиноятӣ аз 4 боб иборат аст.

1) ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат (боби 29 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон);

2) ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ (боби 30 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон);

3) ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи идоракунӣ (боби 31 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон);

4) ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ (боби 32 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳалли масъалаҳои авф ва бахшиш низ аз Конститутсия маншаъ мегирад. Пешниҳод кардани лоиҳаи қонун дар бораи авф (м. 59) ва ҳал кардани масъалаи бахшиши ҷазо (м. 69) ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст. Тибқи ин талаботи конститутсионӣ КҶ ҶТ масъалаи авф ва бахшиши ҷазоро мавриди танзим қарор додааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло баръало мушоҳида карда мешавад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи қонунгузории ҷиноятии кишвар дар танзими муносибатҳои алоқаманд, мустаҳкам намудани принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва такмили меъёрҳои он нақши барҷаста дорад.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон тавассути Конститутсия, ки меъёрҳояш аз заминаҳои ҳуқуқии эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ, арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон иборат мебошад, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва баробарҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликиятро дар асоси эҳтироми соҳибихтиёрии давлатӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ таъмин менамояд, ҳамчун як ҷомеаи мутамаддини ҳуқуқӣ аз тарафи кулли мардуми сайёра пазируфта шуд.

Аз он ифтихор дорем, ки яке аз талаботҳои муҳимми меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, риоя ва иҷрои ҳатмии меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ омили асосии суботу оромии ҷомеа ва давлат мебошад.

**УДК 340.5**

## ПОНЯТИЕ «НАСИЛИЕ В ОТНОШЕНИИ ЖЕНЩИН» В МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫХ ДОКУМЕНТАХ

**Гоибзода М.А.**
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
e-mail: reefat@yandex.ru

С момента начала своей деятельности ООН обращает особое внимание на проблемы женщин и детей как уязвимой группы в обществе, что подтверждается фактом одновременного создания Экономическим и Социальным Советом ООН наряду с Комиссией по правам человека и Комиссии по положению женщин. В дальнейшем в правозащитной повестке дня проблема обеспечения гендерного равенства становится объектом постоянного внимания международного сообщества и приобретает широкий охват, включая задачу по ликвидации всех форм насилия в отношении женщин.

Факты насилия над женщиной, в той или иной мере во всех странах мира, представляя собой огромную медицинскую, психологическую, психиатрическую, юридическую проблему в т.ч. для национальной и общественной безопасности.

При этом, большинство жертв молчали, не просили о помощи, в которой объективно

нуждались. Тем самым создался порочный круг: мало кто из женщин заявлял о насилии, исключительно редко возбуждались уголовные дела даже при росте насилия.

По данным о глобальной распространённости насилия, опубликованным ВОЗ (2018), каждая третья женщина (35,0%) в мире на протяжении своей жизни подвергается физическому или сексуальному насилию со стороны мужа или интимного партнёра. Домашнее насилие затрагивает главным образом женщин, однако зачастую - мужчин, детей и пожилых людей.

Проблема насилия в отношении женщин и детей все еще остается острой в странах Центральной Азии, в т. ч. и в Таджикистане. Социально-экономические условия жизни населения, такие как безработица, бедность, массовая трудовая миграция привели многих людей к психическому напряжению и соответственно к повышению уровня распространенности преступлений.

https://legalacts.ru/sud/opredelenie-sudebnoi-kollegii-po-ugolovnym-delam-verkhovnogo-suda-rossiiskoi-federatsii-ot-06102022-n-49-ud22-34sp-a4/ (дата обращения: 19.09.2025).

[1] Шарипов, Т.Ш., Сафарзода, А.И., Камолов, З.А., Холиқов, Ш.Л. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқов. – Душанбе, 2018. – С.80.

[2] Коржанский, Н.И. Предмет преступления: учебное пособие / Н.И. Коржанский. - Волгоград, 1976. - С. 17.

Налгиев Р. К. ба сифати предмети ин ҷиноят пардохтҳои гумрукӣ баромад мекунанд[1]. Грачев О.В. бо ақидаи онҳо розӣ нашуда, қайд мекунад, ки "пардохтҳои гумрукӣ ин объекти таҷовузи ҷиноятии шахсе мебошад, ки уҳдадор аст онҳоро пардохт кунад. Дар ин ҳолат, объекти ҷиноятро бо объектҳои андозбандии боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо, омехта кардан мумкин нест, ки ба сифати онҳо молҳои аз сарҳади гумрукӣ гузаронидашаванда баромад мекунанд. Олими мазкур дар идома қайд мекунад, ки "предмети таҷовузи ҷиноятӣ, ки дар м.194 КҶ ФР пешбинӣ гардида, маблағҳои пулӣ дар намуди (шакли) пардохтҳои гумрукӣ ба ҳисоб мераванд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории гумрук пардохти онҳо ҳатмӣ мебошанд"[2].

Моддаи 291 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) дар диспозитсияи меъёрҳо ба предмети ҷиноят - пардохтҳои гумрукӣ ишора намуда, дар айни замон муайян намекунад, ки ба пардохтҳои гумрукӣ чӣ дохил мешавад. Барои муайян кардани намудҳои пардохти гумрукӣ ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КГ ҶТ) муроҷиат кардан лозим аст.

Ба пардохтҳои гумрукӣ тибқи м. 340 КГ ҶТ инҳо дохил мешаванд:

1) боҷи гумрукӣ;
2) андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад;
3) аксизе, ки ҳангоми воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад;
4) пардохти махсуси гумрукӣ[3].

"Боҷи гумрукӣ навъи асосии пардохтҳои гумрукӣ мебошад, зеро аксари расмиёти гумрукӣ ситонидани онро дар назар доранд. Молҳои алоҳида вобаста ба тартиби гумрукии декларатсияшуда, пайдоиши мол ва ғайра аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд. Аммо агар моли мушаххас тибқи меъёрҳои танзими гумрукӣ бо боҷи гумрукӣ андозбандӣ карда шавад, он метавонад танҳо пас аз пардохти пардохтҳои гумрукӣ аз сарҳади гумрукӣ гузаронида шавад"[4]. Мутобиқи қ.1 м. 341 КГ ҶТ "боҷҳои гумрукӣ ҳангоми декларатсия кардани молҳо дар низомҳои гумрукие, ки шартҳои тахти ин низом ҷойгиркунонӣ супурдани боҷҳои гумрукиро таъмин мекунанд, мувофиқи ҳамин Кодекс пардохт мешаванд.

Меъёрҳои боҷи гумрукӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд".

"Шахсе, ки барои пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо масъул аст, декларант мебошад. Агар декларатсияро брокери гумрукӣ (намоянда) анҷом диҳад, ӯ барои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз тибқи қисми 2 моддаи 144 Кодекси гумрук масъул аст".

Ҳангоми насупурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, аз ҷумла ҳангоми нодуруст ҳисоб кардан ва (ё) дер супурдани онҳо дар назди мақомоти гумрук шахсе ҷавобгар аст, ки масъулияти супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андозро ба зимма дорад (қ. 3 м. 350 КГ ҶТ).

Ҳангоми интиқоли ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ масъулияти супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба ӯҳдаи шахси интиқолдиҳандаи ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ва ба зиммаи шахсе мебошад, ки дар интиқоли

---

[1] Козодаев, В.Н. Ответственность за уклонение от уплаты таможенных платежей по УК РФ: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / В.Н. Козодаев. - М., 2007. - С. 130; Степанов, К.С. Уголовно-правовая характеристика уклонения от уплаты таможенных платежей, взимаемых с организации или физического лица: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / К.С. Степанов. - М., 2007. - С. 39; Нальгиев, Р.К. Преступные нарушения таможенного законодательства (понятие, уголовно-правовой анализ, проблемы квалификации): дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Р.К. Нальгиев. - Саратов, 2002. - С. 134.

[2] Грачев, О.В. Уголовная ответственность за уклонение от уплаты таможенных платежей: уголовно-правовой анализ, проблемы квалификации: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / О.В. Грачев. - М., 2007. - С. 77.

[3] Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2004, № 62 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-гумруки-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 01.05.2024).

[4] Андреева, В.М. Уголовно-правовое противодействие уклонениям от уплаты таможенных платежей: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / В.М. Андреева. - М., 2014. - С. 64.

ғайриқонунӣ иштирок мекунад, агар онҳо аз чунин интиқоли ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт огоҳ буданд ва ё бояд огоҳ мебуданд, ҳангоми воридот бошад, инчунин шахсоне масъуланд, ки молу воситаҳои нақлиёти ғайриқонунӣ воридшударо барои худ харида гирифтаанд ва ё моликияти худ қарор додаанд, ба шарте, ки ҳангоми харидан ғайриқонунӣ ворид шудани онҳоро медонистанд ё худ бояд огоҳ мебуданд, ки ин ваҷҳ ба таври зарурӣ тибқи тартиби муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Агар шахсони номбаршуда дар содироту воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ба сифати декларант амал карда бошанд, онҳо барои супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, чунин масъулиятро ба зимма доранд" (м. 350 КГ ҶТ).

Ҳангоми таҳлили предмети саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, бисёр олимон дуруст баён медоранд, ки предмети ин ҷиноят хусусияти сифатӣ ва миқдорӣ дорад. Масалан, ба ақидаи Гилмутдинова Н.С., "аломатҳои сифатӣ дар он ифода меёбанд, ки предмети ҷиноят пардохтҳои гумрукӣ мебошанд. Аломати миқдории предмет дар ҳаҷми пардохтҳои гумрукии пардохтнашуда ифода карда мешавад"[1].

Аломати сифатии предмети саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ дар эзоҳи м. 292 КҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ки мувофиқи он саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ ба миқдори калон содиршуда эътироф карда мешавад, агар маблағи пардохтҳои гумрукӣ аз бист ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад ва ба миқдори махсусан калон аз сию ҳафт ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад.

Ҳангоми муайян кардани миқдори калон, бояд имтиёзҳои зиёди гумрукиро дар назар дошт, ки маблағи пардохтҳои гумрукӣ бояд ба андозаи онҳо кам карда шавад. Ҳамин тариқ, тибқи қонунгузории гумрукӣ (м. 328 КГ ҶТ) чунин итиёзҳо ба намояндагони давлатҳои хориҷӣ, аъзои ҳайати вакилони парлумон ва ҳукумат, инчунин дар асоси муносибатҳои мутақобила бо аъзои ҳайати вакилони давлатҳои хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар гуфтушунидҳои байналмилалӣ, конференсияҳо ва маҷлисҳои байналмилалӣ ё бо супоришҳои дигари расмӣ меоянд, барои аъзои ҳайати дипломатии намояндагони давлатҳои хориҷӣ фароҳам оварда мешаванд. Ин гуна имтиёзҳо барои аъзои оилаи ҳамроҳикунандаи онҳо низ пешниҳод шуданаш мумкин аст.

Дар сурати ҷой надоштани миқдори калон, саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ таркиби ҷиноятро ташкил намедиҳад, балки вобаста ба ҳолатҳои парванда тибқи меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бандубаст карда мешавад.

Тартиб ва шартҳои арзиши гумрукии молҳои воридотӣ, инчунин шакли декларатсия бо Кодекси гумруки ҶТ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Арзиши гумрукии мол аз ҷониби декларант тибқи м. 354 КГ ҶТ, аз рӯйи усулҳои зерини муайян кардани арзиши гумрукӣ амалӣ карда мешавад:

1) тибқи нархи муомилоти моли воридшаванда;
2) тибқи нархи муомилоти моли шабеҳ;
3) тибқи нархи муомилоти моли ҳамҷинс;
4) тарҳи арзиш;
5) ҷамъ кардани арзиш;
6) усули эҳтиётӣ.

Усули асосии муайян кардани арзиши гумрукӣ усули нархи муомилот бо молҳои воридотӣ мебошад. Мутобиқи ин усул "Арзиши гумрукии моли ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда нархест, ки воқеан пардохт шудааст ё бояд ҳан-

[1] Гильмутдинова, Н.С. Уголовная ответственность за уклонение от уплаты таможенных платежей: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Н.С. Гильмутдинова. - М., 1998. - С. 92-93.

гоми фурӯши он барои содирот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта шавад" (м. 355 КГ ҶТ).

"Дар сурати имконнопазирии истифодаи усули асоси паёпай усулҳои номбаршуда ба кор бурда мешаванд. Зимнан кадом усули минбаъда баъди он истифода мешавад, ки арзиши гумрукии молро бо истифода аз усули қабли муайян кардан имконнопазир бошад. Дар асоси аризаи декларант усулҳои тарҳ ва ҷамъ кардани арзиш бо тартиби баръакс анҷом дода мешавад" (қ. 3 м. 354 КГ ҶТ).

"Ҳангоми истифодаи усули муайян кардани арзиши гумрукии нархи муомилоти моли шабеҳ ҳамчун асоси муайян намудани арзиши гумрукии мол нархи муомилоти моли шабеҳ бо шарти риояи ҳолатҳои дар ҳамин модда зикргардида истифода карда мешавад" (қ. 1 м. 356 КГ ҶТ).

"Зери мафҳуми молҳои шабеҳ, молҳое фаҳмида мешаванд, ки бо моли арзишашон муайяншаванда тибқи хусусиятҳои зерин шабеҳ аст:

1) хусусиятҳои физикӣ;
2) сифат ва қурб дар бозор" (м. 356 КГ ҶТ).

Моҳияти усули муайян кардани арзиши гумрукии мол бо нархи муомилоти моли ҳамҷинс дар он аст: "Ҳангоми истифодаи усули муайян намудани арзиши мол тибқи нархи муомилоти моли ҳамҷинс ҳамчун асос барои муайян намудани арзиши гумрукии мол бо риояи шартҳои дар ҳамин модда нишондодашуда нархи муомилоти моле истифода мешавад, ки бо моли воридшаванда ҳамҷинс мебошад" (м. 357 КГ ҶТ).

Молҳои ҳамҷинс моли ба ҳам шабеҳ нест, вале хусусиятҳои ба ҳам монанд дошта, аз унсурҳои ба ҳам монанд иборат аст, ки ба онҳо имконият медиҳад ба мисли моли арзишаш муайяншаванда вазифаҳои якхеларо иҷро намояд ва дар доду гирифт якдигарро иваз карда тавонад (м. 357 КГ ҶТ).

"Муайян кардани арзиши гумрукии мол дар асоси тарҳи арзиш дар он ҳолат сурат мегирад, ки агар моли нархгузоришавандаи шабеҳ ва ҳамҷинс бе тағйири ҳолати аввалиаш фурӯхта шавад" (м. 358 КГ РТ).

Ҳангоми истифодаи усули тарҳи арзиш барои муайян намудани арзиши гумрукии мол нархи воҳиди моле чун асос қабул карда мешавад, ки тибқи он моли шабеҳ ва ҳамҷинс дар баробари воридоти моли нархгузоришаванда ба шахсони бо фурӯшанда новобаста ба миқдори хеле зиёд яклухт фурӯхта мешавад.

Дар баробари ин мол бояд ҳамзамон бо воридоти моли нархгузоришаванда дар як вақт фурӯхта шавад ва дар сурати дар ин муддат фурӯхта нашуданаш бояд дар давраи наздиктари воридоти моли нархгузоришаванда, яъне дар муддати на дертар аз 90 рӯзи тақвимии воридоти моли нархгузоришаванда фурӯхта шавад.

Аз нархи воҳиди мол хароҷоти зерин тарҳ карда мешавад:

1) хароҷоти комиссионии пардохтшаванда ё мувофиқашудаи пардохт ё иловапулӣ бо мақсади гирифтани фоида ва пӯшонидани тамоми хароҷоти марбути фурӯши моли воридотии ҳамин навъ ё намуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2) маблағи боҷҳои воридотӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми воридот ё фурӯши он супурда мешаванд;
3) хароҷоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшаванда барои борбарӣ, суғурта, корҳои борбардорӣ ва борфарории дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдодашаванда.

Усули муайян кардани арзиши гумрукӣ дар асоси ҷамъи арзиш аз он иборат аст, ки: Ҳангоми истифодаи усули баҳодиҳӣ дар асоси ҷамъи арзиш асос барои муайян намудани арзиши гумрукии мол нархи мол бо роҳи ҷамъ кардани арзишҳои зерин истифода мешавад:

1) арзиши масолеҳ ва хароҷоти истеҳсолкунанда ҳангоми истеҳсоли моли нархгузоришаванда;

2) маблағи даромад ва хароҷоти умумии ба нарх ҳамроҳшаванда ҳангоми фурӯши моли ҳамин навъ ва намуд, мисли моли нархгузоришавандае, ки дар кишвари истеҳсолкунанда барои содирот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шудааст;

3) арзиши хароҷоти дар бандҳои 1 ва 2 қисми 2 моддаи 355 ҳамин Кодекс зикргардида" (м. 359 КГ ҶТ).

Усулҳои эҳтиётӣ.

Арзиши гумрукии мол дар асоси усули эҳтиётӣ метавонад татбиқ карда шавад, агар арзиши гумрукӣ бо истифодаи пайдарпайи усулҳои пешбининамудаи моддаҳои 355-359 ҳамин Кодекс муайян карда нашавад.

Истифодаи усули эҳтиётии муайян кардани арзиши гумрукӣ дар асоси маълумоте, ки дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, бо роҳи истифодаи тарзу усулҳои ба принсипҳо ва муқаррароти КГ ҶТ мувофиқ муайян карда мешавад.

Барои муайян кардани арзиши гумрукии молҳо мутобиқи м. 360 КГ ҶТ истифода шуда наметавонанд:

1) нархи молҳо дар бозори дохштаи кишвари содирот (кишваре, ки аз он мол бароварда шудааст);

2) нархи моли аз кишвари содирот ба кишварҳои сеюм таҳвилшаванда;

3) нархи молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) хароҷоти дигар нисбат ба арзиши ҳисобӣ барои молҳои шабеҳ ё ҳамҷинс мутобиқи моддаи 359 ҳамин Кодекс муайян гардидааст;

5) нархе, ки барои мақсадҳои гумрукӣ қабули арзиши баландтаринро аз байни ду арзиши алтернативӣ пешбинӣ менамояд;

6) арзиши худсарона ё қалбакӣ;

7) арзиши ҳадди ақалли гумрукӣ (қ. 3 м. 360 КГ ҶТ).

Ҳамин тавр, предмети ҷинояти пешбининамудаи м. 291 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои пулӣ дар намуди (шакли) пардохтҳои гумрукии барои содирот ё воридоти молҳои тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода шаванда мебошанд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории гумрук пардохти онҳо ҳатмӣ ба ҳисоб меравад.

ТДУ 343.851.5

## ТАВСИФИ СИННУ СОЛИ ШАХСИЯТИ ҶИНОЯТКОР: ХУСУСИЯТ ВА АҲАММИЯТИ ОН

**КАРАМШОЗОДА Ф.Ш.**
омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия
E-mail: karamshoevaf@gmail.com

Ҳифзи ҳуқуқ ва амнияти шаҳрвандон яке аз вазифаҳои асосии давлат ба шумор меравад. Тибқи моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, давлат онҳоро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд[1]. Дар заминаи ин муқаррарот, таҳқиқ ва омӯзиши шахсияти шахсоне, ки даст ба ҷиноят мезананд, аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) (бо забони тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 6.

Синну сол яке аз омилҳои муҳимми таъсиргузор ба ташаккул ва рафтори шахс мебошад. Таҳлилҳои криминологӣ нишон медиҳанд, ки вобаста ба синну сол хусусиятҳои шахсӣ ва ангезаҳои содир кардани ҷиноят тағйир меёбанд.

Дар илми криминология ҳамеша шахсияти ҷинояткор, ки доираи васеи хусусиятҳо ва сифатҳои иҷтимоӣ-демографӣ, ахлоқӣ, психологӣ, нақшбозӣ, равшании ҷиноятро дар бар мегирад, мавқеи асосиро ишғол мекард ва дарояндаи наздик ишғол хоҳад кард, ки зуҳуроти он бештар характер ва дараҷаи ифодаи рафтори ғайриҷамъиятӣ, ғайриахлоқӣ ва ғайриқонунии ӯро муайян мекунад.

Дар баробари чунин хислатҳои шахсияти ҷинояткор, аз қабили ҷинс, мақоми иҷтимоӣ, сифатҳои ахлоқию равонӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқӣ ба синну соли ҷинояткор аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти ҷиноятҳои ноболиғон дар асарҳои Ной И., Неклюдов Н., Устименко В.В., Карпетс И., Наумов А.В., Тагансев Н., Рарог А.И., Азимзода Н.Б., С.Ҳ. Ҳусейнзода ва дигарон васеъ инъикос ёфтааст. Таърифи синну сол ҳамчун мафҳуми мустақил ва ягонаи ҳуқуқӣ барои илмҳои криминологӣ то ҳол мавҷуд нест. Дар баъзе илмҳои ҳуқуқӣ мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд мавҷуданд. Аз он ҷумла, дар қонуни ҷиноятӣ мафҳуми «синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ», яъне синну соле, ки шахсро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин аст, бо дарназардошти дараҷаи инкишофёбии шуури ӯ, қобилияти дарк кардани воқеа ва мувофиқи ин оқилона рафтор кардан мебошад.

Михеев Р.И. дар рисолаи доктории худ мавзуи «Муаммоҳои мукаллафӣ, гуноҳ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ»-ро ба таври васеъ тавзеҳ додааст. Ӯ ин мафҳумро аз нуқтаи назарҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ҳам таҳлил кардааст, ки дар он эътибори синну сол дар муайян кардани қобилияти инсон барои масъулиятнокӣ ва қабули қарорҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба таври амиқ баррасӣ шудааст. Ба гуфтаи олим, синну солро бояд ҳамчун раванди хронологие дарк кард, ки аз рӯзи таваллуд оғоз ёфта, пайваста тамоми марҳилаҳои тақвимии ҳаёти инсонро то замони муайян фаро мегирад. Вале ба маънои дигар, дар зери мафҳуми синну сол бояд як марҳилаи муайяни ҳаёти инсон дарк шавад, ки дар он ҳолати психофизикӣ, ки дар ҳар як шахс ба таври инфиродӣ тағйир меёбад, бо шароити тиббӣ, биологӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва ҳуқуқӣ вобаста аст[1].

Аммо, таърифи синну сол, ки аз ҷониби олим пешниҳод шудааст, натавонистааст аҳаммияти ин категорияро ҳамчун яке аз шартҳои муҳимми фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ ифода намояд. Ғайр аз ин, синну сол, ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми криминологии шахсияти ҷинояткор дар таҳлили шахсият ва амалҳои ҷинояткор намоён намегардад. Мафҳуми синну сол, ки имкони таснифи он ҳамчун як факт дар ҳуқуқ мебошад, дар рисолаи илмии Владимирова Ю.В. таҳлил шудааст. Муҳаққиқ синну солро ҳамчун далели ҳаёти инсон муайян карда, таъкид мекунад, ки он марҳилаи миёнаи муайян ва меъёри муқарраршудаи инкишофи шахсиятро ифода мекунад. Ба ин меъёрҳо метавон ҳуқуқҳои муқарраршударо нисбат дод, зеро дар ҳар марҳилаи муайяни синну сол бо расидани шахс ба он, оқибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, ба монанди қобилияти ҳуқуқӣ, пайдоиши ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва масъулияти ҳуқуқӣ[2].

Ба гуфтаи Микляев А.В., проблемаи синну сол яке аз масъалаҳои ҷолиб ва миёни соҳаҳо мебошад, ки таваҷҷуҳи ҳам илмҳои табиатшиносӣ ва ҳам илмҳои инсоншиносиро ба худ ҷалб мекунад. Маҳз мафҳуми «синну сол» ба мо имкон медиҳад, ки динамика

[1] Михеев, Р.И. Проблемы вменяемости, вины и уголовной ответственности (Теория и практика): автореф. дисс. …д-ра юрид. наук: 12.00.08 Р.И. Михеев. – М., 1995 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://rusneb.ru/catalog/000199_000009_000072628/ (санаи муроҷиат: 10.05.2025).

[2] Владимирова, Ю.В. Значение возраста работника в трудовом праве: дисс. … канд. юрид. наук: 12.00.05 / Ю.В. Владимирова. - Пермь, 2002. - С. 16.

ва ҷанбаи замонии раванди инкишофи ҳама гуна объект, аз ҷумла шахсро, пайгирӣ кунем[1].

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки синну сол як категорияи бисёрҷанба аст, ки аз ҷониби фанҳои гуногуни илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳар яке бо истифода аз истилоҳоти хоссаи худ, ҷанбаҳои алоҳидаи синну солро таҳлил мекунад. Инчунин, гуногунии мафҳумҳои синну сол дар доираи категорияи илмӣ муайян мешавад. Бояд гуфт, ки ин самиман ба таснифоти гуногуни шахсият вобаста ба синну сол, ки дар илмҳо мавҷуданд, дахл мекунад. Мо наметавонем дар бораи аҳамияти синну сол аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ бидуни муҳокимаи илме, ки дар он хусусиятҳои синну сол ба таври амиқтар ва равшантар таҳлил мешаванд, сухан ронем. Ҳамин тавр, синну соли фард ҳамчун яке аз категорияҳои марказии инкишофи инсон дар як соҳаи комили илм - психологияи инкишоф пешниҳод карда мешавад, ки на танҳо даврабандии синну соли шахсро тавсиф мекунад, балки падидаҳои гуногуни вобаста ба синну солро, аз ҷумла, хусусиятҳои махсусан муҳим, ба монанди бӯҳронҳои синну сол, шарҳ медиҳад. Мувофиқи ақидаи равоншиносон, синну сол яке аз категорияҳои барҷастатарин дар мазмуни намуди шахсияти равонии ҷинояткор мебошад[2]. Ҳар як марҳилаи инкишофи шахсият хусусиятҳои синнусолии хосеро дорост, ки ҳамчун ҷузъи ногусастанӣ дар ташаккули шахсият ва психикаи ӯ таъсир мерасонад. Ин хосиятҳо дар раванди интиқол аз як марҳила ба марҳилаи дигар табиатан тағйир меёбанд. Хусусиятҳои синну сол ҳамчун маҷмӯи хосиятҳои гуногун, ба монанди маърифатӣ, эҳсосотӣ ва ҳавасмандиро, дар бар мегиранд, ки дар марҳилаҳои муайяни синну сол асоси нишондиҳандаҳои инкишофро ташкил медиҳанд.

Аз ин рӯ, муайян кардани хусусиятҳои вобаста ба синну сол, хусусан дар контексти шахсияти ҷинояткор, як ҷузъи муҳими таҳлили рафтори ҷинояткор аст. Адрианов В.О. ин хусусиятҳоро як сабаби муҳим барои рафтори ҷинояткор ҳисоб мекунад, ки решааш дар худи шахсият мебошад. Маскевич И.М. низ ба аҳамияти ин хусусиятҳо дар таҳлили шахсияти ҷинояткор бо ҳамоҳангии омилҳои ирсӣ, иҷтимоӣ ва динӣ ишора мекунад[3]. Ҳар як марҳилаи инкишофи шахсият дорои хусусиятҳои синнусолии хосе мебошад, ки на танҳо ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули шахсият, балки унсури муҳим барои фаҳмидани равандҳои психикии инсон аст. Хусусиятҳои синнусолӣ дар асоси тағйироти табиии психикаи инсон дар ҳар як давраи рушд шакл мегиранд ва мавқеи муҳимро дар эҷоди хислатҳои шахсӣ ва рафтор мебозанд. Ин хусусиятҳо маҷмӯи омилҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ, ҳавасмандӣ ва дигар ҷанбаҳои психикӣ, ки дар давраи муайяни синну сол хоси шахсият мебошад, ташкил медиҳанд.

Аз ин рӯ, барои фаҳмидани рафтори ҷиноӣ ва таърифи шахсият дар ин замина, муҳим аст, ки хусусиятҳои синну сол ва таъсири онҳо дар рафтори ҷинояткорон мавриди таҳқиқ қарор гиранд. Дар ин контекст, Консепсияи Касимов В.О. дар бораи марҳилаҳои инкишофи шахсият ва муҳити синнусолӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии рафтори ҷиноӣ баромад мекунад. Ба гуфтаи Матскевич И.М., хусусиятҳои психикии шахс метавонад бо омилҳои ирсӣ, қарорҳои сиёсӣ, арзишҳои иҷтимоӣ ва ҳатто архетипҳои динӣ мепайвандад ва дар таъсирбахшии рафтори шахсият нақши муҳим мебозад. Чунон ки Ситковская О.Д., Адрианов М., Кроз М.В. ва Ратинова Н.А. таъкид мекунанд, сабабҳо ва омилҳои ҷиноятҳое, ки аз ҷониби калонсолон содир мешаванд, ак-

[1] Микляев, А.В. Возрастная дискриминация как социально-психологический феномен: монография / А.В. Микляев. - СПб.: Речь, 2009 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://humanpsy.ru/miklyaeva/ age (санаи муроҷиат: 1.05.2025).

[2] Проблема возраста: Гуманитарно-правовой портал // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://psyera.ru/5048/problema-vozrasta (санаи муроҷиат: 28.04.2025).

[3] Мацкевич, И.М. Причины преступлений (новый взгляд на хорошо забытые старые проблемы) / И.М. Мацкевич // Юрист. - 2013. – № 19. - С. 24-31.

саран ин омилҳои номатлуб аз давраи ҷавонӣ дар вуҷуди онҳо ҷой доранд, гарчанде он замон пинҳон монда буданд[1].

Ин таҳлил ба мо кӯмак мекунад, ки на танҳо алоқамандии шахсият бо таҳаввулоти синну сол ва психологияи инсон инчунин муайян кардани сабабҳои амиқи рафтори ҷинояткорона, ки ба хусусиятҳои шахсият ва марҳилаҳои инкишофи ӯ вобаста аст, аҳаммияти калон дорад. Психологияи рушд тавассути воситаҳои худ бо мафҳумҳои «синну сол» ё «давраи синну сол» ҳамчун давраҳои рушд, ки сохтор ва динамикаи худро доранд, амал мекунад. Барои фаҳмидани категорияи «синну сол» ду равиши асосӣ вуҷуд дорад, ки бинобар ин мо имрӯз синну соли мутлақ (хронологӣ, тақвимӣ) ва синну соли шартӣ (синни рушд) фарқ мекунем.

Синну соли мутлақ (тақвимӣ ё хронологӣ) синну соли фард аст, ки аз лаҳзаи бордоршавӣ (воқеъан, аз лаҳзаи ташаккули тухм) то охири ҳаёт ҳисобида мешавад. Синну соли мутлақ асосан дар илмҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ истифода мешавад, ки бо оқибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Дар ҳамин замина, мақомоти қонунгузор барои муқаррар кардани оқибатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии синну сол ба маълумотҳои илмӣ, ки табиати биологии организми инсон ва табиати ҷамъиятии онро тавсиф мекунанд, такя мекунад.

Масалан, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, синну сол барои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои муайяне, ки дар моддаи 23-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудаанд, муайян карда шудааст. Дар баъзе ҷиноятҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои нафарон аз 14-сола ва дар баъзе дигар аз синни 16-сола муқаррар шудааст. Дар боби 20 м. 157 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи васоят ва парастории ноболиғон қайд карда шудааст, ки пас аз расидан ба синни муқарраршуда тибқи қонуни муқарраршуда муносибатҳои васояту парасторӣ қатъ карда мешаванд.

ТДУ 343.6

## АЛОМАТҲОИ ВАЗНИНКУНАНДАИ СИРОЯТ КАРДАН БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ

**ҚУРБОНОВ С.Н.**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: kurbonov.saifiddin@mail.ru

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) аз соли 1998 дар раванди тафриқасозии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои содиршуда фаъолона аз аломатҳои вазнинкунанда, махсусан вазнинкунанда ва сабуккунанда истифода мебарад. Дар муқоиса бо КҶ ҶТ соли 1961 шумораи чунин ҳолатҳо афзудааст, танзими қонунгузории онҳо мукаммалтар гардида, заминаи иҷтимоии онҳо ба назар гирифта шудааст.

Дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки мавҷудияти ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршударо нишон медиҳад ва мувофиқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, яке аз асосҳои гурӯҳбандии таркиби ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад. Ба андешаи Наумов А.В., меъёри асосии гурӯҳбандии таркибҳои ҷиноятҳо дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори

[1] Владимирова, Ю.В. Асари зикршуда. - С. 16.

мушаххас ва намуди ҷазо ва андозаи он, ки дар санксияи моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, мебошад[1].

Вобаста ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин намудҳои таркибҳои ҷиноятҳо ҷудо карда мешаванд:

Таркиби асосии ҷиноят маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективие мебошад, ки дар ҳамаи ҳолатҳои содир намудани ҷинояти мазкур вуҷуд доранд, аммо ҳеҷ гуна нишонаҳои иловагӣ, ба монанди ҳолатҳои вазнинкунанда ё сабуккунандаро дар бар намегирад.

Таркиби ҷиноят бо ҳолатҳои сабуккунанда чунин таркибҳоеро дар бар мегирад, ки ғайр аз аломатҳои таркиби асосии ҷиноят боз дорои аломатҳои иловагие мебошанд, ки бо назардошти онҳо қонунгузор дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршударо камтар меҳисобад ва барои он ҷазои нисбатан сабуктарро пешбинӣ мекунад.

Дар таркибҳои ҷиноят бо ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда, ғайр аз аломатҳои таркиби асосии ҷиноят, инчунин нишонаҳои иловагӣ, яъне ҳолатҳои вазнинкунанда ё махсусан вазнинкунанда ҷой доранд, ки боиси баланд шудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ин таркиби ҷиноят мегарданд[2].

Таркиби вазнинкунандаи ҷиноят аз таркиби асосӣ фарқ дошта, бо аломатҳое пурра карда мешавад, ки хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро баланд мебардоранд. Таркиби махсусан вазнинкунанда дараҷаи боз ҳам баланди хавфнокии ҷамъиятиро дар муқоиса бо таркиби асосӣ ё вазнинкунанда ифода мекунад, ки дар навбати худ дар пурзур намуди ҷазо ва андозаи он дар муқоиса бо санксияи маъмулии модда инъикос мегардад. Чунин тарзи муносибат дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ умумпазир буда, бо тағйироти начандон назаррас аз ҷониби аксари олимон дастгирӣ ёфтааст[3].

Наумов А.А. дар тадқиқотҳои худ се намуди таркиби ҷиноятро ҷудо менамояд, ки дар ин таснифот таркиби оддиро ҳамчун асосӣ номида, таркибҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаро зери мафҳуми умумӣ якҷоя карда, зернамудҳои онҳоро қайд мекунад. Намуди сеюм бошад, ба ақидаи ӯ, таркиби ҷиноят бо ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мебоша[4]. Ляпунов Ю.ва Родина Л.Л. дар ин замина пешниҳодҳои худро ворид намуда, истилоҳи таркиби асосиро ҳамчун «бунёдӣ» истифода мекунанд[5]. Дар навбати худ, Кучер Ю.А. таркибҳои ҷиноятро вобаста ба дараҷаи умумияти аломатҳо гурӯҳбандӣ карда, таркиби асосиро «мушаххас» ном мебарад[6]. Дар баробари ин, Кучер Ю.А. таркибҳои вазнинкунанда, махсусан вазнинкунанда ва имтиёзнокро алоҳида ҷудо накарда, зоҳиран онҳоро дар доираи таркиби мушаххас баррасӣ мекунад.

Андешаҳои зикршуда дорои арзиши муайяни илмӣ мебошанд, зеро ба ташаккули фаҳмиши амиқтари таркиби оддии ҷиноят, ки танҳо дорои аломатҳои асосӣ буда, аз ҳолатҳои иловагие, ки ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд, холӣ мебошад, мусоидат мекунанд. Бо вуҷуди ин, мафҳуми «таркиби асосӣ» мувофиқтар ба назар мерасад, зеро ба таври равшан хусусияти асосӣ ва набудани ҳолатҳои махсус, ба мисли ҳолатҳои вазнинкунанда ё сабуккунандаро нишон медиҳад.

---

[1] Наумов, А.А. В. Российское уголовное право. Курс лекций: в 3 т. / А. В. Наумов. – М.: Уолтерс Клувер, 2008. – Т. 1: Общая часть. – С. 296.

[2] Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ. Дар 3 ҷилд. Ҷилди I / Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. – Душанбе: Муосир, 2023. - С. 85

[3] Наумов, Л.Л. Российское уголовное право. Курс лекций / А.В. Наумов. – М, 2008. – С. 297; Мальцев, А. Состав преступления: структура и виды / А. Мальцев // Уголовное право. - 2005. - № 2. - С. 47-49; Ляпунов, Ю. Функции состава преступления / Ю. Ляпунов, Л.Л. Семья // Уголовное право. – 2005. – № 3. – С. 44-48

[4] Наумов, А.А. Асари зикршуда. – С. 297.

[5] Ляпунов, Ю. Функции состава преступления /Ю. Ляпунов, Л.Л. Семья // Уголовное право. – 2005. – № 3. – С. 44-48.

[6] Кучера, Ю. А. Типология составов преступлений / Ю. А. Кучер // Вестник Луганского ин-та МВД Украины. – Ч. 3. – Луганск: Ин-т внутр. дел МВД Украины, 1999. – С. 16-21.

Мавқеи ҷолиброро дар ин масъала Ляпунов Ю.ва Родина Л.Л. ишғол мекунанд, ки истилоҳи «ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарӣ»-ро истифода намуда, дақиқ менамоянд, ки сухан маҳз дар бораи вазнинии ҷавобгарӣ меравад, на ба таври оддӣ дар бораи ҳолатҳои вазнинкунанда[1]. Чунин тарзи муносибатро метавон пешрафта арзёбӣ кард, зеро он таъсири ҳолатҳои мушаххасро ба дараҷаи ҷазопазирии кирдор таъкид мекунад. Дар чорчӯбаи қонунгузории ҷиноятии амалкунанда маҳз истилоҳи «вазнинӣ», на «бандубастшаванда» муносибтар ба назар мерасад, ки ин бо таснифи ҷиноятҳо, асосҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва асосҳои умумии таъини ҷазо алоқаманд аст.

Бо назардошти робитаи ногусастании мафҳумҳои «ҷиноят» ва «таркиби ҷиноят», истифодаи истилоҳоти ягона ё ҳадди ақал ҳаммаъно барои тавсифи онҳо мақсаднок ба назар мерасад. Истилоҳи «вазнинкунии ҷавобгарӣ» муваффақ аст, зеро новобаста аз модда ё қисми моддае, ки кирдори содиршуда мувофиқи он бандубаст мешавад, ҳамеша сухан аз дараҷаи ҷавобгарии ҷиноятӣ меравад, ки вобаста ба ҳолатҳои мушаххас метавонад баланд ё паст гардад.

Чунин тарзи муносибат пурра бо муқаррароти м.м. 61 ва 62 КҶ, ки ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазоро танзим менамоянд, мувофиқат дошта, асоси қонунгузории худро дар раванди татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ пайдо мекунад.

Ба андешаи мо, дар м. 125 КҶ ҶТ қонунгузор ду таркиби мустақили ҷиноятро мустаҳкам намудааст (қ. 1 м. 125 ва қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ). Дар баробари таркиби мустақили ҷиноят дар қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ қонунгузор таркиби вазнинкунандаи онро дар қ. 3 моддаи мазкур бо роҳи илова намудани аломатҳои иловагӣ ва муқаррар намудани ҷазои нисбатан вазнинтар дар муқоиса бо санксияи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ созмон додааст.

Аломатҳои вазнинкунандаи қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ бо вируси норасоии масунияти одам сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист муқаррар шудааст, яъне содир намудани чунин кирдор:

а) нисбати ду ё зиёда шахсон;

б) нисбати шахси баръало ноболиғ.

Дар ҳама гуна ҳолат дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдорҳои мазкур вобаста ба шумораи ҷабрдидагон (ду ё зиёда шахсон) ё синну соли шахси сироятёфта зиёд мегардад.

Таҳлили чунин ҳолати махсусан вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, ба монанди сироят кардани ду ё зиёда шахсон, бо мавҷудияти на камтар аз ду ҷабрдида тавсиф мегардад, ки саломатии онҳо воқеан зарар дидааст ва онҳоро метавон ҳамчун шахсони сироятшуда эътироф кард. Қонун дар мавриди ҷинси чунин шахсон ё дигар аломатҳои маҳдудкунанда ягон маҳдудияте пешбинӣ накардааст, зеро муҳим нест, ки сироятшавии шахсон якҷинса ё гуногунҷинса сурат гирифтааст.

Ҳамзамон, бо назардошти он, ки ҳолати махсусан вазнинкунандаи минбаъда ба шахси ноболиғ дахл дорад, метавон эътироф намуд, ки ҳолати баррасишаванда метавонад ба ду ё зиёда шахсони ба синни балоғатрасидаи ҳарду ҷинс мансуб бошад. Ба ибораи дигар, сироят кардани ду ё зиёда шахс аз лаҳзае ҷинояти анҷомёфта ҳисоб мешавад, ки дар организми ду ҷабрдидаи болиғ ВНМО ошкор мегардад.

Дар ҳолате, ки ҷабрдидагон ду ё зиёда шахсони ноболиғ бошанд ё яке аз ду ҷабрдида ноболиғ бошад, кирдори гунаҳгор бо мавҷудияти ду ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ тавсиф мегардад, ки ин боиси боз ҳам зиёдтар шудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда ва оқибатҳои он мегардад. Дар санадҳои тафтишотию судӣ ҳатман бояд ба ин ҳолатҳо ишора карда шавад. Ҳамчунин бояд ҳолатҳоеро ба ин тарз бандубаст намуд, ки дар байни ду шахси сироятшуда як нафар ноболиғ ва дигаре шахси ба синни балоғатрасида бошад.

[1] Ляпунов, Ю. Асари зикршуда. – С. 45.

Ҳангоми баррасии мушкилоти сироят намудани ду ё зиёда шахс ё шахси ноболиғ бо вируси норасоии масунияти одам, наметавон ҳолатҳои дар амалия нисбатан паҳншударо нодида гирифт, ки сироятшавӣ дар доираи муносибатҳои оилавӣ ё муносибатҳои воқеан ташаккулёфта сурат мегирад. Яъне сухан дар бораи ҳолатҳое меравад, ки шахси сироятёфтаи ҷинси мард дар ақди никоҳ буда, мавҷудияти сирояти ВНМО-ро аз зан ё ҳамзисти худ пинҳон медорад, ё ҳатто зарурати пинҳон карданро намебинад ва ба таври ошкоро ӯро дар ин бора огоҳ месозад.

Аммо новобаста аз тадбирҳои пешгирикунанда, сироятёбии зан дар амал рух медиҳад ва баъдан кӯдаки сироятшуда низ таваллуд мешавад. Дар ин ҳолат саволи мантиқӣ ба миён меояд: оё дар чунин мавридҳо метавон сухан дар бораи сирояти ду ё зиёда шахс, аз ҷумла шахси ноболиғ равад?

Ба андешаи мо, таваллуд шудани кӯдаки сироятшуда берун аз доираи таркиби ҷинояти мазкур қарор дошта, тибқи қ. 3 м. 125 КҶ бандубаст шуда наметавонад, зеро дар ҳар сурат бордоршавӣ ва таваллуди кӯдак мустақиман натиҷаи дар хатар гузоштани шахс ба сироятшавӣ ба ҳисоб намеравад.

Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам” тавзеҳ дода шудааст, ки “Фосилаи байни лаҳзаҳои сироят намудани ҷабрдидаҳо барои бандубасти ҷиноят аҳамият надорад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки барои лаҳзаи ҷинояти қаблӣ шахс бо тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад, ё ин ки парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои пешбининамудаи қонун нисбаташ қатъ гардида бошад ва ё муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидангузашта бошад, инчунин бо қонун сазовори ҷазо будани кирдореро, ки шахс қаблан содир намудааст, бартараф шуда бошад. Бояд онро ба инобат гирифт, ки аз сабаби он ки ВНМО табобатнашаванда мебошад, бинобар ин такроран сироят намудани ҳамон як ҷабрдида барои бандубаст намудани чунин ҳаракатҳо бо аломати нисбати ду ё зиёда шахсон асос шуда наметавонад” (б.14)[1].

Дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнокии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам, ба он муайян карда мешавад, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят, ҷабрдидаи он якчанд шахс баромад мекунад.

Агар як ҷабрдида зери хавфи сироят бо ВНМО гузошта шуда бошад ва дуюм нафар бо ВНМО сироят гардад кирдор аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо, яъне қ.1 м.125 ва қ.2 м.125 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад[2].

Дар чунин ҳолат аён аст, ки қонунгузорро рафтори устувори ғайриахлоқии шахси сироятёфта ва қасди пешакӣ ва ё ногаҳон ва вуҷуд омадаи ӯ, барои сироят кардани шумораи зиёди шахсон, нигарон менамояд.

Вобаста ба ин аломати мазкур ба сифати аломати вазнинкунанда дар б. “а” қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудааст.

Сироят ёфтани ду ва зиёда шахсон ба бемории баррасишаванда, одатан чунин руҳ медиҳад: шахсе, ки ба ВНМО гирифтор аст, ҳаёти ҷинсии бадахлоқонаро пеш мебарад ва ё сироят ёфтан бо роҳи аз ҷониби гуруҳи нашъамандон аз як сузандорӯ истифода бурдан сурат мегирад.

Сирояти воқеии ду ё зиёда шахс бо ВНМО дар ҳолате ҷой дорад, ки он натиҷаи як кирдори мушаххас буда, дар маҷмӯъ таркиби як ҷиноятро ташкил медиҳад. Масалан, дар ҳолати истеъмоли гурӯҳии маводи нашъаовар, шахсе, ки медонад, ки ӯ дорандаи вируси ВНМО аст, сӯзандору ё дигар воситаҳои сироятёфтаро барои истифодаи дигар иштирокчиён пешниҳод мекунад.

---

[1] Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам” аз 26-уми декабри с. 2023, № 2.

[2] Комментарий к Уголовному кодексу РФ в 4 т. Том 2. Особенная часть. Разделы VII—VIII / В.М. Лебедев. - М., 2025. - С. 83.

Ҳангоми муайян намудани аломати вазнинкунанда дар намуди сироят кардани “ду ва ё зиёда шахсон” мумкин аст масъалаи мушкилоти фосилаи вақт байни ду сироят, ба миён ояд.

Ба ибораи дигар, сироят бояд дар яквақт бошад ё ин, ки фосила байни лаҳзаҳои сироят намудан дида шавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ибороз мешавад, ки “мувофиқи муқаррароти қ. 1 м. 17 КҶ ФР сирояти ду ё зиёда шахсон ба ВНМО, ки дар як вақт ё дар вақтҳои гуногун содир шудааст, маҷмӯи ҷиноятҳоро ташкил медиҳад ва бояд тибқи қ.3 м.122 КҶ ФР бандубаст гардад, ба шарте ки ҷинояткор қаблан барои ягон яке аз ин сироят кардан маҳкум нашуда бошад»[1].

Оё сироят кардани ду шахс бо як қасди ягонаи гунаҳгор фаро гирифта мешавад ё танҳо воқеияти худи сироят, новобаста аз набудани қасди ягона, барои ҷавобгарӣ кофист?

Дар ин масъала мумкин аст тавзеҳоти таҷрибаи судиро оид ба ба масъалаи ҷавобгарии ҷинояти барои куштори ду ё зиёда шахс ба роҳбарӣ гирифт. Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ” аз 26-уми июни с. 2009, № 21 “куштори ду шахс ё бештар аз он дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки агар ҳаракати гунаҳгорро қасди ягона дар бар гирифта, чун қоида дар як вақт ё фосилаи кутоҳи вақт содир шуда бошад” (б. 7)[2].

Саволи дигаре ба миён омада метавонад, ки оё метавон аломати вазнинкунандаи мазкурро, вақте, ки шахси мубталои ВНМО, як ҷабрдидаро ду маротиб сироят мекунад, татбиқ намуд.

В.И. Ткаченко ақидаеро дастгири мекунад, ки такроран сироят кардани як шахс, барои баҳо додани ин ҷиноят ҳамчун таркиби вазнинкунандаи ин ҷиноят, баромад намекунад[3].

Воқеан, қонунгузор ибораи «ду ва зиёда шахсон»-ро истифода намуда, на шумораи умумии ҳолатҳои сироятёбиро, балки якчанд ҷабрдидаро дар назар дорад.

Сироят кардани як шахс ва суиқасд ба сироят кардани шахси дигар, ҳамчун ҷинояти хотимаёфта – сироят кардани ду шахс ба сирояти ВНМО эътироф намегардад. Дар чунин мавридхо, сарфи назар аз пайдарпайии кирдорхои ҷиноятӣ, кирдори содиршуда бояд бо қ.қ. 2,3 м. 125 КҶ ҶТ ва бо қ. 3. м. 32 ва қ. 3 м.125 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Ҳамин тариқ, сироят кардани ду ва ё зиёда шахсон ба бемории ВНМО дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки агар ҳаракатҳои гунаҳгорро қасди ягона дар бар гирифта, чун қоида дар як вақт ё фосилаи кутоҳи вақт содир шуда бошад.

Вобаста ба ин бо бандубасти кирдор аз руйи б “а” қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ дар мисоли поён аз таҷрибаи судӣ розӣ шудан мушкил аст, ки мутобиқи он:

Шаҳрванд З.Ҳ., мувофиқи мактуби «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО» аз 13.03 соли 2019 дар Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО-и шаҳри Душанбе аз 04.07 соли 2007 ҳамчун сироятёфтаи ВНМО ба қайд гирифта шудааст. У дидаву дониста бо вируси норасии масунияти одам сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист бо шахрванд Т.Ф. шиносоӣ пайдо карда, аввалҳои соли 2021 баркасдона бо як сузандору маводи мухадирро ба бадани худ гузаронида бо ин рох, Ф.С-ро гирифтори бемории ВНМО намудааст.

[1] Энциклопедия уголовного права. Т. 13. Преступления против жизни издоровья. - Спб., 2013. - С. 876.
[2] Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – Душанбе, 2019. – 680 с.
[3] Ткаченко, В.И. Квалификация преступлений против жизни и здоровья по советскому уголовному правву. - М., 1977. - С. 99.

Минбаъд низ ӯ бо ҳамин роҳ шаҳрванд З. Д. шиносоӣ пайдо карда, барқасдона бо як сузандору якҷоя маводи мухаддирро ба бадани худ гузаронида бо ин роҳ, З.Д-ро гирифтори бемории ВНМО намудааст.

Суд кирдори З. Ҳ.-ро, бо б.«а» қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ бандубаст намуда, ба ӯ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати 5 (панҷ) сол бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низомаш умуми таъин намудааст[1].

Дар чунин ҳолат ба андешаи мо бандубаст намудани кирдор мутобиқи б «а» қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ асоснок ба ҳисоб намеравад. Зеро шахс ин ду ҷабрдидаро бо қасдҳои алоҳида ва дар вақтҳои гуногун ба бемории ВНМО сироят намудааст.

Аз дигар тараф суд дар чунин ҳолат имконияти дигари пурзур намудани ҷавобгариро барои сироят намудани ду ва ё зиёда шахсон надорад, чунки дар м. 125 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда ба монанди такроран содир намудани кирдорҳои мазкур муқаррар нашудааст. Ба андешаи мо барои тафриқасозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ мебуд агар дар қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда ба монанди “такроран” содир намудани чунин кирдорҳо муқаррар карда шавад.

Дар баробари ин, онро бояд ба инобат гирифт, ки аз сабаби он ки ВНМО табобатнашаванда мебошад, бинобар ин такроран сироят намудани ҳамон як ҷабрдида барои бандубаст намудани чунин ҳаракатҳо аз рӯйи аломати такрорӣ асос шуда наметавонад.

Аломати дигари вазнинкунандаи ҷинояти мазкур ин содир намудани кирдорҳои дар қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ муқарраршуда “нисбати шахси баръало ноболиғ” (б. “б” қ. 3 м.125 КҶ ҶТ) ба ҳисоб меравад.

Дар мавриди шахсони ноболиғ бояд қайд кард, ки ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, ба монанди ҳуқуқи оилавӣ, меҳнатӣ ва ғайра таъмин мекунанд. Бо вуҷуди ин, дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқи ноболиғон нақши махсусро ҳуқуқи ҷиноятӣ мебозад, ки вазифаи он муҳофизат кардани онҳо аз таҷовузҳои махсусан хатарнок, яъне аз ҷиноятҳо мебошад.

Бояд эътироф намуд, ки КҶ ҶТ дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғон пешрафти назаррас кардааст. Аз ҷумла, дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани шахси ноболиғ бо ВНМО пешбинӣ гардидааст.

“Дар сурати мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои расмӣ оид ба синну соли шахс, бо мақсади аниқ кардани он ташхиси судӣ-тиббӣ таъйин карда мешавад. Ҳангоми тавассути ташхиси судӣ-тиббӣ муайян кардани синну соли судшаванда, санаи таваллуди ӯ рӯзи охирини ҳамон соле ҳисоб мешавад, ки аз ҷониби коршиносон муайян гардидааст. Агар синну сол бо нишон додани ҳадди ақал ва ҳадди аксар муайян карда шавад, суд бояд синни ҳадди ақали пешниҳоднамудаи коршиносонро ба инобат гирад”[2].

Бо назардошти хусусиятҳои синну соли ҷабрдида, зарурати муайян кардани лаҳзаи аниқи содир гардидани ҷиноят нисбат ба ҳуқуқу манфиатҳои ӯ ба миён меояд.

Тибқи қ. 2 м.12 КҶ ҶТ “вақти содир намудани ҷиноят, вақти содир шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, сарфи назар аз вақти фаро расидани оқибатҳои он, эътироф карда мешавад”[3].

Ин қоида нисбат ба ҳамаи ҷиноятҳо, новобаста аз таркиби расмӣ, кӯтоҳкардашуда ё моддӣ доштанашон, татбиқ мегардад.Бинобари ин лаҳзаи содиршудани ин ҷиноят лаҳзаи содир намудани кирдоре эътироф мешавад, ки боиси бо ВНМО сироят шудани шахси ноболиғ гардидааст.

---

[1] Парвандаи ҷиноятӣ №1-312/19 суди н.Фирдавсӣ.

[2] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. - Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. - С. 55

[3] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: www.mmk.tj. (санаи мурочиат: 26.03.2019 с.).

Дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судӣ, зарур аст, ки хусусият ва дараҷаи дарки синну соли ноболиғи ҷабрдидаро аз ҷониби шахси гунаҳгор ҳангоми сироят кунондани ӯ ба ВНМО муайян намоянд. Дар адабиёти махсуси ҳуқуқӣ нисбати ин таркиби ҷиноят масъалаи таҳлили дарку огоҳии субъекти ҷиноят дар бораи ноболиғ будани ҷабрдида то ҳол мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Ин масъала дар робита ба ҷиноятҳое, ба мисли ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят (м. 165 КҶ ҶТ) ба таври муфассал баррасӣ мегардад ё дорои тавзеҳоти дахлдор дар бораи бандубасти куштори шахси ноболиғ мебошад. Масалан, Сперанский К.К. қайд менамояд, ки шахсе, ки шахси дигарро ба содир намудани ҷиноят ҷалб менамояд, бояд синну соли шахси ҷалбшавандаро аниқ ва бо боварӣ донад, зеро надонистани ҳолати ноболиғ будан имкони суханронӣ дар бораи кирдори қасдона ва мақсадноки шахси гунаҳгорро аз байн мебарад[1]. Бо андешаи олимони мазкур, инчунин Шевченко Н.П. низ мувофиқ аст, ки қайд мекунад, ки ҷалби ноболиғ ба содир кардани ҷиноят кирдори қасдона мебошад ва бинобар ин муносибати шахси гунаҳгор дар чунин ҳолат бо дарки хавфнокии ҷамъиятии ҳаракатҳои анҷомёфтааш нисбат ба шахси ноболиғ маҳдуд мегардад[2].

Дар навбати худ, Иванов В.Ф. имконпазирии на танҳо қасд, балки шакли беэҳтиётӣ, яъне бепарвоии ҷинояткоронаро низ таъкид мекунад, ки дар он ҳолат шахси калонсол метавонад синну соли ноболиғро дарк накунад, ҳарчанд бояд ва метавонист онро пешбинӣ кунад[3]. Мавқеи наздик ба инро Пудовочкин Ю.Е. низ ишғол менамояд, ки ба андешаи ӯ надонистани синну соли ҷабрдида барои шахси гунаҳгор имконияти дарки хавфи ҷамъиятии кирдори содиршударо истисно намекунад[4].

Пленуми Суди Олии ҶТ мавқеи гурӯҳи аввали олимонро ишғол намуда вобаста ба ҳолати мазкури вазнинкунанда чунин тавзеҳ додааст: "Аз рӯйи банди "б" қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ ҳаракатҳое бандубаст карда мешаванд, ки агар бо ВНМО сироят кардани шахси баръало ноболиғ аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист, содир шуда бошад. Шахс бо ин банди модда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар бараъло ноболиғ будани ҷабрдидаро дарк намояд, яъне далели ноболиғ будани ҷабрдида барои гунаҳгор бараъло айён бошад. Бараъло маънои боэътимод воқиф будани гунаҳгорро дар хусуси он ки ҷабрдида ҳанӯз ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст, дорад. Дар сурате ки бо ҳолатҳои воқеии парванда муайян гардад, ки шахси мубталои ВНМО оид ба синну соли воқеии ҷабрдида дар асоси шаклу симо, маълумоти нодурусте, ки худи ҷабрдида дар бораи синну солаш ва ғайра хабар додааст, саҳв карда, чунин ҳисоб кунад, ки ҷабрдида болиғ аст, ҳаракатҳои гунаҳгор аз рӯйи аломатҳои қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои бо ВНМО сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист пешбинӣ менамояд, бандубаст карда мешавад"[5].

Дар чунин маврид албатта мо бо чунин тавзеҳоти Пленум розӣ ҳастем. Зеро дар матни қонун, ки дар қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, сухан дар бораи донистани "баръало ноболиғ" будани ҷабрдида меравад. Бинобар ин дар чунин маврид дарки синну соли ҷабрдида тавассути қасди бавосита ё беэҳтиётӣ тавсиф шуда наметавонад.

---

[1] Сперанский, К.К. Уголовно-правовая борьба со преступлениями несовершеннолетних и против несовершеннолетних / М.К. К. Сперанский. – Ростов н/Д.: Сев.-Кавк. науч. Центр Выш. ш., 1991. – С. 116

[2] Шевченко, Н.П. Уголовная ответственность за вовлечение несовершеннолетнего в совершение преступления: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Н.В. Шевченко; – Ставрополь, 2003. - С. 21

[3] Иванов, В.Ф. Уголовная ответственность за вовлечение несовершеннолетнего путем принуждения в преступную или иную антиобщественную деятельность / В.Ф. Иванов // Личность преступника и уголовная ответственность. Правовые и криминологические аспекты: межвуз. науч. сб. / отв. ред. К. Ф. Тихонов. – Саратов, 1987. – Вып. 3. – С. 85.

[4] Пудовочкин, Ю. Э. Ответственность за преступления против несовершеннолетних по российскому уголовному праву / Ю. Э. Пудовочкин. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – С. 209.

[5] Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам" аз 26-уми декабри с. 2023, №2. - Душанбе,2024.

Гунаҳгор танҳо бо қасди бевосита амал намуда, ноболиғ будани ҷабрдидаро баръало дарк месозад.

Дар ҳолатҳое, ки субъекти ҷиноят ҳангоми сироят кардани ҷабрдида бо ВНМО, нисбат ба синну соли воқеии ӯ бовиҷдонона ба иштибоҳ роҳ медиҳад, кирдори содиршуда тибқи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ бандубаст мегардад. Чунин ҳолатҳо, масалан, дар сурате ба вуҷуд меоянд, ки ҷабрдида худро ҳамчун шахси ба синни балоғат расида муаррифӣ намуда, далелҳои ба назар қонеъкунандаеро пешниҳод мекунад, ки гӯё синни 18-солагиро пур кардааст ё намуди зоҳирӣ, рушди ҷисмонӣ ва тарзи рафтори ӯ ба синни наврасӣ мувофиқ набуда, атрофиёнро нисбати синну соли воқеии худ ба гумроҳӣ меандозад.

Ҳамин тавр ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо ВНМО-ро таҳлил намуда, метавон ба хулосаҳои зерин омад:

1. Сироят кардани ду ё зиёда шахс ҳамчун ҷинояти анҷомёфта аз он лаҳза ҳисобида мешавад, ки дар организми ду ҷабрдидаи ба синни балоғат расида вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашавандаи барои ҳаёт хавфнок муайян карда мешавад. Ин ҳолат мустақилона танҳо дар сурате татбиқ мегардад, ки ҳамаи ҷабрдидагон шахсони ба синни балоғат расида бошанд. Агар ду ё зиёда ҷабрдидагон ноболиғ бошанд ё ҳадди ақал яке аз онҳо шахси ноболиғ бошад, кирдорҳои гунаҳгор бо мавҷудияти ду ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ бандубаст мешаванд, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда ва оқибатҳои онро ба таври назаррас афзоиш медиҳанд. Дар ҳуҷҷатҳои тафтишотӣ ва қарорҳои судӣ бояд ҳатман дар бораи чунин факт нишондод ҷой дошта бошад.

2. Маънидоднамоии аломати ноболиғ будани ҷабрдида дар заминаи м. 125 КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки сухан дар бораи донистани "барьало" ноболиғбудани ҷабрдида меравад. Бинобар ин дар чунин маврид дарки синну соли ҷабрдида тавассути қасди бавосита ё беэҳтиётӣ тавсиф шуда наметавонад. Гунаҳгор танҳо бо қасди бевосита амал намуда, ноболиғ будани ҷабрдидаро баръало дарк месозад.

ТДУ 343.617

# ХУСУСИЯТИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ СИРОЯТ КАРДАН БО БЕМОРИҲОИ ЗӮҲРАВӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶШС ТОҶИКИСТОН

**МАҲИНАИ НУРАЛӢ**
ходими илмии шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия
e-mail: makhinanurali02@mail.ru

Таҳқиқоти сарчашмаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба касалиҳои зӯҳравӣ дар қаламрави Тоҷикистон асосан аз даврони шуравӣ оғоз мегардад. Бо дарназардошти ҳамин нуқта маҳз ҳамин давраро дар кори мазкур мавриди таҳлилу омӯзиш қарор медиҳем.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба касалиҳои зӯҳравӣ то қабул гардидани Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дар соли 1935, аз рӯйи қонунгузории ҷиноятии ҶШФС Россия (соли 1922) ва ҶШС Ӯзбекистон (соли 1926) танзим мегардид.

Азизов У.А. қайд менамояд, ки баъд аз барқарор шудани Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳудуди Тоҷикистон, сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикстон, Кодекси ҷиноятии

Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия (минбаъд – ҶШФСР) соли 1922[1] ба ҳисоб мерафт[2].

Кодекси мазкур бо қарори сессияи дуюми Комитети Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ (минбаъд – КИМУ) даъвати X, аз 24-уми майи соли 1922 қабул шудааст[3]. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Бухоро кодекси номбурда аз 21-уми июни соли 1922 дар асоси Қарори Комитети Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Худмӯхтори Шӯравии Бухоро мавриди амал қарор гирифт[4]. Аз сабаби он, ки кодекси зикршуда дар ҳамон давра сарчашмаи асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ барои мардуми тоҷик маҳсуб меёфт, омӯзиши он дар мавзуи рушди қонунгузории Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои сироят кардан ба касалиҳои зӯҳравӣ пешбинӣ менамояд, мувофиқи мақсад мебошад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани шахси дигар ба касалии зӯҳравӣ дар м. 155 КҶ ҶШФСР дар таҳрири соли 1922 муқаррар шуда буд. Моддаи мазкур аз як қисм иборат буда, дар он аломатҳои бандубасткунандаи ҷиноят пешбинӣ нагардида буд. Тибқи дисспозитсияи он барои дидаю дониста сироят кардани шахси дигар ба касалии вазнини зӯҳравӣ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол пешбинӣ шуда буд.

Тавре аз меъёри мазкур дида мешавад тарафи субъективии ҷинояти мазкур гуноҳ дар як шакл – қасдона муайян шудааст. Хусусияти дигари – ин муқаррарот дар он зоҳир мегардад, ки ҷавобгарӣ барои сироят кардани шахси дигар танҳо он вақт фаро мерасад, ки агар он ҳамчун касалии вазнини зӯҳравӣ эътироф гардад.

Вобаста ба муқаррароти м. 155 КҶ ҶШФСР бояд қайд намуд, ки он дар замони амали худ ҷиҳати пешгирии паҳншавии касалиҳои зӯҳравӣ саҳми арзандаи худро гузоштааст. Тавре, ки муҳаққиқон қайд менамоянд, яке аз зарурати муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдори таҳқиқшаванда – ин саркашӣ намудани баъзе шахсони мубталои касалии зӯҳравӣ аз муоличаи тиббӣ бо мақсади ифшо нагардидани шахсияти худ маҳсуб меёфт[5]. Бояд қайд намуд, ки новобаста аз ҷанбаи мусбат доштани меъёри мазкур дар он норасогиҳо низ дида мешуд. Масалан, ҷавобгарӣ барои сироят кардани шахси дигар танҳо он вақт фаро мерасад, ки агар он ҳамчун касалии вазнини зӯҳравӣ эътироф гардад. Мусаллам аст, ки касалии зӯҳравӣ ба шаклҳои «вазнин» ва ё

1 Комитети Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз 1-уми июни с. 1922, № 80 аз 8 боб, 227 модда иборат буд.

2 Азизов, У.А. Формирование Советского уголовного права и особенности развития институтов преступления и наказания в Таджикистане (1917– 1924 гг.) / У.А. Азизов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - 2015. – № 3 (3). - С. 132.; Азизов, У.А. Становление и развитие уголовного законодательства на начальном этапе строительства советского государства в Таджикистане / У.А. Азизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. - № 2/3. – С. 188-193.

3 Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР. 1917–1952 гг. – М.: Госюриздат, 1953. – С. 465.

4 Музафаров, С.З. Институт судимости по уголовному законодательству Таджикистана и России: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / С.З. Музафаров. - СПб., 2019. – С. 27.; Азизов ,У.А. Формирование Советского уголовного права и особенности развития институтов преступления и наказания в Таджикистане (1917–1924 гг.) / У.А. Азизов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - 2015. - № 3 (3). – С. 132.; Абдуллозода, Ҷ.А. Таърихи инкишофёбии таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар) / Ҷ.А. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. - №2/7. – С. 248-254.

5Бурдинская, А.Н. История развития уголовного законодательства советской России об ответственности за заражение венерической болезнью / А.Н. Бурдинская // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. - Тамбов: Грамота, 2013. - № 9 (35): в 2-х ч. Ч. II. // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: www.gramota.net/materials/3/2013/9-2/10.html (санаи муроҷиат: 23.07.2025).

«сабук» ҷудо намешавад. Аз ин лиҳоз, меъёри мазкур аз ҷониби мутахассисони соҳаи тиб мавриди танқид қарор дода шуд[1].

Бо кушодашавии Донишкадаи Венерологӣ дар шаҳри Москва аз 6 то 10 моҳи июни соли 1923 Якумин анҷумани умумироссиягӣ оид мубориза ба касалиҳои зӯҳравӣ баргузор гардид. Иштирокчиёни Анҷумани мазкур оиди такмил додани конунгузорӣ дар самти мубориза бар зидди касалиҳои зӯҳравӣ таклиф ба миён оварданд. Таваҷҷуҳи хоса ва таклифу пешниҳодҳо боис гардид, ки ба моддаи номбурда тағйирот ворид гардида, аз он вожаҳои «дидаю دониста» ва «вазнин» хориҷ карда шуда матни он дар таҳрири зерин қабул гардид:«Барои сироят кардани шахси дигар ба касалии зӯҳравӣ»[2].

Баъд аз тақсимоти миллӣ-марзӣ дар Осиёи Миёна соли 1924 Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии Худмухтор ба ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ҳамроҳ карда шуд. Дар натиҷа дар асоси КҶ ҶШФСР ва "Асосҳои қонунҳои ҷиноятии умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ", КҶ ҶШС Узбекистон 16-уми июни соли 1926[3] қабул гардида, дар тамоми қаламравӣ ҶШС Узбекистон ва Тоҷикистон аз 1-уми июли ҳамон сол ҷорӣ гардид[4].

Кодекси мазкур аз ду қисм - умумӣ аз 4 боб ва махсус аз 10 боб иборат буд. Моддаи 199 кодекси мазкур "ба касалии зӯҳравӣ сироят кардани шахси дигар бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то 3 сол" муқаррар гардида буд, ки дар боби 6 ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахсӣ, дар қисмати дуюм осеби ҷисмонӣ ва зӯроварӣ нисбати шахс ҷойгир шуда буд. Соли 1929 ба Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон тағйирот ворид карда шуд ва дар натиҷа м. 199 Кодекси мазкур бо касалии зӯҳравӣ сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист номгузорӣ карда шуд, вале муҳлати ҷазо бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати то 3 сол бе тағйир гузошта шуд.

16-уми октябри соли 1929 Анҷумани сеюми фаврии Шӯрои ИҶШС Эъломияро дар бораи таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар ҳайати ИҶШС қабул намуд. Баъди ба ҳайати ИҶШС ворид гардидани ҶШС Тоҷикистон аввалин Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶШС Тоҷикистон), бо Қарори КИМ ҶШС Тоҷикистон аз 9-уми майи соли 1935 қабул гардида, 15-уми июни соли 1935 дар ҳудуди ҷумҳури ба қувваи амал даромада, аз 244 модда иборат буд. Кодекси мазкур давраи муҳим дар инкишофи хуқуқи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Баъд аз қабули кодекси нав Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон, ки дар худуди ҶШС Тоҷикистон амал мекард, аз эътибор соқит дониста шуд.

Ҳамроқулов Р. иброз менамояд, ки ҳангоми таҳия ва қабул намудани аввалин КҶ ҶШС Тоҷикистон таҷрибаи бойи ҷамъшудаи давлатҳои ба мо бародари шӯравӣ аҳаммият ва таъсири назаррас доштанд[5]. Муллоев М.М. қайд менамояд, ки КҶ ҶШФСР ва КҶ ҶШС Ӯзбекистон дар таҳия намудани КҶ ҶШС Тоҷикистон таъсири зиёд дошт[6].

Қабул намудани аввалин КҶ ҶШС Тоҷикистон дар таърихи қонунгузории ватанӣ аҳаммияти хело бузург дошт, зеро тамоми муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба ҷиноят

---

[1] Басова, Т.Б., Бурдинская, А.Н. Уголовно-правовая борьба с распространением венерических болезней в 1920-е годы становления системы советской России / Т.Б. Басова, А.Н. Бурдинская // ВЕСТНИК СВФУ. Серия: История. Политология. Право. – 2022. - № 1 (25) // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://www.ippsvfu.ru/jour (санаи муроҷиат: 23.07.2025).

[2] Собрание узаконений и распоряжений Рабочего и Крестьянского правительства (СУ РСФСР). 1923. № 48 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://docs.historyrussia.org/ru/nodes/1-glavnaya (санаи муроҷиат: 23.07.2025).

[3] Постановление ЦИК Советов Уз ССР от 16 июня 1926 года, город Самарқанд.

[4] Тоҳиров, Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷиикстон: монография / Ф.Т. Тоҳров. – Душанбе: Ирфон, 1994. – С. 229.

[5] Хамракулов, Р. Вопросы теории и практики кодификации уголовного законодательства союзной республики: по материалам Таджик. ССР / Р. Хамрокулов. – Душанбе: Таджик. гос. ун-т им. В.И. Ленина, 1962. – С. 35.

[6] Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / М.М. Муллаев. – Душанбе, 1968. – С. 27-36.

алоқамандӣ доштанд, кодекси мазкур танзим менамуд. Ҳамзамон, ин кодекс бо дарназардошти хусусиятҳои хосси мардуми Тоҷикистон қабул гардида буд.

Моҳи ноябри соли 1938 бо қарори Президиуми КИМ ҶШС Тоҷикистон ба кодекси мазкур тағйиру илова ворид карда шуд. Дар боби 7 ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахсӣ, дар қисмати сеюм, ки ба ҷиноятҳо дар самти муносибатҳои ҷинсӣ бахшида шуда буд, дар қ. 1 м. 188 бо касалии зӯҳравӣ сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист, ҷавобгарӣ ба муҳлати то 3 сол аз озодӣ маҳрум шудани шахси гунаҳкор пешбинӣ шуда буд ва чихеле, ки дар боло қайд карда будем, ин қисмати моддаи мазкур ҳамчун дигар кодексҳои ҷиноятии пештар овардашуда бетағйир буд, аммо дар моддаи мазкур боз қисми 2 илова шуда буд, ки дар он бо роҳи алоқаи ҷинсӣ ё дигар ҳаракатҳое, ки метавонист боиси ба касалии зӯҳравӣ гирифтор шудани шахси дигар гардад, бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 6 моҳ ҷавобгарӣ пешбинӣ шуда буд.

Таҳлил ва муқоиса намудани тағйироти баъдинаи КҶ ҶШС Тоҷикистон (дар таҳрири 15-уми апрели соли 1942 ва 1-уми июли соли 1951) нишон дод, ки вобаста ба мавзуи тадқиқшаванда дар меъёрҳои он ягон тағйироти назаррас ба вуҷуд наомадааст.

25-уми декабри соли 1958 Шурои Олии ИҶШС Асосҳои қонунгузории ҷиноятии Шурои ИҶШ ва ҷумҳуриҳои шӯравиро қабул намуд[1]. Пас аз ин, давлатҳои алоҳидаи шуравӣ ба қабул намудани қонуни миллии ҷиноятии худ шуруъ намуданд. Дар ин миён ҶШС Тоҷикистон истисно набуд.

Тибқи Қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон» аз 17-уми августи соли 1961 кодекси навбатии ҷиноятии Тоҷикистон қабул гардид. Мувофиқи қонуни зикргардида бояд КҶ ҶШС Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 1961 мавриди амал қарор мегирифт, вале амали он бо қарори Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ба 1-уми декабри соли 1961 гузаронида шуд.

Дар асоси омӯзиши меъёрҳои КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961, чунин муайян карда шуд, ки дар он м. 118 сироят кардан ба касалиҳои зӯҳравӣ бахшида шуда, аз як қисм иборат буд, яъне “Бо касалии зӯҳравӣ сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист” ҷавобгарӣ ба муҳлати то 3 сол аз озодӣ маҳрум шудани шахси гунаҳкор ё корҳои ислоҳӣ ба мухлати то 1 сол пешбинӣ шуда буд.

Тавре, ки қаблан иброз намуда будем, кодексҳои ҷиноятии пешамалкунанда аз қисмати дуюм низ иборат буданд, ки дар он бо роҳи алоқаи ҷинсӣ ё дигар ҳаракатҳое, ки метавонист боиси ба касалии зӯҳравӣ гирифтор шудани шахси дигар гардад, бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 6 моҳ ҷавобгарӣ пешбинӣ шуда буд, аммо дар Кодекси ҷиноятии қабули соли 1961 қисми 2-юм бардошта шуда, барои як кирдор ҳам маҳрум аз озодӣ ва ҳам корҳои ислоҳӣ пешбинӣ шуда буд.

Омӯзиши КҶ ҶШС Тоҷикистон дар таҳрири соли 1980 нишон дод, ки вобаста ба мавзуи тадқиқшаванда дар меъёрҳои онҳо тағйироти куллӣ ворид гардидааст[2]. Моддаи 118 кодекси мазкур чунин номгузорӣ карда шуда буд, ки “Бо касалии зӯҳравӣ сироят кардани шахси дигар ва саркашӣ кардан аз табобати касалии зӯҳравӣ”, ки аз 4 қисм иборат буд. Қисми 1 моддаи мазкур “Бо касалии зӯҳравӣ сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист” ҷавобгарӣ ба муҳлати то 3 сол аз озодӣ маҳрум шудани шахси гунаҳкор ё корҳои ислоҳӣ ба мухлати то 1 сол пешбинӣ шуда буд.

Қисми 2 - “Дидаю дониста шахси дигарро таҳти хатари сироят шудан бо бемории зӯҳравӣ гузоштан бо роҳи алоқаи ҷинси ё дигар ҳаракатҳо” ҷавобгарӣ ба муҳлати то 2

[1] Закон СССР «Об утверждении Основ уголовного законодательства Союза ССР и союзных республик» от 25 декабря 1958 г. // Ведомости ВС СССР, 1958, № 1, ст. 6.

[2] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон (бо тағ. илов. то 01-уми сентябри соли 1980). – Душанбе: Ирфон., 1981.

сол аз озодӣ маҳрум шудани шахси гунаҳкор ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 1 сол ё ин ки ҷарима бо маблағи 100 рубл, пешбинӣ шуда буд.

Қисми 3 - “Кирдорҳои дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои сироят кардан бо бемории зӯҳравӣ маҳкум шуда буд, ё сироят кардани ду ва ё зиёда шахсон, ё ин ки ноболиғ” ҷавобгарӣ бо махрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол пешбинӣ шудааст.

Қисми 4 - “Саркашӣ кардан аз табобати касалии зӯҳравӣ, ки баъд аз огоҳонидани мақомоти тандурусти идома меёфт” ҷавобгарӣ ба муҳлати то 2 сол аз озодӣ маҳрум шудани шахси гунаҳкор ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 1 сол ё ин ки ҷарима бо маблағи 100 рубл пешбинӣ шуда буд.

Ҳамин тариқ, аз омӯзиши таҷрибаи таърихии ҶШС Тоҷикистон дар мубориза ба муқобили паҳншавии касалии зӯҳравӣ ҳамчун ҷинояти хавфноки зидди саломатӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузории замони шуравӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани хатари паҳншавии сиротяёбӣ ба касалиҳои зӯҳравӣ зуд амал намуда, чораҳои дахдорро андешид. Таҷриба дар ин самт нишон дод, ки эҳтимолияти таъқиби ҷиноӣ барои чунин сироят ва ҳолатҳои маҳкумияти воқеӣ барои сирояти шахсони дигар бо бемории ҷинсӣ, бешубҳа, аҳаммияти бузурги тарбиявӣ дошт. Илова бар ин, ин меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ метавонист таъсири бевосита даҳшатнокро ба вуҷуд орад, ки ба ин васила шахсони гирифтори ин беморӣ аз тарси ҷавобгарии ҷиноятӣ аз алоқаи ҷинсӣ, ки оқибати сироятёбиро нисбати дигар шахсон ба вуҷуд меовард, худдорӣ мекарданд.

**ТДУ 343.211.4**

## НАҚШИ ПРЕЮДИТСИЯИ МАЪМУРӢ ДАР ДЕКРИМИНАЛИЗАТСИЯИ КИРДОРИ ҶИНОЯТӢ

**МИРЗОХОҶАЕВ И.Ҳ.**
муовини сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, подполковники адлия
E-mail: shahzodmirzokhojaev5@mail.ru

Гуманизатсияи қонуни ҷиноятӣ вақтҳои охир дар якчанд самт ҷараён дорад, ки яке аз онҳо истифодаи васеи преюдитсияи маъмурӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ мебошад.

Асоси чунин сиёсати қонунгузории чиноятӣ аз нав тақсимкунии институти маҷбуркунии давлатӣ, аз ҳуқуқи ҷиноятӣ ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ ва пеш аз ҳама, баланд бардоштани иқтидори репрессивии ҳуқуқи маъмурӣ мебошад.

Институти преюдитсияи маъмурӣ воситаи техникаи ҳуқуқӣ буда, барои сабуктар кардани қонунгузории ҷиноятӣ равона карда шудааст. Тавре, ки дар боло зикр гардид, асоси чунин сиёсати қонунгузории ҷиноятӣ гуманизатсияи қонуни ҷиноятӣ мебошад.

Тарафдорони преюдитсияи маъмурӣ моҳияти чунин кирдорҳоро дар он мебинанд, ки шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кардааст, аз окибатҳои эҳтимолии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳангоми такроран содир намудани ҳамин ҳуқуқвайронкунӣ огоҳонида шуда, майли устувори зиддиҷамъиятӣ зоҳир намуда, кирдори такрориро субъективона ҳамчун ҷиноят дарк намуда, ғайриқонунӣ будани онро мефаҳмад.

Ҳамин тариқ, дар ҷиноятҳо бо сохтори преюдитсияи маъмурӣ сухан дар бораи субъекти махсуси ҷиноят меравад, ки ба сифати он шахси нисбаташ ҷазои маъмурӣ татбиқшуда баромад мекунад.

Ба гуфтаи Иванчин А., эътирофи амалияи ташаккули таркибҳо бо преюдитсияи маъмурӣ, ки ба Конститутсия мувофиқ аст, комилан ба назарияи криминализатсия мувофиқат мекунад, ки асоси он ба ҷамъият хавфнокии рафтори инсон буда, аз ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва субъекти он ба миён меояд[1].

Ғайр аз ин, тарафдорони ҷиноятҳо бо сохтори преюдитсияи маъмурӣ зарурат ва мақсаднокии онро тавассути ғояи пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо асоснок мекунанд. Ҳамин тариқ, Малков В.П. чунин мешуморад, ки истифодаи преюдитсияи маъмурӣ ва интизомӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ дорои хусусияти огоҳкунанда мебошанд. Татбиқи ҷазои маъмурӣ, инчунин худи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҳуқуқвайронкунанда таъсири дахлдори пешгирикунанда ва тарбиявӣ дошта, як навъ огоҳии расмӣ мебошад[2].

Далелҳои асосии мухолифони преюдитсияи маъмурӣ аз он иборатанд, ки содир намудани ду ё зиёда ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ имконияти тағйир додани моҳияти иҷтимоӣ ва баланд бардоштани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии онҳоро надорад[3].

Қонуни ҷиноятӣ, ки аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ ҳамчун воситаи истисноии таъсиррасонии давлат ба рафтори ғайриқонунӣ мебошад, амали худро танҳо ба ҳамон соҳаҳое паҳн мекунад, ки танзим намудани онҳо бо ёрии меъёрҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқ, аз ҷумла, меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарии маъмурӣ, кифоя нест.

Тамоюли сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии муосир ин коркарди усулҳои идоракуниест, ки бо маҷбуркунӣ алокаманд набуда, рафтори қонунии шахс на аз таҳдиди татбиқи ҷазо, балки аз муносибат ва одатҳои мусбати ахлоқӣ муайян карда шавад. Баланд бардоштани нақши маънавии қонуни ҷиноятӣ, гуманизатсияи минбаъдаи он, сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегирад, ки муҳимтарин самти нав кардани конунгузории ҷиноятӣ, бо мақсади пешгирӣ кардани ҷиноят, дар ҳолати ғайриимкон будан, ақалан ҷуброн намудани зарари молумулкӣ ё кам кардани он мебошад.

Шаклҳои татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ ин ҳуқуқтадбиққунӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, бо мақсади инкишофи фаъолияти ҷамъиятию ҳуқуқии онҳо, оштинопазир будан нисбат ба камбудию ҳуқуқвайронкуниҳо мебошанд.

Фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқии омма ин на танҳо дар рафтори қонунии шаҳрвандон, риояи талаботи қонун, аз ҷумла меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки дар фаъолияти рӯзмарра баҳри пешгирӣ ва рафъи ҷиноятҳо аз ҷониби шахсоне, ки рафторашон қонунист ва вайронкунандагони қонун, ифода мегардад.

Муқаррароти мазкур бояд дар ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ бо мақсади зерин ҷорӣ карда шавад:

– пурзӯр намудани вазифаи пешгирикунандаи қонуни ҷиноятӣ;

– ҷонноккунии рафтори қонунӣ тавассути зиёд намудани меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ;

– ба меъёрҳои алоҳидаи қонунгузории ҷиноятӣ дохил намудани преюдитсияи маъмурӣ барои таъмин намудани адолат ва воқеияти таъсири ҳуқуқи ҷиноятӣ.

---

[1] Иванчин, А. О пользе разумного использования административной преюдиции в уголовном праве (в связи с постановлением Конституционного Суда РФ от 10 февраля 2017 г. № 2-П) / А. Иванчин // Уголовное право. - 2017. - № 4. - С. 51.

[2] Малков, В.П. Административная преюдиция: за и против / В.П. Малков // Вестник Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации. - 2011. - № 3 (23). - С. 61.

[3] Иванов, Н. Уголовная политика России и совершенствование уголовного законодательства / Н. Иванов // Уголовное право. - 2017. - № 4. - С. 47; Иногамова-Хегай, Л. Современные тенденции криминализации и декриминализации в российском уголовном праве // Уголовное право. - 2017. - № 4. - С. 55; Коробеев, А., Ширшов, А. Уголовный проступок сквозь призму института административной преюдиции: благо или зло // Уголовное право. - 2017. - № 4. - С. 70; Лопашенко, Н. Снижение репрессивности уголовного закона: предлагаемые меры и их оценка // Уголовное право. - 2017. - № 4. - С. 90-91, и др.

Дар таълимоти паҳнгаштаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мафҳуми “преюдитсияи маъмурӣ” ба маънои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс, ки дар давраи муайян (дар давоми сол) такроран ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудааст ва қаблан ба ҷазои маъмурӣ кашида шудааст, фаҳмида мешавад.

Айни ҳол зарурати қабул намудани муносибати ягона барои батанзимдарории преюдитсияи маъмурӣ ба миён омадааст. Ба фикри мо, ҳар қадаре, ки муҳлати ҳамчун шарт муайянкардашуда, ки дар давоми он кирдори ҷиноятӣ ба миён меояд, дарозтар муқаррар карда шавад, ҳамон қадар дар одам одати риоякунии қонун ривоҷ меёбад. Аммо муҳлати зиёда аз як сол бо Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат мекунад. Ин муҳлат бояд на баъди ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан, балки баъди қабули қарори таъйини ҷазои маъмурӣ муайян карда шавад, зеро самараи чораҳои таъсиррасонии Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, танҳо дар он сурат ҷой дошта метавонад, ки агар шахс ба ҷазои воқеӣ кашида шуда бошад.

Преюдитсияро ҳамчун аломати алтернативии таркиби асосӣ ҳисобидан мумкин аст, ммасъалан, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз андозаи зарари расонидашуда ё кирдори ба андозаи муайян содиршуда ё содир кардани кирдор баъди ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудан вобастагӣ дорад. Ин намуд вазифаи пешгирикунандаи ҷазои маъмурӣ дар асоси табиати ҳуқуқӣ-иҷтимоии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ташаккул ёфтааст ва сиёсати маъмурӣ-ҳуқуқӣ қодир аст, ки ба таври имконпазир баландшавии сатҳи ҷиноятро нигоҳ дорад.

Хушбахтона вақтҳои охир дар сиёсати қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли декриминализатсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба назар мерасад.

Инсондӯстии сиёсати қонунгузории ҷиноятӣ вазифадор мекунад, ки чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ сарфакорона истифода бурда шаванд. Аммо ин гуна сарфакориро набояд мақсади худ намуд. Он набояд, ки ба сиёсати асосии ҷиноятӣ, ки аз мубоиризаи самарабахш зидди ҷинояткорӣ иборат мебошад, мухолифат намояд. Декриминализатсияи кирдор ва ба таври назаррас сабук намудани ҷазо барои бисёр ҷиноятҳо ин мушкилотро ҳал намекунад. Таъсири ҳуқуқӣ барои иҷрои яке аз вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ - пешгирии ҷиноятҳоро мумкин аст бо ёрии преюдитсияи маъмурӣ муваффақона ҳал намуд. Олимон қайд мекунанд, ки ба ташаккули шахсияти ҷинояткор омили аз ҷониби ӯ мунтазам содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, таъсир мерасонад[1]. Дар ҷанбаи криминологӣ муҳим аст, ки чунин рафтор дар ниҳоят, чун қоида, боиси тағйироти ҷиддии сифатӣ дар хислатҳои шахсият муайян мегардад ва ин шарти рафтори ҷиноятии ояндаи вай мешавад. Таркиби гурӯҳи муайяни ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ омили муайянкунандаи рафтори ҷиноятӣ буда, ба рушди ҷинояткорӣ мусоидат мекунанд.

Дар як вақт бояд қайд намуд, ки либерализатсияи васеи қонунгузории ҷиноятӣ дар шароити муосир на он қадар мақсаднок аст, зеро қонуни ҷиноятӣ ҷавобгарии вазнинро пешбинӣ мекунад, ки сабук кардани он боиси норавшан шудани сарҳади соҳаҳои ҳуқуқ мегардад. Дар натиҷа қонуни ҷиноятӣ бо чораҳои катъии он, ки ба мубориза зидди ҷинояткорӣ равона карда шудааст, дар ҳалли масъалаҳои криминологӣ ҷои хоксоронаро ишғол мекунад.

Аммо ҷорӣ кардани преюдитсияи маъмурӣ дар конуни ҷиноятӣ аз як тараф аз ҳад зиёд намудани криминализатсияи кирдорро истисно намуда, аз тарафи дигар барои пешгирии ҷиноят бо роҳи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахс, сарҳадро байни ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба таври мушаххас муайян мекунад, ки меъёри асосии он дараҷаи хавфнокӣ ба ҷамъият мебошад. Муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ аз як

[1] Абызов, Р.М. Прогнозирование и предупреждение индивидуального преступного поведения. - Ташкент, 1983. - С. 17.

тараф ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятиро талаб намуда, аз тарафи дигар бо кор бурдани чораҳои таъсири ҷиноятӣ, шахсро барои аз озодӣ маҳрум гаштан эмин нигоҳ медорад[1].

Дар муқобили ақидаҳо оид ба хориҷ намудани преюдитсия аз қонуни ҷиноятӣ, зарурати асосноккунии он дар шароити ҳозира ба миён омадааст. Дар меъёрҳои ҳуқуқии дорои преюдитсияи маъмурӣ маҳкумкунии воқеии такрорӣ барои ҳуқуқвайронкунии пештара ба миён намеояд, чунки ду ҳолати вайронкунии меъёрҳои гуногун мавҷуд мебошад. Меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои он шахс ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад ва меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ҷиноят ҷазо пешбинӣ мекунад. Дар ҳолати охирин ҷазо на барои ҳарду ҳуқуқвайронкунӣ таъин мешавад, балки танҳо барои ҳуқуқвайронкунии охирин, аломатҳои кирдори аввала ба аломатҳои тарафи объективии таркиби ҷиноят дохил карда нашудааст. «Онҳо берун аз доираи аломати тарафи объективӣ қарор дошта, танҳо шароити ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятиро ташкил медиҳанд»[2].

Ба фикри мо, далели мувофиқи мақсад будани преюдитсияи маъмуриро на аз нигоҳи барои ҷамъият хавфнокии кирдор, ки он, воқеан, аз миқдоран такрор шудан дигар намешавад, балки аз нигоҳи барои ҷамъият хавфнокии шахсияти гунаҳгор, бояд арзёбӣ намуд. «Қонунгузор таъсири ин моддаҳоро дар доираи маҳдуди шахсон муайян намудааст, ки ба ғайр аз мукаллафӣ ва синну соли муайяни ба ҷавобгари кашидан (аломатҳои умумии субъект) аломати иловагӣ низ ба монанди мавҷудияти ҷазои маъмурӣ, ки шахсро ҳамчун субъекти махсус тавсиф мекунад», дорад.

Мутаассифона, дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол барои содир намудани ҷиноятҳои категорияи начандон вазнин мафҳуми рафтори ҷиноятӣ истифода бурда намешавад.

Ба ақидаи Радченко И.В. ҳангоме, ки чораҳои маъмурии андешидашуда натиҷа намедиҳанд, дар ин ҳолат преюдитсияро ҳамчун татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд амалӣ намуд[3]. Шергин А.П. чунин мешуморад, ки преюдитсияи маъмурӣ воситаи ҳуқуқии мубориза на танҳо бо ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, балки бо кирдорҳои ҷиноятӣ низ мебошад[4].

Ҳатто Кузнетсова Н.Ф., ки пештар нисбат ба преюдитсияи маъмурӣ нигоҳи манфӣ дошт, чунин мешуморид, ки фарқи асосии байни ҷиноят аз рафтори ношоям на миқдори содиршудаи рафтор, балки сифати он аст ва бинобар ин шумораи рафторҳои ношоям ба сифати ҷиноят табдил ёфта наметавонанд (“сад гурба як палангро ташкил карда наметавонад”[5]). Ӯ ба мақсад мувофиқ будани истифода намудани институти преюдитсияи маъмуриро эътироф намуда, бовар дорад, ки ин ба зинда намудани меъёрҳои ҳуқуқии беамал мусоидат мекунад[6]. Истифодаи преюдитсияи маъмуриро Ямашева Г.В. дастгирӣ намуда, дуруст таъкид мекунад, ки преюдитсияи маъмурӣ барои ба таври муассир фарқ кардани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бештар имконият медиҳад. Он барои мутобиқати қонунгузории ҷиноятӣ ба принсипҳо ба

---

[1] Ямашева, Г.В. К вопросу о восстановлении института административной преюдиции в уголовном законе / Г.В. Ямашева // Журнал российского права. - 2009. - № 10. - С. 69.

[2] Ляпунов, Ю. Ответственность за злостное нарушение правил административного надзора / Ю. Ляпунов // Социалистическая законность. - 1985. - № 1. - С. 35.

[3] Радченко, В.И. Хорошо сидим // Российская газета. - 2008. - № 4741.

[4] Ангазаров, О. Привлечение лица к уголовной ответственности после привлечения его к административной ответственности за то же правонарушение / О. Ангазаров // Законность. - 2009. - № 2. - С. 56.

[5] Кузнецова, Н.Ф. Кодификация норм о хозяйственных преступлениях / Н.Ф. Кузнецова // Вестник Московского университет. Сер. 11. Право. - 1993. - № 4. - С. 28.

[6] Кузнецова, Н.Ф. Семь лет Уголовному кодексу Российской Федерации / Н.Ф. Кузнецова // Избранные труды. - СПб.: Юридический центр Пресс, 2003. - С. 541, 553–555; Фризен, П.Д. Административно-правовое предупреждение отдельных видов преступлений: дис... канд. юрид. наук: 12.00.08 / П.Д. Фризен. - Барнаул, 2004. - С. 43.

монанди: кам кардани ҷазои ҷиноятӣ, ки ба кам намудани шумораи шахсоне, ки ба ҷазои аз озодӣ маҳрум намудан маҳкум шудаанд, мусоидат мекунад; ба таври мушаххас нақши қонунгузории ҷиноятӣ дар пешгирии ҷиноятҳо меафзояд, зеро шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудааст, огоҳ карда мешавад, ки дар ҳолати такроран содир намудани чунин кирдор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад[1].

Ба андешаи мо, ҷорӣ намудани преюдитсияи маъмурӣ дар баробари маҳдуд кардани доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои баъзе ҳуқуқвайронкуниҳои барои ҷамъият на он қадар хавфи калон дошта, маҳдуд кардани таъқиби ҷиноятӣ танҳо дар доираи ҷиноятҳои қасдона ё боиси оқибатҳои вазнин гашта, самти муҳими мубориза бар зидди ҷинояткорӣ мебошад. Дар ин ҷо сухан на танҳо дар масъалаи кам кардани таъқиботи судӣ ва гуманизатсияи минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, балки дар ба назар гирифтани мувофиқатии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷазо барои он меравад.

Маҳдуд намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти иқтисодиёт, бинобар ворид намудани преюдитсияи маъмурӣ пеш аз ҳама барои таъмини ногузирии ҷазо мувофиқи мақсад мебошад. Ин ҳолат самаранокии меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро баланд бардошта, маҳсулнокии мубориза бо ин намуд ҳуқуқвайронкуниҳоро афзун мегардонад.

Мо наметавонем ба андешаи олимон оиди ворид намудани мафҳуми рафтори қонунӣ ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ин роҳ бартараф намудани институти преюдитсияи маъмурӣ розӣ бошем. Ворид намудани преюдитсияи маъмурӣ ба моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсаднок ва ба манфиати кор мебошад. Ҳамзамон, тавсияи олими рус Кузнетсова Н.Ф., ки бо мақсади такмилдиҳии қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани преюдитсияи маъмурӣ дар таркиби ҷиноятҳои хурди иқтисодӣ ва ба сохторҳои дигар ҷиноятҳои иқтисодӣ дохил намудани аломати расонидани зарари калон ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва декриминализатсияи ҷиноятҳои начандон вазнинро пешниҳод намудааст, қобили дастгирист[2].

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танҳо дар ҳолате шарти ҷавобгарии ҷиноятӣ бошад, ки нисбати шахс қаблан ҷазои маъмурӣ барои содир чунин ҳуқуқвайронкунӣ татбиқ шуда бошад. Агар шахс аз ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷазо озод шуда бошад, ҳолати содир намудани кирдори якум набояд ба назар гирифта шавад. Ҳангоми таъйин намудани ҷазои маъмурӣ шахс бояд дар бораи имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданаш дар сурати такроран содир намудани чунин ҳуқуқвайронкунӣ дар муҳлати муайян, огоҳ карда шавад. Ин ҳолат ӯро маҷбур мекунад, ки дар озодӣ монда дар интихоби рафтори худ кӯшиш кунад, ки ҳаёти қонунӣ ба сар барад.

[1] Ямашева, Г.В. К вопросу о восстановлении института административной преюдиции в уголовном законе / Г.В. Ямашева // Журнал российского права. - 2009. - № 10. - С. 69.

[2] Кузнецова, Н.Ф. Семь лет Уголовному кодексу Российской Федерации / Н.Ф. Кузнецова // Избранные труды. - СПб.: Юридический центр Пресс, 2003. - С. 541, 553–555; Фризен, П.Д. Асари зикршуда. - С. 48; Кузнецова, Н.Ф. Пути гуманизации уголовного законодательства России / Н.Ф. Кузнецова // Законодательство. - 2009. - № 7. - С. 51-59.

ТДУ 343.241

# ТАСНИФИ АСОСҲОИ УМУМИИ ТАЪИНИ ҶАЗО

**НАЗАРЗОДА А.А.**
унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
E-mail: aziz.5@yandex.ru

Таъини ҷазо марҳилаи муҳимтарини татбиқи санксияҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад. Албатта, татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ метавонад на танҳо бо таъини воқеии ҷазо, балки бо чораҳои дигари таъсиррасонӣ ба ҷинояткор (мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм, чораҳои маҷбурсозии хусусияти тарбиявидошта, чораҳои маҷбурсозии хусусияти тиббӣ ва ғайра), ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) соли 1998 бо номи “чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ” номгузорӣ шудаанд, ба анҷом расад. Аммо шакли маъмулии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ таъин кардани ҷазо ба гунаҳгор аст.

Санксияҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ намуди муайяни ҷазоро пешбинӣ мекунанд, ки дар андозаи муайян ифода карда мешавад: мӯҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ, андози муайяни нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳангоми ҷарима ва ғайра. Ҳангоми таъин кардани ҷазо суд чораи мушаххаси онро дар ифодаҳои сифатӣ ва миқдорӣ муайян мекунад. Ҳамин тариқ, ҳукми суд дар мавриди таъин кардани ҷазо аз ба таври маҷмуъ баҳо додан ба омилҳое иборат мебошад, ки чораи дахлдори ҷазо ба он асос ёфтааст.

Зери чунин омилҳо ҳолатҳои воқеии кор ё маълумотҳое дар назар дошта мешаванд, ки ба инобат гирифтани онҳо вобаста ба қоидаҳои дар м.60 КҶ ҶТ муқарраршуда амалӣ мегардад.

Аз ин рӯй, омилҳо асосҳои умумии абстрактӣ (қоидаҳои умумӣ) - и таъин кардани ҷазоро дар парвандаи мушаххаси ҷиноятӣ ва нисбати шахси мушаххаси гунаҳгор бо мазмуни мушаххас пура менамоянд. Худи асосҳои умумӣ хусусият ва мазмуни омилҳои зикршударо тавсиф намуда, ба сифати қоидаҳои умумие баромад менамоянд, ки суд ҳангоми таъин кардани ҷазои мушаххас ба дилхоҳ шахси гунаҳгор бояд онҳоро ба роҳбарӣ гирад.

Дар фарқият аз КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961, қонунгузор дар м. 60 КҶ ҶТ соли 1998 асосҳои умумии таъини ҷазоро ба се қисм тақсим намудааст, ки ҳар кадоми онҳо гурӯҳи дахлдори қоидаҳои таъин кардани ҷазоро дар бар мегиранд. Чунин усули техникаи қонунгузорӣ, ба андешаи мо, барои муттаҳид кардани қоидаҳои муайяни таъин кардани ҷазо ба гурӯҳҳои дахлдор истифода мешавад ва онҳоро аз рӯйи аҳамият ва нақш аз ҳамдигар ҷудо мекунад. Ғайр аз он, асосҳои умумии таъини ҷазо барои муайян кардани чораи мушаххаси ҷазо нисбати шахси гунаҳгор ҳамчун асос баромад менамоянд. Аз ин рӯй, тартиби ҷойгиршавии онҳо тартиби истифодаи онҳоро аз ҷониби суд ҳангоми таъин кардани ҷазо ба шахси мушаххаси гунаҳгор муайян мекунад.

Дар қ. 1 м. 60 КҶ қоидаҳое муқаррар карда мешаванд, ки на танҳо барои таъин кардани ҷазо, балки барои истифодаи дигар чораҳои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳамчун асоси методологӣ хизмат менамоянд. Ин қоидаҳо нисбат ба дигар қоидаҳои таъин кардани ҷазо асосӣ мебошанд. Ба онҳо сазовор будани ҷазои таъиншуда, инчунин таъин кардани ҷазо дар доираи муқаррарнамудаи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ бо назардошти муқаррароти Қисми умумии ҳамин Кодекс дохил мешаванд. Инҳо чунин асосҳои умумӣ мебошанд, ки моҳияти сиёсати давлатро дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ тавсиф мекунанд ва самти иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятиро дар мавриди татбиқи чораҳои таъқибнамоии ҷиноятӣ нишон медиҳанд.

Таъини ҷазои сазовор дар доираи моддаи дахлдори Қисми махсус, пеш аз ҳама,

ҳангоми бандубасти дурусти кирдор имконпазир аст, аз ин рӯй қонунгузор қайд мекунад, ки ҷазо танҳо ба "шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст"таъин карда мешавад. Ҷойгиршавии чунин талаботҳои асосии умумии таъин кардани ҷазо дар оғози м. 60 КҶ ҶТ дурусттар ба назар мерасад. Ин фавран судро ба тартиби муайян ҳангоми ҳалли масъалаи интихоби чораи мушаххаси ҷазо равона мекунад: пеш аз ҳама, гунаҳгор донистани шахс, бандубасти дурусти кирдори ӯ тибқи талаботи КҶ, минбаъд интихоб ва таъин кардани чораи мушаххаси ҷазо ё дигар чораҳои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ (ё истифодаи онҳо дар баробари ҷазои таъиншуда) бо назардошти принсипҳои адолат.

Қоидаҳои таъин кардани ҷазо, ки дар қ. 1 м. 60 КҶ нишон дода шудаанд, ҳангоми таъин кардани ҷазо аз рӯйи ҳама парвандаҳои ҷиноятӣ бе истисно истифода мешаванд.

Дар қ. 2 м. 60 КҶ ҶТ талаботи дигаре мустаҳкам шудааст, ки мувофиқи он намуди ҷазои нисбатан сахттар аз ҷумлаи ҷазоҳое, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, танҳо дар ҳолате таъин карда мешавад, ки намуди ҷазои нисбатан сабуктар ноил шудан ба мақсади ҷазоро таъмин карда натавонад. Дар қоидаи мазкур принсипи сарфакорона истифода шудани таъқиби ҷиноятӣ ифода ёфтааст.

Қоидаҳои дар қ. 3 м. 60 КҶ мустаҳакам шуда низ чунин хусусияти умумӣ доранд, ки мувофиқи он суд ҳангоми таъини ҷазо хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, яъне арзиши объектҳои бо қонун муҳофизатшаванда, сабабҳои содир намудани ҷиноят, тарзи амал, шахсияти гунаҳгор, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, фикру ақидаи ҷабрдидаро аз рӯи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба назар мегирад

Аммо қонунгузор ин гурӯҳи қоидаро дар охир ҷой дода, бо ҳамин тартиби ба назар гирифтани ҳолатҳои воқеиро, ки ба дараҷаи хавфнокии ҷиноят ва хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор таъсир мерасонанд, ҳамчун охирин асос дар қатори меъёрҳои умумии таъйини ҷазо муайян кардааст.

Ҳолатҳои тавсифдиҳандаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва шахсияти гунаҳгор дар парвандаи дилхоҳ ҷой дошта, ҳама вақт ба намуд ва андозаи ҷазо дар доираи санксияи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ таъсир мерасонанд.

Асосҳои умумии дар қ. 3 м. 60 КҶ ҶТ зикршударо ба гурӯҳҳо муттаҳид карда, онҳоро аз рӯи шумораи асосҳои умумии зикршуда тасниф кардан мумкин аст. Се гурӯҳи чунин ҳолатҳо пешбар ва муайянкунанда мебошанд:

– маълумотҳое, ки моҳияти ҷинояти содиршударо тавсиф мекунад (ин қоида дар бораи баҳисобгирии хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят),

– маълумотҳое, ки шахсияти гунаҳгорро тавсиф мекунад (ин қоида дар бораи баҳисобгирии шахсияти гунаҳгор),

– ҳолатҳо, ки ба қатори ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунанда мансуб мебошанд (қоида дар бораи баҳисобгирии ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо).

Дар баробари гурӯҳҳои номбаршуда, ки ҳангоми таъин кардани ҷазо бояд ба назар гирифта шаванд, қ. 3 м. 60 КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки ҳангоми таъин кардани ҷазо суд бояд фикру ақидаи ҷабрдидаро аз рӯи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба назар гирад.

Маълум аст, ки боадолат будани ҷазо бо назардошти қатъии ба ҳисобгирифтани ҳолатҳои воқеӣ (маълумотҳо), дар ягонагии ҳамаи ин гурӯҳҳо таъмин карда мешавад. Аммо барои ин донистани мазмун, вазн, яъне андозаи таъсири ҳар яки онҳо зарур аст. Барои «ворид шудан» ба механизми таъини ҷазо ва муайян кардани усулҳои дақиқтари танзими он, ду масъала бояд ҳал карда шаванд: пайдо кардани меъёрҳое, ки дар асоси онҳо гурӯҳҳои ҳолатҳои зикршуда метавонанд аз ҳамдигар ҷудо карда шаванд ва дараҷаи нисбии таъсири ҳар як ҳолати ин гурӯҳҳо ба намуд ва андозаи ҷазои таъиншуда муқаррар карда шавад.

Ҳамаи ин ҳолатҳои воқеӣ бо ҳам алоқамандии зич доранд, ба ҳамдигар вобастагӣ доранд ва шартан ба таври алоҳида таҳлил карда мешаванд. Мисоли равшан муносиба-

ти байни хусусият ва дараҷаи хавфнокии кирдор аз як тараф ва шахсияти гунаҳгор аз тарафи дигар мебошад.

Азбаски кирдор амали шахси мазкур аст, дар он албатта сифатҳои чунин шахсият инъикос меебад. Аз ин рӯй, бо назардошти хафнокии кирдор, мо наметавонем аз хавфнокии шахсият комилан дур шавем ва баръакс. Ин ба муносибати хавфнокии ҷамъиятии кирдор ва шахсият бо ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда низ дахл дорад: охирин ё ба кирдор, ё ба шахсият, ё ба ҳардуи онҳо ҳамзамон дахл дошта метавонад. Бо вуҷуди ин мушкилот, бояд меъёрҳои фарқияти байни онҳоро муайян кард. Муайян кардани фарқиятҳо бояд барои ҳалли масъалаи дараҷаи таъсири ҳар яке аз ин ҳолатҳо ба андозаи ҷазо асос гардад.

Аксари олимон ҳангоми таснифи асосҳои умумии таъини ҷазо, талаботеро, ки дар м. 60 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ҳамчун меъёри роҳнамо қабул мекунанд.

Масалан, Беляев Н.А., Шаргордский М.Д.чунин қоидаҳои асосҳои умумии таъини ҷазоро ҷудо месозанд:

1) ҷазо бояд дар доираи санксияи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ;
2) вобаста ба муқаррароти Қисми умумии КҶ;
3) бо назардошти хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷинояти содиршуда;
4) шахсияти гунаҳгор;
5) ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷавобгарӣ таъин карда шавад[1].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин таснифи нисбатан мураккаби асосҳои умумии таъини ҷазо, ки бо муқаррароти дар қонунгузорӣ мустаҳкамшуда маҳдуд намегардад, пешниҳод мешавад. Масалан, Л.Л. Кругликов асосҳои умумии таъини ҷазоро ба ду сатҳ ҷудо месозад: асосӣ (умумӣ) ва ёрирасон (мушаххаскунанда). Маҳаки асосии таъини ҷазо ба андешаи муаллифи мазкур хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва шахсияти гунаҳгор ҳисоб мешавад. Ба сифати маҳаки ёрирасон бошад, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо, инчунин дигар ҳолатҳои дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва шахсияти гунаҳгорро тавсифдиҳанда баромад менамоянд[2]. Аллабатта бо чунин тасниф ба пурраги розӣ буда наметавонем, зеро ба гуруҳи умумӣ мансуб донистани хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор асоснок ба ҳисоб намеравад. Ба андешаи мо ба инобат гирифтани ҳолати мазкур бештар барои фардикунонидани ҷазо равона гардидааст.

Кривенков О.В. асосҳои умумии таъини ҷазоро, ки дар м. 60 КҶ ФР (м. 60 КҶ ҶТ) муқаррар шудаанд, аз рӯйи дараҷаи аҳамият ва нақши онҳо дар таъини ҷазо ба чунин гурӯҳҳо тасниф менамояд:

1) қоидаҳое, ки судро вазифадор мекунанд, ки ҳолатҳоеро муайян кунанд, ки бидуни мавҷудияти онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва таъин кардани ягон ҷазо умуман ғайриимкон аст - ин асосҳои асосӣ ва методологии умумии таъини ҷазо мебошанд;

2) қоидаҳое, ки судро вазифадор мекунанд, ки ҳолатҳоеро муайян кунанд, ки моҳияти кирдори содиршударо тавсиф мекунанд (хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда), шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабуктар ва вазнин мекунанд, яъне чунин қоидаҳое, ки мутобиқи онҳо фардикунонии ҷазо амалӣ карда мешавад ва бояд дар ҳама парвандаҳои ҷиноятӣ татбиқ карда шаванд[3].

Ба андешаи мо нишондод дар бораи зарурати ҳангоми таъини ҷазо ошкор намудани ҳолатҳое, ки бе мавҷудияти онҳо умуман ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ғайриимкон аст, асоснок ба ҳисоб намеравад. Зеро талаботи мазкур ба фаъолияти

---

[1] Советское уголовное право. Общая часть. – М.: Юрид. лит., 1977. - С. 384 – 385.

[2] Кругликов, Л.Л. Уголовно-правовые средства обеспечения справедливости наказания: учебное пособие /Л.Л. Кругликов. – Ярославль: Яросл. гос. ун-т, 1986.- С. 55.

[3] Кривенков, О.В. Общие начала назначения наказания по российскому уголовному праву: дис... канд. юрид. наук: 12.00.08 / О.В. Кривенков. - М., 2001. – С. 40-42.

пеш аз таъини ҷазо равона гардида, бидуни муқаррар намудани онҳо на танҳо таъин намудани ҷазо, балки гунаҳгор эътироф намудани шахс ғайриимкон мебошад.

Ба андешаи Благов Е.В. асосҳои умумии таъини ҷазоро метавон ба ду гуруҳ ҷудо намуд:

1) қоидаҳои расмии таъини ҷазо. Ба гуруҳи мазкур дохил мешаванд:

а) Ба шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, дар доираи муқаррарнамудаи моддаи Қисми махсус боназардошти муқаррароти Қисми умумии ҳамин Кодекс ҷазои сазовор таъин карда мешавад (қ.1 м. 60 КҶ ҶТ);

б) намуди ҷазои нисбатан сахттар аз ҷумлаи ҷазоҳое, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, танҳо дар ҳолате таъин карда мешавад, ки намуди ҷазои нисбатан сабуктар ноил шудан ба мақсади ҷазоро таъмин карда натавонад (қ. 2 м. 60 КҶ ҶТ);

в) ҷазои нисбатан вазнинтар назар ба ҷазои дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ барои содир намудани ҷиноят муқарраршуда мумкин аст барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо вобаста ба м. 69 ва 70 КҶ ФР (м. 67 ва м. 68 КҶ ҶТ) таъин гардад;

г) асос барои таъини ҷазои сабуктар назар ба ҷазои дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ барои содир намудани ин ҷиноят пешбинишуда бо м. 64 КҶ ФР (м. 63 КҶ ҶТ) муайян мегардад;

2) қоидаҳои ғайрирасмии таъин намудани ҷазо. Ба гуруҳи мазкур дохил мешаванд:

а) ба шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, ҷазои сазовор таъин карда мешавад (қ.1 м. 60 КҶ ҶТ);

б) ҳангоми таъин кардани ҷазо хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва шахсияти гунаҳгор, аз ҷумла ҳолатҳое, ки ҷазоро вазнин ё сабук мекунанд ба назар гирифта мешаванд (қ. 3 м. 60 КҶ ҶТ);

в) ҳангоми таъини ҷазо таъсири ҷазои таъиншаванда ба ислоҳи маҳкумшуда ва шароити ҳаёти оилавии ӯ ба инобат гирифта мешавад.

Ҳолатҳои ба гуруҳи аввал мансуббуда назардиди судҳоро истисно менамоянд. Баръакс, ҳолатҳои дар гурӯҳи дуюм қарордошта ба чунин назардид роҳ медиҳанд[1]. Бояд зикр намуд, ки на ҳама гуруҳҳои ҷудо намудаи муаллифи мазкур нисбати м. 60 КҶ ҶТ хос мебошанд. Масалан, аз гуруҳи якум қойдаҳои дар бандҳои в), г), аз гуруҳи дуюм дар банди в) ҷудо карда шуда, дар м. 60 КҶ ҶТ ба сифати асосҳои умумии таъини ҷазо мустаҳкам нашудаанд.

Хамитов Р.Н. вобаста ба танзими қонунгузорӣ (КҶ ФР) асосҳои умумии таъини ҷазоро вобаста ба аломати функсионалӣ ва мазмун ба гуруҳҳо ҷудо месозад. Ба гуруҳи аввал асосҳои умумиеро дохил менамояд, ки амалишавии онҳо барои риояи бечунучарои принсипи қонуният ва принсипи фарқгузории ҳадди таъини ҷазо равона шудааст. Ба ин гуруҳ муаллифи мазкур чунин қоидаҳои дар м. 60 КҶ ФР (м. 60 КҶ ҶТ) мустаҳкам шударо мансуб медонад:

1) ҷазо аз тарафи суд дар доираи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ муқарраршуда таъин мегардад;

2) суд муқаррароти Қисми умумии КҶ-ро ба инобат мегирад;

3) намуди ҷазои нисбатан сахттар аз ҷумлаи ҷазоҳое, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, танҳо дар ҳолате таъин карда мешавад, ки намуди ҷазои нисбатан сабуктар ноил шудан ба мақсади ҷазоро таъмин карда натавонад;

4) ҷазои нисбатан вазнинтар назар ба ҷазои дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ барои содир намудани ҷиноят муқарраршуда мумкин аст барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо вобаста ба м. 69 ва 70 КҶ ФР (м. 67 ва м. 68 КҶ ҶТ) таъин гардад;

5) ҷазои нисбатан сабуктар нисбат ба ҷазои дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ пешбинишуда мумкин аст вобаста ба м. 64 КҶ ФР (м. 63 КҶ ҶТ) таъин гардад.

[1] Благов, Е.В. Правила назначения наказания / Е.В. Благов // Труды Института государства и права РАН. - 2022. - Том 17. - № 4. – С. 153-154.

Ба гурӯҳи дигари асосҳои умумии таъини ҷазо ҳолатҳоеро мансуб медонад, ки хусусияти моддӣ доранд, бо сабаб ки онҳо судҳоро барои ба инобат гирифтани ҳолатҳои воқеии тавсифдиҳандаи ҷиноят ва шахсияти гунаҳгор ё дар як вакт ба назар гирифтани ҳар ду ин ҳолат водор месозанд. Ба ин гурӯҳ Хамитов Р.Н. хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят, шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазоро дохил менамояд.Ба назар гирифтани маҳакҳои мазкур барои таъмин намудани амалишавии принсипи фардикунондани таъини ҷазо равона шудааст[1].

Ба андешаи мо, ҳар яке аз таснифоти пешниҳодшуда дорои баъзе норасоиҳо мебошад. Аз ҷумла, ба таври сунъӣ аз ҳам ҷудо намудани талаботи дар доираи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ва бо назардошти муқаррароти Қисми умумии КҶ таъин намудани ҷазо қобили қабул намебошад. Зеро дар чунин маврид талаботи меъёрии Қисми махсус ва Қисми умумӣ аз ҳам ҷудо баррасӣ мешаванд. Дар воқеъ бошад онҳо бо ҳам алоқамандии ногусастани дошта, ҳангоми таъини ҷазо бояд, баробар бо назардошти муқаррароти онҳо ба инобат гирифта шаванд. Дуюм, ба сифати қоидаи мустақил нишон додани талабот дар бораи таъини ҷазо дар доираи санксия бидуни робитаи он бо муқаррароти Қисми умумӣ барои салоҳдиди судӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда метавонад.

Таснифи нисбатан маҳдуди асосҳои умумии таъини ҷазо аз ҷониби Жидких И.В. пешниҳод мешавад, ки мутобиқи он чунин асосҳо ба ду гуруҳ ҷудо карда мешаванд:

1) ҷазо дар доираи пешбининамудаи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ва бо назардошти ҳатмии муқаррароти Қисми умумии КҶ таъин мегардад;

2) таъини ҷазо бо назардошти хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва шахсияти гунаҳгор амалӣ мешавад[2].

Ҳамин тавр, бо назардошти таснифи гуногуни асосҳои умумии таъини ҷазо, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод шудаанд ва вобаста ба муқаррароти м. 60 КҶ ҶТ ба назари мо бештар ба гуруҳои зерин ҷудо намудани талаботҳои асосҳои мазкур асосноктар ба ҳисоб мерафт:

1) талаботи умумии асосҳои таъин намудани ҷазо;

2) талаботҳое, ки барои фардикунондани ҷазо равона шудаанд Ба гуруҳи аввал муқарраротҳои дар қ. қ. 1, 2 м. 60 КҶ ҶТ ва ба гурӯҳи дуюм муқарраротҳои дар дар қ. 3 м. 60 КҶ ҶТ мустаҳкамшударо дохил намудан мумкин аст.

**ТДУ 343.915**

## ОИД БА БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ МУҚОВИМАТ БА ҶИНОЯТКОРИИ НОБОЛИҒОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Пулодӣ Ф.Ю.**
омӯзгори калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия
E-mail: faridabonu1992@mail.ru

Вақтҳои охир вобаста ба ҷиноят ва ҷинояткории ноболиғон таваҷҷуҳи махсуси роҳбарияти олии давлат нигаронида шудааст. Ин таваҷҷуҳ раванди

[1] Хамитов, Р.Н. Специальные правила назначения наказания за единичное преступление по российскому уголовному праву: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Р.Н. хаамитов. - Казань, 2001. – С. 56-60.
[2] Жидких, И.В. Реализация принципов уголовного права в общих началах назначения наказания: дис.… …канд. юрид. наук: 12.00.08 / И.В. Жидких. - Ставрополь, 2007. – С. 87-89.

амалишавии хешро дар сиёсати дурусти давлатӣ дар ин самт далолат медиҳад. Маҳз, саъю талошҳо ва кӯшишҳо дар ин самт натиҷаҳои назаррас оварда истодаанд, лекин ҳоло ҳам ҳастанд ҳолатҳое, ки барои содиршавии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аз ҷониби ноболиғон ва ё бо иштироки онҳо мусоидат менамоянд.

Беҳуда нест, ки дар як қатор барномаҳо, стратегияҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии калидӣ масъалаи ҷинояткории ноболиғон дар мадди аввал гузошта шудааст. Масалан, дар Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 махсусан сухан дар ин бора меравад. Тибқи муқаррароти ин Барномаи давлатӣ самти дигаре, ки имрӯзҳо ҷомеаро ба ташвиш овардааст зиёдшавии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ба шумор меравад. Таҳлили вазъи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғону наврасон нишон дод, ки аз ҷониби онҳо асосан содиршавии ҷиноятҳои дуздӣ, авбошӣ ва ғоратгарӣ зиёдтар ба қайд гирифта шудааст. Чунончи, ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон ё бо иштироки онҳо содиршуда 3 917 (2016 - 693, 2017 - 690, 2018 - 907, 2019 - 873, 2020 - 754) ададро ташкил медиҳанд. Сабабҳои асосии сар задани ин қабил ҷиноятҳо, ки имрӯз сокинони ҷумҳуриро ба ташвиш овардааст, ба як қатор омилҳои айнӣ (объективӣ) ва зеҳнӣ (субъективӣ) асос ёфтааст.

Раванди ҷаҳонишавӣ дар қатори ҷанбаҳои мусбати худ аз паёмадҳои манфӣ низ холӣ набуда, воридшавии фарҳанги бегона, ташвиқи фаҳшу зӯроварӣ, бераҳмию бетафовутӣ, худхоҳӣ ва бартарӣ ҷустан бар дигарон, ки тавассути филмҳои синамои хориҷӣ, пахши ҷараёни мусобиқоти варзишӣ оид ба набардҳои тан ба тан ва ҳар гуна бозиҳои дигари компютерӣ ба ҳаёти мо дохил мешаванд, мафкураи ҳанӯз ташаккулнаёфтаи ҷавонону наврасонро фосид менамоянд.

Дар аксари ҳолатҳо маъмурияти муассисаҳои таълимӣ, роҳбарони синфҳо ва омӯзгорон дар бораи хонандагони моил ба содиркунии ҳуқуқвайронкунӣ ва ё ҷиноят, онҳое, ки мунтазам низоми таълиму тарбияро вайрон намуда, нисбат ба атрофиён дағалона муносибат мекунанд, маълумоти зарурӣ дошта бошанд ҳам, барои пешгирӣ кардани ин амалҳои номатлуб чораандешӣ накарда, барои хабар додан ба мақомоти корҳои дохилӣ ва комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани падару модарони онҳо, инчунин ба роҳ мондани дигар воситаҳои таълиму тарбия тадбирҳои дахлдор намеандешанд.

Мутаассифона, дар самти пешгирии ин зуҳуроти номатлуб нақши мақомоти ваколатдори давлатӣ кам ба назар расида, ҳамкории раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ оид ба пешбурди корҳои фардӣ бо наврасони душвортарбия ва чорабиниҳои профилактикӣ бо гурӯҳҳои ташаккулёфтаи ба ҳуқуқвайронкунӣ моил суст ба роҳ монда шуда, нақшаҳои ҷинояткоронаи онҳо сари вақт ошкор ва пешгирӣ карда намешаванд.

Таҳлилҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки нақши фаъоли аҳолӣ дар мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳо якбора паст гардида, амалан алоқаҳои бисёртарафаи мавҷудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони ӯ бо аҳолӣ аз байн рафта истодааст. Вобаста ба ин, фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини пешгирии иҷтимоии ҳуқуқвайронкуниҳо ба таври мушаххас набуда, аз рӯйи нақшаи муайян амалӣ нашуда истодааст[1].

Дар ин самт, ҷиҳати коркарди пурраи механизми ҳамкорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" дар таҳрири нав, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак"[2] қабул карда шуд. Қонуни мазкур муносибатҳоро оид ба масъулият дар

[1] Ниг.: бандҳои 40-45 Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни с. 2021, № 265.

[2] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" аз 20-уми июни с. 2024, № 2049.

таълиму тарбияи кӯдак бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ танзим намуда, ба ҳифзи ҳуқуқ манфиатҳои кӯдак равона гардидааст.

Дар се соли сипаригашта (соли 2021 - 763 ҷиноят (-1,01 %), соли 2022 - 737 ҷиноят (-0,96 %), соли 2023 - 555 ҷиноят (-0,75 %))[1], ҷинояткории ноболиғон дар ҳолати пастубаландашвӣ қарор дорад, ки таҳлили мушаххаси криминологӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодиро талаб менамояд. Ҷамъбасти фаъолияти хизматии Вазорати корҳои дохилӣ дар 6 моҳи соли 2024 муайян намуд, ки аз тарафи ноболиғон 332 (2023-258) ҷиноят ба ҳисоб гирифта шудааст.

Ҳамзамон, дар ин нишаст қайд карда шуд, ки нисбати падару модароне, ки уҳдадориҳои худро дар таълиму тарбияи фарзанд иҷро накардаанд ва нисбати масъулини муассисаҳои таълимӣ бо дастрасии моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 ҳазор парвандаи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ тартиб дода, барои андешидани чораҳои қонунӣ ба суди шаҳру ноҳияҳо ирсол карда шуданд[2].

Тибқи иттилои мақомоти прокуратураи ҷумҳурӣ, барои вайрон кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" 3 089 нафар ба ҷавобгарӣ кашида шуда, 138 ҳолати монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии асосӣ ва 230 таълимоти ғайриқонунии динӣ бо ҷалби 329 нафар (177 нафар ноболиғон) ошкор ва чораандешӣ карда шуд[3].

Дар ҷамъбасти фаъолияти хизматии Вазорати корҳои дохилӣ дар 6 моҳи соли 2025 иттилоъ дода шуд, ки аз тарафи ноболиғон 333 (2024-332) ҷиноят ба ҳисоб гирифта шудааст[4].

Рақамҳо ва ҳолатҳои оварда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ин соҳа бояд як механизми муайян рӯйи кор оварда шавад ва таҳлилҳои аниқ ва мушаххас дар ин ҷода ҷиҳати коркарди тавсияҳо, таклифҳо барои мукаммал сохтани амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кишвар, ҳамзамон дигаргун сохтани сиёсати адлияи ноболиғон мусоидат намояд.

Хурсандиовар аст, ки дар ин самт як қадами устувор низ гузошта шуд. Соли 2022 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор ба имзо расид, ки тибқи он Дастурамали механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда, шоҳид ё ҷабрдидаи ҷиноят ва зӯроварӣ[5] тасдиқ карда шуд.

Тибқи муқаррароти умумии ин ҳуҷҷат, Дастурамали мазкур механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда, шоҳид ё ҷабрдидаи ҷиноят ва зӯроварӣ муносибатҳоро дар раванди ташаккул, пешбурд ва

[1] Пулатова, Ф.Ю. Реформирование системы правосудия в отношении детей в Таджикистане / Ф.Ю. Пулатова // Сборник материалов III Международной научно-практической конференции на тему «Юридическая наука и практика», посвященная Дню таджикской науки и объявлению "Года правового просвещения" (г. Душанбе, 19 апреля 2024 г.) // Под ред. П.А. Насуриён. – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2024. – С. 416-417.

[2] Варақаи матбуотӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти хизматии Вазорати корҳои дохилӣ дар 6 моҳи соли 2024 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.mvd.tj/1445-varaai-matbuot-oid-ba-ambasti-faolijati-hizmatii-vazorati-koroi-dohil-dar-6-moi-soli-2024.html (санаи муроҷиат: 10.08.2024).

[3] Нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаи фаъолияти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2024 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.prokuratura.tj/news-tj/2504-khabari-matbuot-nishasti-matbuot-oid-ba-nati-ai-fa-oliyati-prokurori-generalii-um-urii-to-ikiston-dar-nimsolai-yakumi-soli-2024.html (санаи муроҷиат: 12.08.2024).

[4] Варақаи матбуотӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти хизматии Вазорати корҳои дохилӣ дар 6 моҳи соли 2025 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.mvd.tj/4989-varaai-matbuot-oid-ba-ambasti-faolijati-hizmatii-vazorati-koroi-dohil-dar-6-moi-soli-2025.html (санаи муроҷиат: 11.09.2025).

[5] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Дастурамали механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда, шоҳид ё ҷабрдидаи ҷиноят ва зӯроварӣ" аз 26-уми августи с. 2022, № 417.

амалӣ намудани механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда, шоҳид ё ҷабрдидаи ҷиноят ва зӯроварӣ (минбаъд – Механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ) ба танзим медарорад. Механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ ташаккули махзани ягонаи маълумоти соҳавиро нисбат ба субъектони болозикр таъмин намуда, тартиби ҳамкории мақомот ва ташкилотҳоро, ки адолати судиро нисбат ба кӯдакон ба амал мебароранд, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Махзани ягонаи маълумоти оморӣ маҷмуи захираи маълумот ва чорабиниҳои техникиро, ки раванди ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва ҷустуҷӯи маълумотро дар бораи кӯдаконе, ки нисбаташон бояд қайд ва назорати оморӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бурда шавад, таъмин мекунад. Махзани ягонаи маълумоти оморӣ оид ба субъектони мазкур захираи умумиҷумҳуриявӣ буда, аз тарафи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш бурда мешавад. Пешбурди махзани ягонаи маълумоти оморӣ бо истифодаи манбаъҳои техникӣ ва барномавии стандартикунонида, дар асоси татбиқи андозаи маълумоти қайдшаванда, регламентҳои мубодилаи маълумот байни субъектҳои давлатии ба соҳаи баамалбарории адолати судӣ нисбат ба кӯдакон, риояи ҳуқуқ озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон ҷалбшуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад (бандҳои 1-5 Дастурамал).

Дар ин ҷода бояд махсусан қайд намуд, ки коркард ва қабули Дастурамали мазкур бо як қатор муқаррароти Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мутобиқ аст. Дар Стратегияи овардашуда омадааст, ки таҳияи механизми ҷамъоварии иттилооти ҷузъикунонидашуда дар бораи ҷинояткорӣ ва адлияи ноболиғон якҷо бо мақомоти дахлдор ҷиҳати мониторинги татбиқи Конвенсияи ҳуқуқи кудак зарур аст. Дар қисмати омори ҷиноятӣ бошад, оварда шудааст, ки:

– таҳияи механизми ҷамъоварии маълумоти тақсимкардашуда дар бораи ҷинояткорӣ ва адлияи ноболиғон барои мониторинг ва пайгирии Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак;

– тақсим намудани маълумот дар бораи ҷинояткорӣ ва

– омӯхтани таҷрибаи кишварҳои дигар ҷиҳати ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот дар бораи ҷинояткорӣ ва адлияи ноболиғон[1].

Мақсади асосии ҷорӣ намудани механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ ин баланд бардоштани самаранокии баҳогузории соҳавии вазъият, муайян кардани раванди ҷараён, инчунин ба даст овардани сарчашмаи холисонаи маълумоти зарурӣ барои чораандешии давлатӣ дар соҳаи низоми адлияи ноболиғон, огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии кӯдакон ва ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон мебошад.

Хулоса: тибқи он кӯшишҳо ва заҳматҳо, ки дар мақола оварда шудааст, боз як қадами устувор дар ҷодаи ташкили ҳукумати электронӣ гузошта шуд, ки ин аз пешравӣ ва талошҳои ҳукумату давлат дарак медиҳад. Ташкил ва таъсиси чунин механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ кори саҳлу осон нест ва дар як лаҳза он коркард ва ба истифода дода намешавад. Ин ҳолатро ҳар як фарди худогоҳу соҳибмаърифат бояд ба хубӣ эҳсос ва дарк намояд. Асосҳои ҳуқуқӣ ҳастанд, самтҳои техникӣ коркард карда мешаванд ва ба пуррагӣ ин механизм ба фаъолият шуруъ менамояд. Айни замон оид ба ин механизм маълумоти пурра надорем, лекин бо боварии комил гуфта метавонем, ки минбаъд тамоми маълумоти омории мушаххас аз ин механизм дастрас мешавад, ки кори тахқиқотчиён, бахусус олимони ҷавонро осон менамояд. Асос дастрас будани ин маълумот ва асоснок дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ истифода бурдани онҳо аст.

[1] Ниг.: бандҳои 139, 220 Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри с. 2019, № 585.

ТДУ 343.9.018

# ТАҲҚИҚИ КРИМИНОЛОГИИ ҚАЛЛОБИИ БО ИСТИФОДА АЗ ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ СОДИРШАВАНДА

**Раҳимов Х.З.**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
E-mail: rahimzoda.0095@gmail.com

Ташаккули технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ дар баробари ҷанбаҳои муфид, боиси пайдоиш ва инкишофи кирдоҳои нави барои ҷамъият хавфнок гардид, ки қаблан ба илм ва амалияи ҳуқуқии ватанӣ номаълум буд ва бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, (ба истилоҳ бо киберҷиноятҳо алоқаманд мебошад), содир мегардад. Дар шароити имрӯза технологияҳои иттилоотӣ ва Интернет дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти одамон ба тарзи васеъ истифода бурда мешавад.

Технологияи муосир ва Интернет на танҳо бо мақсади пешбурди кор, инчунин бо мақсади ҷинояткорӣ (киберҷиноят) истифода мешавад, ки хатарҳои зиёдеро ба пеш меорад. Аммо, сарфи назар аз кирдори нави барои ҷамъият хавфнок эътироф гардидани қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда барои қонунгузории ҷиноятии ватанӣ, дар кишварҳои дорои сатҳи баланди технологӣ, мушкилоти мубориза бо қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда кайҳо боз яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа эътироф гардида, аҳамияти он мунтазам меафзояд. Дар айни замон омӯзиши ҳамаҷонибаи таркиби қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда ва шаклҳои содиршавии он тамоюли рушд дорад[1].

Дар ин замина, яке аз вазифаҳои асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар замони муосири ташаккули муносибатҳои нави бозорӣ умр ба сар мебаранд, танзими рушди ҷомеаи демократӣ вобаста ба пешрафти босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электорӣ буда, дар ин самт мубориза бо ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд махсусан ба мубориза бо қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Аҳаммияти мушкилоти қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда асосан дар ду ҳолат муайян мекунанд[2].

Якум, афзоиши босуръати таҳия, татбиқ ва истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ.

Сониян, истифодаи босуръати технологияҳои нав барои ноил шудан ба ҳадафҳои ғайриқонунӣ ва густариши технологияҳои инноватсионӣ, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ дар муҳити ҷиноятӣ.

Аз ин рӯ, дар шароити муосир на танҳо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, балки соҳаи киберҷинояткорӣ низ босуръат рушд мекунанд. Таҳдидҳо ба захираҳои иттилоотӣ пайваста афзоиш ва инкишоф меёбанд. Дар ин самт як қатор омилҳо бояд назорат ва танзим карда шаванд:

– дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти ҳифзшаванда;

---

[1] Керимов, В.Э., Керимов, В.В. Профилактика и предупреждение преступлений в сфере компьютерной информации / В.Э. Керимов, В.В. Керимов // Черные дыры в российском законодательстве. - 2000. - № 1. - С. 507.

[2] Давлатзода, К.Д. Уголовно-правовые и криминологические вопросы противодействия киберпреступности: теоретические и практические проблемы дис. … док юрид. наук: 12.00.08 / Давлатзода Комрон Давлат. – Душанбе, 2024. – 480 с.

– тағйир додани маълумоти шахсони соҳибкор бо мақсадҳои гуногун (ёрӣ ба рақибон, мақсадҳои ҷиноятӣ); нобуд кардани маълумот ё вайрон кардани (дуздии) воситаҳои ахбори омма.

Қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ (минбаъд - ТИК) диққати махсусро дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо кардаанд, ки барои пурсамар тафтиш кардани ҷиноятҳои содиршуда зарурати ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ ва таҳияи чораҳои дахлдори танзимкунанда дар сатҳи байналмилалӣ ба миён омадааст. Дар баробари ин, барои таъмини самаранокии стандартҳои ҷаҳонӣ дар мубориза бо ин навъи ҷиноят дар давлатҳои мутараққӣ ва дар ҳоли рушд барои ин иқтидори воқеии моддию техникӣ бояд дошт. Аз ҷумла, содир шудани як қатор киберҷиноятҳо, махсусан ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, қаллобӣ дар интернет, аз қабили «фишинг» ва «спуфинг», на аз набудани ҳимояи техникӣ, балки аз огоҳӣ надоштани ҷабрдидагон ба амал меояд.

Моделҳои ҳуқуқии ҷиноятии амнияти иттилоотӣ эҳтимолан ҷиноятро тавассути таҳдиди ҷазо боздоранд, зеро қонуни ҷиноятӣ на ба пешгирии ҷиноят, балки ба татбиқи ҷазо барои ҷиноят равона мегардад[1].

Бо вуҷуди ин, пешгирии ҷинояткорӣ яке аз тадбирҳои асосии мубориза бо қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда мебошад, бинобар ин пешниҳод менамоем, ки чунин тадбирҳо баррасӣ карда шаванд. Ин тадбирҳо метавонанд аз ҳалли техникӣ (ба монанди насби воситаҳои муҳофизатӣ барои пешгирии дастрасии ғайриқонунӣ ба системаи компютерӣ ё барномаҳои антивирусӣ барои пешгирӣ аз насби нармафзори зараровар) то бастани дастрасӣ ба воридшавии ғайриқонунии ба шабакаи Интернет бошанд. Саривақт чораҷӯӣ накардан боиси қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда гашта, омӯзиши ин омилҳо хеле муҳим ба назар мерасанд. Ин раванд ба он вобаста аст, ки ташкилоту ширкатҳо бо мақсади пешгирии коҳиши эътимод ба хидматҳои онлайнӣ, мавҷудияти хатари эҳтимолии киберӣ, ки шаҳрвандон ба он дучор мешаванд ва ё азият мекашанд, саривақт чораҷӯӣ намекунанд.

Дар замони муосир технологияҳои киберӣ ба дигаргуниҳои куллӣ оварда расонида, амнияти технологияҳои киберҷиноятӣ барои бисёр кишварҳо ба авлавият табдил меёбад. Ин дар стратегияҳои иттилоотӣ ё амнияти киберӣ, ки давлатҳо барои таъмини ҳифзи инфрасохтори муҳими иттилоотии кишвар қабул мекунанд, инъикос ёфтааст. Ин омилҳо инчунин барои давлат уҳдадориҳоеро ба вуҷуд меорад, ки онҳо шаҳравандонро тавассути он аз киберҷинояткорӣ муҳофизат мекунанд ва онҳоро барои содир кардани чунин ҷиноятҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб мекунанд.

Аммо дар доираи чораҳои мубориза бо қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда мавқеи қонунгузории мурофиавӣ устувор мебошад, ки он чораҳои андешидаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи далелҳои мавҷударо дар мурофиаи ҷиноятӣ танзим мекунад. Бисёре аз кишварҳои пешрафта аллакай барои мутобиқ кардани қонунгузории худ ба муқаррароти Конвенсияи Будапешт, стандартҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳифзи молу мулк, таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳифзи кӯдакон аз зӯроварии ҷинсӣ, ҳифзи маълумот ва муқовимат бо қонунигардонии даромадҳо аз ҷиноятҳо чораҳои заруриро андешидаанд. Ҳамзамон, такмил ва баланд бардоштани самаранокии қонунгузории миллӣ, ки ба талаботи эхтироми ҳуқуқи инсон комилан мувофиқат мекунад, зарур буда, бояд ба он афзалияти стратегӣ дода шавад.

Бо дарназардошти ин, ба расмият даровардани принсипҳо ва шаклу усулҳои пешрафтаи муқовимати стратегӣ ба қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда бо мақсади таъмини вокуниши муносиб ба чунин зуҳурот як нуқтаи

[1] Копырюлин, А.Н. Преступления в сфере компьютерной информации. Уголовно-правовой и криминологические аспекты: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.Н. Капырюлин. - Тамбов, 2007. - С. 173.

муҳими такмили қонунгузорӣ буда метавонад. Унсурҳои асосии чунин муқовимат, ки дар доираи барномаҳои махсус ва роҳандозии стратегияҳои мушаххас амалӣ мешаванд, бояд чораҳои махсуси пешгирикунанда, талаботи қонун, мавҷудияти воҳидҳои махсуси ҳифзи ҳуқуқ, низоми ҳамкории байниидоравӣ, омодасозии ҳамаҷонибаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судиро барои рафъи мушкилоти мавҷуда дар ин самт фарогир бошад.

Самти дигари пешгирии қаллобии бо истифода аз шабакаи Интернет содиршаванда метавонад арзёбии доимии самаранокии татбиқи қонунгузорӣ дар ин соҳа бошад. Дар амалияи татбиқ гаштани қонун, ба назар гирифтани омори бахши ҷинояткориҳо, парвандаҳое, ки ба суд оварда шудаанд, инчунин парвандаҳое, ки аз рӯйи онҳо қарор ё ҳукм бароварда шудааст, дар ин самт муҳим ба ҳисоб рафта, онҳо бояд дар шакли расмӣ амалӣ гарданд. Аз ин рӯ, зарурати таъмини риояи ваколатҳои воқеии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба муқаррароти на танҳо қонунгузории миллӣ, балки байналмилалӣ низ ба миён меояд. Дар ин маврид назорати судӣ аз болои иҷрои ваколатҳои марбут ба дахолат, инчунин риояи ҳатмии принсипҳои зарурӣ ва мутаносибӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муқаррар карда мешавад.

Ҳамзамон, амалҳое, ки ба таҳкими қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳифзи иттилоот аз ҳамлаҳои киберӣ нигаронида шудаанд, таъмини мутобиқати он ба принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии амалкунанда дар ин соҳаро тақозо мекунанд. Муносибати шабеҳ ба стандартҳои эҳтимолии Созмони Милалӣ Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалии марбут ба ҳифзи иттилоот дахл дорад, ки воқеан имкони табодули маълумотро байни кишварҳо бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ низ фароҳам меорад[1].

Аз ин рӯ, меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ бояд минбаъд такмил дода шаванд, ки ҳадафи онҳо таъмини сатҳи зарурии ҳифзи далелҳои электронӣ аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ мебошад. Тадбирҳо оид ба татбиқи чунин имкониятҳо санадҳои хусусӣ (аз ҷумла, ҳуқуқи корпоративӣ) мебошанд, ки қабули онҳо бо зарурати таҳияи қоидаҳои дастрасӣ ба маълумот вобаста буда, он метавонад ба тағйироти қонунгузорӣ дар самти тартиби гузаронидани тафтишоти молиявӣ – мусодираи молу мулки бо роҳи ҷиноят ба даст омада; қонунигардонии даромадҳои пулӣ ва маблағгузории фаъолияти террористӣ дар фазои маҷозӣ (масалан, дар робита ба мубодилаи фаврии иттилооти зарурӣ байни давлатҳо) таъсир расонад.

Қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда ва як қатор далелҳои электронии мавҷуда вокуниши махсуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқро талаб мекунанд. Ин ба хусусияти далелҳои электронӣ ва нақши он дар ҳалли киберҷиноятҳо вобаста аст. Инчунин, аз сабаби баъзан истисно гардидани далелҳои электронӣ ва татбиқи он дар самти қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда зарурати омӯзиши заруриро барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои дарёфт, омӯзиш ва истифодаи дастовардҳои амалӣ дар тафтишот ба вуҷуд меорад. Бо дарназардошти сатҳи баланди фаъолияти қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда вусъат бахшидани чунин донишҳо бояд дар муддати кӯтоҳтарин анҷом дода шавад.

Аз ин рӯ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд малакаҳои худро дар таҳқиқ ва таъқиби нафароне, ки чунин кирдорҳоро содир менамоянд, инчунин коркарди далелҳои электронӣ дар робита ба ин гуна ҷиноятҳо мунтазам такмил диҳанд. Ҳама давлатҳо бояд сохторҳои махсуси шабеҳи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ташкил кунанд ё воҳидҳои муқовимат бо қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршавандаро тақвият диҳанд, ки онро дар сатҳи махсус метавон таъсис дод.

Ҳамзамон, ба сифати чораҳои амалӣ иштироки прокуратура ва ё гурӯҳҳои махсуси прокурорҳоро метавон роҳандозӣ сохт, ки вазифаи онҳо таҳияи тавсияҳо ё расонидани

---

[1] Ярочкин, В.И. Несанкционированный доступ к источникам конфиденциальной информации / В.И. Ярочин // Бюро научно-технической информации // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.bnti.ru/showart.asp?aid=726&lvl=04 (санаи муроҷиат: 10.12.2023).

кумак дар баррасии парвандаҳои марбут ба комиссия дар ҳолатҳое, ки далелҳои гуногуни электронӣ мавҷуданд, мебошад.

Ҳамин тариқ, такмили доимии воҳидҳои махсусгардонидашудаи муқовимат бо қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда бояд яке аз афзалиятҳои стратегии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гардад. Зеро имрӯзҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ рекламаҳои бардурӯғ ва фиреби қаллобон зиёд ба мушоҳида расида, баъзе шаҳрвандон ба онҳо бовар карда, бо интиқоли маблағҳои калони пулӣ зарари моддӣ-иқтисодӣ дида истодаанд, ки ҳолати мазкур нигаронкунанда буда, хисороти ин навъи ҷиноятҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи табиати худ хеле бузург аст[1]. Масалан, якчанд ҳолати паҳн намудани эълонҳои бардурӯғ дар шабакаи интернет, ки ба онҳо шаҳрвандон бовар намудаанд ва ҳамарӯза дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар гардиш қарор доранд ин дастгирии молиявӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои сармоягузории ширактҳои қаллобии хориҷӣ, ба монанди «Газпром-инвест, Алиф-инвест, Тесла-х», ва ғайра аз ҷумлаи онҳое ифода мегардад, ки бо роҳи фиреб барои тасарруфи маблағҳои шаҳрвандон ташкил ва роҳандозӣ мегарданд.

Пешниҳоди кӯмакҳои молиявӣ аз ҷониби сиёсатмадорон ва шахсони саховатманд низ марбути ин масъала мебошад. Ҳолати дигар ин мерос мондани маблағ аз хешовандони дур, пешниҳод намудани тухфаҳо аз хориҷӣ кишвар дар намуди «баста (посилка)», албатта, самтҳо ва намудҳои қаллобӣ дар интернет зиёд шуда истодаанд ва вақте сару садоҳҳо оиди қаллобӣ дар интернет ва маблағҳои аздастрафта зиёд мешаванд, онҳо иловатан роҳҳои нави содир намудини ин кирдори ба ҷамъият хавфнокро ҷӯё шуда, барномаҳои навро таҳия менамоянд ва дар сомонаҳои интернетӣ ҷойгир менамоянд[2].

Агар мо дар бораи самтҳои мушаххаси тавсифи криминологии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот сухан ронем, пас зарурати такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва ҷорӣ намудани чораҳои ҳифзи кӯдакон аз ҳама гуна зӯроварии ҷинсӣ дар Интернет бояд қайд карда шавад. Сарфи назар аз он ки аксари муқаррароти Конвенсияи Лансаротӣ[3] дар қонунгузории миллии давлатҳо инъикос ёфтаанд, ҳанӯз ҳам зарурати ҳалли меъёрии масъалаҳое чун «идоракунии порнографияи кӯдакон», «дастрасии барқасдона» дар ин самт вуҷуд дорад.

Дар аксари маврид киберҷинояткорӣ барои ба даст овардани фоида бо истифода аз намудҳои гуногуни қаллобӣ, дуздӣ ва дигар намудҳои кирдорҳо нигаронида шудаанд. Аз ин рӯ, тафтиши ин намуди ҷиноят, аз ҷумла ошкор ва мусодираи маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда, инчунин чораҳои пешгирии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва қаллобӣ дар Интернет хусусияти иқтисодӣ пайдо карда, он ҳамчун воситаи бартараф намудани чунин мушкилот, муомилоти ғайриқонунии дороиҳои молиявӣ амал менамояд. Инчунин, ҳангоми гузаронидани кофтуков, мусодира ва мусодираи дороиҳои моддӣ, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, муқаррароти Конвенсияи Будапешт оид ба киберҷиноят ва Конвенсияи оид ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда оид ба маблағгузории терроризм (CETS 198)[4] ва тавсияҳои

[1] Давлатзода, К.Д. Уголовно-правовые и криминологические вопросы противодействия киберпреступности: теоретические и практические проблемы автореферат дис. … док юрид. наук: 12.00.08/ Давлатзода Комрон Давлат. – Душанбе, 2024. – С. 115.

[2] Ниг.: [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.facebook.com/nbt.tj/videos/12526540187 52070/?extid (санаи муроҷиат: 29.12.2024).

[3] Конвенция Совета Европы о защите детей от сексуальной эксплуатации и сексуального насилия. Принята 25 октября 2007 г. на о-ве Лансарот // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.coe.int/ru/web/impact- (санаи муроҷиат: 23.04.2025).

[4] Конвенция Совета Европы об отмывании, выявлении, изъятии и конфискации доходов от преступной деятельности и о финансировании терроризма. Принята 16 мая 2005 г. // Собрание законодательства РФ. – 2018. – №8. – Ст. 1091.

пешниҳодкардаи Агентии молиявӣ Гурӯҳи кории сӯиистифода (FATF) бояд ба назар гирифта шавад .

Бо даназардошти ин, чорабиниҳои дорои хусусияти пешгирикунанда, ки дар баробари тафтиши қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда гузаронида мешаванд, нақши муҳим доранд. Самаранокии он бештар ба зарурати густариши ҳамкориҳои байниидоравӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки масъулияти тафтиши киберҷиноятҳо ва мақомоти мансуб ба «тафтишоти молиявӣ»-ро фарогир аст, вобаста мебошад. Бо ин мақсад истифодаи чунин шаклҳо, монанди таълими якҷоя ва такмили ихтисоси коркунон яке аз роҳҳои тавсиа бахшидан ва ҳамаоҳангсозии чунин муносибатҳо мебошад.

Навъи дигари самараноки фаъолият бояд ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва провайдерҳои хидматрасонии интернет бошад[1]. Татбиқи чунин ҳамкориҳо дар сатҳи минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ имкон медиҳад, ки низоми ҳамаҷонибаи муқовимат бо киберҷиноятҳо дар марҳилаи идоракунии шабака ва корбарони он бунёд карда шавад. Аксаран тафтишоти самараноки қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда иштироки бевоситаи провайдерҳои хидматрасонии Интернетро талаб мекунад. Ҳамзамон, чунин фаъолиятҳо бояд байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои провайдерӣ фарқ гузошта, инчунин ҳуқуқи корбарони интернет ба дахолатнопазирӣ ба инобат гирифта шаванд. Бо вуҷуди ин, рушди ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва провайдерҳои хидматрасонии интернет, табодули мутақобилаи иттилоот байни сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ ба як ниёзи таъхирнопазири муқовимат бо қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда табдил меёбад.

Натиҷаи чунин ҳамкориҳо ва воситаи муқовимат бо қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда метавонад як платформаи виртуалӣ бошад, ки ҳадафи он пешниҳоди маълумот аз ҷониби шаҳрвандон дар бораи имконоти эҳтимолии хатарноки қаллобӣ ва дуздӣ дар Интернет ва умуман дар бораи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот мебошад. Шакли стандартии пешниҳоди маълумот имкон медиҳад, ки аз ин маълумот на танҳо шаҳрвандон, балки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ истифода баранд[2]. Омӯзиши ҷараёнҳои ҷиноятӣ ва шаклҳои қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда метавонад ба андешидани чораҳои муассир аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ, прокурорҳо, инчунин мақомоти судӣ оид ба муайян кардани далелҳои киберҷиноят, ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон ва мусодираи ҳама гуна маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада мусоидат намояд.

Нақши пешгирикунандаи чунин платформа низ муҳим аст. Аз ҷиҳати амалӣ он метавонад шаҳрвандонро огоҳ созад ва омӯзонад, онҳоро аз таҳдидҳои киберӣ огоҳ кунад, дар бораи чораҳои андешидашуда маълумот ва тавсияҳо диҳад. Сохтани чунин платформаҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ бо ҳамоҳангсозии минбаъдаи онҳо мувофиқ аст.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳои хулоса намудан мумкин аст, ки содиршавии ин кирдори барои ҷамъият хавфнок ки бо истифода аз ТИК дар айни замон рӯ ба афзоиш дорад. Зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатии дар самти мазкур қабул гардида аз нав дида баромада шуда, шумора ва сифати мутахассисони тайёркарда дар самти амнияти иттилоотӣ зиёд карда, малакаи кормандони мавҷуда, ки дар ин самт фаъолият мекунанд, баланд бардошта шавад, ба ҳамир тарз бо ҷалби мутахассисони самт ва коршиносонӣ машҳурӣ техникӣ, таҷрибадоронӣ ин самт, созмондиҳии институти такмили ихтисоси самти таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ фақат ба манофеи кор аст, зеро таҳқиқотҳо нишон доданд, ки яке аз унсурҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ аз аз ҳамлаҳои киберӣ ва пешгирии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ин рушди иқтидори таълимӣ ва илмии кишвар

[1] Колесников, Ю. Внимание! Кибертерроризм! // Русский базар. Еженед. газ. - 2005. - № 38 (491). 15–21 сент. - С. 13.
[2] Криминология: учебник / под ред. П.Ф. Кузнецовой, В.В. Лунева. - М., 2005. - С. 119.

мебошад. Ҳамзамон барои барои муҳофизат аз қаллобии бо истифода аз шабакаи интернет содиршаванда чунин тавсияҳоро пешниҳод намудан мумкин аст:

– истифодаи самараноки воситаҳои техникии муҳофизатӣ;
– муҳофизат намудани махзани иттилоот;
– нигоҳ надоштани маълумоти махфӣ дар домени ҷамъиятӣ;
– мунтазам нусхаҳои эҳтиётии системаро дар серверҳои ҷудошуда аз сегментҳои шабакавӣ нигоҳ доштан;
– мониторинги амнияти системаҳо:
– назорати пайдоиши захираҳои хатарнок дар сатҳи шабака;
– полоиш намудани трафик;
– баланд бардоштани сатҳи огоҳии муштариён оид ба масъалаҳои амнияти иттилоотӣ;
– мунтазам ба мизоҷон қоидаҳои бехатарии истифодабарии Интернетро ёдрас намудан;
– огоҳ сохтани мизоҷон дар бораи рӯйдодҳои амнияти иттилоотӣ;
– истифодабарии барномаҳои иҷозатномадор;
– истифодаи самараноки барномаҳои антивирусӣ;
– муҳимтарин файлҳоро на танҳо дар диски дурушти компютерӣ, балки нусхаи онҳо дар дискҳои сахти беруна бояд нигоҳ дошта шаванд;
– истифода накардани рамзҳои оддӣ;
– рамзҳоро ҳадди аққал як маротиба дар шаш моҳ ё беҳтараш дар муддати кӯтоҳ давра ба давра иваз кардан;
– зарурати замимаҳое, ки тавассути почтаи электронӣ гирифта мешаванд, аз барномаи антивирус гузаронидан.

**ТДУ 343.614**

## ҶУДО НАМУДАНИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН АЗ ДИГАР ТАРКИБҲОИ МОНАНД

**САИДЗОДА М.А.**
омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия
E-mail: unvonju@mail.ru

Баҳои дурусти ҳуқуқии ҷинояти содиршуда на танҳо муқоисаи ҳолатҳои воқеии содиркунии онро бо аломатҳои ҳуқуқии таркиби мушаххаси ҷиноят тақозо мекунад, балки инчунин ҷудо намудани онро аз дигар таркибҳои ҷиноятие, ки аз рӯйи баъзе аломатҳо наздиканд, талаб менамояд. Муайян кардани меъёрҳои ҷудо намудани ҷинояти пешбининамудаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) аз ҷиноятҳои ҳамҷавор имкон медиҳад, ки мазмуни аломатҳои он амиқтар таҳлил карда шавад ва ба бандубасти дурусти он мусоидат намояд. Зарурати таҳқиқ намудани масъалаҳои ҷудо намудани ин ҷиноят пеш аз ҳама бо он алоқаманд аст, ки ин ҷиноят бо ба марг расонидани ҷабрдида вобастагӣ дорад.

Тавре маълум аст, ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба ҳаёти инсон дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо бо моддаҳои Фасли VII Қисми махсус - «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» пешбинӣ шудааст. Таркибҳои ҷиноятие, ки оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки онҳо зарар ба ҳаёти инсонро дар бар мегиранд, инчунин дар

фаслҳои дигари Қисми махсуси КҶ ҷойгир карда шудаанд. Дар чунин ҳолатҳо ҳаёти инсон объекти иловагии бевосита ба шумор меравад.

Аммо дар доираи Фасли VII Қисми махсуси КҶ на танҳо таркибҳои ҷиноятҳое пешбинӣ шудаанд, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба гурӯҳи «ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт» дохил шуда, дар онҳо зарар ба ҳаёти инсон ҳамчун объекти ягона ё асосии бевосита баромад мекунад. Дар моддаҳои ҳамин боб инчунин ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои дигаре низ муқаррар шудааст, ки таркибҳои ҳуқуқии онҳо танҳо оқибатҳои зарар ба ҳаёти инсонро дар назар доранд ва дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба гурӯҳи мазкур дохил карда мешаванд.

Таҳдид, муносибати бераҳмона ё таҳқири шаъну шарафи ҷабрдида, ки зимни ба худкушӣ расонидан ҷой доранд, метавонанд мустақилона таркиби ҷинояти алоҳидаро ташкил диҳанд. Дар робита бо ин, аксар вақт зарурати тахассуси иловагии амали гунаҳкор ба миён меояд.

Аз мазмуни м.109 КҶ ҶТ бармеояд, ки чунин кирдорҳо метавонанд таҳдиди куштор ё зарари вазнин ба саломатӣ расонидан (м. 120 КҶ ҶТ), қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ (м. 112 КҶ ҶТ), лату кӯб (м. 116 КҶ ҶТ), шиканҷа (м. 143(1) КҶ ҶТ) бошанд. Таҳлили таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки дар масъалаи бандубасти чунин ҷиноятҳо дар маҷмӯъ бо м. 110 КҶ ҶТ мавқеи ягона вуҷуд надорад.

Аксаран дар якҷоягӣ бо м.109 КҶ ҶТ ва м. 143(1) КҶ ҶТ татбиқ мегардад. Бо вуҷуди ин, дар таҷрибаи судӣ вобаста ба бандубасти ин амалҳо тибқи маҷмӯи моддаҳои зикршуда андешаҳои гуногун мавҷуданд.

Дар он ҳолатҳое, ки муносибати бераҳмона дар шакли ҳаракатҳои зӯроварона ифода ёфта, нисбат ба ба худкушӣ расонидан дараҷаи пасттари хавфи ҷамъиятиро доранд, онҳо набояд дар бандубаст ҳамчун ҷинояти алоҳида инъикос шаванд. Масалан, агар худкушӣ натиҷаи ҳаракатҳое, аз қабили лату кӯб, зарари сабук ба саломатӣ, азобу укубат бошад, чунин ҳаракатҳо бояд танҳо тибқи моддаи 109 КҶ ҶТ бандубаст шаванд, бе истифодаи дигар моддаҳои дахлдори КҶ. Дар ин ҳолат, онҳо аҳаммияти таркиби мустақили ҷиноятро гум карда, танҳо ҳамчун марҳилае барои ба худкушӣ расонидан арзёбӣ мегарданд.

Аммо агар муносибати бераҳмона дар ҳаракатҳое ифода ёбад, ки тибқи қонун ҷинояти вазнинтар аз ба худкушӣ расониданро ташкил медиҳанд (масалан, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ), пас чунин ҳаракатҳо бояд дар маҷмӯъ бо м.м. 109 ва 110 КҶ ҶТ бандубаст шаванд.

Ҷиноятҳои нисбатан сабуке, ки зимни ба худкушӣ расонидан содир мешаванд, бояд танҳо ҳамчун усул ё воситаи ба худкушӣ расонидан ва яке аз аломатҳои тарафи объективии он арзёбӣ гарданд. Дар ҳолатҳое, ки ҷинояти нисбатан вазнинтаре нисбат ба ба худкушӣ расонидан содир мегардад, чунин ҳаракат ҳамчун кирдорҳои рақобаткунанда шинохта мешавад, ки оқибатҳои он аз доираи тарафи объективии ба худкушӣ расонидан берун мебароянд ва бинобар ин, баҳои мустақили ҳуқуқиро талаб менамоянд.

Мавҷудияти ду меъёри ҳуқуқӣ, ки ҷавобгариро барои марги ҷабрдида пешбинӣ мекунанд, таваҷҷуҳи хоссро ба худ ҷалб менамояд. Инҳо «одамкушӣ» (м. 104 КҶ ҶТ) ва «ба худкушӣ расонидан» (м. 109 КҶ ҶТ) мебошанд, ки зарурати ҳал намудани масъалаи таносуби ин ду меъёрро ба миён меорад.

Куштор аз ҷиҳати тарафи объективӣ бо кирдори фаъоли гунаҳгор (камтар бо беҳаракатӣ) нисбати ҷабрдида содир мегардад, ки дар натиҷаи он ба марг ё сӯиқасд ба ҳаёти ӯ оварда мерасонад. Ба худкушӣ расонидан бошад, бо кирдорҳое тавсиф мeёбад, ки одатан таъсири равонӣ дошта, натиҷаи ҷиноятии онҳо ба ҳалок кардани худи ҷабрдида равона шудааст[1].

[1] Постоялко, А.А. Актуальные вопросы разграничения доведения до самоубийства и смежных составов преступлений / А.А. Постоялко // Вестник Сибирского юридического института МВД России. – 2022. - № 2 (47). - С. 163.

Масъалаи ҷудо намудани одакушӣ аз ба худкушӣ расонидан, ки бо қасди бевосита содир шудааст, аз ҷониби олимон мавриди таваҷҷуҳи зиёд қарор гирифтааст. Дар назарияи ҳуқуқ фикре паҳн шудааст, ки агар шахси ба худкушӣ расонидаро содирнамуда нисбати марги ҷабрдида қасди бевосита дошта бошад, кирдори ӯ бояд на ҳамчун ба худкушӣ расонидан, балки ҳамчун одамкушӣ бандубаст шавад. Ба ин тартиб, ҳал намудани масъалаи мавҷудияти одамкушӣ ё ҷинояти дигар аз мазмуни тарафи субъективии кирдори содиршуда вобаста донист мешавад, на аз тарафи объективии он. Дар айни замон, ҳеҷ кас далели онро инкор намекунад, ки барои эътироф намудани воқеаи мушаххас ҳамчун одамкушӣ бояд робитаи сабабӣ байни кирдори гунаҳгор ва марги ҷабрдида муайян карда шавад, бахусус ки мафҳуми одамкушӣ ҳоло дар худи қонуни ҷиноятӣ (қ. 1 м.104 КҶ ҶТ) зикр шуда, ишораи мустақим ба «қасд»-ро дар бар мегирад. Робитаи сабабӣ дар якҷоягӣ бо кирдор ва оқибати он бидуни ягон шубҳа ба аломатҳои тарафи объективии таркиби ҷиноят мансуб мебошад[1].

Профессор Ярмиш Н.М. бар он назар аст, ки дар дурустии он муаллифоне, ки фарқияти байни ба худкушӣ расонидан ва одамкуширо пеш аз ҳама дар тарафи объективӣ меҷӯянд, шубҳае вуҷуд надорад[2]. Коршиносоне, ки тарафи субъективиро таҳқиқ мекунанд, борҳо таъкид намудаанд, ки муносибати равонии шахс ба кирдори содиркардааш дар ягон шароит наметавонад тарафи объективии кирдорро тағйир диҳад ё «таҳриф» намояд ва тарафи субъективӣ нисбати тарафи объективӣ ҳеҷ гоҳ «қувваи бозгашт» надорад[3]. Дар сатҳи назариявӣ ин мавқеъ зери шубҳа гузошта намешавад. Аммо дар амалия баъзан аз он дур мешаванд. Мисоли возеҳи ин ҳолат тасаввуроте мебошад, ки агар шахс бо қасди бевосита ба худкушӣ расонад, он на ҳамчун ба худкушӣ расонидан, балки ҳамчун одамкушии қасдона арзёбӣ мегардад[4]. Тарафдорони чунин мавқеъ бар он ақидаанд, ки агар айнан ҳамон кирдорҳо бо қасди бавосита содир шаванд, пас чунин кирдор ҳамчун ба худкушӣ расонидан боқӣ мемонад. Аммо бояд дар назар дошт, ки ҳар кирдоре, ки ба марги шахс оварда мерасонад (дар мавҷудияти дигар аломатҳои таркиб), ҳамеша одамкушӣ маҳсуб мегардад. Ҳодисае, ки дар сурати мавҷуд будани қасди бевосита ҳамчун одамкушӣ эътироф мешавад, дар сурати мавҷудияти қасди бавосита ё беэҳтиётӣ низ одамкушӣ боқӣ хоҳад монд.

Рафторе, ки дар нигоҳи аввал ба ба худкушӣ расонидан монанд аст, дар асл танҳо дар сурате метавонад одамкушӣ ҳисобида шавад, ки агар натиҷаи он на худкушӣ, балки маҳз марг бошад. Ин ҳолат дар мавридҳое имкон дорад, ки агар иродаи ҷабрдида, ки гӯё худро бо «дастони худ» мекушад, дар ҳақиқат дар ин раванд иштирок надошта бошад. Масалан, агар иродаи ҷабрдида бо зӯрӣ фалаҷ шуда бошад (масалан, бо таъсири маводи психотропӣ), ё умуман бо сабабҳои равонии дигар (касалии рӯҳӣ, хурдсолӣ) мавҷуд набошад, ё ҷабрдида тавассути фиреб моил ба куштани худ шуда бошад. Ғайр аз ин, ҳолатҳое низ имкон доранд, ки ҷабрдидаро дар мавқеи ба ном «интихоби марговар» мегузоранд, ки «роҳи сеюм» вуҷуд надорад[5]. Ба чунин ҳолатҳо метавон мисол овард, ки шахс таҳдиди куштан намуда, ҷабрдидаро маҷбур месозад, ки ба худ тир занад, захр бинӯшад ё худро аз баландӣ партояд. Дар мавридҳое, ки иродаи шахсӣ вуҷуд надорад, худкушӣ ҳам нест ва маргро ҳаракати худи ҷинояткор ба вуҷуд меорад, ки он одамкушӣ ҳисоб мешавад.

Баръакс, агар ҳаракатҳои шахс, ки ба ҳалокати худаш равона шудаанд, натиҷаи ирода ва интихоби худи ӯ бошанд (ҳатто агар таҳрикшуда низ бошанд), онҳоро метавон

[1] Ярмыш, Н.М. Проблемы отграничения убийства от некоторых смежных преступлений / Н.М. Ярмыш // Вестник Государственного института внутренних дел. – 2005. – № X. – Вып. 29. – С. 114-118.

[2] Комментарий к уголовному кодексу РСФСР / [Г.З. Анашкин, Х.М., Ахметшин, С.В. Бородин и др.]; отв. ред. Ю.Д. Северин. – М.: Юрид. лит., 1980. - С. 234.

[3] Злобин, Г.А. Умысел и его формы / Г.А. Злобин, Б.С. Никифоров. – М.: Юрид. лит., 1972. - С. 219.

[4] Загородников, Н.И. Преступления против жизни по советскому уголовному праву / Н.И. Загородников. – М.: Госюриздат, 1961. - С. 233–234.

[5] Ярмыш, Н.М. Теоретические проблемы причинно-следственной связи в уголовном праве (философско-правовой анализ) / Н.М. Ярмыш. – М.: Право, 2003. – С. 134.

ҳамчун худкушӣ баррасӣ намуд. Дар чунин ҳолат шахсе, ки ҷабрдидаро ба чунин тасмим моил сохтааст (масалан, бо муносибати бераҳмона), метавонад танҳо барои ба худкушӣ расонидан ҷавобгар дониста шавад. Хоҳиши марги шахси дигар дар чунин шароит ҳамоно хоҳиши ба худкушӣ расонидани ҷабрдидаро ифода мекунад, яъне шахс мехоҳад, ки ҷабрдида худ амалҳои марговарро анҷом диҳад. Хоҳиши марги дигарон ҳанӯз ба маънои расонидани марг нест. Дар чунин мавридҳо, маргро худи ҷабрдида ба худ мерасонад. Дар ин ҳолатҳо, новобаста аз он ки ҷинояткор марги ҷабрдидаро мехост, пешбинӣ мекард ё ба он беэҳтиётӣ муносибат намуд, ӯ шахси дигарро бевосита аз ҳаёт маҳрум накардааст. Аз ин рӯ, сухан дар бораи ҷавобгарӣ барои одамкушӣ намеравад.

Ҳамин тавр, одамкушии қасдона ва ба худкушӣ расонидан (аз ҷумла, бо қасди бевосита) маҳз аз тарафи объективӣ, мушаххасан аз рӯйи оқибатҳои баамаломада фарқ мекунанд. Дар одамкушӣ оқибати кирдор марги ҷабрдида мебошад, дар ҳолати ба худкушӣ расонидан бошад, худкушии ҷабрдида мебошад[1].

Ҳамин тариқ, ҳангоми ба худкушӣ расонидан, бар хилофи одамкушӣ, ҷабрдида таҳти таъсири муносибати бераҳмона, шантаж, маҷбур намудан ба ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ё мунтазам паст задани шаъну шарафи инсонии худ аз ҷониби гунаҳгор, мустақилона тасмим мегирад, ки ба ҳаёти худ хотима диҳад ва онро бо дастони худ қасдан амалӣ менамояд. Тарзи зиндагие, ки ҷабрдида интихоб кардааст, метавонад дилхоҳ бошад ва ба бандубасти кирдор таъсир намерасонад. Яъне дар ҳолате, ки ҳадди ақал як унсури таркиби одамкушӣ вуҷуд надорад, сухан дар бораи мавҷудияти таркиби одамкушӣ рафта наметавонад. Дар ҳолатҳое, ки ҳаракати ғайриқонунии бевоситаи як шахс нисбати шахси дигар, ки боиси марги ӯ шудааст, вуҷуд надорад, одамкушӣ низ вуҷуд дошта наметавонад.

Дар айни замон дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор моддаҳои амалкунанда мавҷуданд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои муносибати бераҳмона пешбинӣ мекунанд. Яке аз чунин таркибҳои ҳамҷавор барои моддаи 109 КҶ ҶТ моддаи 143(1) (шиканҷа) ба ҳисоб меравад.

Шиканҷа мутобиқи қ.1 м. 143(1) КҶ ҶТ чунин муайян карда шудааст:

1) қасдан расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ мегузаронад ё шахси мансабдори дигар ё бо тахрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар;

2) бо мақсади аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки ки ӯ ё шахси сеюм содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст;

3) тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, содир шудааст.

Аз таърифи зикршудаи шиканҷа се аломати асосиро ҷудо кардан мумкин аст: расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, хусусияти қасдонаи расонидани чунин дард ва мавҷудияти мақсади мушаххас, аз ҷумла, тарсонидан ё маҷбур намудани шахс ба иҷрои амалҳои муайян.

Бо назардошти мазмуни моддаи мазкур, шиканҷаро бояд аз дигар шаклҳои муносибати бераҳмона дар асоси дараҷаи шиддатнокии ранҷу азоби расонида фарқ кард. Дараҷаи бераҳмӣ ё шиддати ранҷу азоб метавонад тавассути омилҳое ба монанди давомнокии амал, таъсири ҷисмонӣ ва равонӣ, ҷинс, синну сол ё вазъи саломатии ҷабрдида, инчунин тариқа ва усулҳои татбиқи он муайян гардад.

Аз нигоҳи тарафи объективӣ шиканҷа метавонад на танҳо нисбати худи ҷабрдида равона карда шавад, балки ҳамчун усули ғайриқонунии таъсир ба шахсони сеюм дар шакли тарсонидан ё маҷбуркунӣ истифода шавад.

---

[1] Ярмыш, Н.М. Проблемы отграничения убийства от некоторых смежных преступлений / Н.М. Ярмыш // Вестник Государственного института внутренних дел. – 2005. – Вып. 29. - С. 116.

Мақсад аломати ҳатмии тарафи субъективӣ буда, дар гирифтани маълумот ё иқроршавӣ аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм, ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки содир намудааст ё дар содир кардани он гумонбар мешавад, зоҳир мегардад.

Субъекти ҷиноят махсус мебошад ва он метавонад танҳо аз ҷониби таҳқиқбарандагон, шахсоне, ки тафтишоти пешакиро мебаранд, ё шахсони дигари мансабдор содир карда шавад.

Ҳамаи далелҳои дар боло зикршуда имкон медиҳанд, ки шиканҷаро ҳамчун шакли махсуси муносибати бераҳмона бо ҷабрдида арзёбӣ намоем. Тадқиқоти амалиявӣ тасдиқ мекунад, ки таъсири равонию осебзои шиканҷа аксар вақт ба худкушии ҷабрдида оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, агар шиканҷаи ҷабрдида боиси худкушӣ ё сӯиқасди ӯ ба худкушӣ гардад, кирдори содиршударо бояд тибқи моддаи 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ бо м. 143(1) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст намуд.

Таркиби дигари ҳамҷавор бо қ. 2 м. 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷро ноlматлуби ӯҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак мебошад, ки агар он боиси марги ноболиғ гардад, тибқи қ. 2 м. 175 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Дар чунин ҳолат рақобати меъёрҳо ба вуҷуд меояд, зеро қ. 2 м. 175 КҶ ҶТ меъёри махсус нисбат ба меъёри умумӣ, яъне қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ ба ҳисоб меравад. Ба вуҷуд омадани рақобати ҷуз ва том аз он сабаб аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ дар баробари таркибҳои оддии ҷиноятҳо, ки кирдорҳои бевоситаро тасвир мекунанд, инчунин таркибҳои мураккаби ҷиноятҳоро низ фаро мегирад[1].

Аз ҷониби олимон қайд мегардад, ки меъёрҳои махсус дар ҳуқуқи ҷиноятӣ воситаи муҳимми техникӣ-ҳуқуқии ба низом даровардани маводи қонунгузорӣ буда, вазифаи муҳими пешгирикунандаи умумиро иҷро менамоянд. Дар ҳолатҳое, ки таҷовузҳои ҷиноятӣ ба объекти муайян дараҷаи баланди хатарнокии иҷтимоиро пайдо мекунанд, зарурати ҷудо кардани чунин кирдор дар меъёри алоҳидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба миён меояд, то ки шахси эҳтимолии ҳуқуқвайронкунанда ба таври возеҳ дарк намояд, ки маҳз барои ин кирдори мушаххас ҷавобгарии ҷиддӣ пешбинӣ шудааст. Баръакс, меъёрҳои умумӣ аксаран ба таври нисбатан абстрактӣ таҳия мешаванд, зеро онҳо маҷмӯи васеи ҳолатҳо, муносибатҳо ва ҷузъиётро дар бар мегиранд, ки зикри муфассали онҳо принсипи сарфаи маводи ҳуқуқиро халалдор месозад ё бинобар зиёдии арзишҳои таҳти ҳифзи қонун қарордошта, ҳатто ғайриимкон мегардад[2] .

Фарқи байни қ. 2 м. 109 ва қ. 2 м. 175 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама дар тарафи объективӣ зоҳир мегардад. Тавре ки қаблан қайд шуд, кирдори дар қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ пешбинишуда, аз ба худкушӣ ё сӯиқасди худкушӣ расонидани ноболиғ бо роҳи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори ӯ иборат мебошад. Қисми 2 м. 175 КҶ ҶТ бошад, ҷавобгариро барои иҷрои номатлуби ӯҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдаки хурдсол аз ҷониби шахсе, ки ин ӯҳдадорӣ тибқи вазифаи хизматӣ ба зиммааш гузошта шудааст ё аз ҷониби шахсе, ки ин вазифаро мувофиқи супориши махсус ба ҷо меорад, ё ин ӯҳдадориро ихтиёран ба зимма гирифтааст пешбинӣ менамояд, ки ин боиси марги ноболиғ гардидааст.

Бажанов М.И. чунин ҳолатҳоро ба ҳайси мисол овардааст, ки дар доираи аломатҳои ҷинояти мазкур дохил мешаванд: ҳолатҳое, ки мураббии кӯдакистон, омӯзгор ё мураббии варзиш чораҳои ғайриқонунии ҷазоро истифода мебарад (латукӯб, маҳкам намудан дар утоқи алоҳида, ҷойгир кардани кӯдак дар таҳхона ва ғайра) ё роҳбари мактаб-интернат шароити зарурии таъмири биноро таъмин накарда, ин сабаби оқибатҳои фоҷиавӣ мегардад. Ҳамчунин ҳолатҳое мисол оварда мешаванд, ки агар

[1] Благов, Э. Квалификация преступлений при конкуренции части и целого /Э. Благов // Уголовное право. – М.: Интел-Синтез, 2003. – № 1. - С. 10.

[2] Полухин, В.В. Уголовная ответственность за посягательство на жизнь сотрудника правоохранительного органа: дис... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Полухин В.В. – М., 2002. - С. 78.

мураббии кӯдакистон ё муаллими тарбияи ҷисмонӣ чораҳои зарурии таъмини амнияти кӯдаконро дар вақти оббозӣ таъмин накарда бошад ва дар натиҷа кӯдак дар ҷои амиқ ғарқ шавад[1] .

Ба ақидаи профессор Гуторова Н.А., иҷро накардани уҳдадориҳои касбӣ ё хизматӣ беамалие мебошад, ки шахс ӯҳдадориҳои муайян оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдаконро, ки дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ бар ӯ гузошта шудаанд, иҷро намекунад, гарчанде дар шароити мушаххас имконияти иҷрои онҳоро дошта бошад. Иҷрои номатлуби чунин ӯҳдадориҳо бошад, бо анҷом додани амалҳое ифода меёбад, ки бо вайрон намудани талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад (масалан, омода кардани хӯрок дар муассисаи солимгардонии кӯдакон бо вайрон кардани талаботи санитарӣ-гигиенӣ)[2] .

Ҳамчунин, фарқи байни субъектҳои ин ҷиноятҳо низ мавҷуд аст. Субъекти ҷинояти пешбининамудаи м. 109 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад умумӣ ё махсус бошад, яъне шахсе бошад, ки ҷабрдида аз ӯ вобастагии моддӣ ё дигар намуди вобастагӣ дорад. Дар м. 175 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти ҷиноят шахсест, ки уҳдадориҳои касбӣ ё хизматӣ оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии ноболиғон ба зиммаи ӯ гузошта шудаанд, масалан: категорияҳои муайяни кормандони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таълимӣ-касбӣ, муассисаҳои таълимии беруназмактабӣ, муассисаҳои табобативу солимгардонии кӯдакон, хонаҳои кӯдакон, паноҳгоҳҳо, мураббиёни хонаҳои кӯдакони оилавӣ ва баъзе кормандони муассисаҳои туристӣ ва ғайра.

Сарфи назар аз фарқи расмӣ дар тарафи объективӣ ва субъектҳои ҷиноятҳои зикршуда, дар амал масъалаи рақобати меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба вуҷуд меояд. Аз ҷумла, профессор Хавронюк М.И. қайд мекунад, ки оқибати ҷинояти пешбининамудаи қ. 2 м. 175 КҶ ҶТ низ метавонад ба марги ноболиғ дар натиҷаи худкушии ӯ оварда расонад[3] .

Чӣ тавр бояд ҳаракатҳои омӯзгор ё мураббиеро, ки нисбати ноболиғ чораҳои ғайриқонунии ҷазоро истифода намуда, боиси худкушӣ ё сӯиқасди ӯ ба худкушӣ шудааст, арзёбӣ кард? Дар чунин маврид муайян кардани он, ки мураббӣ ё омӯзгор шахсест, ки ноболиғ аз ӯ вобаста мебошад (қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ), ё шахсе, ки уҳдадориҳои касбӣ ё хизматии таъмини амнияти ҳаёт ва саломатии ноболиғон бар зиммааш гузошта шудаанд (қ. 2 м. 175 КҶ ҶТ), мушкил мегардад. Аз нуқтаи назари объективӣ чунин амал метавонад воқеан мувофиқи ҳар кадоме аз ин ду моддаи номбаршуда бандубаст карда шавад.

Ҷудо намудани ин ду таркиби ҷиноят асосан аз рӯйи тарафи субъективӣ, аз ҷумла шакли гуноҳ, инчунин вобаста ба мавҷудият ё набудани мақсади ба худкушӣ расонидани ҷабрдида бо роҳи фароҳам овардани шароите, ки дар натиҷаи он ҷабрдида худро аз ҳаёт маҳрум месозад. Гарчанде аз ҷиҳати назариявӣ чунин ҷудо намудан имконпазир ба назар мерасад, вале дар амалия муайян намудани он аксаран душворӣ ба миён меорад.

Ҳамин тариқ таҳлили зербоби мазкур имкон медиҳад хулосаҳои зерин барорем:

1. Ҳамин тариқ, ба худкушӣ расонидан аз одамкушӣ (м.104 КҶ ҶТ), пеш аз ҳама бо хусусиятҳое фарқ мекунад, ки тарафи объективии ҳар яке аз ин ҷиноятҳоро тавсиф мекунанд. Ҳангоми ба худкушӣ расонидан, бар хилофи одамкушӣ, ҷабрдида таҳти

---

[1] Уголовное право Украины: Особенная часть: учебник / [М.И. Бажанов, Ю.В. Баулин, В. И. Борисов и др.]; под ред. проф. М.И. Бажанова, В.В. Сташиса, В.Я. Тация. – 2-е изд., перераб. и доп. – К.: Юринком Интер, 2005. - С. 77.

[2] Уголовное право Украины: Особенная часть: учебник / [Ю.В. Баулин, В.И. Борисов, В.И. Табак и др.]; под ред. В.В. Сташиса, В.Я. Тация. – 4-е изд., перераб. и доп. – К.: Право, 2010. - С. 75-76.

[3] Научно-практический комментарий Уголовного кодекса Украины / [А.М. Бойко, Л.П. Брич, В.К. Грищук и др.]; под ред. М.И. Мельника, М.И. Ховронюка. – 7-е изд., перераб. и доп. – К.: Юрид. мнение, 2010. - С. 328.

таъсири таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахсӣ мустақилона қарор мегирад, ки ҳаёти худро қатъ намояд ва ин қарорро огоҳона, бо дастони хеш татбиқ мекунад. Тарзи зиндагие, ки ҷабрдида интихоб мекунад, метавонад дилхоҳ бошад ва ба бандубасти ҷиноят таъсире намерасонад. Яъне дар ҳолати набудани ҳадди ақал яке аз унсурҳои таркибии одамкушӣ, дар бораи мавҷудияти он сухан гуфтан ғайриимкон аст. Одамкушӣ танҳо дар он ҳолат ба вуҷуд меояд, ки агар шахс бевосита ҳаёти шахси дигарро қатъ намояд.

2. Дар айни замон, дар КҶ ҶТ як қатор моддаҳое мавҷуданд, ки барои муносибати бераҳмона ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд. Таркиби ҷинояте, ки ба м. 109 КҶ ҶТ наздик аст, шиканҷа мебошад, ки дар м. 143(1) КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Таҷрибаи ҳуқуқӣ тасдиқ менамояд, ки таъсири зараровари рӯҳии шиканҷаҳо бисёр вақт боиси худкушии ҷабрдида мегардад. Ҳамин тавр, агар шиканҷа боиси худкушӣ ё кӯшиши худкушии ҷабрдида гардад, кирдор бояд мувофиқи маҷмӯи м.м. 109 ва 143(1) КҶ ҶТ бандубаст шавад.

3. Таркиби дигари ҷиноят, ки бо қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ наздик аст, иҷро номатлуби ӯҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак мебошад, ки бар асари муносибати беэҳтиётона ё бемасъулона анҷом шуда, боиси марги ноболиғ мегардад (қ. 2 м. 175 КҶ ҶТ).

Бо вуҷуди баъзе шабоҳатҳои тарафҳои объективӣ ва дигар нишонаҳо, иҷрои номатлуби вазифаҳо оид ба муҳофизати ҳаёт ва саломатии кӯдакон аз ҷиҳати шаклӣ аз ба худкушӣ расонидани ноболиғ фарқ мекунад. Аввалан, ин фарқият дар нишонаҳои тарафи объективӣ зоҳир мегардад. Дуюман, ин ҷиноятҳо аз рӯи доираи шахсоне фарқ мекунанд, ки метавонанд субъекти ҷиноят бошанд ва мувофиқан, аз рӯи намуди фаъолияте, ки онҳо мувофиқи моддаҳои номбурдаи КҶ ҶТ бояд амалӣ созанд, тафовут доранд.

Новобаста аз фарқияти шаклии таркибҳои ин ду ҷиноят, мушкилоти бархӯрди меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Объективан кирдорҳое, ки дар қ. 2 м. 175 ва қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, метавонанд воқеан тибқи ҳар кадом аз ин ду таркиб бандубаст шаванд. Ҷудосозии ин ду таркиб асосан аз тарафи субъективӣ имконпазир аст, яъне вобаста ба шакли гуноҳ ва мавҷуд будан ё набудани мақсади ба худкушӣ расонидани ҷабрдида тавассути фароҳам овардани шароитҳое, ки ҷабрдида худ ҳаёташро қатъ намояд. Гарчанде аз ҷиҳати назариявӣ ин имконпазир бошад ҳам, дар амал, муайян кардани чунин фарқият хеле душвор аст.

ТДУ 347.965:343.24

# МУБРАМ БУДАНИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ МОНЕЪ ШУДАН БА ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНИИ АДВОКАТ

**САИДОВ Б.А.**
мутахассиси Маркази такмили ихтисоси адвокатҳо, унвонҷӯи кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: saidovbahodur1012@gmail.com

Адвокатура яке аз рукнҳои муҳимми адолати судӣ ва воситаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад.

Тибқи моддаҳои 19 ва 92 Констиутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

мафҳумҳои адвокат ва адвокатура муқаррар гардида, иштироки адвокат аз лаҳзаи дастгиркунӣ, тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", адвокатура иттиҳоди касбиест, ки дар он адвокатҳо бо мақсади расонидани ёрии ҳуқуқӣ муттаҳид шудаанд ва адвокат шахсест, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур соҳиби мақоми адвокат гардидааст.

Ёрии ҳуқуқӣ бошад мутобиқи қонуни мазкур ёрии тахассусӣ ва касбиест, ки аз ҷониби адвокатҳо бо истифода аз восита ва тарзҳои қонунӣ барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонида мешавад.

Адвокатура ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, таҷассумгари ғояҳои башардӯстона, адолат ва қонуният мебошад. Дар асоси шартнома гирифтани маблағ маънои аз тарафи онҳо ғун намудани даромад набуда, балки подоши заҳмати адвокат ва воситаи нигаҳдории адвокатура чун воҳиди ташкилӣ мебошад[1].

Моҳияти адвокатура чун ташкилот аз он иборат аст, ки вай баҳри ҳимояи манфиатҳои давлат ва ё фаъолияти давлатӣ (адолати судӣ, тафтишот, фаъолияти худмуҳофизавӣ) ташкил нашуда, мақсади ҳимояи манфиатҳои хусусиро дорад.

Адвокатура вазифаҳояшро тавассути адвокатҳои алоҳида бо роҳи ба амал баровардани фаъолияти адвокатӣ ба иҷро мерасонад[2].

Тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", фаъолияти адвокатӣ фаъолияти касбиест, ки онро шахсони соҳиби мақоми адвокат гардида ҷиҳати расонидани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо, инчунин таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ амалӣ менамоянд.

Тибқи муқаррароти моддаи 23 Қонуни ҶТ "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", дахолат ё бо кадом тарзу воситае набошад, мамониат кардан ба фаъолияти адвокатие, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, манъ аст.

Ба ин нигоҳ накарда, дар амалия ҳолатҳое ҷой доранд, ки адвокатҳо маҷбур мешаванд барои амалинамоии фаъолияти касбӣ ва имкони расонидани ёрии ҳуқуқӣ, мубориза баранд.

Шаклҳои монеъ шудан ба фаъолияти адвокати гуногунанд, вале маъмултаринашон инҳо мебошанд:

- роҳ надодан ба назди зерҳимоя;
- беасос даъват намудан барои пурсиш;
- дахолат намудан ба бастани созишнома ва пардохти гонорар;
- гузаронидани кофтуковҳои ғайриқонунӣ дар манзил ва утоқи хизматӣ ва ёфта гирифтани доираи бемаҳдуди созишнома ва дигар маводи дорои сирри адвокатӣ;
- таҳдид ва таъқибҳои хусусияти гуногун;
- пешниҳод накардани маълумот, мавод ва парванда барои шиносоӣ;
- кофтуковҳои шахсии беасос ҳангоми ворид шудан ба биноҳои мақомотҳои тафтишот, судӣ ва ҷои нигаҳдории дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда;
- гирифтани ашёҳое, ки барои фаъолияти адвокатӣ заруранд;
- монеъ шудан ба ҷамъоварии далелҳо.

Паёмадҳои дахолат ба фаъолияти адвокатӣ чунинанд:

- поймолшавии ҳуқуқҳои зерҳимоя ба таъмини ёрии ҳуқуқӣ;
- халалдоршавии раванди мурофиаи одилонаи судӣ;
- аз даст рафтани эътимоди ҷомеа ба низоми адолати ҳуқуқӣ;

---

[1] Искандаров, З.Ҳ. Адвокатураи судӣ: васоити таълимї / З.Ҳ. Искандаров. – Душанбе, 2015. – С. 25.
[2] Искандаров, З.Ҳ.. Асари зикршуда. – С. 26.

– хатар ба амнияти шахсии адвокат ва озодии касбии ӯ.

Қайд намудан ба маврид аст, ки оид ба ҳолатҳои зикршуда муроҷиатҳо ба Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи адвокат ва маълумоти ҳисоботҳои солонаи Иттифоқи адвокатҳо мавҷуд аст.

Аз ин рӯ, бо назардошти афзоиши пайвастаи амалҳои монеашаванда ба фаъолияти адвокатӣ, зарурати ворид кардани тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад.

Ёдрас бояд шуд, ки тибқи моддаи 345 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ( минбаъд - КҶ ҶТ) ҷавобгарии ҷиноятӣ барои монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ, таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ пешбинӣ шудааст, ки ба принсипи баробарии тарафҳо мувофиқ нест, зеро ҳифзи вакилони дифоъро ҳамчун иштирокчиёни баробарҳуқуқӣ раванди татбиқи адолати судӣ дар бар нагирифтааст.

Мавҷудияти чунин холигӣ, ба шахсоне, ки монеъаи фаъолияти қонунии адвокат мешаванд, имкон медиҳад, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ канораҷӯӣ намоянд.

Ғайр аз моддаҳои 19 ва 92 Конститутсия ва меъёрҳои дигаре, ки дар боло қайд шуд, тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои байналмилалии зерин кафолати таъмини ёрии ҳуқуқӣ, мустақилияти фаъолияти адвокатӣ ва баробарии тарафҳо муқаррар гардидааст:

1. Моддаи 88 Конститутсия, мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад;

2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10.12.1948 сол, қ. 1 м. 11 Ҳар як инсоне, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста мешавад, ҳақ дорад то замоне бегуноҳ дониста шавад, ки гуноҳаш дар мурофиаи ошкорои судие, ки дар он барои ҳимояи ӯ тамоми имкониятҳо фароҳам оварда мешаванд, бо тартиби қонунӣ исбот нагардидааст;

3. Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. Тибқи банди b) қисми 3 моддаи 14, ҳар кас ҳангоми баррасии ҳар айбдории ҷиноятии ба ӯ эълоншуда дар асоси баробарии пурра ба кафолатҳои зерин ҳақ дорад: b) барои омодагӣ ба ҳимояи худ вақт ва имконияти кофӣ дошта бошад ва бо ҳимоягари интихобнамудаи худ вохӯрад;

4. Принсипҳои асосии СММ оид ба нақши адвокатҳо 1990 сол, кафолатҳо оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои касбии ҳуқуқшиносон. Банди 16. Ҳукуматҳо ӯхдадоранд, ки иҷрои бемамониати ӯҳдадориҳои касбии адвокатҳоро таъмин намоянд, аз ҷумла:

а) адвокатҳо имкони иҷрои озоди ҳамаи вазифаҳои касбии худро дар муҳите, ки аз ҳар гуна таҳдид, монеа, тарсондан ё дахолати беасос орӣ мебошад, дошта бошанд.

Банди 21. Мақомоти салоҳиятдор вазифадоранд адвокатҳоро сари вақт бо маълумот, парвандаҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки дар ихтиёр ё таҳти назорати ин мақомот қарор доранд, таъмин намоянд, то ки онҳо тавонанд ба мизоҷони худ кӯмаки ҳуқуқии муассир расонанд. Дастрасӣ ба чунин мавод бояд фавран бо пайдо шудани зарурат амалӣ гардад;

5. Принсипҳои асосии СММ оид ба муносибат бо маҳкумшудагон 1990 с,

6. Маҷмааи принсипҳои СММ оид ба ҳимояи ҳамаи шахсоне, ки таҳти ҳама гуна дастгиркунӣ ва маҳкумкунӣ қарор доранд аз 1988 с;

7. Қоидаҳои асосии СММ оид ба нақши ҳуқуқшиносон 1990 с;

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда», қисми 2 моддаи 18, адвокат ҷиҳати мулоқот бо гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда дар асоси пешниҳоди ордер ва шаҳодатномаи адвокатӣ иҷозат дода мешавад;

9. Муқаррароти КМҶ ҶТ оид ба роҳ ёфтани адвокат ба парванда, ҷамъ овардани далелҳо, ҳуқуқи дастрасӣ ба маводҳо ва дигар;

10. Дигар қонунҳои мурофиавӣ ва дастрасӣ ба иттилоот.

Доир ба масъалаи пешниҳодшуда, тибқи банди 35 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038, чунин омадааст:

Ниҳодҳои гуногуни СММ ба гузаронидани ислоҳоти низоми адвокатура дар кишвар диққат дода, тавсия доданд, ки озодии адвокатҳо барои иҷро намудани ӯҳдадориҳои касбӣ таъмин гардида, аз ҳама гуна дахолати сохторҳои иҷроия ба фаъолияти касбии аз ҷониби адвокатҳо амалишаванда худдорӣ карда шавад.

Ҳамзамон дар банди 61 Нақшаи амали солҳои 2023-2025 ба Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 омадааст: баррасии масъалаи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои монеа шудан барои аз ҷониби адвокатҳо амалӣ кардани вазифаҳои қонунии худ, вайрон кардани сирри адвокатӣ ва ё суйиистифода аз чораҳои махсуси тафтишотӣ ҳангоми баамалбарории дурусти ӯҳдадориҳои касбии қонунии худ, пешбинӣ шудааст.

Масъалаи боиси таваҷҷуҳ дар қонунгузории ҷиноятӣ падидаи нав нест, зеро м. 162 КҶ ҶТ барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии касбии журналистон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

Мубрамияти масъаларо дида, хушбахтона аз ҷониби гурӯҳи корие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта буд, зимни таҳия намудани лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ дар моддаи 423 барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии адвокатҳо ё дигар шахсоне, ки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрвандро амалӣ мекунанд, инчунин расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намуданд. Муҳлатҳои қабули лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятии ҶТ ҳанӯз маълум нест.

Зарурати масъаларо бори дигар таъкид карда, қайд бояд кард, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии адвокат дар таҷрибаи байналмилалӣ низ падидаи нав нест.

Чунончи, тибқи моддаи 435 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии адвокатҳо ё дигар шахсоне, ки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрвандро амалӣ мекунанд, инчунин расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Тибқи моддаи 350 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон, барои монеъ шудан ба фаъолияти касбии адвокат ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар Федератсияи Россия низ кӯшишҳо оид ба ворид намудани чунин тағйирот идома дорад. Масалан Палатаи Федеролии адвокатҳо дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлия пешниҳод намудаанд, ки ба Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия моддаи 294.1 ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии адвокат пешбинӣ менамояд, ворид карда шавад.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, монеъ шудан ба фаъолияти адвокатӣ ва дахолат ба ҳуқуқи шахс барои гирифтани ёрии ҳуқуқӣ, метавонад боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ ва интизомӣ гардад.

Барои чунин амалҳо қонунгузории федералии ИМА ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунад. Мувофиқи Кодекси ИМА (18 U.S.C. § 1503, § 1512), монеъ шудан ба адолати судӣ, шомили: тарс додан ё фишор овардан ба шоҳидон; маҳв ё пинҳон кардани далелҳо; монеъ шудан ба дастрасии адвокат ба парванда ё мизоҷ; метавонад боиси зиндон ба муҳлати то 30 сол гардад.

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва дигар давлатҳои аврупоӣ, дахолат ба фаъолияти қонунии адвокатҳо ва монеъ шудан ба дастрасии шаҳрвандон ба ҳимояи ҳуқуқӣ, амалест, ки метавонад боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ гардад.

Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (КБҲИ), моддаи 6 - «Ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаро», пешбинӣ мекунад, ки ҳар шахс ҳақ дорад аз ҳимояи ҳуқуқӣ баҳра барад ва давлатҳо вазифадоранд, ки ба фаъолияти адвокатҳо монеа эҷод накунанд.

Дар кишварҳои мисли Германия, Фаронса, Италия, Белгия ва Испания, Кодексҳои ҷиноятӣ дорои моддаҳое ҳастанд, ки дахолат ба адолати судӣ ва монеа шудан ба фаъолияти адвокатҳоро манъ мекунанд.

Барои мисол, дар Германия бо моддаҳои 353 ва 258-и Кодекси ҷиноятӣ (Strafgesetzbuch) монеа ба раванди фаъолияти қонунии суд ё истифодаи таҳдид ба адвокат — ҷиноят шуморида мешавад ва метавонанд то 5 сол маҳрумият аз озодӣ дошта бошанд.

Фаронса: Таҳдид ё фишор ба адвокат метавонад ҳамчун «фишор ба мақомоти адлия» арзёбӣ шавад ва бо ҷарима ё маҳрумият аз озодӣ то 3 сол ҷазо дода шавад.

Белгия: Додгоҳ метавонад шахсро барои монеа шудан ба адвокат бо ҷазои интизомӣ ва ҳатто ҷиноятӣ (зиндон) муҷозот кунад.

Испания: Мувофиқи Кодекси ҷиноятии Испания (Artículo 464), таҳдид ба адвокат ва монеъ шудан ба кори ӯ метавонад ба 5 соли зиндон оварда расонад.

Дар охир, бо назардошти кафолатҳо, асосҳо ва таҷрибаи мавҷудаи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, лоиҳаи моддаи Кодекси ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии адвокат пешбинӣ менамояд, манзур менамоем.

Пешниҳоди мазкур ба мақсадҳои моддаи 2 КҶ ҶТ мутобиқ аст, ки яке аз вазифаҳои ин кодекс, аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузи ҷиноятӣ иборат мебошад.

**Лоиҳа**

**Моддаи 345 (1). Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии адвокат**

1) Дар ҳар шакле дахолат кардан ба фаъолияти қонунии адвокат бо мақсади монеъ шудан ба амалигардии ваколатҳои касбии ӯ,

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад

2) Кирдорҳои дар қисми якуми ҳамин модда пешбинигардида, ки аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматии худ содир шудаанд,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

**Иқтибосҳо аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Моддаи 162. Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии касбии журналистон**

1) Дар ҳар шакле, ки набошад монеъ шудан ба фаъолияти қонунии касбии журналист, ҳамчунин маҷбур намудани ӯ барои паҳн кардан ё рад намудани пахши иттилоот, ки бо таҳдиди зӯроварӣ, нобуд сохтан ё вайрон кардани молу мулк, паҳн кардани дурӯғи бофтае ё фош намудани дигар маълумоте, ки ҷабрдида мехоҳад онҳоро ниҳон дорад, алоқаманд аст, ҳамчунин бо роҳи таҳдиди поймол намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии журналист (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 386),

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳаштсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 17.05.2004 № 35, аз 6.10.2008 № 422).

2)Ҳамин кирдор, агар:

а) бо зӯроварӣ;

б) несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 386);

в) бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шуда бошад,

бо маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 345. Монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ, таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ** (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1274)

1) Дар ҳар шакл дахолат кардан ба фаъолияти суд бо мақсади монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ,

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 17.05.2004 № 35, аз 6.10.2008 № 422).

2) Дар ҳар шакле дахолат кардан ба фаъолияти прокурор, муфаттиш ё таҳқиқбаранда бо мақсади монеъ шудан ба ҳамаҷониба, пурра ва объективии таҳқиқи ибтидоӣ ё тафтиши пешакии парванда (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1274),

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 17.05.2004 № 35, аз 6.10.2008 № 422).

3) Кирдорҳои дар қисми якум ё дуюми ҳамин модда пешбинигардида, ки аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматии худ содир шудаанд,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

**Иқтибос аз лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ**

**Моддаи 423 Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии адвокатҳоё дигар шахсоне, ки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрвандро амалӣ мекунанд, инчунин расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ**

1.Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии адвокатҳо ё шахсони дигар, ки ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрвандро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ амалӣмеенамоянд, ҳамчунин расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ё ба таври дигар вайрон намудани мустақилияти чунин фаъолият, агар бо ин кирдор ба ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони ҳуқуқӣ, манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷамъият ё давлат зиёни назаррас расонида шуда бошад, -

бо ҷаримаба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то як сол ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

2. Кирдорҳои дар қисми якумиҳамин модда пешбинишуда, ки аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад, -

бо ҷарима ба андозаи то сесаду шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

**Иқтибос аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон**

**Статья 435. Воспрепятствование законной деятельности адвокатов и иных лиц по защите прав, свобод и законных интересов человека и гражданина, а также оказанию юридической помощи физическим и юридическим лицам**

В часть 1 внесены изменения в соответствии с Законом РК от 12.07.18 г. № 180-VI (см. стар. ред.); Законом РК от 27.12.19 г. № 292-VI (см. стар. ред.)

1. Воспрепятствование законной деятельности адвокатов и иных лиц по защите прав, свобод и законных интересов человека и гражданина в уголовном процессе, а равно оказанию физическим и юридическим лицам юридической помощи либо иное нарушение самостоятельности и независимости такой деятельности, если эти деяния причинили существенный вред правам, свободам или законным интересам человека и

гражданина, правам или законным интересам юридических лиц, охраняемым законом интересам общества или государства, -

наказываются штрафом в размере до двух тысяч месячных расчетных показателей либо исправительными работами в том же размере, либо привлечением к общественным работам на срок до восьмисот часов, либо ограничением свободы на срок до трех лет, либо лишением свободы на тот же срок.

В часть 2 внесены изменения в соответствии с Законом РК от 12.07.18 г. № 180-VI (см. стар. ред.); Законом РК от 27.12.19 г. № 292-VI (см. стар. ред.)

2. Деяния, предусмотренные частью первой настоящей статьи, совершенные лицом с использованием своего служебного положения, -

наказываются штрафом в размере до трех тысяч месячных расчетных показателей либо исправительными работами в том же размере, либо привлечением к общественным работам на срок до одной тысячи часов, либо ограничением свободы на срок до пяти лет, либо лишением свободы на тот же срок, с лишением права занимать определенные должности или заниматься определенной деятельностью на срок до пяти лет или без такового.

**Иқтибос аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон**

**Статья 350. Воспрепятствование профессиональной деятельности адвоката**

1. Воспрепятствование в какой бы то ни было форме реализации прав и исполнению обязанностей адвоката, предусмотренных уголовно-процессуальным законодательством, -

наказывается общественными работами от ста до трехсот часов или исправительными работами на срок от одного до трех лет, или штрафом от 500 до 1000 расчетных показателей.

2. Воспрепятствование с использованием своего служебного положения в какой бы то ни было форме реализации прав и исполнению обязанностей адвоката, предусмотренных уголовно-процессуальным законодательством, -

наказывается лишением свободы на срок до одного года.

**Оид ба Федератсияи Россия**

**Лоиҳаи модда**

**Статья 294$^{1}$. Воспрепятствование законной деятельности адвоката**

1. Вмешательство в какой бы то ни было форме в законную деятельность адвоката в целях воспрепятствования осуществлению его профессиональных полномочий, предусмотренных законодательством об адвокатской деятельности и адвокатуре, если это деяние повлекло причинение существенного вреда правам и законным интересам граждан или организаций либо охраняемым законом интересам общества или государства, -

наказывается штрафом в размере до восьмидесяти тысяч рублей или в размере заработной платы или иного дохода осужденного за период до шести месяцев, либо обязательными работами на срок до трехсот шестидесяти часов либо исправительными работами на срок до одного года.

2. То же деяние, совершенное:

а) группой лиц по предварительному сговору;

б) лицом с использованием своего служебного положения, -

наказываются штрафом в размере от ста тысяч до трехсот тысяч рублей или в размере заработной платы или иного дохода осужденного за период от одного года до двух лет, либо принудительными работами на срок до двух лет с лишением права занимать определенные должности или заниматься определенной деятельностью на срок до трех лет или без такового, либо лишением свободы на срок до двух лет с лишением права занимать определенные должности или заниматься определенной деятельностью на срок до трех лет или без такового.

3. Деяние, предусмотренное частями первой или второй, совершенное с применением насилия (при отсутствии признаков преступлений, предусмотренных статьями 295 и 296 настоящего Кодекса), -

наказываются принудительными работами на срок до пяти лет либо лишением свободы на тот же срок с лишением права занимать определенные должности или заниматься определенной деятельностью на срок до трех лет или без такового».

**УДК 347.921.4**

# УПОЛНОМОЧЕННЫЙ ПО ЗАЩИТЕ ПРАВ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЕЙ В РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ КАК УЧАСТНИК СУДЕБНЫХ ПРОЦЕССОВ О НЕСОСТОЯТЕЛЬНОСТИ (БАНКРОТСТВЕ)

**Самусик А.М.**
аспирант кафедры конституционного и международного права Всероссийского государственного университета юстиции (РПА Министерства юстиции России)
e-mail: amsamusik@me.com

Должность бизнес-омбудсмена или как его называют в Российской Федерации – Уполномоченного по защите прав предпринимателей существует во многих странах. В Республике Таджикистан создание правозащитного института Омбудсмена по защите прав предпринимателей предусмотрено Национальной стратегией развития Республики Таджикистан на период до 2030 года[1] в рамках приоритетных направлений улучшения инвестиционного климата.

В Российской Федерации должность Уполномоченного при Президенте РФ по защите прав предпринимателей введена в 2012 году, активное развитие и становление этого правозащитного института происходило все прошедшие годы: учреждались должности Уполномоченных в субъектах РФ, в настоящее время в 85 субъектах РФ приняты региональные законы об Уполномоченных по защите прав предпринимателей, институт Уполномоченных по защите прав предпринимателей действует в 85 субъектах РФ[2].

Уполномоченные федерального и регионального уровней принимают активное участие в защите прав и законных интересов как российских, так и иностранных предпринимателей, в том числе в рамках уголовного, гражданского, арбитражного и административного судопроизводства.

Но при этом есть отдельные категории судебных разбирательств с участием субъектов предпринимательской деятельности, слабо охваченные вниманием Уполномоченных – это дела о несостоятельности (банкротстве), рассматриваемые арбитражными судами, по правилам регламентированным Арбитражным процессуальным кодексом РФ[3] (далее - АПК РФ), с

---

[1] Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030: утверждена постановлением маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан 1 декабря 2016 г., № 636 // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://www.portali-huquqi.tj/ (дата обращения 03.05.2025).

[2] Официальный сайт Уполномоченного при Президенте РФ по защите прав предпринимателей // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://ombudsmanbiz.ru/ (дата обращения 07.05.2025).

[3] Арбитражный процессуальный кодекс Российской Федерации от 24 июля 2002 г., № 95-ФЗ (ред. от 01.04.2025) // Собрание законодательства РФ. - 2002. - № 30. - Ст. 3012.

особенностями, установленными Федеральным законом «О несостоятельности (банкротстве)»[1] (Закон о банкротстве).

Эту проблему подтверждают и сами Уполномоченные. Так, 26 июля 2022 года по инициативе Аппарата Уполномоченного при Президенте РФ по защите прав предпринимателей состоялось заседание круглого стола на тему «Проблемы участия бизнес-омбудсменов в спорах, связанных с банкротством», в рамках которого было отмечено наличие запроса со стороны предпринимателей на вмешательство Уполномоченных в дела о несостоятельности (банкротстве), отсутствие прямого законодательного запрета на участие омбудсменов в таких делах, сложность участия Уполномоченных в этих судебных делах, так как их привлечение к участию в спорах, как правило происходит в ситуации, когда судебное разбирательство находится уже далеко не на начальной стадии[2].

Процедура банкротства юридического лица состоит из целого ряда регламентированным Законом о банкротстве и другими подзаконными актами мероприятий (включая проведение анализа финансового состояния должника[3], подготовку заключения о наличии (отсутствии) признаков преднамеренного или фиктивного банкротства и т.п.[4]), внутри процедуры банкротства рассматривается большое количество отдельных обособленных споров (оспаривание сделок должника, споры о привлечении руководителей или бенефициаров предприятия-должника (контролирующих должника лиц) к субсидиарной ответственности по обязательствам должника или к возмещению убытков и т.п.).

Представляется, что наиболее актуальным было бы привлечение Уполномоченных в качестве экспертов или специалистов при рассмотрении вопросов о наличии (отсутствии) признаков фиктивного или преднамеренного банкротства предприятия и в качестве третьих лиц, при рассмотрении споров о привлечении руководителей или бенефициаров предприятия-должника лиц к субсидиарной ответственности по обязательствам должника или к возмещению убытков.

Так, в случае выявления признаков фиктивного или преднамеренного банкротства предприятия-должника утвержденным судом для проведения процедуры банкротства арбитражным управляющим, информация об этом направляется в правоохранительные органы и виновные должностные лица должника могут быть привлечены к уголовной (ст.ст. 196 и 197 Уголовного кодекса РФ «Преднамеренное банкротство» и «Фиктивное банкротство»[5]) или административной (ст. 14.12. Кодекса РФ об административных правонарушениях «Фиктивное или преднамеренное банкротство»[6]) ответственности. При подготовке заключения о наличии или отсутствии признаков преднамеренного или фиктивного банкротства предприятия, арбитражным управляющим или привлеченными им лицами (специалистами) анализируются с точки зрения разумности и добросовестности сделки предприятия-должника и экспертное мнение Уполномоченного по вопросу, например, является сделка сомнительной или является сделкой, которая может быть и повлекла убытки для предприятия, но была совершена в пределах разумного предпринимательского риска, соответствующего обычаям дело-

[1] Федеральный закон «О несостоятельности (банкротстве)» от 26 октября 2002 г., №127-ФЗ (ред. от 01.03.2025) (ред. от 01.04.2025) // Собрание законодательства РФ. - 2002. - № 43. – Ст. 4190.
[2] Официальный сайт Уполномоченного при Президенте РФ по защите прав предпринимателей // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://ombudsmanbiz.ru/ (дата обращения 07.05.2025).
[3] Постановление Правительства РФ «Об утверждении Правил проведения арбитражным управляющим финансового анализа» от 25 июня 2003 г., № 367 // Собрание законодательства РФ. - 2003. - № 26. - Ст. 2664.
[4] Постановление Правительства РФ «Об утверждении Временных правил проверки арбитражным управляющим наличия признаков фиктивного и преднамеренного банкротства» от 27 декабря 2004 г., № 855 // Собрание законодательства РФ, - 2004, - № 52 (ч. 2). - Ст. 5519.
[5] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 г., № 63-ФЗ (ред. от 21.04.2025) [Текст] // Собрание законодательства РФ. - 1996. - № 25. - Ст. 2954.
[6] Кодекс Российской Федерации об административных правонарушениях от 30 декабря 2001 г., № 195-ФЗ (ред. от 07.04.2025) // Собрание законодательства РФ. - 2002. - № 1 (ч. 1). - Ст. 1.

вого оборота, могли бы иметь значение и учитываться участниками дела о банкротстве субъекта предпринимательской деятельности.

Также, представляется актуальным участие Уполномоченных в обособленных спорах в делах о банкротстве, о привлечении контролирующих должника лиц (лиц имеющих либо имевших не более чем за три года, предшествующих возникновению признаков банкротства право давать обязательные для исполнения должником указания или возможность иным образом определять действия должника, в том числе по совершению сделок и определению их условий) к субсидиарной ответственности по обязательствам предприятия-должника (материальная ответственность за виновные действия или бездействие контролирующего предприятие-должника лица, приведшие к неполному погашению подтвержденной судом задолженности перед кредиторами должника и т.п.) в размере, доходящем до размера непогашенной за счет реализации имущества должника суммы подтвержденной судом задолженности должника перед его кредиторами.

В ходе рассмотрения судебных споров о привлечении руководителей или бенефициаров предприятия-должника лиц к субсидиарной ответственности или к возмещению убытков, рассматриваются вопросы добросовестности действий руководителей должника, зачастую, при взгляде со стороны и по прошествии времени, грань между действиями руководителя, наносящими вред предприятию и обычным предпринимательским риском стирается и в итоге руководителей пытаются привлечь к материальной ответственности просто за принятие тех или иных управленческих решений, оценивая разумность их действий не только с позиции закона, но и с позиции обычаев делового оборота. При этом эта оценка производится не в момент и не в ситуации, когда принималось управленческое решение, а спустя значительное время, когда уже известен результат этого решения, который может быть и негативным, но не прогнозируемым в полной мере в момент принятия этого решения. Не предпринимателю представляется в определенной степени затруднительным оценить, например, реальность и выполнимость бизнес-плана по выходу предприятия из финансового кризиса и т.п. Установление взаимосвязи между действиями или бездействием руководителя предприятия и наступившим банкротством также является непростой задачей, это схоже с уравнением со множеством неизвестных, ведь на деятельность предприятия влияют как управленческие решения руководителя (внутренние факторы), так и многие другие объективные факторы, например изменение цен на сырье, изменение налогового или таможенного законодательства и т.п. (внешние факторы), которые необходимо учесть в общем комплексе, при рассмотрении вопроса «вины» руководителя предприятия в его финансовом кризисе.

Представляется, что именно в подобных категориях обособленных споров в делах о банкротстве, имеющих серьезное и жизненно важное значение для предпринимателей, может и должно учитываться экспертное мнение представителя предпринимательского сообщества, в том числе представителя предпринимательского сообщества региона, в котором осуществляло свою деятельность предприятие-банкрот (Уполномоченного по защите прав предпринимателей в субъекте РФ), обладающего в большинстве случаев определенным опытом предпринимательской деятельности, необходимыми компетенциями, пользующегося авторитетом и доверием как предпринимательского сообщества, так и государства и/или органов местного самоуправления региона РФ.

Также надо учитывать, что такие виды материальной ответственности как субсидиарная ответственность и ответственность в виде возмещения убытков, не могут быть списаны в рамках процедуры банкротства руководителей предприятия, как физических лиц, личное банкротство не освобождает от их исполнения. То есть судебные споры о привлечении руководителей или бенефициаров предприятий-банкротов к субсидиарной ответственности или к возмещению ущерба являются наиболее острыми и злободневными для предпринимателей, очевидно, в какой-то степени негативно влияющими на предпринимательский и инвестиционный климат судебными спорами.

Потенциал правозащитной деятельности Уполномоченных по защите прав предпринимателей в рамках дел о несостоятельности (банкротстве) субъектов предпринимательской деятельности в настоящее время раскрыт слабо, практические примеры участия Уполномоченных в делах о банкротстве единичны.

В рамках названного ранее круглого стола упоминался редкий случай привлечения регионального бизнес-омбудсмена Свердловской области к участию в банкротном судебном деле, причем, что надо отдельно отметить, по инициативе суда, как указано в статье «уполномоченный выступала как организатор переговоров и занималась проработкой мирового соглашения, которое в итоге подписали 22 участника. В марте 2020-го было подписано мировое соглашение, которое «завершило» историю о банкротстве, а меньше чем через год, компания восстановила свою производственную деятельность»[1]. Речь идет о деле о несостоятельности (банкротстве) ООО «Уральский завод горячего цинкования», находившемся в производстве Арбитражного суда Свердловской области, прекращенном в связи с заключением мирового соглашения определением Арбитражного суда Свердловской области от 13.03.2020 по делу № А60-56055/2014 [2], в деле о банкротстве которого в качестве третьего лица принимал непосредственное и активное участие Уполномоченный по защите прав предпринимателей в Свердловской области.

В картотеке арбитражных дел Федеральных арбитражных судов РФ найдена информация только об одном деле о несостоятельности (банкротстве), в котором Уполномоченный по защите прав предпринимателей в субъекте РФ принял участие именно в обособленном споре о привлечении руководителя должника – субъекта предпринимательской деятельности к субсидиарной ответственности. Это дело №А45-3639/2020, о несостоятельности (банкротстве) ООО «Конус», находившееся в производстве Арбитражного суда Новосибирской области.

В рамках процедуры банкротства ООО «Конус», конкурсный управляющий предприятия-должника обратился в арбитражный суд с заявлением о привлечении к субсидиарной ответственности по обязательствам предприятия-должника руководителя и участника ООО «Конус» Белика А.А. на сумму 5 897 970 руб., мотивируя свои требования тем, что на названную сумму не погашена подтвержденная судом задолженность перед кредиторами должника, по вине контролирующего лица, которое не передало документы должника конкурсному управляющему и не подало в установленный законом срок в арбитражный суд заявление о банкротстве. В качестве третьего лица к участию в деле был привлечен Уполномоченный по защите прав предпринимателей в Новосибирской области, принявший непосредственное и активное участие в судебных разбирательствах по делу (обособленному спору).

В результате заявление конкурсного управляющего было оставлено без удовлетворения, в действиях руководителя предприятия-должника не было установлено грубых нарушений действующего законодательства, он не был привлечен к субсидиарной ответственности по обязательствам предприятия-должника.

Необходимо признать, что суды достаточно часто отказывают как предпринимателям, так и самим Уполномоченным в привлечении их к участию в деле о несостоятельности (банкротстве) в качестве третьего лица. В качестве примеров можно привести дела о банкротстве ООО «Ю-ВИ-ЭЙ-ТРАНС» (дело №А60-37250/2019, в производстве Арбитражного суда Свердловской области), ООО «Медфлагман» (дело №А72-18834/2021, в производстве Арбитражного суда Ульяновской области), АКБ «Проминвестбанк» (дело №А50-12484/2021, в производстве Арбитражного суда Пермского края), в которых в привлечении к участию в деле Уполномоченных было отказано по следующим основным причинам:

[1] Официальный сайт Уполномоченного при Президенте РФ по защите прав предпринимателей // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://ombudsmanbiz.ru/ (дата обращения 07.05.2025).

[2] Определение Арбитражного суда Свердловской области от 13 марта 2020 г. по делу № А60-56055/2014 // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://kad.arbitr.ru/ (дата обращения 10.05.2025).

– Уполномоченный по защите прав предпринимателей не входит в число лиц, участвующих в деле о банкротстве, и не входит в число лиц, участвующих в арбитражном процессе по делу о банкротстве (ст.ст. 34 и 35 Федерального закона «О несостоятельности (банкротстве)»);

– буквальное толкование положений статьи 53.1 АПК РФ об участии в деле Уполномоченных по защите прав предпринимателей, позволяет прийти к выводу, что в качестве третьего лица вступить в дело может только федеральный уполномоченный, региональный уполномоченный таким правом не наделен (ч. 2 ст. 53.1. АПК РФ).

Для целей устранения формальных препятствий для участия Уполномоченных по защите прав предпринимателей (как федерального, так и регионального уровней) в судебных делах о несостоятельности (банкротстве) субъектов предпринимательской деятельности, можно предложить на законодательном уровне внести Уполномоченных в число лиц, которые вправе участвовать в арбитражном процессе по делу о несостоятельности (банкротстве) субъектов предпринимательской деятельности (внести соответствующие изменения в п. 2 ст. 35 Закона о банкротстве). Также, для устранения дисбаланса процессуальных полномочий Уполномоченного при Президенте РФ и Уполномоченных в субъектах РФ по защите прав предпринимателей в арбитражном процессе, представляется целесообразным и обоснованным уравнять их в процессуальных правах (внести соответствующие изменения в ст. 53.1 АПК РФ).

Изложенные предложения позволят правозащитному институту Уполномоченных по защите прав предпринимателей более активно и плодотворно осуществлять возложенные на них задачи защиты прав и законных интересов субъектов предпринимательской деятельности, в том числе в рамках судебных споров в делах о несостоятельности (банкротстве).

Опыт становления и развития правозащитного института Уполномоченных по защите прав предпринимателей в Российской Федерации, может быть востребован в Республике Таджикистан, при создании правозащитного института Омбудсмена по защите прав предпринимателей.

**ТДУ 343.231**

## ПРЕЮДИТСИЯИ МАЪМУРӢ ДАР МАСИРИ АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Таҷалӣ Д.А.**
муовини сардори Раёсати таҳқиқи ВКД ҶТ, полковники милитсия
e-mail: reefat@yandex.ru

Сохтани муҳити ҳуқуқии устувор ва одилона дар ҷомеа танҳо дар он ҳолате муяссар мегардад, ки низоми ҳуқуқӣ равшан, пайдарҳам ва муътадил амал кунад. Дар шароити муосири рушди ҳуқуқи давлатӣ ва болоравии нақши ҳокимияти қонунгузор, масъалаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор дорад. Яке аз унсурҳои муҳимми таъмини адолати мурофиавӣ – принсипи мустақилияти баррасии ҳар як парванда мебошад. Бо вуҷуди ин, дар амалия ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки қарорҳои қаблии маъмурӣ ҳамчун далели собит дар мурофиаҳои нав истифода мешаванд. Ин раванд бо мафҳуми преюдитсия тавсиф меёбад, ки таърих ва дурнамои рушди худро дорад.

Солҳои охир дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ва меъёрҳои нав, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои такроран содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муқаррар менамоянд, тамоюли афзоиш дорад.

Преюдитсияи маъмурӣ ба маънои истифодаи қарор ё санади қаблӣ, ки аз ҷониби мақомоти маъмурӣ қабул шудааст, дар дигар мурофиаҳо ҳамчун далели холис ва муътамад мебошад. Ин падида дар қонунгузории Тоҷикистон ба таври возеҳ муайян нашудааст, вале дар амалия мушоҳида мегардад, ки он метавонад ба ҳуқуқи шахс барои ҳимоя ва муҳокимаи одилона таъсир расонад.

Мавзуи мазкур аз он ҷиҳат аҳаммияти назаррас дорад, ки истифодаи беэҳтиётонаи преюдитсияи маъмурӣ метавонад боиси маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс гардад, махсусан, агар қарори маъмурӣ бе риояи пурраи талаботи мурофиавӣ қабул шуда бошад. Аз ин рӯ, омӯзиши амиқи моҳият, асосҳои ҳуқуқӣ, паёмадҳо ва роҳҳои такмил додани низоми истифодаи преюдитсияи маъмурӣ, ба андешаи мо, яке аз масъалаҳои муҳимми назария ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба шумор меравад.

Байни олимони соҳа ва кормандони амалӣ (таҳқиқбарандагон, муфаттишон, прокуророн ва судяҳо) ақидаи ягона оид ба мафҳуму моҳияти преюдитсияи маъмурӣ, мақсаднок ва самаранок будани ин падидаи ҳуқуқӣ, фикри ягона ва амалияи ягона вуҷуд надорад. Гарчанде, дар қонунгузории мо ин падида нав набошад ҳам, вале масъалаҳои гуногуни ҳалношуда ва баҳснок вобаста ба вақту ҳолатҳои содиршавии ин қабил ҷиноятҳо, давраҳои содиркунии онҳо, бандубасти кирдорҳо ҳангоми мавҷуд будани шарикӣ дар ҷиноят ва ба ҳамин монанд зиёд боқӣ мондаанд.

Ба ҳар падидаи наве, ки дар имл ва амалия ба миён меояд ва он бо ягон хусусияти муҳим ва хосаш аз дигар падида, категория ва мафҳумҳо тафовут дорад, бояд мафҳум ё тафсири он аз ҷониби намояндагони илм бо ҷалби кормандони амалӣ пешниҳод карда шаванд.

Моҳияти «преюдитсияи маъмурӣ» аз тарафи олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ гуногун ва то дараҷае норавшан маънидод карда мешавад. Ин ибораро гурӯҳе аз олимон «категорияи ҳуқуқӣ», гурӯҳи дуюм «падидаи ҳуқуқӣ», гурӯҳҳои дигар мутаносибан «воситаи ҳуқуқӣ» ва «техникаи татбиқи ҳуқуқ» шарҳ медиҳанд. Тарафдорони ягон аз гурӯҳҳои ёдоваршуда мафҳуми комил ва пурраи онро таъриф ва ба таври пурра кушода надодаанд. Агар ба таври худ низ таъриф дода бошанд ҳам, гурӯҳи дигари олимон онро зери танқид қарор медиҳанд.

Муҳаққиқи даврони шуравӣ Грунтов И.О. моҳияти ин ибораро ҳамчун «нишонаи махсуси сохтори таркибии ҷиноят ва ҳамбастагии якчанд ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба ҳам монанд» тавсиф кардааст. Ин таъриф ҳамаи нишонаҳои преюдитсияро дар бар намегирад. Олими дигари маъруфи шуравӣ Мустафаев Ч.Ф. дар кори диссертатсионии худ, ки ба преюдитсияи маъмурӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии советӣ бахшида шудааст, қайд мекунад, ки преюдитсияи маъмурӣ – ин ба кирдори содирнамудаи шахс аз рӯйи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳо додан пас аз он, ки қаблан аз рӯйи он асоснок ва қонунӣ ҷазои маъмурӣ татбиқ карда шудааст, фаҳмида мешавад. Ин тарзи тавсиф гарчанде васеътар аст, вале боз ҳам фарогири ҳамаи нишонаҳо нест. Яъне дар ин ҷо вақти дар кадом мӯҳлат аз нав содир кардани кирдори маъмурӣ ё ин, ки давраи амали мӯҳлати ҷазои маъмурӣ пешбинӣ нашудааст.

Олимони муосири Россия, Қазоқистон, Белорус ва дигар давлатҳои низоми ҳуқуқиашон ба мо монанд низ бобати ин мавзуъ таҳқиқотҳои илмӣ гузаронидаанд ва онҳо таърифи васеътари ин ибораро пешниҳод кардаанд. Масалан, Эргашева З.Э. преюдитсияи маъмуриро чунин таъриф дода, ҳатто пешниҳод кардааст, ки дар Кодекси ҷиноятии Россия он ворид карда шавад: «Ҷиноят аз рӯйи преюдитсияи маъмурӣ – кирдори гунаҳгорона содиршудаи ба ҷамъият хавфноки бо Кодекси ҷиноятӣ манъшудае мебошад, ки аз ҷониби шахси қаблан барои ҳамин кирдор тахти татбиқи ҷазои маъмурӣ қарор гирифтааст». Ямашева Е.В. ба таърифи охирон монанд мафҳум эҷод карда, фақат дар он илова кардааст, ки «бояд он кирдор дар давраи муайяни пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад».

Ҳамин тавр дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ё дигар соҳаҳои ҳуқуқ таърифи ягона ё якхелаи «преюдитсияи маъмурӣ» то кунун вуҷуд надорад. Худи «преюдитсия» калимаи лотинии

«praejudicium» буда маъноаш: пешакӣ муайян кардани масъала, ҳолати пешҳалшуда ва дар баъзе луғатҳо ҳукми пешакӣ тарҷума шудааст.

Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи махсус ба «Преюдитсия» бахшида шудааст (м. 89 КМҶ ҶТ). Тибқи муқаррароти қисми 1-и ин модда чунин шарҳ дода шудааст: «Ҳукми эътибори қонунӣ пайдокарда оид ба парвандаи ҷиноятӣ барои суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ҳолатҳои муқарраркардашуда ва ҳам баҳодиҳии ҳуқуқии онҳо ҳатмӣ мебошад. Қисми дуюм бошад чунин пешбинӣ кардааст, ки «Ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва қарори суд оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои суд, судя, прокурор, муфаттиш таҳқиқбаранда ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ танҳо оид ба масъалаи ҷой доштани худи ҳодиса ё кирдор ҳатмӣ буда, набояд пешакӣ гунаҳгорӣ ё бегуноҳии судшавандаро ҳал намояд».

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла Кодекси мурофиавии маданӣ ва Кодекси меҳнатӣ гарчанде мафҳуми преюдитсия оварда нашавад ҳам, аммо, татбиқ гардидани қоидаҳои преюдитсия ба назар мерасад. Масалан, қисми 2-и моддаи 64 Кодекси мурофиавии маданӣ муқаррар кардааст, ки ҳолатҳое, ки бо санади эътибори қонунӣ пайдокардаи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии қаблан баррасигардида муқаррар шудаанд, барои суд ҳатмӣ буда, онҳо ҳангоми баррасии дигар парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ, ки дар он ҳамин шахсон иштирок менамоянд, аз нав исбот карда намешаванд ё мавриди баҳс қарор намегиранд (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 1987).

Дар сархати 3-и моддаи 42 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки яке аз асосҳои қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ – ин бе сабабҳои узрнок уҳдадориҳои меҳнатиро, ки шартномаи меҳнатӣ ё қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ба зиммаи корманд гузоштааст, мунтазам иҷро накардани ӯ, агар ба корманд пештар чораҳои ҷазои интизомӣ татбиқ шуда бошанд.

Чун мо дар бораи преюдитсияи маъмурӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳарф зада истодаем, бояд қайд кард, ки дар моддаҳои 160, 189, 195, $199^1$, $212^1$, $212^2$, 226, $240^1$, $237^1$, $253^1$, 275, $278^1$, 286, 289, $334^1$, $334^2$, 336, 338 ва $341^1$ (ҷамъ 19 ҷиноят) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдорҳое пешбинӣ шудаанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ бо татбиқ кардани преюдитсия татбиқ карда мешаванд.

Гарчанде, қоидаҳои преюдитсия дар қонунгузории мо ба шаклҳои васеъ ва маҳдуд вомехуранд, фикр мекунем, ки вақти коркард ва ҷорӣ кардани мафҳумӣ ягона, ки фарогири ҳамаи аломату нишонаҳои преюдитсия мебошад, фаро расидааст. Ё ин ки ҳадди ақал дар madди аввал дар қонунгузории ҷиноятӣ ин мафҳумро бояд ҷорӣ кард.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ вобаста ба аломатҳо ва нишонаҳои гуногуни преюдитсия аз ҷониби олимон андешаҳо баён шудааст. Ба андешаи мо, он аломатҳо вобаста ба шакл ва хусусияти меъёрҳои алакай дар қонунгузории ин ё он давлат ҷоришуда муайян карда шудаанд. Дар мақолаи худ мо кӯшиш кардем он хусусиятҳо, аломатҳо ва нишонаҳои ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ содиршударо баррасӣ намоем, ки аз меъёрҳои қонунгузории ватанӣ бармеоянд.

Ин аломатҳоро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) умумӣ ва 2) махсус.

Саравал бояд қайд кард, ки ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ содиршуда дорои ҳама аломатҳои ҳатмии худи мафҳуми ҷиноят (м. 17 КҶ ҶТ) мебошанд, ки онро ҳамчун аломатҳои умумӣ метавон маънидод кард. Муҳимтарин аломати дилхоҳ ҷиноят – кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба ҳисоб меравад. Ин қабил ҷиноятҳое, ки мо ҳоло баррасӣ карда истодаем, истисно нестанд, яъне ҳам дар натиҷаи ҳаракат (м. 226 КҶ ҶТ – Ифлос кардани об) ва ҳам аз беҳаракатӣ (м. 289 КҶ ҶТ – Қочоқ «декларатсия накардани мол ва ё ашё») содир мешаванд. Фаромуш набояд кард, ки диспозитсияи баъзе аз меъёрҳои

муқарраркардаи Кодекси ҷиноятӣ дар як вақт ҳам ҳаракат ва ҳам беҳаракатиро пешбинӣ намудааст (м. 289 КҶ ҶТ – Қочоқ).

Аломати на кам муҳимтари ҷиноят – ин ба ҷамъият хавфнок будани кирдор мебошад. Вобаста ба хавфнокии ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ бошад, ақидаи олимони соҳа ду хел аст. Баъзе аз муҳаққиқон, ки мухолифи татбиқи преюдитсияи маъмурӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд, мегӯянд аз такроран ё пайдарҳам содир шудани як ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, хавфнокии он ба ҷамъият зиёд намешавад. Мантиқан агар баҳо диҳем ақидаи ин гурӯҳи олимон ҳуқуқи ҷой доштанро дорад, зеро шахс аслан як кирдорро содир мекунад. Гурӯҳи олимоне, ки тарафдорони татбиқи преюдитсияи маъмурӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳастанд, баръакс, ба он назаранд, ки шахс дидаву дониста кирдори манъшударо такроран содир мекунад ва модоме, ки бо татбиқи як намуди ҷазои ҳуқуқӣ ислоҳ нашуда бошад, ҳам худи он шахс ва ҳам оқибати кирдори ӯ хусусияти ба ҷамъият хавфнокиро касб мекунад.

Мо низ бо такя тақозои замон ва ба муносибатҳои нави ҷамъиятии худ ба он фикр ҳастем, ки татбиқи преюдитсияи маъмурӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ бояд ҷой дошта бошад. Такроран содир кардани амале, ки бо қонун манъ шудааст худ шаҳодати он аст, ки шахс намехоҳад қоидаҳои муқарраршударо риоя кунад ва ба қонун итоат намояд, мутаносибан рафтору кирдори ӯ хусусияти хавфнокиро соҳиб мешавад. Модоме, ки як меъёри қонун ба шахс таъсир намерасонад, давлатро зарур аст, ки барои ба танзим даровардани муносибати муайяни ҷамъиятӣ нисбати ин қабил шахсон чораи дигари сахттар дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ, татбиқ намояд.

Дар баробари аломатҳои шарҳдода, аломати **зиддиҳуқуқӣ** будани ҷиноят низ муҳим аст. Зиддиҳуқуқӣ будани кирдори ҷиноятӣ бо калимаҳои «ҳамин Кодекс бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст» дар Кодекси ҷиноятӣ ифода ёфтааст. Дар ҳамин радиф сухани машҳури «Чизе ки манъ нашудааст – иҷозат мебошад» ба ёд мерасад. Шарҳу тавзеҳи васеи ин аломат дар ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ лозим нест, зеро қонунгузорӣ алакай ин мавзуъро ба танзим даровардааст. Чунончи, мо медонем асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинигардида аст (м. 11 КҶ ҶТ).

Аломати ҷоруми ҷиноятро бештар ба **гунаҳгорона** содир шудани он рабт медиҳанд. Агар дар бораи бо кадом намуди гуноҳ содир шудани ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ ҳарф занем, бояд донист, ки онҳо танҳо бо қасди бевосита содир мешаванд. Яъне шахс дидаву дониста қасдона кирдореро содир мекунад, ки қаблан барои он ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб шуда буд. Хавфнокии онро дарк карда, оқибати кирдорашро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он мебошад.

Аломати дигари ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ **сазовори ҷазо** будани он мебошад. Ин аломат дар санксияҳои моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Ба санксияҳои моддаҳои дахлдори ҳамин кодекс аҳаммият дода, фаҳмидан мумкин аст, ки ин қабил ҷиноятҳо асосан ба категорияҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна шомил ҳастанд.

Барои дуруст, мақсаднок ва мувофиқ ба принсипҳои эътирофшудаи қонуни ҷиноятӣ, татбиқ кардани преюдитсияи маъмурӣ ба аломатҳои махсуси он аҳаммияти ҷиддӣ додан зарур аст. Зеро ба инобат нагирифтани ҳатто як аломати махсус ин гурӯҳи ҷиноятҳо, боиси нодуруст бандубаст кардани кирдор ва ниҳоят ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб кардани шахс мешавад. Ба гурӯҳи аломатҳои махсуси ин ҷиноятҳо мо якум **субъектро** шомил кардем. Субъекти ҳамаи ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ баробари доштани аломатҳои умумии субъекти ҷиноят, ҳамзамон хусусияте дорад, ки нисбат ба ӯ ҳатман қаблан бояд ҷазои маъмурӣ татбиқ шуда бошад.

